муаллифи шоҳасарҳо

Ҷ О Н   Б И В Е Р

# Наздикшавӣ ба Худо

Ҳаёт дар наздикӣ бо Худо

Дӯсти азиз,

Китоби Муқаддас аз ваъдаҳои зиёди шарафманд пур аст, ки ҳамаи онҳо ҳақиқӣ ҳастанд ва дорои потенсиале мебошанд, ки ҳаёти моро дигар кунанд, бо вуҷуди ин яке аз ваъдаҳои дар ҳақиқат аҷиб он аст, ки Худо иштиёқманди он аст, то бо шумо муносибатҳои наздик дошта бошад!

Дар Номаи Яъқуб мо даъвати бузургеро пайдо мекунем, ки боре шунида шудааст: *"Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд" (4:8)*. Як лаҳза таваққуф кунед ва дар ин бора андеша кунед: Офаридгори коинот, замин ва сокинони он, ҳузури шуморо талаб дорад. Ӯ на танҳо ҳузури шумо, балки наздикии шуморо хоҳон аст, зеро барои мо навишта шудааст, ки Ӯ Худоест, ки сахт иштиёқманди он аст, то бо шумо муносибат дошта бошад.

Даъвати аҷибе аз Худи Офаридгори Коинот шуморо даъват мекунад, ки на танҳо аз дур бо суханон ва иҷрои маросимҳо Ӯро ибодат кунед, балки ба муносибатҳое ворид гардед, ки он қадар наздик ва пурмазмун шуда метавонанд, ки шумо дили Ӯро мешиносед, ва Ӯ дили шуморо хоҳад шинохт.

Дӯстон, ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки ин даъватро бипазиред, ба саёҳати зебо ва ҳаяҷонбахш ворид шавед, ба Падар наздик шавед ва ба қалби Худо роҳ ёбед.

Бародари шумо дар Масеҳ,



MessengerX

Ҷон
JohnBevere@ymail.com

Messenger INTERNATIONAL

муаллифи шоҳасарҳо

Ҷ О Н  Б И В Е Р

# Наздикшавӣ ба Худо

## Ҳаёт дар наздикӣ бо Худо

**Drawing Near** by John Bevere, Tajik
© 2023 Messenger International
MessengerInternational.org
Originally published in English as Drawing Near

Additional resources in Tajik are available for
free download and video streaming at
**MessengerX.com** and on the **MessengerX** App
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

This book is a gift from Messenger International and is
NOT FOR SALE

**«Наздикшавӣ ба Худо»** Ҷон Бивер, ба забони тоҷикӣ
© 2023 Messenger International
MessengerInternational.org
Аввал бо забони англисӣ бо номи «Drawing Near» нашр шудааст

Маводҳои иловагӣ аз Ҷон ва Лиза Бивер бо забони тоҷикӣ
барои ройгон зеркашӣ ва паҳн кардан дар **MessengerX.com** ва.
барномаи **MessengerX** дастрас аст.
Суроғаи электронӣ барои тамос бо муаллиф: JohnBevere@ymail.com

Ин китоб аз «Мессенҷер Интернэшнл» тӯҳфа аст ва
ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

App Store тамғаи молии Apple Inc. мебошад, ки дар ИМА ва дигар кишварҳо ба қайд гирифта шудааст.
Google Play ва логотипи Google Play тамғаҳои молии Google LLC мебошанд.

# МУНДАРИҶА


*Муқаддима* . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . V

*Боби 1.* Даъвати муҳимтарин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 1

*Боби 2.* Хоҳиши пурҳарорати Худо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 15

*Боби 3.* Ташнагии худро нигоҳ дор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 35

*Боби 4.* Рашк барои ҳузури Ӯ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 59

*Боби 5.* Дар паси парда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 79

*Боби 6.* Дӯстони Худо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 101

*Боби 7.* Ба наздикии ҳақиқӣ чӣ халал мерасонад? . . . . . . . . . . 131

*Боби 8.* Парастиши ҳақиқӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 165

*Боби 9.* Худо бо кӣ иқомат мекунад. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 185

*Боби 10.* Наздикӣ бо Рӯҳулқудс . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 203

*Боби 11.* Ваъдаи Падар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 235

*Боби 12.* Забони наздикӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 271

*Боби 13.* Дилпурии қатъӣ дар имон. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 305

*Боби 14.* Боз ҳам бештар наздик шудан . . . . . . . . . . . . . . . . . 335

*Замимаи А* . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 349

*Замимаи Б* . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 355

# МУҚАДДИМА

Боре Худо ба қалби ман хеле возеҳ сухан ронд: “Писарам, Ман мехоҳам, ки ту бинависӣ”. Ин дар соли 1991 рӯй дод.

Тамоми рӯзҳои минбаъда ман аз ҳиссиётҳои омехта азоб мекашидам. Аз як тараф, вақте ки ман дар бораи ин пешниҳод фикр мекардам, маро тарс фаро мегирифт, ва андешаҳо оиди нокомии ногузир майнаамро гиҷ мекарданд. Аз тарафи дигар, ман тайёр будам, ки ханда кунам. Ман навиштанро бад медидам! Вақте ки дар мактаб иншо навиштан лозим буд, ман соатҳо сабукфикрона ба саҳифаи холӣ менигаристам, ва як ҷумла ҳам аз худ бароварда наметавонистам. Муносибати бениҳоят тоқатнопазири ман ба ҳар гуна корҳои эҷодӣ ниҳоят маро водор кард, ки ба бахши муҳандисии коллеҷ дохил шавам.

Ва акнун бошад, Худо ба ман мефармояд, ки бинависам. Ин тамоман ғайриимкон аст! Эҳтимол, ман чизеро нодуруст

фаҳмидам, фикр кардам ман. Аз ин рӯ ман интизориро ихтиёр кардам, аммо пас аз даҳ моҳи фориғболӣ Худо ду занеро аз иёлоти гуногун ба назди ман фиристод, ки дар давоми ду ҳафта ҳамон фармоишро такроран ба ман ёдрас карданд. Онҳо ҳар ду хайрхоҳона, вале қатъиёна таъкид карданд: “Ҷон, агар ту ба навиштани китобҳое, ки Худованд ба ту амр кардааст, машғул нашавӣ, Ӯ ин вазифаро ба каси дигар медиҳад, аммо ту барои ин ҷавоб хоҳӣ дод”.

Вақте ки зани дуюм инро ба ман такрор кард, маро тарси Худо, ки аз тарс ва тоқатнопазирии ман ба кори эҷодӣ болотар буд,  фаро гирифт. Ҳамин тавр ман ба навиштан сар кардам. Дар ёдам ҳаст,  ки вақте ман итоат карданро ихтиёр кардам, чӣ рӯй дод. Ба андозае ки ман дар компютер матнро ҳуруфчинӣ мекардам, ба майнаи ман идеяҳое омадан гирифтанд, ки пештар ман ҳеҷ гоҳ фикр накарда ва нашунида будам. Хеле зуд ман фаҳмидам, ки инҳо паёмҳои ман нестанд – онҳо аз ҷониби Ӯ буданд. Аз ҳамон рӯз инҷониб солҳои зиёд сипарӣ шуданд, ва акнун паёмҳое, ки Ӯ ба ман дар шакли китоб мефиристод, ба зиёда аз 130 забонҳо тарҷума шудаанд ва дар саросари ҷаҳон паҳн гардидаанд, теъдоди нашргардида бошад, ба даҳҳо миллион мерасад.

Китоби аввалро навишта, ман шахсан ба Худо ваъда додам, ки ҳеҷ гоҳ бо ташаббуси худам ба навиштани китоб машғул намешавам. Ман танҳо дар ҳолате ба навиштан мепардозам, ки агар Ӯ ба ман инро амр кунад. Ваъдаи ман санҷида шуд: ҳар сол, аз соли 1992 то соли 1999, Ӯ ба ман паём медод ва ман бояд онро дар шакли китоб ифода мекардам, вале баъд аз нашри китоби “Дар паноҳи Худо” се соли пурра сипарӣ шуд, ва Худованд ба ман ягон каломе барои китоби нав надод. Ба манноширон бо пешниҳодҳо оиди ҳамкорӣ муроҷиат мекарданд ва фаҳмидан мехостанд, ки ман кай китоби навбатии худро менависам, вале ман ҳеҷ чорае

намеандешидам. Дар он лаҳза ман паёме аз Худо надоштам.

Ниҳоят пас аз се сол Худо боз ба ман барои китоби нав калом дод – ва акнун шумо онро дар даст доред. Ба фикрам, ин таъхиргузорӣ аз боиси он рӯй дод, ки пеш аз навишта шудани ин китоб, Рӯҳулқудс бояд дар ман кореро анҷом медод. Ва гарчанде ман ҳоло аллакай бисту панҷ сол боз имондор ҳастам, ҳеҷ гоҳ пештар ин қадар хоҳиши сахти ба Худо наздик шуданро ҳис накарда будам. Дар якуним соли охир, назар ба тамоми солҳои пештараи хидматгузории худ, наздикии хеле амиқтарро бо Худо пайдо кардам. Дар якуним соли охир ман он қадар зиёд гиря кардам, ки дар тамоми умри худ ҳамон қадар гиря накарда будам. Ин ҳиссиётҳо маро дар ҳар ҷо – дар меҳмонхонаҳо, дар ҳавопаймоҳо, дар ҷои кори худ, дар мошин, дар хона ва дар табиат, вақте ки ман бо дуои мутамарказ вақт мегузаронидам, фаро мегирифтанд. Воқеияти ҳузури Ӯ пештар ҳеҷ гоҳ чунин барҷаста ва таъсирбахш набуд.

Ман боварӣ дорам, ки ин китоб натиҷаи солҳои зиёд аз Рӯҳулқудс таълим гирифтани ман мебошад ва даъватеро дар бар мегирад, ки ба шумо – фарзандони Худо аз қалби Ӯ садо медиҳад, то ба ҷойи наздикшавӣ ҳозир шавед. Вале пеш аз он ки ба хондани он шурӯъ кунед, ман якҷоя бо шумо дуо кардан мехостам. Ин суханонро аз таҳти дил ба забон оред ва бидонед, ки ман бо ин суханон барои шумо дар ҷои кори худ бо овози баланд дуо кардаам. Мувофиқи ваъдаи Исо, “агар ду нафар аз шумо бар замин дар бораи талабидани ҳар чиз муттафиқ шаванд, аз тарафи Падари Ман, ки дар осмон аст, ба онҳо бахшида хоҳад шуд” (Мат. 18:19). Биёед якҷоя дуо мехонем:

*Падар, ба номи Исо аз Ту хоҳиш мекунам, ки дар вақти мутолиаи ин китоб чашмони маро бикушо, то ман бубинам, гӯшҳои маро бикушо, то ман бишунавам, ва ба ман қалберо деҳ, ки қобили фаҳмидан ва қабул*

*кардан бошад. Ман дар наздикӣ бо Ту роҳ рафтан ва доимо дар паҳлӯи Ту будан мехоҳам. Ман ниятҳои Туро, асрор ва хоҳишҳои Туро донистан мехоҳам, ва ҳамчунин дар ҳузури Ту сокин будан мехоҳам. Бигзор ин паём ба ман на танҳо фаҳмиш, балки қуввате низ диҳад, ки тавассути тимсоли Писари азизи Ту ва Худованди ман Исо ҳаёти маро дигаргун созад. Зеро вақте ки Ӯ дар ин замин мегашт, ба туфайли он, ки бо Ту наздик буд, ҷалоли Туро бо пуррагӣ зоҳир кард. Ҳамин тавр ман низ тавассути шахсияти Рӯҳулқудс ҷалоли Исоро бо наздикшавии худ ба Ӯ зоҳир кардан мехоҳам. Ин хоҳишро ба дастони Ту месупорам ва вақте ба суханони Ту, ки гуфтани онҳоро ба муаллифи ин китоб илҳом бахшидаӣ, бо диққат гӯш медиҳам ва сарфаҳм меравам, барои кори дигаргунсозандаи Ту, ки дар ман ба амал меорӣ, пешакӣ ба Ту миннатдории худро изҳор менамоям. Барои он ки акнун ҳеҷ гоҳ ҳаёти ман ба мисли пештара боқӣ намемонад, ба Ту ташаккур мегӯям. Иҷро шудани ҳамаи инро дар мувофиқа бо ходими Ту Ҷон Бивер дар дуо хоҳиш мекунам. Омин.*

Акнун бовар кунед, ки ҳамаи ин чизҳо ба амал меоянд, ва Худоро барои иҷро шудани хоҳишҳоятон, ки дар дуои самимонаи шумо ифода ёфтанд, ташаккур гӯед. Ман аз он хурсандӣ мекунам, ки аллакай ҳозир Рӯҳулқудс шуморо ба ҷойи наздикшавӣ ҳидоят мекунад, зеро Ӯ дуои шуморо ба тахти муқаддаси Худо, ки ягона Ӯ хоҳишҳо ва ниятҳои шуморо қонеъ гардонда метавонад, бурда мерасонад. Бигзор Худо – Падар, Исо ва Рӯҳулқудс – барои шумо аз пештара дида, бештар воқеитар гардад!

Самимона Ҷон
Бивери Шумо.

Боби 1

# ДАЪВАТИ МУҲИМТАРИН

"Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд".
ЯЪҚУБ 4:8

Даъватро не, фарёдеро, ки аз қалби Худо бармеояд ва ҳар рӯз бо қуввати бештар садо медиҳад, гӯш кунед: "Чӣ тавр шумо бе ҳузури Ман аз ҳаёт қаноатманд буда метавонад? Ба ҷои он ки аз наздикӣ бо Ман лаззат баред, чаро дар дурӣ меистед?"

Ҳар яке аз мо дӯстон, ва ҳамчунин одамоне дорем, ки аз онҳо фахр мекунем ва мехостем, ки бо онҳо муносибатҳои наздик дошта бошем. Онҳо дар қалби мо ҷойи махсус доранд, ва фурсате, ки мо бо онҳо мегузаронем, ба мо лаззати зиёд мебахшад, махсусан агар мо бо ташаббуси онҳо вомехӯрем. Вақте ки онҳо моро барои мушоракат даъват мекунанд, моро хурсандӣ ва ҳаяҷон пур мекунад. Мо дар

ин рӯзи хурсандӣ аз ҳар чиз фориғ шуда, даъвати онҳоро бо мамнуният мепазирем.

Дар Номаи ҳавворӣ Яъқуб мо даъвати аз ҳама пурҳаяҷонтаринро дида метавонем, ки боре ба тарафи одам садо додааст: "Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд" (Яъқ. 4:8). Як лаҳза бозистед ва дар бораи ин фикр кунед: Холиқи тамоми Коинот, Замин ва ҳамаи сокинони он ҳузури шуморо мехоҳад. Ва на танҳо ҳузури шуморо. Ӯ бо шумо наздик будан мехоҳад, зеро ба мо мегӯянд, ки "ту набояд ба худои дигаре саҷда барӣ, зеро Худованд, ки исмаш ғаюр аст, Худои ғаюр мебошад" (Хур. 34:14).

Чунин аст хоҳиши адонашавандаи Худо. Ӯ ташаббускори ин даъват мебошад, зеро Ӯ сахт мехоҳад, ки фарзандонаш Ӯро аз наздик шиносанд. Аз лаҳзаи гуноҳ содир кардани одам, ҳазорҳо сол сипарӣ шуданд, ва барои роҳ кушодан ба ин гуна наздикӣ, тайёрии мураккаб ва нархи гарон лозим шудааст. Юҳанно, яке аз дӯстони наздиктарини Исо, навиштааст:

> Худоро ҳаргиз касе надидааст; Писари ягонае ки дар оғӯши Падар [яъне дар ҳузури наздик] аст, Ӯро зоҳир кард [Исо Худоро ба мо зоҳир кард ва чунон зоҳир кард, ки Ӯ намоён шуд. Вай Худоро тафсир кард ва Ӯро барои мо шинохташаванда гардонид] (Юҳан. 1:18).

Одам Худоро рӯ ба рӯ медид, аммо аз боиси гуноҳе, ки содир кард, ё аз барои беитоатиаш, аз ҳузури пурҷалоли Ӯ ҷудо карда шуд, ва ҷазои вай ба тамоми инсоният паҳн гардид. Одамон Худоро беш аз он, ки пештар Одам Ӯро медид ва мешинохт, дида ва шинохта наметавонанд. Аммо Падар барои бунёди муносибати наздик бо мо ва халос кардани мо аз ҷудоии пурдаҳшат сахт иштиёқманд буд ва аз

ин хусус ранҷи амиқ эҳсос мекард. Барои ҳалли ин мушкилӣ Ӯ Исоро фиристод, ки аз азал бо Падар буд ва Худоест, ки дар ҷисм зоҳир шуд. Исо бо нархи гарон моро аз торикӣ раҳо кард ва имкон дод, ки бо Худо мусолиҳа кунем, фақат агар Ӯро ҳамчун Худованд қабул намоем.

Аммо дар бораи ин пайвандшавии Худо ва одам пештар мавъиза намекарданд, ва одамон онро бо пуррагӣ эҳсос намекарданд. Мо масъалаи озодшавӣ аз гуноҳ ва маргро махсус таъкид мекардем, аммо ба муносибати наздик бо Худо, ки барои ҳар шахси озодшуда имконпазир аст, аҳамият намедодем. Ин беаҳамиятӣ ба мо хеле гарон афтода ва ҳатто ҳалокатбор буда метавонад, чунки мо зебоии муносибати наздикро бо Худо аз даст дода метавонем. Ин гуна фоҷиа дар Аҳди Қадим дар ҳикоя оиди насли Иброҳим нишон дода шудааст.

## Ду нияти гуногун

Ман ҳамеша аз фарқияти муносибат ба Худо ҳам дар рафтори Мӯсо ва ҳам хешовандони ӯ, яъне писарони Исроил дар ҳайрат будам. Китоби Хуруҷ аз нақли он сар мешавад, ки чӣ тавр насли Иброҳим дар вазъияти ғуломии бераҳмона азоб мекашиданд. Онҳо қариб чаҳорсад сол дар Миср сукунат карданд. Дар аввал онҳо аз лутфу марҳамати ҳокимон баҳра мебурданд, вале баъдтар онҳоро ба ғуломон табдил доданд ва ба онҳо бераҳмона муносибат мекарданд. Дар ноумедӣ ва андӯҳ онҳо ба Худо фарёд заданд, то ки наҷот диҳад.

Худованд дуои онҳоро шунид ва раҳокунандаеро бо номи Мӯсо ба назди онҳо фиристод. Мӯсо яҳудӣ таваллуд шуда буд, вале ғулом набуд. Ӯ дар қасри фиръавн ҳамчун набераи

вай тарбия ёфта буд. Дили ин шоҳзодаи мисрӣ ба тақдири бародаронаш месӯхт, аммо, барои халос кардани ҷони худ, ба ӯ лозим шуд, ки ба биёбон фирор кунад. Пас аз чандин солҳо ӯ боз баргашт, то ки мувофиқи Каломи Худо ва қуввати Ӯ халқи Исроилро аз ғуломӣ раҳо кунад.

Аксар вақт аз ғуломии Миср раҳо шудани халқи Исроилро бо раҳошавии мо аз гуноҳ монанд мекунанд. Миср тимсоли системаи дунявӣ мебошад, чуноне ки Исроил рамзи Калисо аст. Вақте ки мо аз олами боло таваллуд мешавем, мо аз зулму ситами системаи дунявӣ озод мешавем.

Тасаввур кардан душвор нест, ки сокинони Миср ба писарони тобеъшудаи Исроил чӣ қадар бераҳмона муносибат мекарданд ва насли Исроил чӣ қадар азобҳоро аз сар гузаронида‌нд. Тахтапушти онҳо аз зарби тозиёнаи нозирони фиръавн хуншор мешуданд, онҳо дар вайронаҳо зиндагӣ мекарданд ва пасафкандаҳоро мехӯрданд. Онҳо ба мерос умед надоштанд, чунки онҳо барои нашъунамои хӯҷаинҳои мисрӣ заҳмат мекашиданд. Вақте ки тибқи фармони фиръавн ҳазорҳо тифлакони онҳо кушта мешуданд, онҳо фиғон мебардоштанд.

Аммо онҳо хеле зуд азобҳои худро фаромӯш мекарданд. Ҳар дафъа, вақте ки онҳо пас аз раҳо шудани худ ба душвориҳою проблемаҳо дучор мешуданд, аз фирори худ аз Миср пушаймон мешуданд, дуоҳои худро оиди раҳоӣ масхара мекарданд ва мегуфтанд: “оё *беҳтар* нест, ки ба Миср баргардем?” Онҳо то ҷое расиданд, ки ба якдигар амалӣ кардани ин тадбирро пешниҳод карданд: “Сардоре бар худ таъин мекунем ва ба Миср бармегардем” (Адад. 14:4, курсиви муаллиф).

Тарафи дигари масъала Мӯсо буд. Ин ягона одаме буд, ки шароити зиндагиаш дар Миср ҳақиқатан аъло буд. Касе

набуд, ки беҳтар аз вай зиндагӣ кунад. Ӯ дар қасри одами аз ҳама сарватмандтарини ҷаҳон зиндагӣ мекард, ӯ аз ҳама беҳтар умр ба сар мебурд, хӯроки беҳтарин мехӯрд, либоси беҳтарин мепӯшид ва маълумоти беҳтарин гирифта буд. Хизматгорон тамоми эҳтиёҷот ва хоҳишҳои ӯро қонеъ мегардониданд, ва мероси ӯ ҳам аз ҷиҳати сарват ва ҳам аз ҷиҳати ваъда бузург буд. Вале ӯ ҳамаи инро бо ихтиёри худ тарк кард ва бар хилофи писарони Исроил боре ҳам ба ақиб нигоҳ накард ва оиди ҳар чизе, ки дар паси худ гузошт, афсӯс нахӯрд.

Аммо фарқият аз чӣ иборат буд? Асли гап дар он аст, ки Мӯсо Худоро вохӯрд. Ӯ шӯълаи оташро дида, ба он наздик омад. Ӯ Худои зиндаро дар оташи буттаи сӯзон дар Сион дид, вале писарони Исроил не! Вақте ки Худованд Мӯсоро даъват кард, вай наздиктар омад. Писарони Исроил бошанд, баъдтар, вақте ки онҳо ин гуна даъвати боз ҳам бештар ҳайратангезро гирифтанд, паснокӣ рафтанд ва онро қабул накарданд (ниг. Хур. 20:18-20).

Ман аксар вақт аз имондорони худ мепурсам: “Вақте ки писарони Исроил аз Миср баромаданд, Мӯсо онҳоро ба куҷо бурд?” Одатан онҳо ба ман чунин ҷавоб медиҳанд: “Ба замини ваъдашуда”. Аммо ин тавр нест. Ӯ онҳоро ба кӯҳи Ҳӯриб, ё Сино, бурд. Суханони Худоро, ки ба воситаи Мӯсо ба фиръавн гуфта шуда буд, ба ёд оред: “Қавми Маро равона кун, то ки Маро дар биёбон ибодат намоянд” (Хур. 7:16). Ӯ нагуфт: “Қавми Маро равона кун, то ки заминро ба мерос гиранд”. Мӯсо, пеш аз он ки қавм бо Атокунандаи ваъдаҳо шинос шавад, онҳоро ба замини ваъдашуда бурда натавонист. Агар ӯ аввалан онҳоро ба замини ваъдашуда меовард, ҳама чиз бо он ба итмом мерасид, ки онҳо ваъдаҳоро бештар аз Атокунанда, яъне бештар аз Худо дӯст медоштанд. Мӯсо бесаброна

он лаҳзаеро интизор мешуд, то онҳо ба худи ҳамон ҷое мерасиданд, ки ӯ бо Худо вохӯрда буд.

Рости гап, айни ҳамин корро мо дар калисоҳои худ ба амал меорем. Мо бештар дар бораи он ки Исо барои мо чӣ кор кард, мавъиза мекунем, на дар бораи он ки дар асл Ӯ Кӣ аст! Дар натиҷа мо наслеро тарбия мекунем, ки ба Худо на барои он хидмат мекунанд, ки Ӯ Кӣ аст, балки барои афзалиятҳо ва фоидаҳое, ки аз он ба даст меоранд. Ин ҳолатро ба вазъияте монанд кардан мумкин аст, ки зан ба хотири пул шавҳар мекунад. Дар ин гуна издивоҷ ӯ на ба он кӯшиш мекунад, ки шавҳарро чуноне ки ҳаст, бишносад, балки он чиро ки вай дода метавонад, ба даст орад. Бале, албатта, ӯ вайро то ягон дараҷа дӯст дошта метавонад, вале боз ҳам ниятҳои ӯро покиза ном бурдан дуруст нест.

Одамоне, ки ба андозаи зиёд баракати Худоро аз муносибатҳои наздик бо Ӯ беҳтар медонанд, шогирдонеро тарбия мекунанд, ки ба назди Худо омада, кӯшиш мекунанд, ки аз Ӯ чизе бигиранд, на ин ки Ӯро бишносанд. Ҳеҷ касе мисли Ӯ нест, ва ҳеҷ касро бо Ӯ муқоиса кардан нашояд, зеро Ӯ дар ҳақиқат аҷиб аст. Агар одам дар ҳақиқат бо Худо вохӯрад, чуноне ки бо Мӯсо рӯй дод, тамоми ваъдаҳо дар партави ин дурнамо дида мешавад. Ӯ хеле пурэъҷозтар аз ҳама он чизҳое аст, ки вуҷуд дошта метавонанд, ҳатто аз баракатҳои Ӯ.

Дар озодкунии фарзандони Исроил Худо мақсади асосиро пайгирӣ мекард – Ӯ мехост, ки онҳо Ӯро шиносанд ва дӯст доранд. Ӯ дар байни ин қавм хеле маъруф шудан мехост. Ӯ гуфтааст: “Ман шуморо бар болҳои уқобон бардоштам, ва шуморо назди Худ овардам” (Хур. 19:4). Аммо писарони Исроил рисолати худро аз даст доданд.

Кӯшиши Худо барои наздикшавӣ бо қавми Худ ҳеҷ гоҳ қатъ намегардад ва тағйир намеёбад, чунки Каломи Ӯ ҳамеша

дар бораи ин кӯшиш сухан меронад. Он ҳамчунин дар дуои пурҳарорати Павлус акс меёбад:

> [Шуморо дар дуоҳои худ ёд мекунам], то ки Худои Исои Масеҳи Худованди мо, Падари ҷалол рӯҳи ҳикмат ва ваҳйро [қобилияти донистани сирру асрорро] *барои* [амиқ ва аз наздик] *шинохтани Ӯ* ба шумо ато намояд (Эфс. 1:17, курсиви муаллиф).

Ӯ ин хоҳиши пурҳарорати Худро ба мо нишон додааст. Худо мехоҳад, ки ҳар як фарзанди Ӯ, ки аз олами боло таваллуд шудааст, амиқ ва аз наздик Ӯро бишносад! Шумо дар ин суханҳо ҳаяҷонро ҳис намекунед? Агар не, дар бораи ин андешаҳо як лаҳза фикр кунед ва бигзор дарки ин мӯъҷизаи аҷиб ба ақли шумо ворид шавад ва шуморо фаро гирад.

Мо ба Худои зинда, Падари ҳақиқӣ, ки қалбаш барои фарзандонаш месӯзад, хидмат мекунем. Худо бо мо самимона сӯҳбат кардан мехоҳад. Павлус оиди ин дар Қӯринтӯс ба имондороне, ки ба баҳсу мунозираҳои илоҳиётшиносӣ машғул буданд, сухан рондааст: “Медонед, ки шумо, вақте ки бутпараст будед, назди бутҳои *безабон* мерафтед” (1 Қӯр. 12:2,3). Аз ин суханҳои Павлус мо як хислати муҳими Худоро, Падари Осмониамонро, мебинем, ки Ӯро аз дигар худоёни бардурӯғ фарқ мекунонад – Ӯ бо мо гап мезанад!

## БА ЯК СӮ ТОБ ХӮРДАН

Ба наздикӣ ман аз пайи корҳои худ бо мошин равона будам, ва ногаҳон Рӯҳулқудс ба қалби ман гап зад: “Ман бояд ба ту чизеро бигӯям. Ба як сӯ тоб деҳ”.

Ман медонам, ки вақте Худо ба ман чизеро мефармояд, зуд итоат кардан лозим аст, ва муҳим нест, ки то кадом ан-

доза амри Ӯ дар он лаҳза ғалатӣ ё бемаънӣ ба назар мерасад. Вақте ки Худованд диққати Мӯсоро ба Худ ҷалб кард, ӯ бо рамаи падараруси худ дар биёбон буд (Худо метавонад, ки диққати шуморо бо роҳҳои гуногун ҷалб кунад). Худо ба як бутта амр дод, ки фурӯзон шавад, вале насӯзад.

Мо мехонем, ки Мӯсо дар қалби худ тасмим гирифт: "Наздик омада, ин манзараи аҷоибро бубинам, ки чаро хорбутта намесӯзад" (Хур. 3:3). Дар ин матн ибораи "наздик омада" аз калимаи ибронии *ciwr* гирифта шудааст. Ҷеймс Стронг, мутахассис дар соҳаи забонҳои аслии Навиштаҷот, мегӯяд, ки маънои ин калима "ба як сӯ тоб хӯрдан" аст. Мӯсо дидаю дониста аз роҳи пешбинишуда берун шуд, то ки ба Рӯҳулқудс, ки вайро даъват кард, ҷавоб диҳад.

Ҳамон лаҳза ки ӯ ба даъвати Худо эътино кард, мо мехонем: «Ва Худованд дид, ки вай барои дидан наздик меояд, ва Худо аз миёни хорбутта сӯи вай хонда, гуфт: "Мусо, Мусо!"»

Худо Мӯсоро танҳо баъд аз он, ки ӯ аз роҳи пешбинишуда ба як сӯ тоб хӯрд, бо номаш хонд. Ман мутмаинам, ки агар Мӯсо ба даъвати Худо эътино намекард, Худованд як қадам ҳам ба ӯ наздик намешуд. Дар ҳоле ки рамаи Йитрӯ дар бошишгоҳ меистод, Худо ӯро нидо намекард, чунки ин вақти номусоид буд. Чӣ мешуд, агар Мӯсо буттаи фурӯзонро дида, фикр мекард: "Агар ман диққатамро аз кори  худ ба тарафи дигар равона кунам, гӯсфандон пароканда мешаванд, ва барои аз нав сарҷамъ кардани онҳо ман якчанд соат ё, шояд, як рӯзи пурра овора мешавам. Ман ба буттаи фурӯзон дертар, пас аз анҷом додани корҳои худ, нигоҳ мекунам". Чӣ фикр доред, натиҷа айни ҳамон мебуд?

Тахмин кардан мумкин аст, ки Худо метавонад ҳодисаи аз ин ҳам зиёдтар таассуротбахшро ба амал орад, аммо ин ба табиати Ӯ мувофиқ аст? Самуилро ба ёд оред, ки ӯ хеле ҷавон

буд ва ба саркоҳин Элӣ ва писарони ӯ хидмат мекард (ниг. 1 Под. 3). Боре ӯ ҳангоми хуфтан овозеро шунид, ки вайро мехонд: “Самуил, Самуил”.

Самуил ба назди Элӣ шитобон омада гуфт: “Лаббай! Ту маро хондӣ”.

Аммо Элӣ ҷавоб дод: “Ман туро нахондаам; баргашта бихоб”.

Самуил бори дуввум номи худро шунид ва боз ба назди саркоҳин шитобид, вале аз вай ҳамон ҷавобро шунид. Ин се маротиба такрор шуд ва ниҳоят коҳин пай бурд, ки чӣ рӯй додаст, ва ба бача гуфт, ки ба ин гуна хитоб чӣ тавр ҷавоб додан лозим аст. Вақте ки Самуил овозеро, ки бори чорум нидо кард, шунид, ӯ аллакай медонист, ки чӣ тавр ҷавоб бояд дод: “Бигӯй, зеро ки бандаат мешунавад”. Ва он гоҳ Худованд ба вай сухан ронд ва иродаю асрори Худро, ки бояд баъдтар иҷро мешуд, ошкор кард.

Худо ба таври дигар рафтор карда метавонист. Чун медид, ки Самуил асли корро ҳеҷ дарк намекунад, Ӯ метавонист бори дуюм ӯро хонда, бигӯяд: “Самуил ба назди Элӣ нарав, ин Ман Худованд, Худои ту ҳастам, ва Ман туро мехонам, то ки бо ту сӯҳбат кунам”. Аммо магар Худо ин тавр рафтор мекунад? Ӯ мехоҳад, ки матлуб ва мӯътабар бошад. Ӯ ҳамчунин мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем. Ӯ одамонеро меҷӯяд, ки рӯҳан собитқадам бошанд, онҳоеро, ки ҷӯёи Ӯ ҳастанд, бо имони қавӣ ва бо суботкории пуртоқат ба сӯи Ӯ саъй мекунанд.

Дар Инҷилҳо мо ин гуна рӯйдодҳоро мебинем. Исо бо панҷ нону ду моҳича бештар аз панҷ ҳазор мардро сер мекунад. Сипас Ӯ ба шогирдони Худ мефармояд, ки ба киштӣ савор шуда, ба тарафи дигари кӯл шино кунанд. Худи Ӯ ба кӯҳ меравад, то ки бо Падар вақт гузаронад. Баъдтар ҳамон шаб

шогирдони Ӯ дар киштӣ бо душвории зиёд бар зидди бод шино мекунанд, ва дар идома мо мехонем:

> Наздики поси чоруми шаб бар баҳр қадам зада назди онҳо омад, ва *мехост аз онҳо бигзарад* (Марқ. 6:48, курсиви муаллиф).

Ба ин суханон эътибор диҳед: "Ва мехост аз онҳо бигзарад". Аммо шогирдон, Исоро дида, фарёд заданд, ва Ӯ ба онҳо ҷавоб дод: "Ором бошед; ин Манам, ҳаросон нашавед". Ӯ ба қаиқ даромад ва бод сокит шуд. Агар онҳо фарёд намезаданд, Ӯ гузашта мерафт. Ӯ аз паҳлӯи онҳо мегузашт, вале агар онҳо фарёд намезаданд, Ӯ ҳузури Худро ба онҳо талқин намекард.

Зоҳиран, Худо ба ҷониби мо қадам мегузорад, ва агар мо эътино кунем, Ӯ боз як қадам мегузорад ва ба мо наздиктар шудан мегирад. Агар мо ҷавоб надиҳем, Ӯ ба ҳаёти мо ворид намешавад, ё ба рақси яккаи мо халал намерасонад. Кӣ медонад, агар Мӯсо он вақт ба як сӯ тоб намехӯрд, оё Худо ӯро тавре, ки бо Самуил рафтор кард, интизор мешуд, ё чуноне ки бо Исо ва шогирдони Ӯ рӯй дод, ин тавр намекард? Худо аксар вақт фурсатеро меҷӯяд, ки мо ба Ӯ иштиёқи воқеӣ пайдо мекунем, мехоҳем, ки ба таври ҳаққонӣ ба Ӯ посух диҳем.

Ба сафари ман бо мошин бармегардем. Вақте  Ӯ аз ман талаб кард, ки ба канори роҳ бозистам, агар ман итоат намекардам, чӣ мешуд? Оё ман аз вохӯрӣ бо Ӯ маҳрум мемондам? Ман мутмаинам, ки дар ҳаёти ман ҳолатҳое буданд, ки чунин вохӯриҳоро аз даст дода будам, аммо ҳамон дафъа пас аз ним мил ман барои истгоҳ ҷои махсусеро дидам. Ҳамон лаҳза ки ман бозистодам, шунидам, ки

Рӯҳулқудс ба ман чӣ гуфт: “Оё Ман ба ту нафармуда будам, ки ҳамеша дуо гӯӣ?” (ниг. 1 Тас. 5:17).

Ман ҷавоб додам: “Бале, Худованд, фармуда будӣ”.

Ӯ давом дод: “Ту чӣ фикр дорӣ, дуо ин монолог аст ё диалог?”

Ман ҷавоб додам: “Ин диалог аст, Худованд, ин гуфтугӯи дутарафа аст”.

Ҷавоби Ӯ барқвор омад: “Бинобар ин, агар Ман ба ту гӯям, ки ҳамеша дуо гӯй, ин чунин маъно дорад, ки Ман низ ҳамеша бо ту сӯҳбат кардан мехоҳам”.

Ҳоҷат ба баён нест, ки аз шунидани ин суханон ман чӣ қадар ба ҳайрат афтодам. Ман фаҳмидам, ки чӣ қадар имконияти аҷиберо пайдо кардаам, ва ба замми он ин имконият на танҳо барои ман, балки барои ҳамагон ва ҳар як фарзанди Худо воқеӣ аст.

Шумо аз ман пурсида метавонед: “Наход ту гуфтанӣ ҳастӣ, ки Худо беист гап мезанад?” Худо ба қалби ман на дар бораи ин сухан ронд. Ӯ гуфт, ки бо ман ҳамеша сӯҳбат кардан *мехоҳад*. Суханон – ин танҳо яке аз шаклҳои гуногуни муошират. Ба чашмони ҳамсарам нигариста, ман фаҳмида метавонам, ки ӯ дар бораи чӣ фикр мекунад, ва дар баробари ин ҳоҷат нест, ки сухане гӯем. Матлаберо, ки ӯ бо як нигоҳ мегӯяд, бо хат ифода намуда, се саҳифаро пур кардан мумкин аст. Ин чӣ тавр имконпазир аст? Ман бо ӯ беш аз бист сол зиндагӣ кардаам ва ман тарзу усулеро, ки ӯ бо ёрии онҳо худро ифода мекунад, медонам. Шумо низ бо мо дар як ҳуҷра истода метавонистед, вале аз нигоҳи ӯ ҳеҷ чизро пайхас карда наметавонистед. Чунки шумо ӯро чуноне ки ман медонам, намедонед. Дар асл, чанд соли аввали баъд аз тӯй ман низ паёмҳоеро, ки вай ба таври ғайридаҳонӣ ба ман мефиристонд, фаҳмида наметавонистам. Акнун бошад, пас

аз бисту як соли зиндагии якҷоя ман фаҳмидани усулҳоеро, ки бо ёрии онҳо ӯ муоширaт мекунад, ёд гирифтам.

## Даъвати ба Ӯ наздик шудан

Фаҳмидан хеле зарур аст, ки ин китоб дастурамалеро дар худ касб намекунад, ки ба шумо *чӣ тавр* иҷро кардани инро ёд диҳад. Аниқтараш, ин китобро бо харита ё роҳнамое монанд кардан мумкин аст, ки барои муайян кардани роҳе кӯмак мекунад, ки ба сӯи ҳадафи асосӣ – қалби Худо мебарад. Агар ман харитае медоштам, ки дар он ҷои ганҷинаҳое муайян карда шудааст, ки дар ҷазираи номаскун пинҳон карда шудаанд, ва дар ҳолате, ки агар ман ба он ҷазира раҳсипор нашавам ва барои расидан ба ҷои ганҷҳои ниҳонӣ он маҳалро тадқиқ накунам, он харита судманд намебуд. Ба ҷазира омада, ман дар роҳҳои душворгузар қадам зада, ба баландиҳои пурпечутоб баромада, ҳамвориҳоро гузашта, бояд кӯшиш ба харҷ медодам, ки ганҷҳоро дарёфт кунам. Ман бояд қувват, нерӯ, пул ва вақтро ба харҷ медодам. Харита танҳо метавонад, ки дар куҷо будани ганҷро нишон диҳад. Он вақтро барои ҷустуҷӯ сарфа карда, маро аз заҳмати барзиёд ва, эҳтимол, аз домҳои махфӣ халос карда метавонист. Ин китоб ба ҳамин гуна харита шабоҳат дорад. Ин таклифномаест, ки ба шумо фиристода шудааст, – то шумо дар саёҳати зебо ва илҳомбахш – саёҳат ба қалби Худо ба ман ҳамроҳ шавед. Каломи Худо, ки дар саҳифаҳои он оварда шудааст, шуморо аз чоҳҳо, домҳо ва хатарҳое, ки ҳадафашон шуморо аз расидан ба ҷои муқарраршуда боздоштан аст, нигоҳ медорад. Он шуморо аз изтиробҳои нолозим ва сарфи барзиёди нерӯ раҳо мекунад.

Ҳамин тариқ, агар шумо тайёр бошед, пас ба пеш!

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Кадом ҳодиса ё ташвиш шуморо ба хондани ин китоб водор кард?
2. Дар бобати мисолҳои зерин оид ба даъвати ба Худо наздикшавӣ андеша кунед:

   - Мӯсо буттаи фурӯзонро дид ва ба як сӯ тоб хӯрд, то ин зуҳуротро тадқиқ кунад. Пас аз ин Худо ба Ӯ сухан ронд.
   - Самуили наврас чор маротиба овозро шунид ва баъд аз он ҷавоб дод: "Бигӯй, зеро ки бандаат мешунавад".
   - Вақте шогирдон диданд, ки Исо дар рӯи об қадам зада, аз назди онҳо гузашта рафтан мехоҳад, онҳо фарёд заданд.

   Аз ин мисолҳо ба тасаввуроти шумо оид ба даъвати Худо чӣ бештар мувофиқ аст? Шумо аллакай ба даъвати Худо посух додед? Агар ҳа, шумо чӣ хел ҷавоб додед?

3. Азбаски дуо аз диалог иборат мебошад, ё гуфтугӯи дутарафа аст, Худо ба шумо ҳам бо сухан ва ҳам ба таври ғайридаҳонӣ чӣ гуфт?

Боби 2

# ХОҲИШИ ПУРҲАРОРАТИ ХУДО

Худованд гуфт: “Ман туро аз Худам бештар қадр мекунам”.

Дар Китоби Муқаддас ҳақиқатҳои мутлақ пешкаш карда шудаанд, ки барои одам дар ҳаёт зарур мебошанд. Оиди ин ҳақиқатҳо аз Китоби Ҳастӣ сар карда, то Китоби Ваҳй гуфта шудаанд. Яке аз чунин ҳақиқатҳо – хоҳиши пурҳарорати Худо, ки бо одам муошират кунад ва ӯро ба Худ наздик созад. Худо дар ҳақиқат ба мо наздик шудан мехоҳад, илова бар ин Ӯ инро аз мо бештар мехоҳад!

Худо воқеан моро то ба дараҷаи рашк дӯст медорад (ниг. Яъқ. 4:5). Маънои калимаи “рашк” пазмонӣ, ҳасрат ё шавқу рағбат аст. Аз азал ин хоҳиш дар Ӯ аз ҳама сахттарин буд. Пас аз гуноҳи Одам Худо ба ӯ на бо суханони маҳкумкунанда муроҷиат кард, балки бо даъват: “Одам, ту дар куҷоӣ? Чаро ту аз Ман пинҳон мешавӣ?” Дар ин даъват фарёди қалби

Худо шунида мешавад. Пас биёед майлу кӯшишеро, ки Ӯ нисбат ба мо дар тӯли таърихи инсоният дорад, пайгирӣ менамоем.

## Абераи Одам

Абераи Одамро Ҳанӯх меномиданд. Ман фикр мекунам, боре Ҳанӯх ба назди Одам омада, аз ӯ оиди ҳаёт дар биҳишт пурсид. Ӯ фаҳмидан мехост, ки дар асл бо Худои зинда роҳ рафтан чӣ маъно дорад. Шояд шумо ҳайрон шавед, ки Ҳанӯх бо ниёгони худ, аз ҷумла бо бобои худ Одам муоширaт карда метавонист. Ба шумо ҷавоб ана ин аст: агар нӯҳсаду сӣ сол умр бинед, шумо бо аберагони насли чоруми худ сӯҳбат карда метавонед. Вақте ки Ҳанӯх таваллуд шуд, Одам ҳамагӣ шашсаду бисту дусола буд.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Одам шашсаду ҳаштоду ҳафтсола буд, вақте ки Ҳанӯх ба назди ӯ омад. Ҳанӯх бошад он вақт шасту панҷсола буд. Ин ададҳо аз Китоби Ҳастӣ, аз ҳикояе оиди он ки Ҳанӯх сесад сол бо Худо роҳ рафт, гирифта шудаанд, гарчанде ӯ ҳамагӣ сесаду шасту панҷ сол умр дид.

> Ва Ҳанӯх, баъд аз таваллуди Матушолаҳ, сесад сол пеши Худо роҳ рафт, ва писарону духтарон ба дунё овард. Пас тамоми айёми Ҳанӯх сесаду шасту панҷ сол буд (Ҳас. 5:22,23).

Бинобар ин эҳтимол ҳаёти Ҳанӯх маҳз дар синни шасту панҷсолагӣ, вақте ки аз даҳони патриарх Одам баракат гирифт ва хотираҳои дардовари ӯро шунид, дигаргун шуд.

Гарчанде исботи хаттӣ надорам, тасаввур карда метавонам, ки ба Ҳанӯх солҳои тӯлонӣ лозим шуд, то ҷасорат пайдо карда, ба назди ҷадди машҳури худ биёяд

ва оиди боғи биҳишт пурсон шавад, зеро Одам роҷеъ ба ин мавзӯъ сӯҳбат кардан намехост. Тамоми насли Одам аз ин дилнохоҳамӣ хабардор буданд, ва Ҳанӯх аз бачагӣ огоҳ карда шуда буд, ки дар сӯҳбат бо Одам ба ин мавзӯъ дахл кардан лозим нест.

Сарчашмаҳои таърихии ибрӣ аз рӯҳафтодагие, ки Одам пас аз ронда шуданаш аз биҳишт ҳис мекард, нақл мекунанд. Азоби ин ҳиссиёт қариб тоқатнопазир буд. Дар баъзе сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи он гуфта мешавад, ки Одам ва Ҳавво дар ғори торик менишастанд ва аз эҳсоси шарм ба якдигар нигоҳ карда наметавонистанд. Одам азамат ва шукӯҳи худро аз даст дод. Ваъдаи бо Худо роҳ рафтанро шунидан як чиз асту воқеияти ҳаққонии дар ҷалоли Ӯ сокин буданро аз даст додан чизи тамоман дигар аст. Ҳанӯх суботкорона достони пуразоби Одамро омӯхт ва онро бо имон ва умедвории худ пайванд сохт. Ва гарчанде насли одамони таваллудшуда аз маҳрумияте, ки Одам ба он дучор шуда буд, ноумед гардида, худ ба худ ғурунг-ғурунг мекарданд, Ҳанӯх ваъдаро қабул кард: "Ман бо Худо роҳ хоҳам рафт".

Ман вохӯрии онҳоро ба худ тасаввур карда метавонам. Ҳанӯх бо тамоми вуҷуди худ ларзон буд, аммо ғайрати ӯ ниҳоят бар тарс ғолиб омад. Хаёлоти тарсовари мағлубиятро паси сар карда, бо умеди чизи бузургтаре бо исрор ба пеш ҳаракат кард. Барои ӯ саргузашти Одам на танҳо як достони мағлубият, балки зуҳури олии хоҳиши Худо оиди роҳ рафтан бо инсон буд. Аҷиб аст, ки оё Одам, вақте баракатҳои дурдастеро, ки дар боғи биҳишт дошт, ба ӯ нақл мекард, шӯълаи қалби пурумеди Ҳанӯхро пайхас кард?

Одам дарди дили худро нақл карда, мегирист: "Ҳанӯх, ман бо Ӯ роҳ мерафтам... дар ҷалоли Ӯ. Холиқи коинот,

Офаридгори ҳама чизе, ки ту мебинӣ, дар паҳлӯи ман роҳ мерафт! Ӯ ба ман ҳикмати амиқи ниятҳои Худро нақл мекард. Ӯ ҳикоя мекард, ки чӣ тавр бо дастони Худ ситораҳоро дар коинот барқарор кардааст. Бо ана ҳамон дастон Ӯ маро офаридааст, ва сипас дасти маро ба дасти Худ гирифтааст. Ӯ ҳар як ситораро бо номаш офаридааст ва онҳоро ҳамчун аломати ивазшавии фаслҳои сол ва барои равшанӣ дар осмон гузоштааст. Ӯ нишон дод, ки чӣ тавр заминро бо ёрии қувваи ҷозиба ва мавҷҳои электромагнитӣ мутавозӣ кард ва иқлими мусоид фароҳам овард. Ӯ ба ман сирри тухмиро кушод, ва нақл кард, ки чӣ тавр он аз рӯи ҷинси худ ҳаёт медиҳад, чӣ тавр он дар фасли баҳор обро аз чашмаҳои қаъри замин, ки Ӯ пешакӣ дар умқи он ҷойгир кардааст, ба худ меҷабад. Ҳанӯх, Ӯ бо эътимод ба ман имкон дод, ки ба ҳамаи ҷонварон, ки ҳамагӣ беш аз панҷ миллиард мебошанд, ном гузорам! Мо ҳар ду ин номҳоро муҳокима мекардем, вале қарори охиринро Ӯ ба ман ҳавола мекард!”

Ҳар қадаре ки Одам бештар ҳарф мезад, Ҳанӯх ҳамон қадар бештар хоҳиш пайдо мекард, ниҳоят ин хоҳиш ӯро пурра фаро гирифт. Ӯ бояд бо Худо роҳ равад, чуноне ки Одам бо Ӯ пештар роҳ мерафт! Ӯ ҳамаи инро аз таҳти дил орзу мекард!

Ҳанӯх ҳатто он чиро, ки дар Одам набуд, мерос гирифт. Ҷисми Одам ба хок, ки аз он гирифта шуда буд, баргашт. Ҳастӣ мегӯяд, ки “ва Ҳанӯх пеши Худо роҳ рафт, ва нопайдо шуд, зеро ки Худо ӯро гирифт” (Ҳас. 5:24). Ӯ ин заминро тарк кард, ва маргро надид.

Дар ҳаёт Ҳанӯх набии бузург буд. Ӯ дар бораи замони худ ва замони мо нубувват кардааст. Ӯ дар бораи фиребгароне сухан меронад, ки дар замонҳои охир дар Калисо пайдо мешаванд ва чунон рафтор мекунанд, ки гӯё аз рӯи файз наҷот ёфтаанд, вале оқибат ҳамаашон доварӣ карда

мешаванд (ниг. Яҳуд. 1-15). Ӯ дар бораи доварии Худо рӯъё дошт ва ҳазорҳо сол пеш аз таваллуди Наҷотбахш аз Бокира оиди бозгашти дубораи Худованд хабар дода буд.

Вале чаро Худованд ӯро гирифт, вақте ки ӯ сесаду шасту панҷсола буд? Шояд аз сабаби хидмати бузурги нубувватӣ бошад? Не. Ӯ ба осмон бурда шуд, чунки "бо Худо роҳ рафт" ва чуноне ки дар Нома ба Ибриён гуфта шудааст, ӯ "ба Худо писанд омадааст" (Ибр. 11:5).

Маро дуруст фаҳмед, роҳравии ӯ бо Худо ба хидматгузории пурқувват мусоидат кард, аммо ӯ маҳз бо туфайли иштиёқи сахте, ки барои аз наздик донистани Худо дошт, ба Ӯ писанд омад. Ӯ иштиёқи сахтеро, ки дар қалби Худо мавҷуд буд, яъне хоҳиши муносибати наздик доштан бо одамро ламс кард, зеро Худованд бо мо айнан ҳамин тавр муошират кардан мехоҳад.

## ҚАЛБИ ХУДО ДАР ТӮЛИ АСРҲО НИДО МЕКУНАД

Маҳз дар ин бора қалби Худо дар тӯли асрҳо нидо мекунад. Ӯ соҳиби халқе шудан мехоҳад, ки дар ҷавоб ба майлу кӯшиши Ӯ ба сӯи мо, шавқ бар он дошта бошад, ки Ӯро бишносад! Баъд аз Ҳанӯх Нӯҳ пайдо шуд, боз як аберае, ки қалби Худоро мафтун кард. Дар Китоби Ҳастӣ гуфта шудааст, ки "Нӯҳ пеши Худо роҳ мерафт" (Ҳас. 6:9). Нӯҳ ба хоҳиши Худо оид ба муошират кардан бо вай посух дод ва аз ин рӯ ба Худо наздик шуд. То андозае ки ӯ наздик мешуд, Худо низ ба ӯ наздик мешуд, ва дар бораи воқеаҳои оянда ба вай хабар медод. Ҷазое, ки ногаҳону нохост ба сари ҷаҳон омад, сирри аввалине буд, ки Худо ба Нӯҳ нақл кард. Муносибатҳои наздики Нӯҳ бо Худо аз он фикру ақидаи ӯ пайдо шуданд, ки Худо ба ҷӯяндагони Худ, яъне ба онҳое, ки ҷуръат пайдо

карда, ба Худо бовар мекунанд ва ниҳоятдараҷа ба Ӯ наздик мешаванд, ҷавоб медиҳад.

Мо инро дар ҳаёти Иброҳим низ мебинем, вақте ки Худо, "дар пеши Ман роҳ рав" гуфта, ӯро ба муошировати наздик бо Худ даъват кард (Ҳас. 17:1). Ин даъват боз ба Исҳоқ ва Яъқуб паҳн мешавад. Ҳанӯз пеш аз таваллуди Яъқуб Худо гуфт: "Яъқубро Ман дӯст доштам" (Рум. 9:13). Худо барои наздикшавӣ бо ӯ айнан тавре саъй мекард, ки имрӯз Ӯ барои барқарор кардани муносибатҳои наздик бо мо саъй мекунад. Ӯ Яъқубро ҳатто он гоҳ ҷустуҷӯ мекард, ки худи Яъқуб Худоро намеҷуст. Вақте ки Яъқуб аз назди бародари худ фирор карда буд, ӯ Худоро, ки вайро ба Худ ҷалб кардан мехост, дарёфт кард. Вақте ки Яъқуб ба санг сари худро гузошта, хоб кард, Худо ба вай дар рӯъё нардбонеро нишон дод, ки бар он фариштагон мебароянд ва мефароянд. Робитаи осмонӣ байни Худо ва инсон ҳамин тавр ошкор шуд.

Пас аз чаҳорсад соли ғуломӣ писарони Исроил, насли Яъқуб, нисбат ба ниятҳои ҳақиқии Худо дар кори раҳоӣ бахшидани онҳо аз ғуломӣ иштибоҳ карда буданд. Онҳо фикр карданд, ки хоҳиши Худо танҳо ба он нигаронида шуда буд, ки онҳо замини ваъдашударо ба мерос мегиранд, аммо гап тамоман дар замин набуд. Худо бештар аз ҳар чиз бо қавми Худ наздикӣ мехост, ва Ӯ бо забони шеър мақсадҳои Худро ба тамоми қавм изҳор намуд:

> Шумо он чиро, ки Ман ба мисриён кардам, дидед, ва Ман шуморо бар болҳои уқобон бардоштам, ва *шуморо назди Худ овардам* (Хур. 19:4, курсиви муаллиф).

Аммо ба хоҳиши Ӯ қавми Исроил ҷавоби мусбӣ надод. Мусоҳибаи онҳо куллан ниятҳои дигарро ошкор мекунад: “Ту моро ба замине, ки шир ва асал дар он ҷорӣ бошад, наовардӣ, ва моликияте иборат аз киштзор ва токзор ба мо надодӣ” (Адад. 16:14). Чашмони онҳо ба ҷои нигоҳ кардан ба *Шахсе,* ки онҳо ворисони Ӯ шуда метавонистанд, танҳо ба *чизҳое* нигоҳ мекарданд, ки ҳамчун мерос гирифтан мумкин буд.

Мӯсо ҳамеша хоҳиши Худоро ба насли Иброҳим шарҳ медод. Яке аз чунин шарҳҳо ба таври хаттӣ боқӣ гузошта шуда буд:

> “Худованд, ки исмаш ғаюр аст, Худои ғаюр мебошад” (Хур. 34:14).

Худо инро ба тамоми Исроил эълон кард, ва гуфт: “Ман шуморо дӯст доштам”. Аммо аз боиси ҷаҳолат ва қалби сангини худ онҳо чунин посух доданд: “Муҳаббати Худро ба мо дар чӣ зоҳир намудаӣ?” (Мал. 1:2). Қалби Ӯ ба сӯи онҳо кушол буд, аммо онҳо инро надиданд ва иштибоҳан дасти Ӯро, ки ба сӯи онҳо дароз карда шуда буд, дида, гумон карданд, ки Ӯ онҳоро ҷазо додан мехоҳад.

Ҳатто пас аз такроран беитоатӣ кардани онҳо хоҳиши Ӯ дигар нашуд. Дар замони Ирмиё Ӯ ба одамон нидо кард: “Ман ҳар рӯз аз субҳидам ба шумо сухан рондам, вале гӯш накардед, ва шуморо хондам, вале ҷавоб надодед” (Ирм. 7:13). Ӯ аз рӯзи аввали баромадан аз Миср то он замон фаҳмонидан мехост, ки мақсади Ӯ ба онҳо наздик шудан аст (ниг. Ирм. 7:25).

Бо вуҷуди ҳамаи ин ҳодисаҳо муҳаббати Ӯ дигар нашуд, бештар аз ин ҳоло, ки тавассути Исо меҳри саршори Худро

ба мо исбот намудааст, иштиёқи беканори Ӯ ба мо кам намешавад. Худи Исо инро чунин шарҳ медиҳад: “Зеро ки Писари Одам омадааст, то ки гумшударо *пайдо кунад* ва наҷот диҳад” (Луқ. 19:10, курсиви муаллиф). Ӯ на танҳо барои наҷот додан омад, Ӯ ҳанӯз вақте, ки мо душмани Ӯ будем, барои пайдо кардани мо омад!

## Ӯ дар бораи ҳар яке аз мо андеша мекунад

Агар мо ягон касро пазмон шавем, доимо дар бораи вай фикр мекунем. Тамоми рӯз фикру хаёли мо ба вай банд мешавад, ва ҳатто шабона, дар вақти хоб, мо дар бораи вай фикру хаёл мекунем. Мо тоқат карда натавониста, ба дигарон нақл мекунем, ки дар канори он шахс будан мехоҳем ва ҳамеша дар фикри ӯ ҳастем. Худо низ ба мо ҳамин тавр муносибат мекунад. Худо андешаҳои Худро, ки нисбат ба мо дорад, ба Довуд гуфтааст. Довуд фикру андешаҳои ҳайратовареро, ки Худо нисбат ба мо дорад, чунин баён кардааст:

> “Чӣ гуна гаронбаҳост барои ман андешаҳои Ту, эй Худо, чӣ гуна бузург аст миқдори онҳо! Агар онҳоро дар шумор оварам, аз рег зиёдтар аст” (Заб. 138:17,18).

Инсон дарк карда наметавонад, ки афкори Худо оид ба мо бештар аз тамоми реги замин мебошанд! Як лаҳза ба худ тасаввур кунед, ҳар як регрезаеро, ки аз тамоми сайёра, аз ҳар соҳил, аз ҳар биёбон, аз ҳар баҳру уқёнусҳо ҷамъ оварда шудаанд, пеши назар биёред. Вақте ки ман ба чуқурчаҳои регӣ, ки дар майдони голф воқеъ мешаванд, нигоҳ мекунам, ба худ тасаввур карда наметавонам, ки дар ҳамин як чуқурча чӣ қадар регреза мавҷуд шуда метавонад. Вале бо вуҷуди ин Худо ҳар як регрезаи заминро медонад. Миқдори онҳо

куллан шумурданашаванда мебошанд. Дар зиёда аз бист соли охир ман дар бораи ҳамсарам хеле зиёд андешаҳо кардаам, аммо ман шубҳа дорам, ки дар ин андешарониҳо ҳатто дар пурсамартарин рӯз барои онҳо андешаҳои ман, тамоми сайёраи Замин як тараф истад, ақаллан як зарфи хурдакакро пур карда метавонад!

## Инсон ба чизе иштиёқ дорад, ки онро қадр мекунад

Ин гуна фикрҳо ба одамоне нигаронида шудаанд, ки мо ба онҳо майл мекунем ва дӯсташон медорем, яъне ба онҳое, ки мо наздик будан мехоҳем. Оё фаҳмида истодаед, ки Худо моро чӣ қадар сахт дӯст медорад? Оё шумо боре андеша кардаед, ки мо барои Ӯ чӣ қадар пурарзиш ҳастем? Вақте ки мо ба мағозаҳо медароем, молҳоро аз назар мегузаронем, ба ҳар яке аз онҳо тамғае бо нарх часпонида шудааст. Барои баъзе аз онҳо тахфиф эълон карда шудааст, нархи дигар молҳо ба мисли пештара баланд аст. Ҳар як мол мувофиқи арзиши худ нарх дорад. Вале агар мо харидорони оқил бошем, молеро ҷустуҷӯ мекунем, ки сифати он бар нархаш мувофиқ ё ҳатто аз он болотар аст.

Дар ҳаёт ҳама чиз нарх дорад. Маҳз арзиши маҳсулот муносибати харидорро ба мол муайян мекунад. Чанд сол пеш як тӯби бейсбол ба фурӯш гузошта шуда буд. Аммо ин тӯби оддии кӯҳна набуд, балки махсус – бо он як вақтҳо бейсболбоз Марк Макгир голи ҳабдаҳумини худро зада буд. Дар он давра ӯ дар лигаи худ аз рӯи миқдори зиёдтарини холҳо, ки дар як мавсим гирифт, рекорд гузошта буд. Тӯб ду миллиону ҳафтсад ҳазор доллар нарх дошт! Ҳатто агар ман ҳамин қадар пул медоштам, аниқ онро намехаридам. Барои чӣ? Чунки он

барои ман ҳеҷ арзише надошт. Аммо дар ёд дорам, дар бораи як шахс паёме хондам, ки аз ин фурсат истифода бурда, он тӯбро харид. Аммо акнун, ки он рекорд кӯҳна шуд, шубҳа дорам, ки касе ба як ҳиссаи он нархе, ки барои он тӯб мухлиси рекордҳои бейсбол пардохт карда буд, хоҳиши харидани онро пайдо мекунад. Арзиши тӯб якбора паст шуд.

Инак, муҳим нест, ки чӣ тавр ҷамъият ба мо баҳо мегузорад. Фикру ақидаи он гуногун буда метавонад. Ҳатто ҳаёти одамизод дар ҷамъиятҳои гуногун ба таври мухталиф қадршиносӣ карда мешавад, чунки миллионҳо волидон тифлакони таваллуднашудаи худро мекушанд. Ҳаёти кӯдак ба он вазъиятҳои ногуворе, ки аз боиси таваллуди онҳо волидон рӯ ба рӯ шуда метавонанд, намеарзад. Мардоне ҳастанд, ки зану фарзандони худро тарк мекунанд, зеро чунин меҳисобанд, ки барои муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо онҳо нерӯ ва вақт сарф кардан фоида надорад. Барои онҳо ҳаловат ва зиндагии бароҳат назар ба зану фарзанд авлотар аст. Одамоне ҳастанд, ки бадани худро мефурӯшанд. Ин рӯйхатро то ҳадди беохир давом додан мумкин аст. Дар натиҷа бошад, мо дар ҷамоатҳои худ миллионҳо одамонро вохӯрда метавонем, ки аз ҷароҳатҳои амиқе, ки ба онҳо расонида шудаанд, азоб мекашанд. Ҳамчунин одамоне ҳастанд, ки худро номаҳбуб ва дилнокаш меҳисобанд, танҳо аз он сабаб ки қадру қимати худро вобаста ба фикри шахсони дигар муайян мекунанд.

## Арзиши мо бо нигоҳи Худои Падар

Аммо арзиши мо бо нигоҳи Худо чӣ гуна аст? Маҳз бо ҳамин нигоҳ мо худро дуруст баҳогузорӣ карда метавонем. Меъёрҳои нарху арзишро дар ин Коинот маҳз Худо муайян

мекунад, на инсон. “Зеро он чи дар назари мардум олидараҷа аст, пеши Худо зишт аст” (Луқ. 16:15).

Исо гуфтааст: “Ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дунёро ба даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад? Ё ки одамизод ба ивази ҷони худ чӣ фидияе медиҳад?” (Мат. 16:26). Як лаҳза тамоми сарвати ин дунёро ба худ тасаввур кунед. Биноҳо ва қасрҳои бисёрмиллиондолларӣ, сангҳо ва маъданҳои қиматбаҳо, тамоми мошинҳои зеботарин, киштию ҳавопаймоҳо, тамоми электроникаи аз ҷиҳати технологӣ пешрафта, ва инҳо ҳама – танҳо андаке аз ҷаҳони чизҳои “зебо” мебошанд. Дар ҷаҳон сарвату ганҷинаҳои бешумор ҳастанд, ва ҳамаи онҳоро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба наздикӣ коршиносон ҳисоб карданд, ки маҳсулоти умумӣ дар тамоми ҷаҳон ба қарибӣ ба сию панҷ триллиону ҳаштсад миллиард (10 дар дараҷаи 12-ум) доллари амрикоӣ мерасад. Онро бо рақамҳо чунин ифода кардан мумкин аст: $35 800 000 000 000. Ин боигарии азим аст, ва ба он нархи амволи ғайриманқул дохил намешавад. Новобаста ба ин Исо изҳор мекунад, ки агар одам ҷони худро барои ҳамаи ин сарватҳои бешумор иваз кунад, ӯ кори аҳмақона ва бефоидаеро ба амал меорад!

Шаъну шарафи ҳақиқии мо, арзише, ки Худо бо он моро андоза мекунад, аз тамоми сарватҳои ҷаҳон болотар аст, ана барои чӣ Ӯ моро ин қадар баланд қадр мекунад! Ба мо мегӯянд: “Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад” (Юҳан. 3:16). Пас аз аз он ки Одам қудрати худро аз даст дод, мо ба зери ҳукми мири зулмат, Иблис, афтодем (ниг. Луқ 4:6). Беитоатии Одам ба ҳамаи мо гузашт ва мо ғуломони гуноҳ гардидем, ва дар натиҷа ба асирони салтанати зулмат, ки дар он Иблис ҳоким

ва молик аст, табдил ёфтем. Ӯ аз болои мо даъво кард ва моро раҳо кардан нахост. Моро торикии абадӣ интизор буд ва мо ба озодӣ умеде надоштем. Мо танҳо он гоҳ озод шуда метавонистем, ки агар касе нархи моро супорад, вале озодии мо барои одам хеле гарон буд.

Ва Худо Исоро ба ҷои мо қурбон кард. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ моро харида наметавонист, зеро Худо гуфтааст: "Касе ҳаргиз барои бародараш фидия намедиҳад; кафораи худро низ ба Худо адо намекунад" (Заб. 48:8). Аммо Худо ҷонҳои моро хеле баланд қадр мекунад, аз ин рӯ Ӯ моро ба ивази ҷони Худи Исо харида гирифт. Павлус мегӯяд: "Зеро ки шумо ба нархи гарон харида шудаед" (1 Қӯр. 6:20). Ва дар идома ӯ такрор мекунад, ки "дар Ӯ мо бо Хуни Ӯ фидияе ва омурзиши гуноҳҳоро бар ҳасби сарвати файзи Ӯ пайдо кардаем" (Эфс. 1:7).

Дар Коинот барои Худо чизи дигаре қиматтар аз Писари Ӯ, Исои Масеҳ, нест. Аммо Ӯ Писари Худро барои мо фидия дода, моро ба хазинаи бузургтарини Худ баробар кард. Ва ана чӣ тааҷҷубовар аст: агар мо дар назари Худо як зарра ҳам арзиши камтар медоштем, Падар Ӯро ҳеҷ гоҳ намедод, зеро Худо ҳеҷ гоҳ кори бефоида намекунад! Муомилаи бефоида ё ивазкунии бефоида он гоҳ рӯй медиҳад, ки шумо чизи бағоят пурарзишро ба чизи камарзиш иваз мекунед. Маҳз ҳамин тавр аст! Акнун шумо мефаҳмед, ки шумо барои Падар чӣ қадар муҳим ҳастед? Исо ин фикрро тасдиқ карда, мегӯяд: "Ва Ман ҷалолеро, ки ба Ман додаӣ, ба онҳо додаам: то ки як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем. Ман дар онҳо ҳастам, ва Ту дар Ман; то ки онҳо дар ягонагӣ комил бошанд, ва ҷаҳон бидонад, ки Ту Маро фиристодӣ ва *онҳоро дӯст доштӣ, чунон ки Маро дӯст доштӣ"* (Юҳан. 17:22,23, курсиви муаллиф). Исо ба мо ошкоро изҳор мекунад, ки

Падар ба андозае, ки Исоро дӯст медорад, моро бо ҳамон андоза дӯст медорад! Шумо маро мешунавед? Акнун шумо аҳамиятнокии ҳақиқии худро дарк кардед? Оё мебинед, ки чӣ тавр Худо наздикиро бо шумо ноил мешавад?

## “Бале, аммо ман барин шахсон бисёранд”

Ба ман эътироз баён мекунанд: “Бале, аммо Худо ба хотири тамоми инсоният ин қурбониро ба ҷо овард, ва ман дар байни ин қадар одамони бешумор кӣ ҳастам?” Аммо асли кор дар он аст, ки агар шумо дар Замин ягона одам мебудед, Худо аздусар ба сӯи шумо мешитобид ва ин нархи гаронро супорида, шуморо мехарид. Ин дар хидматгузории Исо низ хеле равшан маълум аст. Ӯ як рӯзи дароз ба издиҳоми калони одамон оиди Подшоҳии Худо таълим дод. Вай хаста шуд, аммо чизе буд, ки набояд ба таъхир меафтод. Бо ҳидояти Рӯҳулқудс ба шогирдон амр кард, ки ба қаиқ нишаста, баҳри Ҷалилро убур карда, ба соҳили дигар гузаранд. Вақте ки онҳо дар мобайни баҳр буданд, тӯфон мехезад, ва ҳаёти шогирдон ба зери хатар меафтад. Аммо Исо чунон хаста шуда буд, ки ба хоби сахт рафта буд. Аз тарс шогирдон Ӯро бедор мекунанд ва аз хатаре, ки ба сарашон афтод, Ӯро огоҳ месозанд. Исо бархоста, мавҷҳои пуртуғён ва бодро манъ мекунад.

Вақте ки онҳо баҳрро шино карда мегузаранд, ними шаб сипарӣ мешавад. Ба соҳили дигар гузашта, онҳо каме истироҳат кардан мехоҳанд. Аммо ба соҳил нафаромада, ба назди онҳо шахсе, ки гирифтори рӯҳи палид буд, давида меояд. Ӯ дар қабристон зиндагӣ мекард ва ӯро ҳатто бо занҷирҳо баста, нигоҳ доштан ғайриимкон буд. Шабу рӯз ӯ дар байни гӯрҳо гаштугзор мекунад, бо доду фарёд худро бо

сангҳои тез зада, баданашро захмдор месозад (ниг. Марқ. 5:3-5).

Агар чунин шахс дар замони мо зиндагӣ мекард, ӯро ба беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ ҷойгир мекарданд, илова бар ин, аниқтараш, ба ҳуҷраи алоҳида. Ба вай доруҳои сахттаъсир медоданд ва яккаю танҳо мегузоштанд. Бисёр одамон ӯро радшуда меҳисобиданд, ва ӯ мавҷудияти худро танҳо ба як сабаб идома медод, ки қонун ба кор бурдани марги маҷбуриро ҳатто дар ин ҳолатҳо манъ мекунад. Ӯро барои ҷамъият як сарбории бефоида мешумориданд. Ӯ дар нигоҳи одамон ягон арзише дошта наметавонист. Хеле кам одамон бо ӯ сарукор доштан мехостанд.

Аммо ин шахси девона аз худ барои Падар, Исо ва Рӯҳулқудс арзиши бузурге намоён мекард. Исо бо қудрати бузург ба вай хидмат кард. Аз ҳукми зулмат раҳо шудани ин бечора он қадар таассуротбахш буд, ки дар поёни рӯз вай аллакай дар тан либос дар назди пойҳои Исо менишаст ва ақлаш солим шуда буд. Ва тааҷҷубовараш ин аст, ки Исо ба вай хидмат карда, боз ба қаиқ нишаст ва “ба он сӯи баҳр гузашт” (Марқ. 5:21). Ҳеҷ гоҳ он рӯзро фаромӯш намекунам, ки Худо ба ман ин ҷойро нишон дода буд. Ман сахт ба ҳайрат афтода будам, ки Исо пас аз заҳмате, ки он рӯз кашид, танҳо барои хидмат кардан ба як девонаи радди мардум, ки ҷамъият ношоям меҳисобид, баҳри пуртуғёнро бо қаиқ шино карда, гузашт. Сипас Исо боз ба қаиқ нишаста, тамоми масофаро аз нав тай карда, баргашт. Ӯ ҳамаи ин корро ба хотири як одам кард!

Вақте ки ман инро фаҳмидам, ниҳоят дарк кардам, ки агар ман дар Замин ягона одам мебудам, Худо аздусар ҷони маро меҷуст ва барои ман нархи гарон месупорид, то ки ман бо Ӯ сӯҳбат кунам. Табиист, ки фариштаҳои осмон дар

рӯзи мавлуди Ӯ Худоро ҳамду сано хонда, мегуфтанд, ки Худоро ҷалол дар арши аъло, ва осоиштагӣ бар замин, ва ҳусни таваҷҷӯҳ дар миёни мардум бод. Дар назари аҳли олам воқеаи аз тарафи Худо наҷот додани ҷонҳои мо падидор мешуд.

## Исо ба ҳар яки мо чӣ тавр нигоҳ мекунад

Яке аз кушоишҳои бузурге, ки Худо ба ман додааст, ҳамонаш зоҳир шуд, ки зуд пас аз наҷот ёфтани ман омада буд. Ман мошинсавор мерафтам ва бо Ӯ сӯҳбат мекардам, ва ногаҳон аз ким-куҷо суханонеро шунидам, ки тафаккури маро иваз кард. Ман шунидам, ки чӣ тавр Ӯ оромона ба қалби ман гуфт: “Ҷон, оё ту медонӣ, ки Ман туро аз Худам бештар қадр мекунам?”

Дар ёдам ҳаст, вақте ки ман инро шунидам, ман гумон кардам, ки ин афкори куфрро шайтон ба ақли ман гузоштааст. Ман фикр кардам, ки ин гуна афкорро бояд бешармона ва нораво ҳисобид. Ман қариб буд, ки фарёд занам: “Аз ман дур шав, шайтон!” Аммо дар умқи дили худ ҳис кардам, ки ин овози Худо аст. Бинобар ин ман қарори аз ҳама бехавфтаринашро қабул кардам. Ман гуфтам: “Худованд, ба ин гуна суханон бовар кардани ман душвор аст. Барои ман бовар кардан ба он, ки Ту холиқи осмону замин, маро, одами ношоямро, аз Худат муҳимтар меҳисобӣ, куфр метобад. Ман ин суханонро, ки Ту гуфтаӣ, танҳо дар ҳамон ҳолат қабул мекунам, ки ҳамчун исбот аз се ҷои Аҳди Ҷадид далел биёрӣ”.

Инро гуфта, ман ҳис кардам, ки Худо аз ҷавоби ман хурсанд шуд, ва дарҳол дар қалби худ шунидам: “Дар ояти сеюми боби дуюми Нома ба Филиппиён чӣ гуфта шудааст?”

Ман, ки ин оятро хуб дар ёд доштам, бо овози баланд онро баён кардам: “Аз рӯи рақобат ё шӯҳратпарастӣ ҳеҷ коре накунед, балки бо фурӯтанӣ якдигарро аз худ авло донед”.

Худованд гуфт: “Ту аз Навиштаҷот аввалин шаҳодат пайдо кардӣ”.

Ман розӣ нашудам: “Дар ин ҷо Павлус ба имондорони филиппӣ муроҷиат карда мегӯяд, ки якдигарро аз худ авло донанд. Ӯ дар хусуси муносибате, ки Ту ба ман дорӣ, ҳарф назадааст”.

Ман дарҳол посух гирифтам: “Писарам, Ман ҳеҷ гоҳ он кореро, ки Худам иҷро намекунам, ба фарзандонам намефармоям!” Сипас Ӯ ба ман фаҳмонид, ки дар бисёр оилаҳо маҳз аз ҳамин сабаб мушкилӣ сар мезанад. Волидайн аз фарзандони худ он гуна рафторро умедвор мешаванд, ки худашон ба онҳо нишон намедиҳанд. Агар Худо дар иҷро кардани фармудаҳояш Худаш ибрат нишон надиҳад, Ӯ аз мо чизеро талаб намекунад.

Ман ин далелро қабул кардам, аммо он ҳанӯз ҳам ба ман дар хусуси он, ки Худованд маро аз Худаш бештар қадр мекунад, боварӣ бахшида наметавонист. Ман гуфтам: “Худованд, ин танҳо як порча аз Навиштаҷот аст, вале ба ман дутои дигар лозим аст”. Бо ин рафторам ман ба Худованд беҳурматӣ не, балки фақат эҳтиёткорӣ ва дурандешӣ зоҳир кардам.

Он гоҳ Худованд ба ман дар шакли савол посух дод, ки ин дили маро ба танг овард: “Ҷон, кӣ дар Салиб маслуб шуд, ту ё Ман?”

Аз фаҳмидани он чиз, ки ман пештар намедонистам ва он акнун бештар воқеӣ менамуд, ба ҳайрат афтода, ман оромона ҷавоб додам: “Ту, Исо”.

Ӯ сухани Худро идома дод: “Дар Салиб ту бояд мехкӯб

мешудӣ, аммо Ман гуноҳҳои туро, ҷазои туро, беморӣ, заъф ва дардҳои туро ба Худ гирифтам. Ман ин корро барои он кардам, ки туро аз Худам бештар қадр мекунам".

Вақте ки ман суханони Ӯро шунидам, маро ларза фаро гирифт. Пас аз он ки Ӯ инро гуфт, тамоми шубҳаҳо гум шуданд. Ман дар бораи он оромона андеша кардам, ки Ӯ ба он азобҳое, ки кашид, як зарра ҳам сазовор набуд. Ӯ пок ва беайб буд. Ба ёдам Номаи якуми Петрус (2:24) омад: "Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт, то ки мо аз гуноҳҳо фориғ шуда, барои адолат зиндагӣ кунем: шумо аз ҷароҳатҳои Ӯ шифо ёфтед".

Акнун ман медонистам, ки Ӯ дар ҳақиқат маро аз Худаш муҳимтар меҳисобад. Чашмони ман аз ашк пур шуданд, ва ман ба ҳамд гуфтани Ӯ шурӯъ кардам. Ман акнун сахт мутмаин будам, ки Ӯ ояти сеюмро ба ман медиҳад, ва дар ҳақиқат, Ӯ зуд ба қалби ман гап зад: "Нома ба Румиён (12:10) чӣ мегӯяд?"

Ин боз як ояти шинос буд, ва ман боз онро ба забон овардам: "Якдигарро *бо муҳаббати бародарӣ* дӯст дореd; ва *ҳар яке каси дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунед".*

Сипас ман шунидам, ки Ӯ чӣ гуфт: "Магар Ман дар миёни бародарони бисёр нахустзода нестам? (Рум. 8:29). Ман бо ҳурмат бародарон ва хоҳарони Худро огоҳ мекунам ва онҳоро аз Худам бештар қадр менамоям".

Ман аксар вақт дар бораи он шунидаам, ки Исо моро дӯст медорад. Аммо вақте ки Ӯ ин суханонро ба қалби ман равона кард, ман бори нахуст ҳақиқатан фаҳмидам, ки мо барои Ӯ чӣ қадар мавҷудоти махсус ҳастем. Дар асл, Ӯ аъзои оилаи Худашро ганҷинаи Худ медонад. Ӯ мегӯяд, ки мо барои Ӯ хеле азиз ҳастем. Ӯ изҳор мекунад, ки мо барои Ӯ гавҳаракаи

чашм мебошем. Кӯшиш кунед, ки ба як чиз сарфаҳм равед: Ӯ аз мо шод аст! Оре, ба ин суханони ҳақиқӣ ва зебо гӯш андозед: “Худованд Худои ту андаруни туст, Ӯ ҷаббор аст, ва наҷот хоҳад дод; дар ҳаққи ту бо шодмонӣ дилхуш хоҳад шуд” (Саф. 3:17).

## Чӣ аст инсон?

Фариштаҳо бо шавқ ба мо нигоҳ мекунанд, чунки онҳо мебинанд, ки Худои қодир ва қуддус ба одамони оддӣ ин қадар зиёд таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Мо мехонем: “Вақте ки ба осмони Ту менигарам, ки санъи ангуштони Туст, ва ба моҳ ва ситорагоне ки Ту офаридаӣ, – пас чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ?” (Заб. 8:4,5). Гарчанде ин суханонро Довуд навишта буд, ман боварӣ дорам, ки Худо ба ӯ имкон дод, то вай андешаронҳои фариштагони муқтадирро, ки тахти Худоро иҳота карда меистанд, бишнавад. Ин фариштаҳо мушоҳида мекарданд, ки чӣ тавр Худо коинотро меофарид. Онҳо бо иззату эҳтироми азим дар гирди Ӯ меистанд ва танҳо “қуддус, қуддус, қуддус” гӯён ба якдигар рӯ оварда, нидо карда метавонанд, зеро ҳар як лаҳза ба онҳо як қирраи ҷалоли Ӯ ошкор мешавад, бинобар ин онҳо Ӯро ҷовидон ҳамду сано мехонанд. Онҳо чунон баланд хитоб мекунанд, ки рукнҳои толори саломхонаи Подшоҳ (ки дар он ҳадди ақал даҳ миллион одам ҳастанд) меларзанд. Онҳо мебинанд, ки андешаҳои Ӯ нисбат ба мо, ки пур аз муҳаббат ва некӯӣ мебошанд, беҳисобанд ва аз тамоми регрезаҳои Замин зиёдтаранд. Онҳо аз ин дар ҳайрату шигифт ҳастанд!

Мо – офаридаҳои бебаҳои Ӯ, баргузидагон ва марворидҳои гаронбаҳои Ӯ – сангҳои зинда, ки аз онҳо ба

Худ маскан бунёд мекунад, ки дар он ҷовидон сокин будан мехоҳад. Аммо чаро Худо ба мо чунин муносибат мекунад? Мо чӣ кори арзандае ба амал овардаем, ки ба муҳаббати аҷоиби Ӯ сазовор шуда тавонем? Ва маҳз дар ҳамин ҷо ҳақиқати аз ҳама бузургтарин ошкор мешавад. Мо ҳеҷ коре накардаем, ки ба муҳаббату иштиёқе, ки Ӯ нисбат ба мо дорад, арзанда бошем. Зеро ҳанӯз вақте ки дар рӯҳ заиф ва дар зулмат осиёни гумроҳ будем ва воқеан ба Ӯ душман будем, Ӯ моро ҷустуҷӯ кард. Ӯ дар мо чизеро дид, ки танҳо муҳаббати Ӯ дида метавонист. Дар байни қабоҳат, гуноҳ ва ҷурм Ӯ ганҷинаҳоро дид. Ӯ чизеро, ки дигарон ночиз ва камарзиш меҳисобиданд, ҳамчун чизи гаронбаҳо харид. Ӯ аз ҳолати воқеии мо болотар истод ва чизеро, ки танҳо файзи Ӯ дида метавонист, дид.

Акнун мо бо фаҳмиши бештар суханони Навиштаҷотро қабул мекунем: "Шумо ба нархи гарон харида шудаед: ғуломи одамон нагардед" (1 Қӯр. 7:23). Аммо барои чӣ инсоне, ки ҳамин қадар муҳаббат ва эҳтиромро нисбат ба худ эҳсос кардааст, ба ҳолате баргаштан мехоҳад, ки ӯро боре ба ғуломӣ оварда ва беқадру қимат гардонида буд?

Агар мо боре фаҳмидаем, ки Исо – шахси аз ҳама бузургтарин дар Коинот, ва Ӯ бо тамоми иштиёқ бо мо будан мехоҳад, чӣ тавр мо даъвати ин қадар аҷоиби Ӯро оиди наздикшавӣ ба Ӯ рад карда метавонем? Дигар Ӯро рад кардан нашояд, зеро ин гуна радкунии фоҷиабор танҳо аз ҷаҳолату нодонии мо сар зад метавонад.

*(Нуктаи муҳим: дар Навиштаҷот гуфта шудааст, ки гарчанде Худо моро меҷӯяд, мо бояд ба даъвати Ӯ ҷавоб диҳем, то ки бо Ӯ муносибат дошта бошем. Агар шумо пештар ҳеҷ гоҳ Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ эътироф накарда бошед, пас хеле муҳим*

*аст, ки айнан ҳозир, мавқуф нагузошта, ба замимаи А, ки дар охири китоб ҷойгир шудааст, гузаред.)*

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Вақте ки фарзандони Исроил аз ғуломии чаҳорсадсолинаи Миср озод шуданд, онҳо мақсади асосиеро, ки Худо дар раҳобахшии онҳо пайгирӣ мекард, нафаҳмиданд. Худованд изҳор кард, ки "Ӯ онҳоро ба назди Худ овард", вале онҳо бо гумони он, ки ҳама гап дар мерос гирифтани замини ваъдашуда аст, шикваю нола карданд. Чуноне ки мо дар ин боб нишон додем, дили онҳо ба он нигаронида шуда буд, ки *чиро* мерос мегиранд, на ба Он *Шахс*, ки мероси онҳо шуда метавонист.

   Худо шуморо аз ғуломии гуноҳ озод кард, ва Ӯ мехоҳад, ки шуморо ба назди Худ биёрад. Оё аксар вақт шумо шикояту нола мекунед? Оё дар баробари ин шумо саҳв накардаед, ки *чиро* ё *Киро* аз Худованд мерос мегиред?

2. Дар ин боб мо чунин савол додем: "Барои чӣ инсоне, ки ҳамин қадар муҳаббат ва эҳтиромро нисбат ба худ эҳсос кардааст, ба ҳолате баргаштан мехоҳад, ки ӯро боре ба ғуломӣ оварда ва беқадру қимат гардонида буд?" Шумо ба ин савол чӣ ҷавоб медиҳед?

3. Дар ин боб дар бораи сӯҳбате, ки муаллиф зуд пас аз наҷот ёфтанаш бо Худо карда буд, нақл карда шуд. Ҳангоми сӯҳбат бо муаллиф Худо гуфт, ки Ӯ одамонро хеле зиёд қадр мекунад. Чӣ тавр фаҳмиши шумо оиди шарафу эътибори баланди худ дар Худо ҳаёти шумо ва муносибати шуморо нисбат ба он дигаргун месозад?

Боби 3

# ТАШНАГИИ ХУДРО НИГОҲ ДОР

Мо ба он чиз ташна мешавем, ки бо он моро ғизо медиҳанд.

Пеш аз он ки одами наҷотнаёфта ба ҷустуҷӯи Худои зинда сар мекунад, Худи Худованд бояд ӯро ба назди Худаш даъват кунад. А. У. Тозер менависад: “Пеш аз он ки ба майнаи одами гуноҳкор оиди Худо фикри дуруст ояд, дар даруни ӯ бояд кори фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад” (*The Pursuit of God*, p. 11). Худи Исо гуфтааст: “Ҳеҷ кас наметавонад назди Ман ояд, магар ин ки Падаре ки Маро фиристод, вайро ҷалб кунад” (Юҳан. 6:44). Ана барои ҳамин дар ҳаққи одамоне, ки ба воситаи Исои Масеҳ бо Худо муносибат надоранд, шафоатхоҳӣ кардан хеле зарур аст. Худо “мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд ва ба дониши ростӣ бирасанд” (1 Тим. 2:4), ва дар тӯли тамоми таърих Ӯ барои ноил шудан ба ин мақсад ҳама корҳоро анҷом медиҳад. Аммо бо вуҷуди

ин Ӯ мехоҳад, ки фарзандонаш низ нисбат ба гумроҳон раҳмдил бошанд ва барои наҷоти одамон ба Ӯ тазаррӯъ кунанд. Бинобар ин ҳам Исо мегӯяд: “Дарав бисёр аст, лекин коргарон кам; пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед, ки ба дарави Худ коргар фиристонад” (Мат. 9:37,38).

## Наздикшавӣ ба Худо

Аз рӯзе, ки мо ба воситаи ваҳйи Исои Масеҳ наҷот ёфтем, мо даъвати доимо амалкунанда дорем. Худо ба мо мегӯяд, ки фарзандонаш ба Ӯ наздик шаванд. Худо аллакай қадами аввалини Худро ба сӯи мо гузоштааст, то ки мо ин даъвати дар абадият амалкунандаро бигирем. Буттаи фурӯзон аланга заданро давом медиҳад, ва Ӯ шуморо бо номатон мехонад, ва Ӯ аллакай аз қаиқ баромад! Акнун Ӯ ҷавоби шуморо интизор аст!

Ба наздикӣ як шахси имондор ба ман чунин гуфт: “Ҷон, чи қадаре ки ман дар дунё умр ба сар мебарам ва ба Худо хизмат мекунам, ҳамон қадар бештар дарк менамоям, ки наздикшавии мо ба Ӯ аз Худи Ӯ вобаста аст”.

Ман бо ӯ розӣ нашудам: “Не, ин фаҳмиши нодуруст аст”.

Он гоҳ ӯ суханони Исоро оиди он, ки ҳеҷ кас ба назди Ӯ намеояд, магар ин ки Падари Ӯ вайро ҷалб кунад, мисол овард.

Ман ҷавоб додам: “Бале, аммо ин ҳақиқат танҳо ба беимонҳо дахл дорад. Худо мегӯяд, ки шумо акнун фарзанди Ӯ ҳастед ва дар асоси ин шуморо даъват мекунад, ки ба Ӯ наздик шавед, ва он гоҳ Ӯ низ ба шумо наздик мешавад. Ӯ комилан возеҳ изҳор мекунад, ки мо дар лаҳзаи дилхоҳ ин қадамро гузошта метавонем”.

Бале, вазъиятҳое буда метавонанд, ки Ӯ бо мо вохӯрдан

мехоҳад ва Худи Ӯ ташаббускори ин гуна вохӯрӣ мегардад. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо ташаббускори вохӯрӣ бо Худованд гардида наметавонем ё набояд гардем. Мо бо Ӯ муносибат дорем, ва айнан чуноне ки дар муносибатҳои падару писар рӯй медиҳад, гоҳе фарзанд аввалин шуда бо падар вохӯрӣ ташкил мекунад, ва вақтҳое мешаванд, ки падар ташаббускори чунин вохӯрӣ мегардад.

## Барои чӣ на ҳамаи одамон ба даъвати Ӯ посух медиҳанд?

Саволи ақлнорас: Барои чӣ ин қадар имондорони зиёд бо Худо муносибатҳои рӯякӣ, на чандон чуқур доранд? Барои чӣ онҳо барои барқарор кардани муносибатҳои наздиктар ва мақсадноктар бо Ӯ шавқманд нестанд? Чӣ ба онҳо халал мерасонад? Чӣ қалби ин гуна одамонро бедор карда метавонад ва онҳоро водор месозад, ки ба даъвати наздикшавӣ ба Ӯ эътино кунанд? Ба ин савол ҷавоб додан хеле осон аст: ҳама гап дар ташнагии мо ва хоҳиши шинохтани Ӯ аст. Довуд хитоб карда буд:

> Ҷонам ташнаи Худост, ташнаи Худои Ҳай: кай омада, пеши Худо ҳозир мешавам? Ашкҳоям рӯзу шаб нони ман буд, вақте ки ҳар рӯз ба ман мегуфтанд: “Худои ту куҷост?” Инро ба хотир оварда, ҷонам андаруни ман ба ҳаяҷон меояд (Заб. 41:3-5).

Пеш аз он ки хондани ин китобро давом диҳед, бори дигар ин сатрҳоро хонед ва дар бораи ҳар як калима андеша кунед. Диққат диҳед, Довуд гуфтааст: “Инро *ба хотир оварда,* ҷонам андаруни ман ба ҳаяҷон меояд”. Калимаи ибронӣ, ки ба хотир оварданро мефаҳмонад, ин

*zakar* аст. У. И. Вайн мегӯяд, ки калимаи юнонӣ айнан мисли синоними ибронии он, танҳо аз як ёдоварӣ дида, бештар чизро мефаҳмонад. Он маънои “дар хотир ҳифз кардани ин фикрҳо”-ро дорад. Маҳз ҳамин маъно дар ин сатрҳо ифода ёфтаанд. Дар асл Довуд мегӯяд: “Вақте ки ман *хоҳишҳои худро оид ба Худо дар хотирам нигоҳ медорам,* ман дар назди Ту дили худро холӣ мекунам”. Маҳз ҳамин гуна усул моро ба ташнагии бепоён нисбат ба Худо оварда мерасонад. Ин гуна ташнагӣ моро водор мекунад, ки ба Ӯ наздик шавем, ва муҳим нест, ки мо бо чӣ гуна монеаҳо рӯ ба рӯ мешавем – рӯҳонӣ, ё ақлонӣ ва ё ҷисмонӣ. Бинобар ин хеле зарур аст, ки ташнагиамонро нисбат ба Ӯ  нигоҳ дорем ва зиёд гардонем!

## Худовандо, ташнагии маро афзун кун

Бисёриҳо ин тавр дуо мекунанд: “Худовандо, ташнагии маро нисбат ба Худат афзун кун!” Аммо ба ҳар ҳол ин дуои нодуруст аст. Танҳо худи мо, на Худо, дараҷаи ташнагии худро муайян мекунем. Дар Амрико мо миқдори азими боигариҳои моддӣ дорем, дар атрофи мо имкониятҳои зиёди димоғчоқӣ кардан, лаззат бурдан ва пул кор кардан мавҷуд мебошанд. Мо ташнагии худро танҳо бо як роҳ ба вуҷуд оварда ва нигоҳ дошта метавонем – ҷони худро ҳифз карда ва он чизҳоеро, ки бо онҳо ҷонамонро ғизо медиҳем, бошуурона интихоб карда. Дар Масалҳо (27:7) гуфта шудааст: “Ҷони сер аз шаҳд ҳам нафрат мекунад, вале барои ҷони гурусна ҳар талхӣ ширин аст”. Ба таври оддӣ гӯем, агар қалби шумо аз ташвишҳо пур, ба лаззатҳо кашол, ба сарват ва ҳавасҳое, ки ба ин дунё хос аст, моил бошад, шумо сер мешавед ва шаҳдҳои ширини муносибат бо Худоро поймол мекунед.

Рӯзи шукргузориро ба хотир оред. Қисми зиёди

амрикоиҳо барои ҷашн гирифтани ин ид бо оила ва дӯстон дар якҷо ҷамъ мешаванд. Бисёриҳо наҳорӣ намекунанд, то наздик ба вақте, ки дастархони идона ороста мешавад, иштиҳои онҳо пурзӯр шавад. Зиёфат сар мешавад. Мурғи марҷонро бо пуркардаҳои гуногун, картошкаи ширин, сабзавотҳо, қайлаи клюквагӣ, пирогҳо ва ғайраро ба назди меҳмонон меоранд. Мо ба андозаи зиёд хӯрок мехӯрем, чунки то ин дам иштиҳоямонро пурзӯр мегардонем. Пас аз зиёфат мо оҳу нола мекунем, чунки хеле зиёд хӯрдаем. Мо сер ҳастем! Сипас бо гузашти як-ду соат мо ба хонаи аъзои дигари оила меравем. Боз ба дастархон бо тамоми зебоӣ таомҳои болаззат ва серғизо гузошта мешаванд. Ин дафъа хӯрок барои мо – ин хӯроки мазахӯрак мешавад, аммо ба ҷои ҳаловат мо нороҳат шуда, аз хӯрок рӯй мегардонем. Мо ҳоло ҳам аз хӯроки нисфирӯзӣ сер ҳастем, ва ба дастархон танҳо як назар андохта, мефаҳмем, ки мо акнун дигар ҳеҷ чиз хӯрда наметавонем. Акнун ба мо фарқ надорад, ки хӯрок назар ба хонаи аввалин бомазатар ва дабдабноктар аст, мо воқеан ба он бепарвоёна нигоҳ мекунем. Дар ояте, ки аз Китоби Масалҳо оварда шуд, маҳз дар ҳамин бора гуфта шудааст.

Барои пурра ошкор кардани ин ҳақиқат, мо бояд иқрор шавем, ки ҳама гап дар таносуб аст. Агар ҷони шумо аз ҳавасҳои ин ҷаҳон дилгир бошад, шумо, эҳтимол, зиёфатро поймол намекунед, вале ба он саҳлангорона муносибат мекунед. Азбаски шумо аллакай як-ду соат пештар каме хӯрок хӯрдаед, гуруснагиро ҳис намекунед, пас акнун, дар сари дастархон, шумо аз хӯрок рӯй намегардонед, балки андаке мехӯред ё тамоман чизе намехӯред. Ҳангоми сафар дар ягон шаҳр, агар маро ба тарабхона таклиф кунанд, ман боадабона рад мекунам, чунки чанд соат пештар ман хӯрок хӯрдаам, пас гурусна нестам. Дар баробари ин, чуноне ки

мисоли Рӯзи шукргузориро тасвир кардам, андеша оиди хӯрок маро дилбеҳузур намекунад, фақат ин ки ман хӯрдан намехоҳам. Аммо ба ин таклиф шахсе, ки ду ё се рӯз чизе нахӯрдааст, тамоман дигар хел муносибат мекунад. Ин гуна одам ба хӯроке, ки шумо бепарвоёна нигоҳ мекунед, бо хоҳиши зиёд дармеафтад. Хулоса, ҳақиқат аз он иборат аст, ки шумо ба даъвати Ӯ вобаста ба дараҷаи сершавии шумо аз чизҳои ин ҷаҳон ҷавоб медиҳед.

Аксар вақт одамон дар калисо ба чизҳои Худо бепарвоёна муносибат мекунанд. Албатта, бештари онҳо ба ҳузури Ӯ бепарвоӣ намекунанд, аммо дар муқоиса бо одами гурусна онҳо ба дастархони пурнозу неъмат тавре нигоҳ мекунанд, ки гӯё он як чизи оддӣ ё маъмулӣ бошад. Ҳама гап дар он аст, ки онҳо чанд соат пеш аз ин аллакай аз “хӯроки” дастархони дунёвӣ сер шудаанд, ва акнун худро пурра қаноатманд ҳис мекунанд. Ман мешунавам, ки чӣ тавр онҳо оиди хоҳишҳои наздикшавии худ ба Ӯ ҳарф мезананд, аммо амали онҳо аз суханонашон баландтар садо медиҳанд. Шумо ин китобро ба даст гирифтед, зеро мехоҳед, ки Ӯро боз ҳам бештар шиносед (ва ман ба ин бовар дорам), аммо ҷони шумо бо иштиёқмандӣ ба сӯи Ӯ мешитобад? Оё шумо ба шахсе монанд ҳастед, ки ду ё се рӯз чизе нахӯрдааст ва нанӯшидааст? Маҳз ҳамин гуна гуруснагӣ ва ташнагиро мо бояд эҳсос кунем, то ки муштоқи Худо гардем.

## Калисои бепарво

Суханони Исоро, ки дар Китоби Ваҳй ба калисои охирин гуфта шудааст, бодиққатона омӯхта, шумо як ҳақиқати аҷиберо мушоҳида мекунед. Аввалан, дар ёд дошта бошед, ки Исо фармоиш дод, ки номаҳоро ба ҳафт калисои Осиё

бифиристанд, аммо ин номаҳо на танҳо ба ҳамон калисоҳое, ки воқеан дар таърих вуҷуд доштанд, таъин шуда буданд, балки барои ҳамаи мо, вагарна онҳо дар Навиштаи Муқаддас оварда намешуданд. Худи далели он, ки онҳо дар Китоби Муқаддас ҷой дода шудаанд, маънои онро дорад, ки онҳо аҳамияти нубуввати доранд ё чун пештара ба мо имрӯз ҳам гап мезананд.

Номаҳои нубувватиро аксар вақт дар муносибатҳо, маъноҳо ва вазъиятҳои гуногун ба кор мебаранд. Нома ба ҳар як калисо на танҳо барои мо имрӯз аҳамиятнок аст, балки, шояд, он дар охири Китоби Муқаддас барои он пайдо шудааст, ки дар арафаи бозгашти Ӯ он ба калисо бевосита дахл дорад. Дар ин чиз маънои муайяне ҳаст, зеро дар охири ин нома Юҳанно мегӯяд: «Баъд аз ин ман назар андохтам, ва инак, даре бар осмон кушода шуд, ва он овози пештара, ки ҳамчун садои *карнай* шунида будам, ки бо ман сухан меронд, гуфт: "Ба ин ҷо сууд намо, то он чиро, ки баъд аз ин бояд ба вуқӯъ ояд, ба ту нишон диҳам"» (Ваҳй 4:1, курсиви муаллиф). Ба калимаи "карнай" аҳамият диҳед. Мо медонем, ки дар замонҳои охир Худи Худованд барои мансубони Худ меояд, "бо садои фариштаи муқарраб ва *карнаи* Худо, аз осмон нузул хоҳад кард" (1 Тас. 4:16,17, курсиви муаллиф). Ман фикр мекунам, ки дар ин паём диққати махсус ба даврае равона карда шудааст, ки мо дар он мо зиндагӣ дорем.

Исо дар паём изҳор дошт, ки калисо дар ҳолати хоби рӯҳонӣ қарор дорад. Бо забони ҳозира гӯем, ба онҳо ҷидду ҷаҳд намерасид, онҳо ба он чизе, ки барои Исо хеле муҳим буд, бепарвоёна нигоҳ мекарданд. Онҳо барои писанд омадан ба Ӯ роҳҳои худро на ҳама вақт дигар мекарданд. Аммо онҳо барои чӣ ин тавр рафтор мекарданд? Дар ёд дошта бошед, ки ин калисоро калисои қалбакие, ки Худо

эътироф намекунад, ҳисобидан дуруст нест, зеро Худи Исо ин одамонро эътироф мекунад. Ҷавоб ба ин савол аз муносибати онҳо ба ҳаёт иборат аст. Исо мегӯяд: «Зеро ки ту мегӯӣ: "Ман сарватдор ҳастам, сарват ғун кардаам ва ба ҳеҷ чиз эҳтиёҷ надорам"» (Ваҳй 3:17). Ин суханон дар бораи он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо ҷидду ҷаҳд надоранд, чунки онҳо оромии қалбонӣ пайдо карданд, вале, мутаассифона, на дар Ӯ, балки дар чизҳои ин дунё.

## Ташхиси рӯякӣ

Баъзе одамон шояд гумон кунанд, ки мушкилӣ дар он калисо аз боиси сарвати хеле бисёр ё аз дилбастагӣ ба чизҳои моддӣ сар задааст. Ин дар беҳтарин ҳолат хеле фаҳмиши рӯякии он чиз аст, ки Исо гуфта буд. Агар ба ҳаёти Довуд нигоҳ кунем, мебинем, ки ӯ дорои сарвати беҳисоб ва соҳиби шумораи зиёди хизматгорон буд. Ӯ ба писараш Сулаймон "сад ҳазор киккар тилло ва ҳазор ҳазор киккар нуқра тайёр карда, ва он қадар мис ва оҳан, ки вазнаш маълум нест", дода буд (1 Вақ. 22:14). Аммо, ба Худо муроҷиат карда ва дар бораи худ ҳарф зада, ӯ гуфт: "Гӯши худро, эй Худованд, хам карда, маро иҷобат намо, *зеро ки ман мискин ва камбағалам"* (Заб. 85:1, курсиви муаллиф).

Ӯ худашро мискин ва камбағал мехонад! Акнун мо медонем, ки ҳама чизро дуруст гуфта буд, чунки агар илҳоми осмонӣ гиред, фиреб хӯрдан ғайриимкон аст. Ӯ воқеан худро мискин ва камбағал медид, гарчанде ки дар махзанҳои ӯ тӯдаҳои нуқра нигоҳ дошта мешуданд! Ӯ ба Худи Худо эҳтиёҷ дошт, ва ин эҳтиёҷ аз он сабаб пайдо шуда буд, ки ба Худо ташна буд. Бори дигар нидои ӯро бишнавед: "Ҷонам ташнаи Худост, ташнаи Худои Ҳай..." Ӯ хеле сахт ба шунидани ҷавоби

Худо саъй мекунад! Ӯ сахт ба Ӯ наздик шудан мехоҳад! Ана ҷидду ҷаҳди ӯ аз куҷо пайдо мешавад: «Ашкҳоям рӯзу шаб нони ман буд, вақте ки ҳар рӯз ба ман мегуфтанд: “Худои ту куҷост?”» (Заб. 41:3,4).

Мушкилии аъзои калисои Лудкия на аз худи чизҳои моддии дунё иборат буд, балки, аниқтараш, онҳо ба дунёи моддӣ имкон доданд, ки ташнагии ҷони онҳоро қонеъ гардонад. Довуд ҳеҷ гоҳ инро ба худ раво намедид. Ӯ ҳеҷ гоҳ иҷозат намедод, ки сарват ҷони гуруснаи ӯро сер гардонад. Дурусттараш, аъзои ин калисо назар ба Довуд сарвати камтар доштанд, аммо онҳо бо он чизе, ки доштанд, сер шуда ва дар он қаноатмандӣ пайдо карда буданд. Ин чиз иштиёқи онҳоро нисбат ба ҳузури Худо ва мушоракат бо Ӯ хомӯш гардонида буд.

## Тазоди комил

Дар давоми бист соли охир ман ин гуна тасвирро зуд-зуд дидаам. Дар хотир дорам, боре ман ба назди қабилаи ҳиндуёни кри ба Канадаи шимолӣ сафар кардам. Ин охирин қабилаи ҳиндуён дар Амрикои Шимолӣ буд, ки дар резерватсия зиндагӣ мекарданд. Дар асл, ҳамагӣ бист сол пеш аз воқеаҳои баёншуда ин одамони наҷиб шоҳгавазнҳои ҳиҷраткунандаро пайгирӣ карда, дар каппаҳо зиндагӣ мекарданд. Онҳо ҳамагӣ дар даҳ соли охир дар иқоматгоҳҳои оддии худ телевизорҳо насб мекардагӣ шуданд.

Ба ҷамъомад қариб ҳазор нафар одамон омаданд. Ман дар он ҷо чанд рӯз сокин шудам ва як чизи аҷибро мушоҳида кардам. Қариб ҳамаи одамони болотар аз бистсола нисбат ба Худо ташнагии ҳайратовар доштанд. Ҷидду ҷаҳди онҳо назар ба бештари одамон дар Амрикои Шимолӣ хеле зиёдтар буд. Онҳо барои шинохти Худо хоҳиши пурҳарорати худро

зоҳир мекарданд. Аммо ҷавонони аз бистсола поён бепарво буданд, ва чуноне ки маълум буд, ҳеҷ гуна гуруснагии рӯҳонӣ ҳис намекарданд.

Дар яке аз ҷамъомадҳо ҳангоми таълим ва мавъиза тадҳин хеле қавӣ буд. Одамон дар хаймаи калон нишаста, ҳама чизеро, ки гуфта мешуд, аз таҳти дил қабул мекарданд. Ногаҳон ман дар паси хайма ва назди он ҷавононеро мушоҳида кардам, ки аз қиёфаашон дилтангӣ ва бепарвоӣ намоён буд. Ман медонам, ҳолатҳое ҳастанд, ки мавъиза воқеан дилгиркунанда мешавад, вале он дафъа ин тавр набуд. Худи ман ҳангоми мавъизаи Каломи Худо таъсири пурқуввват ва ғайриоддии Рӯҳулқудсро ҳис кардам. Ва ногаҳон, ба он сарфаҳм нарафта, кӣ чӣ рӯй дод, ман аз паҳлӯи одамоне, ки ба Худо ташнагӣ доштанд, гузашта, ба самти ҷавононе, ки дар назди хайма меистоданд, давидам. Ман аз онҳо хоҳиш кардам, ки ба хайма даромада, мавъизаро гӯш кунанд. Онҳо ба ман нигоҳ карданд, гӯё ки ман девонае ҳастам ва аз ҳаёти воқеӣ чизеро дарк намекунам.

Ва танҳо он гоҳ  ман футболка ва бейсболкаи онҳоро мушоҳида кардам. Зоҳиран, чизҳое, ки дар онҳо навишта шуда буданд, ба таври хеле равшан диққати маро ба худ ҷалб карданд. Рӯҳулқудс ба ман нишон дод, ки онҳо аз иттилооте, ки ҳар рӯз аз тариқи телевизион пахш карда мешуд, пур ва заҳролуд шуда буданд. Мутаассифона, онҳо ташнагии худро бо он қонеъ карда буданд, ки барояшон ҳеҷ манфиате намеовард! Ва он гоҳ ман ба хотир овардам, ки насли калонсол бе телевизор ба воя расидааст. Ин фаҳмиш ба ҳайронии ман оиди ин гуна аксуламали гуногуни одамони синну солашон то бист ва беш аз он ҷавобе гардид.

Лутфан, ба фаҳмидани чизе, ки ман гуфтан мехоҳам,

кӯшиш кунед. Телевизион барои инкишофу камолоти мо на ҳама вақт ҳалокатовар аст, ҳама гап дар он аст, ки чӣ тавр мо ба он муносибат мекунем. Акнун дар оилаи мо низ телевизор ҳаст, гарчанде дар давоми солҳои зиёди баъд аз тӯй он дар хонаи мо набуд. Бисёр барномаҳои телевизионӣ ба мо лаззату ҳаловат мебахшанд. Ман маҳз ба туфайли телевизор аз воқеаҳои ҷаҳон хабардор мешавам. Аммо телевизор эҳтиёҷоту ниёзҳои маро қонеъ намегардонад. Он ба иштиёқи ман табдил наёфтааст. Ман онро тамошо кунам ҳам, ташнагии ман нисбат ба Худо кам намегардад, ва мушоракати ман бо Рӯҳулқудс давом мекунад. Ба камбағалии рӯҳонии худ нигоҳ накарда, он ҷавонон ба чизе, ки бефоида аст, имкон доданд, ки иштиҳои онҳоро қонеъ гардонад.

Зуд баъд аз ҳамон сафар ман ба қисми шимолу шарқии Иёлоти Муттаҳида раҳсипор шудам. Аз ман хоҳиш карданд, ки бегоҳии рӯзи ҷумъа мавъиза кунам. Ба ҷамъомад тамоми калисоро даъват карданд, ва, мутааҷҷибона, ман дидам, ки аз ҳафтсад нафари ҳозиршуда қариб панҷсад нафарашон наврасон буданд. Пас аз аз ҷамъомад даҳҳо ҷавонон маро иҳота карда, оид ба мавзӯъҳои рӯҳонӣ саволҳо медоданд. Вақт ба нисфи шаб наздик мешуд. Мо пас аз ҷамъомад доир ба мавзӯъҳои Худо вақти зиёд сӯҳбат кардем. Ниҳоят, ман гуфтам: “Ин чӣ қадар ба ман маъқул аст! Ҳамаи шумоён ба Худо ин қадар ташнагӣ доред!”

Бачаҳо маро ба хӯроки нисфирӯзӣ таклиф карданд, то ки фардои ҳамон рӯз пеш аз бозгашт бо онҳо дар сари дастархон вақт гузаронам. Ман хоҳиши онҳоро рад карда наметавонистам, ва онҳо дар тарабхонае толори калонро ба иҷора гирифтанд, ва дар он ҷо сӯҳбати мо идома ёфт. Ман ба тааҷҷуб афтодам ва хурсанд шудам. Дар байни наврасони ин минтақа ва шимол фарқи калон мавҷуд буд, ғайр аз

ин ҷавонон ва одамони некӯаҳволи шимолу шарқӣ назар ба ҳамсолони ҳинду ташнагии бештар доштанд, гарчанде ҷавонони ҳинду дорои неъматҳои хеле камтари моддӣ буданд.

Дар калисои шимолу шарқӣ одамони насли калонсол он ҷидду ҷаҳдеро, ки наврасон доштанд, зоҳир накарданд. Барои чӣ онҳо ба назди ман бо саволҳо наомаданд? Барои чӣ дар ҷамъомад наврасон аз намояндагони дигар категорияҳои синну сол бештар буданд? Фикр мекунам, ки қалби одамони калонсолро ташвишҳо ва ҳаловатҳои дунявӣ пахш карда буданд. Албатта, Худо як қисми ҳаёти онҳо буд, аммо на бо иштиёқ, гарчанде онҳо ҳукмронии Исоро дар ҳаёти худ эътироф ҳам мекарданд.

Баъд аз вохӯрӣ ҳам бо шубони калонсолон ва ҳам бо шубони ҷавонон ман фаҳмидам, ки ҳам шубони калонсолон ва ҳам шубони ҷавонон худро дар ҳаёти шогирдони худ ифода кардаанд. Ояте аз Китоби Ҳушаъ барои ман айнан зинда шуд: “Ва қисмати коҳин мисли қавм хоҳад буд” (Ҳуш. 4:9). Агар иштиёқи шубон кам бошад, пас қавм ҳам фориғбол мешавад. Худо ба воситаи шубони ҷавонон, ки шавқи рӯъё дошт ва боғайрат буд, фаъолона амал мекард, ва ҳоло ӯ аллакай дар шаҳри дигар пурмаҳсул ва боқудратона хидмат мекунад.

## Дору барои бепарвоӣ дар калисо

Исо дар паёми Худ ба калисоҳои Осиё маҳз дар бораи ҳамин бепарвоӣ, ки аксар вақт дар калисо вомехӯрад, гуфта буд. Ба суханони Ӯ гӯш кунед:

> “Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада, бо ӯ таоми шом хоҳам хӯрд, ва ӯ бо Ман” (Ваҳй 3:20).

Ман ҳайрон мешавам, ки бисёр вақт ходимон ин оятро ҳамчун даъват ба беимонҳо истифода мебаранд, аммо Исо дар ин ҷо комилан дар бораи чизҳои дигар сухан меронад. Ӯ ба Калисо ҳарф мезанд, ба имондороне муроҷиат мекунад, ки шавқу рағбат надоранд. Ба суханони Ӯ диққат диҳед: “Агар касе овози Маро шунида...” Ба мо барои шунидан чӣ халал мерасонад? Худоро ҷони сершуда шунида наметавонад. Худо Мӯсоро ба биёбон, ба ҷои дур аз димоғчоқию ҳаловатҳои Миср, фиристод, то ки диққати ӯ ба чизи дигар моил нашавад. Дар худи вохӯрии аввалин Худо дар Мӯсо шавқу рағбатро нисбат ба Худаш бедор кард, ва дигар ҳеҷ гоҳ Мӯсо аз Ӯ новобаста ба макон дур нашуд – ва ҳатто вақте, ки ӯ маҷбур шуд, то ба Миср баргардад!

Исо гуфт, ки агар касе овози Ӯро бишнавад ва дари қалби худро кушояд, Ӯ ворид мешавад ва якҷоя бо он шахс таоми шом мехӯрад. Ӯ ба қалби мо “нони ҳаёт” медиҳад – зеро Худи Ӯ Нони ҳаёт аст. Мо дар яке аз тарҷумаҳои Китоби Муқаддаси англисӣ мехонем: “Агар ту даъвати Маро бипазирӣ ва дарро воз кунӣ, Ман ворид мешавам, ва мо ҳамчун дӯстон якҷоя таом мехӯрем”. Ба ман ин гуна тавзеҳ маъқул аст, чунки дар замонҳои пешин, ба андозаи зиёд назар ба имрӯз, бо шахси дигар якҷоя таом хӯрдан зинаи олии қаробати байниҳамдигарии одамонро нишон медод.

Ҳангоми сафарҳоям ба ман маъқул аст, ки бо роҳбари анҷуман ё шубоне, ки маро таклиф кардааст, якҷоя таоми нисфирӯзӣ хӯрам, зеро дар вақти ин гуна сӯҳбатҳо мо имкон меёбем, ки бо ҳамдигар аз наздик шинос шавем. Дар сари дастархон, назар ба шароитҳои дигар, дар байни ҳамдигар табодули афкори рӯҳонӣ ба амал меояд. Ана барои ҳамин Павлус бо шахсе, ки худро имондор вонамуд мекунаду аммо дар гуноҳ мезияд, якҷоя хӯрок хӯрданро манъ мекунад (ниг. 1

Қӯр. 5:11). Дар сари дастархон мо қалбамонро мекушоем ва ба одам наздик мешавем, ва агар чунин шахс дар муносибат ба Худо дар беитоатии ошкоро зиндагӣ кунад, он гоҳ табодули афкор аз лиҳози рӯҳонӣ носолим мегардад.

## Мо ба он чиз ташна мешавем, ки аз он ғизо мегирем

Ташнагӣ – ин шарти муҳим дар муайян кардани он, ки мо ба Худо наздик шудан мехоҳем ё не. Бинобар ин, на Худо, балки мо бояд иштиҳои худро назорат кунем. Савол чунин аст: мо дар худ чӣ гуна ташнагӣ ва чӣ гуна мақсаднокиро ривоҷ медиҳем? Танҳо як принсипи рӯҳонӣ вуҷуд дорад, ки ҳеҷ гоҳ дигар намешавад.

*Мо ба он чиз ташна мешавем, ки аз он ғизо мегирем.*

Ман дар соли 1979, вақте ки дар коллеҷ таҳсил мекардам, аз олами боло таваллуд шудаам. Боре дар вақти шом ман барои хӯрдани чизе ба ошхона ворид шудам, ки ногаҳон Худованд ба ман гуфт: “Бадани ту – ин маъбади Ман, эҳтиёт бош, онро ҳифз кун!”

Дар он вақт ман асосан нони хушк мехӯрдам, ва он ба ман хеле маъқул буд. Ман танҳо ба он хотир ғизоеро, ки саломатӣ намебахшид, мехӯрдам, ки ҳамту ба ман маъқул буд. Ман хеле бисёр лимонад менӯшидам, зиёд ширинӣ мехӯрдам, ба экспресс-ошхонаҳо медаромадам, кулчаҳо, намудҳои гуногуни хӯрокҳои серравған, таомҳои хамирин ва ғайра мехӯрдам. Ман ба ҳар гуна хӯроки носолим даст дароз мекардам, ва он иштиҳои маро хушнуд мекард. Идеали хӯроки бомазаи ман биг-мак, кока-кола ва картошкабирён буд.

Вақте ки Худо ба ман инро гуфт, ман фаҳмидам, ки бадани

ман сохтори мураккаби сукунатӣ дорад ва дар он Рӯҳи Худо сокин аст, чуноне ки рӯҳи худам низ. Ба майнаи ман фикре омад, ки агар ман мошини қимат дошта бошам, ҳеҷ гоҳ онро бо сӯзишвории арзон пур намекунам. Ман сӯзишвории аз ҳама беҳтаринро истифода мебарам, то ки он ҳар чӣ беҳтару бештар кор кунад. Ман фикр кардам, ки фақат як бадан дорам, ки бо дигар бадан иваз карда намешавад, гарчанде мошини аз ҳама қиматтаринро дар вақти дилхоҳ иваз кардан мумкин аст. Ман зуд дилбастагии худро ба навъи баъзе ғизоҳо дигар кардам. Ман ба хондани адабиёти махсус шурӯъ намудам ва ба пурсуҷӯҳо оғоз кардам, то бидонам, ки барои дуруст кор кардани бадан, барои инкишоф додани потенсиал ва умри дароз чӣ кор кардан лозим аст. Ҳамаи ин чизҳо якбора рӯй надоданд, вале пас аз чанд сол тамоми одатҳои ман нисбат ба хӯрок ва нӯшокӣ ба таври қатъӣ дигар шуданд.

Ин хеле хуб буд, аммо дар ҳамаи ин боз як афзалият вуҷуд дошт, ки ман пайхас намекардам. Вақте ки ман акнун ба хӯрдани ғизои солим шурӯъ кардам, ба ман таъми он маъқул намешуд, аммо ман ба ҳар ҳол онро мехӯрдам, чунки ин барои ман фоиданок буд. Аммо бо мурури вақт табъу завқи ман низ иваз шуд. Агар ба ман пештар имкони интихоб кардан медоданд, ки салати сабзавот бо моҳӣ мехоҳам ё бутерброд аз Макдоналдс, ман як лаҳза ҳам фикр накарда, салат бо моҳиро рад мекардам ва бутербродро ба даст мегирифтам. Аммо имрӯз дар ҷавоб ба ин гуна пешниҳод, ман бе таассуф хӯроки носолимро рад карда, ғизои солимро интихоб мекунам. Аслан, ҳангоми сафарҳои бисёр, агар ба ман танҳо хӯришҳои носолимро пешниҳод кунанд, ман гурусна монданро авло медонам. Назар ба он ки ғизои пештар писандидаамро хӯрам, ман беҳтараш гурусна мемонам. Ман комилан иштиҳо ё хоҳиши фурӯ бурдани он

ғизоро надорам. Он акнун ба ман маъқул нест!

Ҳамин гуна принсип дар робита бо ҷонҳои мо кор мекунад. Ҷонҳои мо он чиро талаб мекунанд, ки бо он мо ҷонҳоямонро ғизо медиҳем. Агар мо доимо ба варзиш машғул шавем, шабакаи телевизионии варзишро тамошо мекунем. Агар мо ҳамеша филмҳо тамошо кунем ва ба мо ғайбатҳои ҳолливудӣ маъқул бошад, пас мо кинофилмҳо тамошо мекунем, маҷаллаҳо мехарем ва дар бораи мавзӯъҳое гап мезанем, ки иштиҳои моро қонеъ мегардонанд. Агар мо дар хонаи худ, дар мошинҳо, дар либос ва ғайра қаноатмандӣ ёбем, он гоҳ мо ҳангоми муҳокимаи харидҳоямон, мошини нав ё таъмир сахт лаззат мебарем, вале сӯҳбатҳо оиди мавзӯъҳои рӯҳонӣ ба мо дилгиркунанда метобанд. Ба мо хондани Китоби Муқаддас мушкил мешавад, ва мо бо дили нохоҳам дуо мекунем. Аммо агар мо худро барои ғизои рӯҳонӣ гирифтан аз Каломи Худо одат кунонем, ба мо вақт ҷудо кардан барои сӯҳбат бо Худо ва гуфтугӯҳо оиди мавзӯъҳои рӯҳонӣ осон мешавад, ва ҳамаи ин чизҳо ба осонӣ ва бе маҷбурӣ иҷро карда мешаванд. Иштиёқи мо ба Худо зиёд мешавад ва бо Ӯ наздик шудан мехоҳем.

## Чаправиҳои носолим

Ин одатҳои носолим аз ҳад гузашта метавонанд. Мо дар ҷисми физикӣ зиндагӣ мекунем. Бо мурури вақт мо ба истироҳат ва вақтхушии солим эҳтиёҷ пайдо мекунем. Вақте ки ман дар мактаби библиявӣ мехондам, ба ман лозим буд, ки ҳам таҳсил кунам ва ҳам кор кунам. Боре рафиқи ҳамхонаам маро ба бозии футбол бо дӯстон таклиф кард. Ман таклифро рад кардам, чунки ман бояд Навиштаҷотро

меомӯхтам. Ҳамон лаҳза ки ӯ рафт, ман Китоби Муқаддасро ба даст гирифтам ва ба хондану дуо кардан шурӯъ намудам, аммо чунин ба назар мерасид, ки ман дар назди дарҳои пӯшида истодаам. Ман Худоро намешунидам. Ба суханоне, ки мехондам, тамоман сарфаҳм намерафтам. Рафиқи ман аллакай як соат бо ман набуд, ва ман фарёд задам: "Худовандо, барои чӣ хондани Китоби Муқаддас ва шунидани овози Ту ба ман ин қадар мушкил аст? Сабабаш дар чист? Шояд ман нисбат ба Ту ягон кори номуносиб ё гуноҳ кардам?"

Дар ҷавоб ман шунидам: "Рафта, футболбозӣ кун".

Ман ба тааҷҷуб афтода, пурсидам: "Чӣ? Футболбозӣ кунам? Аммо футбол маро рӯҳан инкишоф намедиҳад ва маро ба Ту наздик намесозад! Чӣ тавр Ту ба ман чунин мегӯӣ?"

Худованд ба ман оятеро ишора кард, ки ногаҳон дар пеши чашмони ман зинда шуд: "Сохтани китобҳои бисёр интиҳо надорад, ва *тааммуқи бисёр азияти ҷисм аст"* (Воиз 12:12, курсиви муаллиф). Худо гуфт: "Писарам, ту дар ҷисми физикӣ зиндагӣ мекунӣ (ки як ҳиссааш майна аст), ва он ба навъҳои гуногуни истироҳат ниёз дорад. Агар ту ба ҷисми худ фароғат надиҳӣ, қобилияти худро барои шунидани Ман ва инкишофи рӯҳонии худро қатъ мегардонӣ". Сипас Ӯ ба ман нишон дод, ки чӣ тавр пас аз хидмат ба одамон Ӯ шогирдони Худро даъват кард, ки "шумо ба танҳоӣ ба ягон ҷои хилват биравед ва каме истироҳат кунед" (Марқ. 6:31).

Ман ба футболбозӣ рафтам. Баъдтар ҳамон рӯз, вақте ки ман ба машғулият сар кардам, Навиштаҷот ба ман кушода шуд, ва ҳангоме ки ба воситаи Каломи Худо бо Рӯҳулқудс сӯҳбат кардам, ман боз ҳаёти Худоро, ки ба вуҷуди ман мерехт, эҳсос намудам.

## Сахт серкор

Имрӯзҳо бисёриҳо вақти хеле зиёди худро ба машғулиятҳои гуногун ҷудо карда ва эҳтиёҷоти тану ҷони худро ба назар нагирифта, ҳамин тавр иштибоҳ мекунанд. Серкории мо – дузди калонтарине, ки ташнагии рӯҳониро аз мо медуздад. Бисёр имондорони самимӣ ба ин дом афтодаанд ва мушоракат бо Худоро ба тарзи ҳаёти серкор иваз кардаанд. Ба ин ҷо меҳнати ходимро, ки аз вай тамоми вақтро медуздад, дохил кардан мумкин аст.

Биёед саволи оддӣ медиҳем, ки барои равшан кардани вазъият ёрӣ медиҳад. Чаро мо бадани худро ғизо медиҳем? Умедворам, шумо чунин ҷавоб медиҳед, ки ин корро барои он мекунед, то ба ҷисми худ қуввату тавоноӣ бахшед. Оё мумкин аст, ки ғизо нахӯрда, сарбориҳои ҷиддиро ба дӯши худ гирем? Агар ба хотири санҷиш дар давоми якчанд рӯз мо истеъмол кардани ғизоро бас карда, бе истироҳат ва хоби иловагӣ соатҳои дароз кор кунем, бо мо чӣ ҳолат рӯй медиҳад? Дар ин бора каме андеша кунед. Рӯзе мо беқувват шуда, аз по меафтем.

Аммо айни ҳаминро мо сабукфикрона бо бадани рӯҳонии худ мекунем. Ва сабабе мавҷуд мебошад, ки чаро ин дар сатҳи рӯҳонӣ имконпазир ба назар мерасаду дар сатҳи ҷисмонӣ не. Агар мо кӯшиш кунем, ки як бору ду бор бе ғизо илоҷамонро ёбем, меъдаи мо ба шикоят сар мекунад. Бо гузашти вақт шикоят баландтару дард қавитар мегардад. Ҷисми шумо ба дод омада, ғизо талаб мекунад. Аммо рӯҳ дар бораи гуруснагии худ бо ин қувват фарёд намезанад. Баръакс. Овози одами ботинии мо оромтару оромтар мегардад. Сабаб аз он иборат аст, ки мо онро намешунавем. Рӯҳи мо заиф мешавад, ва ҷисмамон қавитар шуда, бар рӯҳ ҳукмронӣ мекунад.

Агар мо муддати дароз ғизо нахӯрем, иштиҳоямонро гум мекунем. Агар беш аз панҷ шабонарӯз нахӯрем, гуруснагии физикӣ азият додани одамро бас мекунад. Ғизо ҷаззобияти худро гум мекунад, ва аллакай пораи гӯшт дилкаш ба назар намерасад. Вақте ки иштиҳо баста мешавад, агар захираҳои дарунии шумо ба итмом расанд ва ҷараёни оҳиста мурдан сар шавад, он зуд пайдо намешавад.

Чуноне ки мушоҳида кардаам, агар ман иҷозат диҳам, ки корҳо маро аз мушоракат бо Худо дур кунанд, он гоҳ бо ман низ чунин ҳолат рӯй медиҳад. Дар аввал шавқи ман ба Навиштаҷот хомӯш мегардад, сипас хоҳиши ман барои дуо кардан суст мешавад. Агар ман танҳо баъзе вақт дуо кунам ё *Навишатҷотро* хонам, ман ҷараёни ҳаётро, ки тамоми вуҷуди маро фаро мегирад, ҳис намекунам. Китоби Муқаддас ба ман тавре гап намезанад, ки ҳангоми пайваста аз Каломи Худо ғизои рӯҳонӣ гирифтанам гап мезад. *Вақтҳое* буданд, ки ман бе ғизои ҷисмонӣ то гум шудани иштиҳоям тоқат карда метавонистам, ва барқарор кардани он танҳо дар он сурат имконпазир мешуд, ки барои хӯрдани чизе худро маҷбур созам. Алоқамандона ба иштиҳои рӯҳонӣ низ ин чиз дуруст аст. Ман Китоби Муқаддасро кушода, барои танбалӣ тавба мекунам, ва сипас бесаброна шунидани овози Худоро интизор мешавам. Ман то даме ки аз Ӯ посух нагирам, хонданро бас намекунам. Одатан барои ин андаке вақт лозим мешавад. Агар ман босаброна интизор шавам, Ӯ вафодор мемонад. Варианти дигари барқарор кардани мушоракати гумшуда аз хилватнишинии якрӯза ё дурӯза иборат мебошад, яъне ман тамоми фурсатро то ҳадде ба мутолиа ва дуогӯӣ мебахшам, ки худро пурра сершуда ҳис кунам.

## Термометри рӯҳонии шумо

Ин гуна интизомнокиро ҳамаи мо бояд риоя кунем. Аҳдшиканӣ на аз алоқаи мард бо зани бегона ва на аз майпарастӣ ё порнография сар мешавад. Он на аз беъэтиноӣ ба ҳамсар ё бераѓбатӣ дар тарбияи фарзандон сар мешавад. Он вақте рӯй медиҳад, ки чизҳои марбут ба Худо нею чизҳои дигар дар мо шавқу ҳаяҷонро ба вуҷуд меорад.

Ташнагӣ ба Худо – ин термометри рӯҳонии шумо. Манзараи ба ҳама маъмулиро тасаввур кунед. Вақте ки одам касал мешавад, дар навбати аввал бо вай чӣ рӯй медиҳад? Ӯ иштиҳои худро гум мекунад. Агар ҳарорати бадани одам баланд шавад, вай ҳеҷ чиз хӯрдан намехоҳад. Ба одамоне нигоҳ кунед, ки ба бемории марговар мубтало мебошанд. Вазни онҳо кам мешавад, ва лозим мегардад, ки ба онҳо маҳлулҳои ғизоноки дарунивенагӣ гузаронанд. Беморон ё иштиҳои бад доранд ё онро тамоман надоранд. Шумо, шояд, чунин ибораро шунидаед: “Иштиҳои ӯ хуб аст”. Айни ҳамин чизро оиди чизҳои рӯҳонӣ гуфтан мумкин аст – зеро аломати солимии рӯҳонӣ саъй кардан ба омӯзиши Каломи Худо аст. Аломати бемории рӯҳонӣ гум шудани иштиҳо ба чизҳои Худо мебошад.

Ман бо ходимоне вохӯрдаам, ки назар ба чизҳои алоқаманд ба Худо ва корҳои Ӯ, ба муҳокимаи барномаҳои сохтмонии худ, мошинҳои нав, дастаҳои варзишӣ ва ғайраҳо беандоза шавқ доранд. Ва вақте ки ту ба онҳо дар бораи Худованд ва кушоишҳои Ӯ, ки дар қалби ту ҷойгиранд, сухан меронӣ, онҳо чунон рафтор мекунанд, ки гӯё ту ба онҳо дар бораи ташриф овардан ба мағоза гап мезанӣ. Вақте сухан дар бораи хонаи наве меравад, ки ба наздикӣ сохтаанд, онҳо ба ҷӯш меоянд. Ман ин гуна шахсонро дар вақти парастиш

мушоҳида кардаам, онҳо ба атроф менигаранд, бо одамони дигар гап мезананд ё ба ҷои он, ки дастҳояшонро боло карда, ба Шахсе, ки барояшон бояд азиз маҳсуб мешуд, тамаркуз намоянд, сиёҳнависҳои мавъизаи худро аз назар мегузаронанд. Аммо ин масъалаи хеле мураккаб аст.

Ман мушоҳида кардаам, ки дар ин гуна калисоҳо ҳузури Худо мавҷуд нест. Вақте ки ман одамонро ба тавба ва наздикшавӣ ба Худо даъват мекунам, ба мо Рӯҳулқудс нозил мешавад, ва одамон аз ин дар ҳайрат мемонанд. Онҳо ба хотир меоранд, ки чӣ тавр аз Ӯ дур шуданд, ва ё ба ин мушкилӣ даст афшонда, чунин меҳисобанд, ки ин атои махсуси маҳз хидматгузории мо мебошад. Ҳатто баъзеҳо ба он чизҳое, ки дар ин гуна ҷамъомадҳо рӯй медиҳанд, зид мебароянд. Ба ҳар ҳол, агар онҳо ягон хоҳише дошта бошанд, ҳузури Худо боз ташнагиеро, ки онҳо пештар ба Ӯ доштанд, бедор мекунад.

Ишаъё мегӯяд: “Пилтаи катонии камнурро хомӯш нахоҳад кард” (Иш. 42:3). Ин ибора айнан хомӯш кардани пилтаи чароғро мефаҳмонад, дар ҳоле ки равған дар чароғ қариб тамом шудааст ва шӯъла ба оташаки хиратоб ва дуднок табдил меёбад. Бо ин тимсол ба мо дар бораи як чизе мегӯянд, ки суст, кӯчак, нозук, осебпазир ва ночиз аст. Худованд ангишти кӯрдудро хомӯш намекунад, балки онро бо шӯълаи нав фурӯзон месозад. Дар ёд дошта бошед, Ӯ ҳатто дар ҳоле, ки мо ба ангиштҳои кӯрдуд монанд мешавем, исроркорона моро пайгирӣ мекунад. Чӣ қадар беҳтар буда метавонад, агар мо ба Ӯ кӯмак намоем ва таваҷҷӯҳ кунем, зеро Ӯ Худро ба одам зӯран талқин намекунад.

Ман аксар вақт чунин воқеаро мушоҳида кардаам. Ман дидаам, ки чӣ тавр Худованд дар қалби бисёр ва бисёр одамон аз оташи қариб хомӯшшаванда алангаи наверо

фурӯзон мекунад. Ба ман доимо дар калисо ва анҷуманҳо нақл мекунанд, ки одамон, то даме ки оташи қалби онҳо фурӯзон нашуд ва хоҳиши ҷустани Худо тавлид нагардид, фаҳмида наметавонистанд, ки чӣ тавр онҳо сахт пешпо хӯрда, афтода буданд. Онҳо фаҳмиданд, ки қалби худро маҳфуз надоштанд ва иштиҳои худро, ки аломати солимии қалб аст, гум карданд.

## Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор

Ба мо маслиҳат медиҳанд: "Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор" (Мас. 4:23). Дигар ҳеҷ чизи муҳимтаре нест, ки ин тавр мебоист ҳифз, эҳтиёт ва ҳимоят кард! Вақте ки ман дар бораи ин фикр мекунам, ба хотир меорам, ки чӣ тавр одамон чизҳоеро, ки пурарзишу гаронбаҳо меҳисобанд, муҳофизат мекунанд. Мо ҳама сангҳои қиматбаҳоро дар витринаҳо аз паси шишаи касногузар дидаем. Витринаҳо бо воситаҳои сигналдиҳӣ, ки ба ҳар гуна ивазшавии фишор ва ҳарорат ҳассосона эътино мекунанд, ҳифз карда шудаанд ва дар ҳолати хавфнок шуоъҳои борики инфрасурх бонги хатарро ба вуҷуд оварда метавонанд, ва он гоҳ дарҳо ба таври автоматикӣ пӯшида мешаванд. Витринаро шуоъҳои лазерӣ муҳофизат мекунанд, ки ҳангоми бурида гузаштани онҳо фавран посбонҳои мусаллаҳ расида меоянд. Посбонон ин гуна чизҳои қиматбаҳоро ба таври шабонарӯзӣ, бе танаффус, нигоҳбонӣ мекунанд. Барои нигоҳубин ва бехатарии ин гуна чизҳои пурарзиш даҳҳо ҳазорҳо доллар сарф карда мешаванд.

Худо ба мо мегӯяд, ки ганҷи аз ҳама бебаҳотарин дар рӯи Замин – ин дилҳои мо. Вале бо вуҷуди ин имондорон

дили худро бо чизҳое пур месозанд, ки на танҳо фоида намеоранд, балки зарари калон мерасонанд. Гоҳо мо ҳама чизро, то даме ки он ба бадахлоқии ошкоро ё алфози қабеҳ мубаддал намешавад, беист тамошо мекунем. Мо рӯҳи ин дунёро, ки душмани Рӯҳулқудс аст, намешиносем. Ва, дарвоқеъ, дар ин масъала одамони ин дунё оқилонатар рафтор мекунанд, зеро онҳо чизеро, ки махсусан қимат мешуморанд, ғайратмандона ҳифз мекунанд. Имондорон бошанд, барои ҳифз кардани дилҳои худ аз ҳавою ҳавасҳое, ки ташнагии ба Худо доштаи онҳоро медуздад, ғамхорӣ накарда, дар роҳи зиндагӣ фориғболона қадам мезананд. Ин ташнагиро танҳо ягона Ӯ метавонад қонеъ гардонад ва мӯҳтоҷиҳои рӯҳонии моро ба таври ҳаққонӣ таъмин кунад.

Худованд "ҷони иштиёқмандро сер кардааст, ва ҷони гуруснаро аз нозу неъмат пур кардааст" (Заб. 106:9). Ӯ мехоҳад, ки моро сер кунад, аммо агар мо аз дигар чизҳо пур бошем, марҳамати Ӯ моро ба худаш ҷалб намекунад. Биёед дилҳои худро гурусна нигоҳ медорем ва ба даъвати Ӯ саҳлангорона муносибат намекунем. Зеро вақте ки мо ба Ӯ наздик шуданро сар мекунем, Ӯ низ, чуноне ки ваъда додааст, ба мо наздик мешавад!

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Дар Масалҳо (27:7) навишта шудааст: "Ҷони сер аз шаҳд ҳам нафрат мекунад, вале барои ҷони гурусна ҳар талхӣ ширин аст". Дар бораи ин оят андеша кунед ва гӯед, ки кадом ташвишҳо ва ҳавасҳо ба мо аз ҳама ҷолибтар менамоянд? Чӣ тавр онҳо иштиёқи шуморо ба "шаҳдҳои" ширини ваъдаҳои Худо хомӯш мегардонанд?

2. Дар ин боб муаллиф мушоҳидаҳои худро аз болои одамони аз бистсола боло ва хурд дар ду калисои мухталиф нақл мекунад ва муносибати пурҳарорат ё фориғболонаи онҳоро нисбат ба Худо қайд месозад. Ҳаёти калисои худро мушоҳида кунед ва гӯед, ки иштиҳои оилаи рӯҳонии худро чӣ тавр маънидод карда метавонед – оё одамон қаноатманданд, оё онҳо ташнагиро нисбат ба Худо эҳсос мекунанд ё нисбат ба корҳои Худо бепарво ҳастанд?

3. Дар партави огоҳие, ки мо дар Масалҳо (4:23) вомехӯрем: “Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор” – шумо барои ҳифз кардани дили худ чӣ тадбирҳо андешида метавонед? Оё шумо ғизои “носолими” рӯҳониро, ки бояд иваз ё пурра рад карда шавад, истеъмол намекунед?

Боби 4

# РАШК БАРОИ ҲУЗУРИ Ӯ

Мо суханеро, ки Ӯ мегӯяд, танҳо дар ҳузури Ӯ мешунавем.

Дар бист соли охир ман, ба истиснои Антарктика, ба тамоми қитъаҳо сафар карда, Каломи Худоро ҳам дар калисоҳо ва ҳам дар анҷуманҳо таълим додам. Пеш аз он ки тамоми вақти худро ба хидматгузории байналмилалӣ бахшам, шарафёб гардидам, ки дар давоми ҳафт сол дар ду калисо ба ҳайси ходими асосӣ кор кунам. Дар тӯли ин вақт ман ду гурӯҳи асосиро дар калисо аниқ мушоҳида кардам, яъне фарқи чуқури байни мафкураҳоеро, ки, зоҳиран, ба андозаи наздикшавии рӯзи бозгашти Худованд калонтар шуда истодааст. Гурӯҳи якум – онҳое, ки Худоро меҷӯянд ва саъй мекунанд, ки аз Ӯ он чиро, ки ба онҳо додан мехоҳад, бигиранд. Гурӯҳи дуюми одамон – аз он сабаб Ӯро меҷӯянд, ки Ӯ Кӣ аст.

## Мақсади ниҳонии Исроил

Ин тазод дар мисоли Мӯсо ва фарзандони Исроил дида мешавад. Биёед ин масъаларо ба таври муфассал муҳокима мекунем. Исроил сидқан мехост, ки аз асорат озод шавад, ва Худоро раҳокунандаи худ эътироф карда, ба Ӯ истиғоса кард. Ин насли Иброҳимро бо гурӯҳи одамоне муқоиса кардан мумкин аст, ки барои аз Худо гирифтани чизи дилхоҳашон Ӯро меҷӯянд. Дар калисо низ одамоне ҳастанд, ки барояшон завлонаҳои ғуломие, ки дунё бо он одамро бастааст, маъқул нест. Аммо, худи онҳо онро нафаҳмида, дар ғуломӣ мемонанд. Онҳо Исоро ҳамчун Худованд ва Наҷоткори худ қабул ва эътироф мекунанд ва аз Ӯ озодӣ ва таъминотро талаб доранд. Аммо айнан монанди ин, чуноне ки бо писарони Исроил рӯй дод, ҳолати қалби онҳоро аз рӯи хоҳишҳо, амалҳо, суханҳо ва такопӯи онҳо фаҳмидан мумкин аст.

Дар давоми садҳо сол Исроил бо гиря аз Худо илтиҷо мекард, ки онҳоро аз ғуломӣ озод кунад. Он гоҳ Худо ба Мӯсо зоҳир шуд ва гуфт, ки фурсат барои ин фаро расид. Ӯ ба Мӯсо амр дод, ки суханони Ӯро иҷро кунад. Пеш аз он ки Мӯсо ба назди фиръавн равад, бо пирони Исроил вохӯрд ва ба онҳо ваъдаи Худоро оиди озодӣ хотиррасон кард. Онҳо хабари хушро шунида, “имон оварданд; ва чун фаҳмиданд, ки Худованд банӣ-Исроилро тафаққуд намуда, мазаллати онҳоро дидааст, онҳо сар хам карда, саҷда бурданд” (Хур. 4:31).

Тасаввур кунед, ки дар ҷамъомади онҳо чӣ гуна як фазои пурҳаяҷон ҳукмфармо буд! Пешвоёни қавм тамоми умр дар бораи озодииояндаи Худо мешуниданд. Ваъдаи умед дар бораи замини мавъуд, ки дар он шир ва асал ҷорист, аз падарону бобоён насл ба насл нақл карда мешуд. Онҳо медиданд, ки чӣ тавр пешвоёни қавм, ба иҷрои ваъдаҳо нарасида,

мезистанду мефавтиданд. Ин насли пешвоён низ бо ҳамон мушкилӣ рӯ ба рӯ шуданд – оё онҳо ба иҷрои ваъдаҳо ноил мешаванд, ё онҳо ба озодӣ муяссар нашуда, вафот мекунанд? Акнун онҳо дар назди собиқ шоҳзодаи Миср, пешвои таҷрибадор, ки дасти Худо бар вай буд ва ваколати Ӯро тасдиқ мекард, меистоданд. Ҳамон шахс, ки ҳамчун фиръавн мебоист бар онҳо ҳукмронӣ кунад, акнун озодкунандаи онҳо мегардид. Танҳо Худо чунин мӯъҷизаро ба амал оварда метавонад! Қалбҳои онҳо аз шукргузорӣ ва таҳайюр пур шуда буд! Онҳо дар ҷавоб танҳо Худоро ҳамду сано хонда ва бо қалбҳои шукргузор Ӯро парастиш карда метавонистанд.

Мӯсо бо мақсади вохӯрдан бо фиръавн аз назди онҳо меравад. Аммо каломи раҳоибахшандаи Худо ба подшоҳи Миср ҳеҷ гуна таассуроте набахшид. Ӯ Мӯсо ва насли Иброҳимро масхара мекунад ва ба дӯши онҳо ҳаҷми боз ҳам бештари корро, ки иҷро кардани он қариб ғайриимкон аст, гузошта, вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонад. Ва ин лаҳза ҳама чиз зуд ба иваз шудан сар мекунад. Худи ҳамон пешвоён ба Мӯсо дарафтода, ӯро барои ҳамаи бадбахтиҳои худ айбдор мекунанд. Онҳо саҷда ва парастишро фаромӯш карданд, онҳо нисбат ба Мӯсо чунон хашмгин шуданд, ки доварии осмониро талаб карданд (ниг. Хур. 5:21).

Аммо бо мурури замон Худо тибқи меҳрубонии Худ бо мӯъҷиза ва аломот онҳоро раҳоӣ мебахшад. Вақте ки ниҳоят фиръавн  фармон медиҳад, дар муносибати онҳо бо пешво тағйироти наве ба амал меояд. Онҳо шодӣ мекунанд, аз Миср бо ҷалоли азим ва баракатҳо берун меоянд. Муҳити озодӣ ва он шодиеро, ки онҳо дар тӯли роҳ аз Миср, аз некӯӣ ва вафодории Худо ҳаловат бурда, бо рақсҳо ифода мекарданд, ба худ тасаввур кунед. Онҳо акнун на танҳо озод, балки бениҳоят сарватманд ҳастанд, чунки ҷараёни

фаровони нуқра ва тилло, ҳамчунин саломатӣ ва қувват, ки пас аз хӯрдани барраи фисҳ пайдо карданд, ба онҳо ҷорӣ мешуд. Ғуломони собиқ на танҳо Худоро шукргузорӣ мекарданд, балки иззату эҳтироми онҳо ба Мӯсо аз пештара хеле бештар буд.

Вақте ки онҳо аз Миср баромаданд, аз рӯи ҳидояти Худо Мӯсо қавмро ба соҳили баҳри Қулзум роҳнамоӣ кард. Аммо онҳо ба ақиб нигоҳ карда, диданд, ки фиръавн онҳоро таъқиб мекунад. Ва боз муносибати қавм ба вазъият дигар мешавад. Онҳо сахт шиква карда, ба Мӯсо дармеафтанд: «Оё дар Миср қабрҳо набуд, ки моро овардӣ, то дар биёбон бимирем? Ин чист ба мо кардӣ, ки моро аз Миср берун овардӣ? Ин, охир, ҳамон чизест, ки мо ба ту дар Миср сухан ронда, гуфта будем: “Моро бимон, то ки барои мисриён меҳнат кунем”. Зеро меҳнати мисриён *барои мо беҳтар аст* аз он ки дар биёбон бимирем» (Хур. 14:11,12, курсиви муаллиф). Вақте ки дар Миср аҳвол мураккабтар шуд, онҳо аз Мӯсо хоҳиш карданд, ки онҳоро ба ҳоли худашон гузорад, акнун онҳо боз аз пешвои худ норозӣ буданд ва боз шикояти худро такрор мекарданд. Онҳо гумон мекарданд, ки ба Мӯсо ва Ҳорун шикоят мекунанд, аммо Мӯсо ба онҳо гуфт: “Шикоятҳои шумо на аз мо, балки аз Худованд аст” (Хур. 16:8). Кӯшиши онҳо барои қонеъ гардонидани ҳавасҳои шахсӣ аз зарурияти иҷро кардани иродаи Худо болотар шуд. Ба суханони онҳо диққат диҳед – *меҳнати мисриён барои мо беҳтар аст.* Онҳо барои дарки қалби Худо хоҳиши пурҳарорат надоштанд, аммо ба он чизе, ки барояшон азиз буд, дилбастагии зиёд доштанд.

Вале Худо боз ба онҳо меҳрубонии Худро зоҳир карда, баҳри Қулзумро дуним кард, ва онҳоро аз ҷои хушки он гузаронид. Сипас бо ҷараёни пурзӯри мавҷҳои баҳр Худо

лашкари аз ҳама пурқувваттарин дар Замин ва золимони бераҳми Исроилро, ки дар тӯли беш аз чаҳорсад сол онро азоб медоданд, несту нобуд кард. Акнун шодии онҳо лабрез мешуд! Онҳо дар ҳузури Худованд рақсу шодӣ мекарданд. Мо мехонем: "Ва Марями набия, хоҳари Ҳорун, дафро ба дасти худ гирифт, ва ҳамаи занон аз қафои вай дафзанон ва рақскунон берун омаданд" (Хур. 15:20). Оё аз ҳаштсад ҳазор то як миллион занонро, ки дафзанон рақс мекарданд, ба худ тасаввур карда метавонед? Ана ин парастиш буд! Онҳо ҳеҷ гоҳ чунин шодиро эҳсос накарда буданд. Аммо ин шодӣ ҳам дер тӯл накашид ва ҳамагӣ пас аз се рӯз, вақте ки захираҳои об ба охир расиданд, он шодӣ ҳам тамом шуд. Ва онҳо боз сахт шикоят карданд, ва боз Худо онҳоро бо ҳар чизи зарурӣ таъмин кард.

Якчанд рӯз гузашт, ва акнун бо ғизо мушкилӣ пайдо шуд. Одамон ба шикваю нола сар карданд: «Кошки аз дасти Худованд дар замини Миср мемурдем, вақте ки назди деги гӯшт менишастем ва серона нон мехӯрдем! Зеро ки моро ба ин биёбон берун овардед, то ки тамоми ин ҷамоатро аз гуруснагӣ бикушед» (Хур. 16:3).

Шумо фаҳмидед, ки онҳо кадом намуди рафторро нигоҳ медоштанд? Онҳо то даме хушбахт ва шукргузор буданд, ки Худо тамоми чизҳои дилхоҳи онҳоро иҷро мекард, вале ҳамон лаҳза ки Худо ба ҷо овардани ҳавасҳои онҳоро бас мекард, онҳо худро хеле бадбахт ҳис мекарданд. Рафтор ва суханони онҳо дар шароитҳои вазнин мақсадҳои ниҳонии онҳоро ошкор месохтанд, ва бо ин рафторашон онҳо худро ба куллӣ намоён карданд. Онҳо хоҳишҳои худро аз қалби Ӯ ё аз ҳузури Ӯ афзал медонистанд.

## Мақсади ниҳонии Мӯсо

Ин доира боз ва боз такрор мешуд, то даме ки Худо аз ин дилгир шуд. Ӯ ба Мӯсо гуфт:

> Роҳсипор шуда, аз ин ҷо баро, — ту ва ин қавме ки аз замини Миср баровардаӣ, сӯи замине ки Ман дар бораи он ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрда, гуфтаам: "Онро ба насли ту хоҳам дод", — ва фариштае пешопеши ту хоҳам фиристод, ва канъониён, амӯриён, ҳиттиён, фариззиён, ҳиввиён ва ябусиёнро бадар хоҳам ронд, — сӯи замине ки шир ва асал дар он ҷорист; зеро ки Ман дар миёни шумо нахоҳам рафт, чунки шумо қавми гарданкаш ҳастед, мабодо шуморо дар аснои роҳ маҳв кунам (Хур. 33:1-3).

Худо ба Мӯсо гуфт, ки қавмро ба замини мавъуд мебарад, ки дар борааш ин қадар зиёд орзу мекарданд, ва ҳатто пешопеши онҳо Фариштаи Худро мефиристад, ки душманонро таъқиб мекунад, то ки онҳо замини ваъдашударо забт кунанд. Аммо Худи Ӯ (ҳузури Ӯ) ба онҳо ҳамроҳ намешавад!

Хуб аст, ки Худо дар ин бора ба Мӯсо гуфт, зеро агар ин пешниҳод ба писарони Исроил ҳавола карда мешуд, онҳо бо шодӣ онро қабул мекарданд, ҷашн барпо менамуданд, чизҳояшонро ҷамъ карда, ба роҳ мебаромаданд! Барои чӣ ман чунин ҳисоб мекунам? Худатон фикр кунед, агар онҳо барои рафтан ба Миср бе Фаришта ё бе Худо тайёр бошанд, ман мутмаинам, ки онҳо бо шодӣ ба замини мавъуд бо Фаришта равона мешуданд, фақат бе Худо. Акнун ҷавоби Мӯсоро ба пешниҳоди Худо гӯш мекунем:

> Агар Худат наоӣ, моро аз ин ҷо набар (Хур. 33:15).

Мо бояд ба худ хотиррасон кунем, ки “аз ин ҷо” чӣ маъно дорад. Ин биёбон буд, ҷои маҳрумиятҳо ва азобҳо. Ин замини бенишот ва ғамангез буд. Дар он ҷо фаровонӣ набуд, дар он ҷо танҳо эҳтиёҷоти ҳаррӯза қонеъ гардонида мешуданд, ва ҳатто ин аксар вақт ба таври фавқуттабиӣ рӯй медод. Дар он ҷо боғҳо, обанборҳои табиӣ набуданд ва он ҷо хатарнок буд. Дар он ҷо хонаҳо, дарёҳо, токзорҳо, полизҳо ё дарахтони мевадор, ки аз меваҳои он хӯрдан мумкин буд, вуҷуд надоштанд. Харид кардан, истироҳат ё фароғат кардан ғайриимкон буд. Дар он ҷо ҳеҷ гуна чизи хушрӯ вуҷуд надошт, ба замми ин Мӯсо изҳор кард: “Беҳтараш ман дар ин ҷои ғамангез ва беилоҷ дар ҳузури Ту мемонам, назар ба он ки бе ҳузури Ту ба замини фаровонӣ ва зебо биравам!”

Қалби ӯ дар бораи чӣ гиря мекард? Дар бораи ҳузури Худо! Ӯ Худи Худоро аз баракатҳое, ки Ӯ ваъда карда буд, афзалтар медонист. Ӯ Офаридгори худро бештар аз ҳама боигариҳое, ки Худо ба вай дода метавонист, қимат дониста, барои наздикшавӣ ба Худо саъй менамуд. Мӯсо бо ин рафтораш аз қавми Исроил фарқ мекард. Онҳо Худоро барои он меҷустанд, то он чиро ки Ӯ ба онҳо дода метавонист, бигиранд. Вале Мӯсо Худоро барои он меҷуст, ки ба Худи Ӯ наздик шавад. Имрӯз ҳамаи имондоронро маҳз аз рӯи ҳамин хусусият ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Ин ҷудокунӣ аз доираи дину мазҳаб васеътар аст. Одамоне ҳастанд, ки ҳатто намедонанд, ки Худоро, ба ғайр аз ҳифз, таъминот ва мансаби худ, ба хотири чизи дигар ҷустан мумкин аст. Онҳо намедонанд, ки Ӯро чи хеле ки ҳаст, шинохта метавонанд, ва ба Ӯ наздик шуда метавонанд. Ин рафтор аз издивоҷи ғаразнок чӣ фарқ дорад? Зане, ки аз рӯи ғараз ба шавҳар мебарояд, тақдири худро бо касе на аз боиси хислатҳои вай пайванд месозад, балки аз боиси он, ки вай ба ӯ чӣ дода

метавонад. Дар ин вазъият ҳардуи онҳо бой медиҳанд, чунки наздикӣ на дар он шароите рӯй медиҳад, ки ниятҳо нодуруст ҳастанд.

## Мукофот

Ман ҷойҳои зеботарини ҷаҳонро дидаам, хонаҳо ва моликиятҳои боҳашаматро дидаам, вале онҳо барои ман ҷолиб нестанд, чунки дар онҳо ҳузури Худо мавҷуд нест. Ман ҳамчунин дар ҷойҳои безеб ба мисли зиндонҳо, кулбаҳо дар кишварҳои қашшоқ, хонаҳои камбағалон ва бенавоён будам, аммо он ҷойҳо аз ҳузури Худо пур буданд. Росташро мегӯям, ман шароити вазнини зиндагиро, ки дар он ҳузури Худо аст, аз биноҳои давлатманде афзалтар медонам, ки аз ганҷинаҳо пур мебошанду аммо ҳузури Худоро надоранд. Ман шарафёб гардидам, ки дар доираи Ассотсиатсияи миллии варзишии донишҷӯён, дар барномаи бозиҳои ҷавонон, дар қувваозмоиҳои наврасон барои ҷоми Дэвис теннисбозӣ карда, дар иёлати худ ҷои аввалро соҳиб шавам. Ман мукофотҳои илмӣ гирифтаам ва мақоми ҷамъиятӣ доштам, дар байни ҳамкасбон, роҳбарон ва сардорон дар ҷои кор соҳиби иззату эҳтиром будам. Ман бо духтарони хушрӯ ва машҳур вомехӯрдам. Ҳамаи ин ба чизҳое дахл доранд, ки бисёриҳо на танҳо орзу мекунанд, балки бо тамоми дилу ҷон кӯшиш менамоянд, ки онҳоро ба даст оранд. Дар асл обрӯ ва ҳаловат аз ин чизҳо ба як дақиқае, ки дар ҳузури Худо мегузарад, намеарзад. Ҳатто онро муқоиса кардан ғайриимкон аст. Диққат диҳед, ки дар Навиштаҷот оиди Мӯсо чӣ гуфта шудааст:

> Бо имон Мусо, чун калонсол шуд, нахост, ки писари духтари фиръавн хонда шавад, ва бо қавми Худо

> уқубат кашиданро афзал донист аз он ки аз гуноҳ ҳаловати муваққатӣ дошта бошад, ва хории Масеҳро сарвати бузургтар аз ганҷҳои Миср ҳисоб кард; зеро ки ба мукофот назар медӯхт. Бо имон ӯ Мисрро тарк кард ва аз ғазаби подшоҳ натарсид; зеро ӯ, мисли он ки Нонамоёнро дида бошад, боматонат буд (Ибр. 11:24-27).

Диққат диҳед, ӯ уқубат кашиданро афзалтар донист. Мавқеи ӯ аз мавқеи писарони Исроил фарқ мекард. Онҳо илоҷи дигар надоштанд. Бо вуҷуди он, онҳо аз ғуломӣ раҳо шуда, доимо шикваю нола мекарданд, вале ӯ аз мақоми баландтарин дар ҷаҳон маҳрум гардида, дар ин хусус пушаймон нашуд. Бо ихтиёри худ чизҳои беҳтаринро, ки дар ин дунё дошт, тарк кард, вай мақоми баландтаринро, ки одам соҳиб шуда метавонист, тарк намуд. Барои чӣ? Вай мукофоти дигарро гирифтан мехост. Ӯ на замини мавъудро, балки ваъдаи ҳузури Ӯро гирифтан мехост. Пас аз вохӯрии ягона дар назди буттаи фурӯзон ӯ танҳо як чизро – ҳамеша ва дар ҳар чиз шинохтани Худоро орзу мекард.

Ман дар анҷуманҳо ва калисоҳо ба ҳазорҳо одамон мавъиза кардаам. Ман тавассути барномаҳои телевизионӣ ва китобҳо ба миллионҳо одамон хидмат кардаам. Худо моро бо роҳҳои гуногун, ки ҳатто ҳисоб кардан ғайриимкон аст, баракат медод. Аммо агар ман имкони интихоб медоштам, бе дудилагӣ аз ҳар гуна муваффақият даст мекашидам, то ки дар ҳузури Ӯ бимонам. Ҳеҷ чиз ба он баробар нест. Назар ба мавъизаҳои машҳур, ки ба издиҳоми азими одамон гуфта мешаванд ё назар ба нашри миллионҳо нусха китобҳо, эҳсоси наздикии Ӯ ва овози Ӯ, ки ба қалби ман чизҳои муваққатан номаълумро пичиррос мезанад, ҳиссиёти ҳаяҷонбахштар аст.

Вақте ман мебинам, ки ходимон, бо гумони он ки аз муваффақият қаноатмандӣ меёбанд, аз паи муваффақият медаванд, дили ман дупора мешавад. Мақсади онҳо – дар назари одамони дигар обрӯ пайдо кардан. Ман мушоҳида кардаам, ки чӣ тавр одамон дар хидматгузорӣ муваффақият пайдо кардан хоста ва ба воситаи он обрӯю эътибор пайдо карданӣ шуда, ба ноумедӣ дучор мешуданд, ва баъзан ба домҳое меафтоданд, ки аз тарафи қувваҳои зулмат гузошта шудаанд. Онҳо хидматгузориҳои бузургро ба роҳ мемонданд ва ҳатто дарк ҳам карда наметавонистанд, ки ҳамаи ин то чӣ андоза беҳудаанд, чӣ тавр тамоми тадбирҳои онҳо бо рафторҳои бадахлоқона ё ҷурм анҷом меёфтанд.

Ман ҳамчунин боз ҳам одамони зиёдро дидаам, ки ба мисли дигарон ба муваффақият ноил нашудаанд, вале бо ҳамон тарзи фоҷиабор ба итмом расонидаанд. Онҳо ба афсурдагӣ дучор шудаанд, чунки дар калисоҳои онҳо одамон аз дусад, панҷсад, ё панҷ ҳазор, яъне аз миқдоре, ки онҳо доштанд, зиёд намешуданд. Китобҳои онҳо ҳеҷ гоҳ бо он шуморае, ки онҳо ба худ мақсад гузошта буданд, зиёд намешуданд, онҳоро ба анҷуманҳои "калон" даъват намекарданд, то ки дар он ҷойҳо баромад кунанд. Онҳо эҳсоси қаноатмандиро дар он ҷойҳо ҷустуҷӯ мекарданд, ки пайдо кардан ғайриимкон аст. Аз паси муваффақият давидани чунин ходимон аз вазъияте, ки дар ҷаҳони хариду фурӯш ҳукмфармо аст, яъне он ҷое, ки одамон барои соҳиб шудан ба мақом ва баромадан ба қуллаи муваффақият саъй мекунанд, ҳеҷ фарқе надорад. Ин гуна имондорон фаромӯш мекунанд, ки онҳо барои чӣ офарида шудаанд.

Бар хилофи ин ман шахсонеро бо хидматгузории бузург вохӯрдаам, ки ба муваффақиятҳои калон ноил шудаанд, аммо қалбҳои онҳо ба сӯи Худо боз ҳам бештар майл

кардаанд. Онҳо мегуфтанд, ки ҳар чизеро, ки доранд, бо хурсандӣ дода, ба хидмати дигар мегузаштанд ё ягон кори дигарро анҷом медоданд, то ки ба Худо писанд оянд. Аксар вақт онҳо ба мақоме, ки акнун соҳиб ҳастанд, саъй намекарданд. Онҳо мегӯянд, ки Худи Худо онҳоро ба ин мақом гузоштааст, ва онҳо фақат хоҳони як чиз ҳастанд – писанд омадан ба Ӯ. Ман ҳангоми сӯҳбат бо онҳо шунидаам ва дар рафтори онҳо дидаам, ки чӣ тавр қалбҳои онҳо ба сӯи Худо нидо мекунанд. Онҳоро ба Довуд, ки бо вуҷуди ноил шудан ба муваффақияти бузург худро шахси камбағал ва бенаво номида буд, монанд кардан мумкин аст.

Ман ҳамчунин шахсонеро бо хидматгузории нисбатан на он қадар калон вохӯрдаам, ки дар осоиштагӣ ва баракатҳо зиндагӣ мекунанд, зеро медонанд, ки рисолати худро иҷро мекунанд. Натиҷаи хидмати онҳо на бо шумораи имондорон ё нишонаҳои зоҳирии муваффақият чен карда мешаванд, балки бо шиносоии наздик бо Худо ва бо роҳ рафтан дар ҳузури намоёни Ӯ. Ҳамаи мо барои Худо офарида шудаем, ва ҳеҷ касе аз мо ҳеҷ гоҳ бе шинохти Ӯ ва бе ҳузури Ӯ дар ҳаёт қаноатмандии ҳақиқӣ пайдо карда наметавонад. Осоиштагӣ ва қаноатмандии ҳақиқӣ маҳз дар ҳамин аст.

## Ду ҷиҳати ҳузури Худо

Мо дар ин ҷо бояд фаҳмонем, ки ҳузури Худо дар Навиштаҷот чӣ маъно дорад. Аввалан, Ӯ *ломакон* аст. Маҳз дар ҳамин бора Довуд мегӯяд: “Аз Рӯҳи Ту куҷо равам? Ва аз ҳузури Ту куҷо гурезам?” (Заб. 138:7). Дар ҳар ҷо ҳозир будани Худо маънои онро дорад, ки Ӯ дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дошта метавонад. Боз Довуд мегӯяд: «Агар ба осмон бароям, он ҷо Ту ҳастӣ, ва агар дар гӯр бистар андозам, он ҷо

низ Ту ҳастӣ. Ва агар гӯям: “Албатта торикӣ маро ниҳон хоҳад кард, ва шаб барои ман паноҳгоҳ хоҳад шуд”; аммо торикӣ низ аз Ту пинҳон нахоҳад кард, ва шаб мисли рӯз равшан хоҳад шуд: хоҳ торикӣ бошад, хоҳ рӯшноӣ» (Заб. 138:8,11,12). Беихтиёр ваъдаи Худо ба хотир меояд, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад (ниг. Ибр. 13:5). Ва гарчанде мо ҳузури Ӯро эҳсос намекунем, ин чиз ҳақиқати онро, ки Ӯ доимо дар паҳлӯи мост, рад намекунад. Мо ҳамту онро эҳсос намекунем.

Ҷиҳати дуюми ҳузури Худо ба *ҳузури маълуми* Ӯ дахл дорад. Маънои калимаи *маълум* табдил ёфтани чизи диданашаванда, шуниданашаванда ва номаълум ба чизи дидашаванда, шунидашаванда ва маълум мебошад. Мӯсо хеле иштиёқманд буд, ки ҳузури намоёни Худоро бубинад. Худованд Худро маҳз ҳамин тавр ба рӯҳи мо нишон медиҳад. Дар ин гуна вазъиятҳо ҳузури Ӯро ҳамчунин ақлу эҳсоси мо дарк мекунад. Маҳз он гоҳ ақли мо дониши Ӯро пайдо мекунад. Дар бораи ин ҷиҳати ҳузури Ӯ Исо дар ояти навбатӣ чунин гуфтааст:

> Ҳар кӣ Маро дӯст дорад, Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва Ман вайро дӯст хоҳам дошт ва Худро ба вай зоҳир хоҳам сохт (Юҳан. 14:21).

Муаллифи Забур дар ин бора чунин мегӯяд: “Хушо қавме ки бонги шодиро медонанд! Худовандо, онҳо дар нури рӯи Ту қадамгузор мешаванд” (Заб. 88:16). Петрус дар рӯзи Пантикост ташнагони Худоро даъват кард: “Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад, ва айёми фароғат *аз ҳузури Худованд* фаро расад” (Аъм. 3:19,20, курсиви муаллиф).

Худо ҳузури Худро бо роҳҳои гуногун намоён карда

метавонад. Дар Навиштаҷот баъзеҳо Ӯро медиданд, дигарон Худи Ӯро надида, овозашро мешуниданд, саввуминҳо наздикии Ӯро ҳис мекарданд ва тавассути ваҳйи Ӯ зуд донишеро, ки пештар соҳибаш набуданд, пайдо мекарданд. Як чиз фаҳмо аст – вақте ки Ӯ меояд, шумо инро аниқ медонед, шумо онро бо тамоми вуҷудатон ҳис мекунед ва хоҳед донист, ки Ӯ дар ин ҷост.

## Худи Худовандро биҷӯем ё зуҳуроти Ӯро?

Ман бисёр шахсонеро дидаам, ки сахт иштиёқманди ҳузури Ӯ буданд ва дар ин замина роҳгум заданд. Онҳо ба андозаи бештар зуҳуроти Худоро меҷӯянд, на шахсияти Худовандро. Худо аз паҳлӯи Илёс гузар кард, ва ҳузури Ӯ бо аломоти бузург намоён шуд. Дар аввал боди азим ва сахт вазид, аммо Худованд на дар бод аст. Сипас заминҷунбӣ сар шуд, аммо дар Навиштаҷот аниқ гуфта шудааст, Худованд дар заминҷунбӣ нест. Пас аз заминҷунбӣ оташ буд, аммо Худованд дар оташ низ нест. Пас аз оташ – садои пичирроси оҳиста, ва фақат он гоҳ Илёс фаҳмид, ки дар ҳузури Худо истодааст.

Ман дидаам, ки чӣ тавр одамон зуҳуроти Худоро меҷӯянд, ва фикр мекунанд, ки ба воситаи зуҳурот онҳо Худи Худоро пайдо мекунанд. Аммо онҳо Худовандро бо тамоми дил намеҷӯянд, то ки дар натиҷаи чунин ҳолат ҳузури намоёни Ӯро эҳсос кунанд. Аксар вақт пас аз мавъизаи илҳомбахш ва пандомез ман одамонро даъват мекунам, ки ба пеш бароянд, то ки бо Худо вохӯранд. Дар баъзе ҳолатҳо, одамон тавре дуо мекунанд, ки дуоҳои онҳо диққати дигаронро ба худ ҷалб мекунанд ё муҳити ҷамъомадро халалдор карда, диққати онҳоро парешон мекунанд. Баъзеҳо механданд,

дигарон меларзанд ё бо имову ишора ягон ҳаракатро ба амал меоранд. Сабаби чунин рафтор аз он иборат мебошад, ки онҳо пештар Худоро меҷустанд ва ҳузури Ӯ онҳоро ба хандидан, ларзидан ё гиристан водор карда буд, аз ин сабаб онҳо бо умеди он, ки Худо бо ҳамин гуна зуҳурот ҳузури Худро намоён мекунад, айни ҳамин корҳоро ба амал меоранд, вале ин рӯй намедиҳад. Аксар вақт ман ин гуна шахсонро ором карда, аз онҳо дархост мекунам, ки ин корро накунанд, балки ҳамту ором шуда, қалби худро ба ҷустуҷӯи Худи Исо нигаронанд. Агар дар баробари ин ягон зуҳурот ба амал ояд, хеле хуб аст! Вале мо набояд бо ёрии кимкадом зуҳурот Ӯро ҷустуҷӯ кунем. Мо бояд Худи Худовандро биҷӯем!

Як вохӯриро ба ёд меорам, ки дар Осиё рӯй дода буд. Дар он бисёриҳо ба даъвати тавба посух доданд. Дар пешгоҳи толори калисо барои ҳамаи хоҳишмандон ҷой набуд. Бисёре аз ширкаткунандагон ба даъват посух доданд, аз ин рӯ ман аз онҳо хоҳиш кардам, ки дуо гӯянд ва дар он ҷое, ки ҳастанд, Ӯро биҷӯянд. Пас аз дуо ман онҳоро даъват кардам, ки дар ҷойҳои худ ба Худованд муроҷиат кунанд. Ҳузури Худо тамоми ҷамъомадагонро ба таври ҳайратовар фаро гирифт. Мушоҳида кардани он чиз хурсандибахш буд, ки чӣ тавр Худованд ба ширкаткунандагон Худро зоҳир карда, дар ҷамъомад подшоҳӣ мекард. Ман маротибаи зиёд шоҳиди ин гуна лаҳзаҳо будам, аммо ҳоло ҳам ин барои ман ба як чизи одатӣ ё падидаи оддӣ табдил наёфтааст. Дар ин ҳолатҳо ту Ӯро аз одамоне, ки дар гирду атрофат истодаанд, ба андозаи бештар ҳис мекунӣ. Вақте ки ҷамъомадро ҳузури Ӯ фаро гирифт, нафаре ба хандидан сар кард, ва зуд маро ғам пахш кард. Ва ман ҳамон лаҳза ҳолати худро фаҳмидам – Худованд зудтар аз он, ки ба назди мо омада буд, рафт, вале одамон

бошанд, хандидану нидо карданро давом медоданд, гӯё ки Ӯ ҳоло ҳам дар байни мо бошад.

Ман онҳоро боздоштам ва сарзаниш кардам, зеро дарк кардам, ки онҳо ҳамту он чиро ки якчанд вақт пештар, вақте ки як башоратдиҳандаи машҳур ба кишвари онҳо омада буд, ҳис карда буданд, такрор мекарданд. Хидматгузории башоратдиҳанда бо зуҳуроти қавӣ, ки “хандаи муқаддас” номида мешавад, тақвият меёфт. Ман дар ҳақиқат бовар мекунам, ки дар вақти ташрифи ҳузури Худо одамон шодикунон механданд. Дар асл, ман инро аз таҷрибаи худам медонам, ва ҳамчунин ин гуна падидаҳоро дар ҷамъомадҳои худамон дидаам. Боре дар Индонезия Рӯҳулқудс тамоми ҷамъомадро аз шодӣ пур кард, ва дар давоми ду соат мо якҷоя бо тарҷумон дар толор чунон хандаи сахтро мушоҳида кардем, ки одамон дар рӯи фарш айнан ғел мезаданд. Ҳама чиз аз он сар шуд, ки панҷ нафар занон гиря мекарданд, аммо баъд ин гиря ба хандаи сирояткунанда табдил ёфт, ки дар тамоми толор паҳн шуд. То ин дам онҳо ин гуна падидаро ҳеҷ гоҳ эҳсос накарда буданд. Онҳо воқеан Худоро меҷустанд!

Ин дафъа ҳама чиз ба таври дигар рӯй медод. Диққати одамон ба нишонаҳои зоҳирии ҳузури Худо нигаронида шуда буд, на ба Худи Худо. Онҳо ба хулосае омаданд, ки агар одамон нахананд, пас ҳузури Худо нест. Ман борҳо дар ҳузури Худо сокин будам, вале дар баробари ин нишонаҳои зоҳирии ҳузури Худо мавҷуд набуд. Вақтҳое буданд, ки дар ҳузури Худо дар ман гиряи боздоштанашаванда сар мешуд, аммо ман мефаҳмидам, ки ин натиҷаи ҷустуҷӯҳо ва дохил шудани ман ба ҳузури Худо буд.

Барои он ки ба шумо фаҳмо шавад, як мисол меорам. Тасаввур кунед, ки пас аз пӯшидани шим шумо дасти худро

ба киса мехалед ва пули саддолларӣ меёбед. Ман бе гумони он, ки дар кисаам пул меёбам, шимамро мепӯшам, ва тасодуфан онро пайдо мекунам. Ман танҳо либос пӯшидан мехостам, аммо онро пӯшида, ин сюрпризро мушоҳида кардам. Мо зуҳуротро намеҷӯем, вале шахсияти Худовандро меҷӯем. Ва ҳар чизе, ки бо ҳузури Ӯ меояд, ин сюрпризҳо ва тӯҳфаҳое мебошанд, ки мо барояшон интизор набудем.

Пас аз он ки ман ҷамъомадагонро сарзаниш кардам, ба онҳо фаҳмонидам, ки ман хоҳиши онҳоро барои ворид шудан ба ҳузури Худо мефаҳмам, аммо огоҳ кардам, ки онҳо бо таҷрибаи гузаштаи худ Худи Худоро иваз накунанд. Пас аз ин огоҳӣ ҳузури Худо аз нав ба толор баргашт ва дар мо эҳтироми муқаддасро ба вуҷуд овард. Ин дафъа бисёриҳо ханда не, гиря карданд, ва, асосан, ҳамаи касоне ки Худоро меҷустанд, дар худ ламси Ӯро ҳис карданд ва новобаста ба он, ки гиря карданд ё не, ба ҳузури аҷоиби Ӯ ворид шуданд.

## Зуҳурот сер намекунад

Дар ёд дошта бошед, ки писарони Исроил ҳеҷ гоҳ аз манн сер намешуданд. Худо ба онҳо дар биёбон манн медод, то нишон диҳад, ки онҳо сахт ба дигар чиз мӯҳтоҷ буданд – ба ҳузури Ӯ. Мӯсо гуфт:

> Ва дар хотир нигоҳ дор тамоми роҳеро, ки Худованд Худои ту ин чил сол туро бо он дар биёбон бурд, то ки туро азият дода, биозмояд, ва он чиро, ки дар дили туст, бидонад, ки оё аҳкоми Ӯро риоят хоҳӣ кард ё не? Ва Ӯ туро азият дод, ва туро гурусна мононид, ва туро манн хӯронид, — ки на ту онро медонистӣ ва на падаронат медонистанд, — то ба ту бифаҳмонад, ки одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад,

> балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худованд *барояд,* одамизод зиндагӣ мекунад (Так. Шариат 8:2,3, курсиви муаллиф).

Биёед калимаи "бароядʺ-ро таҳқиқ мекунем. Мӯсо нагуфт, ки калима аз даҳони Ӯ *баромад*. Ӯ онро дар назар дошт, ки ин раванд давомдор аст ва он дар гузашта анҷом наёфтааст. Агар ту дар ҳузури Ӯ бошӣ, Каломи гуфташударо шунидан мумкин аст! Илёс ба ҳузури Худо, тасодуфан, ҳамту ҳангоми аз паҳлӯяш гузаштан, наафтод. Ӯ Худоеро интизор буд, ки пеш аз ҷавоб додан ба вай, зоҳир шуд. Дар Осиё одамон аввалан ба нишонаҳои зоҳирие, ки ҳангоми зуҳури Худо дар гузашта мушоҳида мекарданд, аҳамият медоданд. Аммо дар натиҷа Худо ҷамъомадро тарк кард. Ӯ рафт, то кори наверо ба сомон расонад, дар ҳоле ки ин одамон, бо умеди он, ки Ӯро дар ҷое, ки кайҳо пеш буд, меёбанд, бе Ӯ монданд.

Манн ҳеҷ гоҳ банӣ-Исроилро қонеъ карда наметавонист. Айнан ба ҳамин монанд ҳеҷ як нишонаҳои зоҳирӣ ҳаргиз шавқу рағбати сахттарини моро наметавонанд қонеъ гардонанд, чунки нишонаҳои зоҳирӣ мақсади ниҳоӣ шуда наметавонанд. Агар мо онҳоро боз ҳам бештар биҷӯем, бо роҳе равона мешавем, ки ноумедиҳои зиёдро оварда метавонад, ба шарте ки агар аз он чизҳое, ки қаноатмандӣ намеорад, даст накашем ва аз нав барои наздикшавӣ бо Ӯ саъй накунем.

## Дар сатҳи ақлонӣ қаноатманд шудан аз муносибатҳо

Оқибати дигари таассуфовари ҷустуҷӯи Худо вазъияте буда метавонад, ки имондорон, ба ҷои он, ки Худи Худовандро болобардор кунанд, зуҳуроти берунии ҳузури Ӯро болобардор мекунанд. Ин гуна муносибат бисёриҳоро аз

ҳузури воқеии Худо дур месозад. Касоне, ки аз беҳамоҳангӣ ва рафтори ғайриоддии онҳое, ки Худоро меҷӯянд, рӯҳафтода шудаанд, худи онҳо эҳтиёткор мешаванд ва ба муносибатҳое, ки дар сатҳи ақлонӣ бо Худо дошта метавонанд, розӣ мешаванд. Ин вазъияти фоҷианок аст, чунки мо барои чизҳои бузургтар офарида шудаем. А. У. Тозер менависад, ки дар замонҳои охир таълимоти сафед шудан бо имонро

> ...бисёриҳо тавре маънидод мекарданд, ки он ҳақиқатан ба одамон монеа эҷод мекард, ки Худоро бишносанд. Тамоми раванди эътирофи имон ба як амали рӯякӣ, ки аз рӯҳоният дур аст, табдил ёфт. Одам "наҷот" меёбад, аммо нисбат ба Худо ташнагӣ ҳис намекунад. Дар асл, ӯро ба таври махсус водор мекунанд, ки қаноатмандӣ ҳис кунад ва ёд медиҳанд, ки ба чизи кам қонеъ шавад (*The Pursuit of God*, pp. 12,13).

Муносибат бо Худоро, ки дар сатҳи ақл аст, рӯякӣ ва дур аз рӯҳоният номидан мумкин аст. Мо барои он офарида шудаем, ки воқеан бо Ӯ бошем, на аз ҷиҳати назариявӣ. То даме ки мо пуррагии мушоракатро бо Ӯ аз сар нагузаронем, мо ҳеҷ гоҳ қаноатманд намешавем. Исо қурбон шуд, то пардаеро, ки моро аз ҳузури Худо ҷудо мекард, бардорад. Маҳз барои ҳамин муаллифи Забур нидо мекунад:

> Чӣ дилпазир аст масканҳои Ту, эй Худованди лашкарҳо! Ҷонам иштиёқманд ва беҳол аст барои саҳнҳои Худованд; дилам ва ҷисмам сӯи Худои Ҳай тараннум менамоянд. Мурғак низ хонае барои худ пайдо мекунад, ва гунҷишк лонае, то ки чӯҷаҳояшро дар он бимонад, назди қурбонгоҳҳои Ту, эй Худованди лашкарҳо, эй Подшоҳи ман ва Худои ман! Хушо

[хушбахт, комёб ва лоиқи ҳасад] сокинони хонаи Ту, ки Туро гашта-баргашта мадҳ менамоянд (Заб. 83:1-4).

Муаллифи Забур мегӯяд, ки мурғак ва гунҷишк дар Ӯ барои худ хонае пайдо мекунанд, вале худашро бехона меҳисобад, чунки ҷони вай барои саҳнҳои Худованд муштоқ аст. Ӯ изҳор мекунад, ки хонаи аз ҳама дилписандтарин барои ӯ – ин ҷой дар ҳузури Худо. Ба суханони ӯ диққат диҳед: “Хушо [хушбахт, комёб ва лоиқи ҳасад] сокинони хонаи Ту”. Ана мақсади онҳое, ки Худоро дӯст медоранд, чӣ аст! Онҳо ба ҳузури намоёни Худо ташна ҳастанд. Чи қадаре ки мо ба Ӯ наздик мешавем, ҳамон қадар ин ташнагӣ сахттар мешавад ва таъсири калони ҳузури Ӯро ба мо мерасонад.

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Дар оғози ин боб навишта шудааст: “Дар тӯли ин вақт ман ду гурӯҳи асосиро дар калисо аниқ мушоҳида кардам... Гурӯҳи якум – онҳое, ки Худоро меҷӯянд ва саъй мекунанд, ки аз Ӯ он чиро ки ба онҳо додан мехоҳад, бигиранд. Гурӯҳи дуюм – аз он сабаб Ӯро меҷӯянд, ки Ӯ Кӣ аст”. Дар назди худ ростқавл бошед ва гӯед, ки шумо худро ба кадом гурӯҳ мутааллиқ меҳисобед?

2. Пас аз озодшавӣ аз Миср исроилиён худи ҳамон рӯз Худоро ситоиш карданд ва Ӯро барои таъминот шукргузорӣ намуданд, ва рӯзи минбаъда ба шикваю нола сар карданд, чунки чизи дилхоҳашонро нагирифтанд. “Саёҳати худро дар биёбон” ба ёд оварда, дар рафтори худ чӣ гуна шабоҳатро бо исроилиён дида метавонед?

3. Шояд, шумо ин китобро барои он мехонед, ки ҳоло “дар биёбон” равон ҳастед. Дар ин ҳолат шумо оиди чунин зуҳурот, ба мисли бод, заминҷунбӣ ва оташ, аз таҷрибаи Илёс барои худ чӣ сабақ гирифтед?

Боби 5

# ДАР ПАСИ ПАРДА

Ҳузури Худо моро аз ҳар гуна халқҳои ҷаҳон мумтоз мегардонад.

Ҳузури Худо дар бораи он, ки Ӯ Кӣ аст, ҳамеша ваҳйи бештар меорад, ва бо ҳар вохӯрӣ мо бебозгашт ва доимӣ тағйир меёбем. Китоби Муқаддасро хонда, мо мебинем, ки одамоне, ки роҳҳои Худоро дарк карда, зиндагӣ мекарданд, ба Ӯ наздик шудан мехостанд ва дар ҳузури Ӯ сокин мешуданд.

## Омили мумтозшавӣ

Дар боби гузашта мо дидем, ки чӣ тавр Худо ба воситаи Мӯсо ба исроилиён фармуд, ки худашон танҳо, бе Ӯ, роҳро давом диҳанд. Худованд мақсад дошт, то ваъдаеро, ки ба халқи Худ дода буд, иҷро кунад, аммо дар баробари ин Ӯ

халқро аз ҳузури Худ маҳрум карданӣ буд. Дар ҷавоб ба ин Мӯсо фавран гуфт: "Агар Худат наоӣ, моро аз ин ҷо набар" (Хур. 33:15). Мӯсо аввалин шуда ба мо нишон дод, ки наздикӣ ба Худо аз ҳамаи дигар ваъдаҳо афзалтар аст ва агар онҳо бе ҳузури Ӯ ба амал оянд, ҷолибии худро гум мекунанд. Бишнавед, ки чӣ тавр Мӯсо норозигии худро оиди роҳнамоии фариштагон шарҳ дод:

> Агар Худат наоӣ, моро аз ин ҷо набар. Зеро, аз чӣ маълум шавад, ки ман ва қавми Ту манзури назари Ту шудаем? Оё на аз он ки Ту бо мо биёӣ? *Ва дар он сурат ман ва қавми Ту аз ҳамаи қавмҳое ки дар рӯи замин ҳастанд, мумтоз хоҳем шуд* (Хур. 33:15,16, курсиви муаллиф).

Дар ин ҷавоб ҳақиқати муҳим ниҳон аст. Ҳузури Худо моро барои ҷалоли Ӯ аз тамоми қавмҳои ҷаҳон ҷудо мекунад. Гап дар он нест, ки мо ба масеҳият эътиқод дорем ва ба калисоҳои инҷилӣ меравем. Гап дар он нест, ки мо одамони хубе ҳастем, ки боре бо дӯстамон дуои тавба хондаем ва ба даъвати баромадан ба пешгоҳи калисо розӣ шудаем. Мо ба туфайли ҳузури Ӯ мумтоз шудаем, ва маҳз он моро муқаддас мегардонад (барои Ӯ ҷудо мекунад). Маҳз ҳузури Ӯ ҳамаи ин чизҳоро дар назари мардуми дунё аён ва дидашаванда мегардонад.

Аммо барои чӣ ин қадар одамон аз муносибате, ки дар сатҳи ақл бо Худо доранд, қонеъ мешаванд? Барои чӣ мо ба чунин масеҳият, ки дар он ҳузури Масеҳ нест, розӣ мешавем? Барои чӣ мо чунин масеҳиятро, ки дар одамон шавқу рағбат, хоҳиши ба Худо наздик шудан ва дар ҳузури Ӯ сокин буданро ба вуҷуд намеорад, таълим медиҳем? Дар ҷавоб ба ин А. У. Тозер менависад:

> Худо мехоҳад, ки мо боисрор ба ҳузури Ӯ дохил шавем ва тамоми умр дар Ӯ зиндагӣ кунем. Мо бояд тибқи таҷрибаи худамон ба ҳузури Ӯ боварӣ ҳосил кунем. Ин на танҳо таълимоте аст, ки бояд риоя кунем, ин ҳаёте аст, ки аз он дар ҳар як дақиқаи мавҷудияти худ дар Замин шод мебояд буд (*The Pursuit of God*, p. 34).

Бисёриҳо ҳатто боре ҳам барои дохил шудан ба мушоракати воқеӣ бо Худо кӯшиш накарда, бо дарки мансубияти худ ба Ӯ қонеъ мешаванд. Боварӣ ба наҷоти худ дар одамон он қадар чуқур реша давондааст, ки шумораи хеле ками одамон хоҳиш доранд, ки аз ин фаҳмиш пеш раванд. Онҳо дуоҳои худро ба забон меоранд, ва сипас рӯзе мемиранд ва ба назди Ӯ мераванд. Аммо воқеияти мушоракат бо Масеҳ аз даст дода шудааст, ва ваҳйи муқтадир оиди хоҳиши бо мо роҳ рафтани Худо низ гум шудааст. Ин таҷрибаи якдафъаина ё муваққатӣ нест, балки хоҳиши ҳақиқӣ ва самимонаи Ӯ ин аст, ки бо мо мушоракати доимӣ ва беист дошта бошад. Биёед барои боварӣ ҳосил кардан ба ин, дар якҷоягӣ ба Навиштаҷот рӯ меорем.

## ҲУЗУРИ ӮРО КӢ ТАҶРИБА КАРДААСТ?

Мо мисолҳои ҳузури намоёни Ӯро дар тӯли тамоми матни Китоби Муқаддас мебинем. Дар боғи Адан Одам ва Ҳавво то даме бо Худо роҳ мерафтанд, ки беитоатии онҳо Одам ва зани ӯро маҷбур сохт, ки “аз пеши назари Худованд Худо дар миёни дарахтони боғ пинҳон шуданд” (Ҳас. 3:8). Дар худи ҳамин лаҳза инсон худро аз ҳузури Худо ҷудо сохт. Писари онҳо Қобил дар натиҷаи сахт шудани қалбаш худро боз ҳам бештар аз ҳузури Худо дур кард.

Аммо Худо таслим нашуд, Ӯ ҳанӯз ҳам бо инсон, ки дӯст медошт, наздикӣ меҷуст. Дар ниҳоят чунин шахсон, ба мисли Ҳанӯх ва Нӯҳ, ба хоҳиши қалби Ӯ посух доданд, ва, дар навбати худ, бо шавқи нотамоми наздикшавӣ ба Ӯ қалби Худоро ба ҳаяҷон оварданд. Дар натиҷа онҳо, пас аз он ки Одам боғи Аданро тарк кард, назар ба ҳар шахси дигаре, ки дар замони онҳо зиндагӣ мекард, ба Худо наздиктар буданд.

Иброҳим дар умри худ ҳузури намоёни Худоро борҳо ҳис мекард. Яке аз чунин вохӯриҳо вақте рӯй дод, ки Худо барои муҳокима кардани тақдири ояндаи Садӯм ва Амӯро ба назди вай омад. Пас аз доварӣ бар ин шаҳрҳо мо мехонем: “Ва бомдодон Иброҳим бархоста, сӯи маконе рафт, ки он ҷо пеши Худованд истода буд” (Ҳас. 19:27). Ин танҳо яке аз ҳолатҳои зиёде аст, ки Иброҳим дар ҳузури Худо аз мушоракат бо Ӯ лаззат мебурд. Дар пиронсолӣ Иброҳим ба хизматгори худ чунин гуфт: “Худованд, ки пешаш роҳ меравам, фариштаи Худро бо ту хоҳад фиристод ва сафари туро муваффақият хоҳад бахшид” (Ҳас. 24:40).

Мо ҳамчунин мехонем, ки Самуил “калон мешуд; ва Худованд бо ӯ буд, ва аз ҳамаи суханонаш чизе зоеъ намерафт” (1 Под. 3:19). Барои чӣ ягон сухани ӯ иҷроношуда намонд? Мо ба ин савол дар ояти навбатӣ ҷавоб меёбем: “Ҳақиқатан Худованд Ҳанноро тафаққуд намуд, ва ӯ ҳомила шуда, се писар ва ду духтар зоид; ва Самуили амрад ба ҳузури Худованд калон мешуд” (1 Под. 2:21). Дар ин ҷо мо боз мебинем, ки Худо дар мушоракати бевосита намоён мешавад. Агар мо Ӯро аз наздик донем, мо низ он чиро мегӯем, ки Ӯ мегӯяд, ва он гоҳ тамоми суханони мо иҷро мешаванд.

Довуд, ки Худоро дӯст медошт ва дар Аҳди Қадим дар ҳузури Худо бештар аз ҳар каси дигар, ғайр аз Мӯсо, қарор

дошт, нидо мекард: “Ва хонадони бандаат Довуд бигзор ба ҳузури Ту пойдор бошад” (2 Под. 7:26). Ба мисли Мӯсо, ӯ ҳеҷ гуна муваффақиятро орзу намекард, агар дар баробари ин ӯ аз ҳузури Худо маҳрум мешуд. Каме баъдтар, вақте ки ӯ гуноҳи хеле вазнини зинокорӣ ва одамкуширо содир кард, ӯ бо доду фарёд тавба намуд: “Маро аз пеши Худ дур наандоз, ва Руҳулқудси Худро аз ман нагир” (Заб. 50:13). Ӯ медонист, ки тамоми ҳаёти ӯ бе ҳузури Худо бе рангу мазмун мегардад! Ӯ чунин суханонро навишта буд: “Тариқи ҳаётро ба ман биомӯз: камоли шодиҳо ба ҳузури Туст, ва хушиҳо ба ямини Туст то абад” (Заб. 15:11).

Равоншиносон мегӯянд, ки муносибатҳое, ки дар тӯли панҷ сол давом мекунанд, шахсияти одамро ташаккул медиҳанд. Бо ин ақида пурра розӣ ҳастам, зеро Навиштаҷот мегӯяд: “Фирефта нашавед: ёрони бад ахлоқи некро фосид мекунанд” (1 Қӯр. 15:33). Ва дар ҷои дигар: “Касе ки бо хирадмандон гардад, хирадманд мешавад” (Мас. 13:20). Аммо дар бораи Довуд чӣ гуфтан мумкин аст? Вақте ки ӯ дар биёбон танҳо буд, “ҳар кӣ дар аҳволи танг буд, ва ҳар кӣ қарзхоҳе дошт, ва ҳар кӣ талхайш буд, назди ӯ ҷамъ шуданд, ва ӯ саркардаи онҳо гардид; ва тақрибан чорсад нафар бо ӯ буданд” (1 Под. 22:2). Ва бо ин одамон ӯ беш аз даҳ соли ҳаёти худро сипарӣ кард. Таъқибшудагон, аламзадагон ва норозиҳо, ва ҳатто қарздорон! Инҳо одамони бадхашм, ғазабнок, ва, аниқтараш, дағал ва бераҳм буданд. Аммо онҳо шахсияти Довудро дигар карда тавонистанд? Не! Барои чӣ? Чунки Довуд вақти бисёри худро дар ҳузури Худо мегузаронид ва ба туфайли ин рафтори шоҳона ва принсипҳои худро нигоҳ дошт, ва дар натиҷа ӯ ҳамчун як пешвои бузургтарин дар ҳар наслҳо ташаккул ёфт!

Яке аз порчаҳои дӯстдоштаи ман дар бораи ҷавоби Довуд

ба даъвати аҷоиби Худо нақл мекунад. Довуд гуфт:

> Дилам аз ҷониби Ту мегӯяд: "Ҷӯёи рӯи Ман бошед";
> ва ман, эй Худованд, ҷӯёи рӯи Ту хоҳам буд (Заб. 26:8).

Ҳаёти ӯ ҳамин гуна буд. Ӯ чунон бо Худованд вақти зиёд мегузаронид, ки ба туфайли ин на танҳо ба чаҳорсад мардони ранҷида, балки ба тамоми миллат таъсир расонид. Ӯ аз боиси он ба одамон таъсир расонида метавонист, ки вақти худро бо Сарчашмаи хирад, идрок ва маърифат мегузаронид. Аммо Довуд на барои он ҳузури Худоро меҷуст, ки ба ин чизҳо соҳиб шавад. Ӯ ошиқи Худо буд, чунки ӯ барои донистани қалби Худо саъй мекард. Ӯ Худоро бештар аз ҳар чизе, ки дар дунё ҳаст, дӯст медошт, ва сабаби ин муҳаббат дар он нуҳуфта буд, ки вай бо Ӯ вақти зиёд мегузаронид.

Эҳ, агар писари Довуд, Сулаймон, ин хоҳиши пурҳарорати падарашро мерос мегирифт! Ӯ ду бор Худои Исроилро дид, ва ӯ аз ҳар касе, ки пеш ва баъд аз вай дар дунё буд, оқилтар буд. Аммо бо вуҷуди ҳамаи ин ӯ зарурияти дар ҳузури Худо зиндагӣ карданро фаҳмида натавонист. Дар охири умри худ, вақте ки солҳои зиндагии худро беҳуда сарф кард, китоби ғамангезеро навишт, ки Воиз ном дорад. Гарчанде ӯ соҳиби хирад, сарвати зиёд ва занони аз ҳама зеботарин дар ҷаҳон, ва ҳамчунин ҷалолу нуфузе буд, ки ба тамоми арзу тӯли ҷаҳон паҳн шуда буд, ӯ танҳо як суханро хитоб карда метавонист: "Ҳеҷу пуч аст – ҳамааш ҳеҷу пуч!" Агар ӯ қалби падари худ Довудро медошт, таърихи Исроил ба таври дигар инкишоф меёфт.

Дар асл, агар одамони гуногун зарурияти ҷустуҷӯ кардани ҳузури Худоро медонистанд, қисми зиёди ҳикояҳои Китоби Муқаддас дигар гуна мебуд. Хеле таассуфовар аст, ки

шумораи ками одамон дараҷаи муайяни ҳузури Ӯро эҳсос кардаанд, аммо ҳатто онҳо дарк карда наметавонистанд, ки маҳз ба чашидани чӣ шарафёб гардиданд. Онҳо алоқамандона ба ҳақиқате дар ғафлат монданд, ки ҳузури Худо мисли чашмаи беинтиҳои ҳаловати амиқ ва муттасил аст, ва он танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар Худоро пайваста ҷустуҷӯ кунӣ. Яке аз чунин одамон хешованди дури шоҳ Довуд, шоҳ Узиё, буд. Дар солҳои аввали ҳаёти худ ӯ Худоро ҷустуҷӯ мекард ва дар натиҷа ба муваффақиятҳои калон ноил гашта буд, аммо баъдтар сарчашма ва манбаи муваффақияти худро фаромӯш кард. Ӯ мағрур шуда, дигар Худовандро наҷуст ва дар натиҷа ҳамчун махав бо гӯшанишинӣ фавт кард (ниг. 2 Вақ. 26).

## Бадбахтии бузург

Мо хондани Аҳди Қадимро боз ҳам давом дода метавонем, аммо фоҷиаи бузург ҳанӯз барвақт, чандин сол пеш аз таваллуди шоҳ Довуд, вақте ки аҷдодони ӯ, насли Иброҳим, аз Миср баромаданд, рӯй дода буд. Дар бобҳои гузаштаи ин китоб мо дар бораи он маълумот пайдо кардем, ки Худо исроилиёнро аз асорат барои он халос кард, то ки онҳоро ба Худ ҷалб кунад. Аммо посухи онҳо ба ин ана чӣ гуна буд: “Ва қавм *аз дур* истоданд, ва Мусо сӯи меғ, ки Худо дар он ҷо буд, *наздик омад”* (Хур. 20:21, курсиви муаллиф). Чӣ бадбахтӣ! Худо ба онҳо Худро зоҳир сохт, онҳо бошанд, аз дур истоданд. Танҳо Мӯсо ба Худо иштиёқе дошт, ки ӯро водор намуд, то боисрор пеш равад ва ба Ӯ наздиктар шавад. Дар натиҷаи чунин аксуламали қавм Худо каҳонате барпо кард, ки дар назди вай ба ҳайси намояндагони қавм меистоданд. Худо фармуд, ки маскан созанд, то Ӯ дар паси парда пинҳон шуда, дар байни қавм ҳозир бошад. Зуд пас аз

он ки сохтмони маскан, ки сахт бо нишондоди Худо ба амал оварда шуд, анҷом ёфт, мо мехонем:

> “Ва абр хаймаи ҷомеъро пӯшонид, ва *ҷалоли* Худованд [*ҳузури* Ӯ] масканро пур кард. Ва Мусо натавонист ба хаймаи ҷомеъ дохил шавад, зеро ки абр бар он сокин буд, ва ҷалоли Худованд масканро пур карда буд” (Хур. 40:34,35, курсиви муаллиф).

## Дараҷаҳои гуногуни ҳузури Ӯ

Дар ин ҷо ман мехоҳам, ки каме диққатамро ба дигар тараф гардонида, дараҷаҳои гуногуни ҳузури Худоро муҳокима кунам. Ба ҷалоле, ки дар ояти гузашта оиди он гуфта шудааст у он ҳузури Ӯро мефаҳмонад, диққат диҳед. Вақте ки маскан бунёд карда шуд, ҳузури Худо дар он чунон зиёд буд, ки Мӯсо, ки ҳамчун дӯст рӯ ба рӯ бо Худо сӯҳбат мекард, ба он ворид шуда натавонист. Оё шумо дараҷаи баландтарини зебоии Ӯро, ҳузури аҷоиб ва дар айни замон пурҳайбати Ӯро ба худ тасаввур карда метавонед?

Пас аз солҳои зиёд, дар маскан, гуфтан мумкин аст, ки ба ҳузури Худо эътибор надоданд. Ин дар замони саркоҳин ва довар, ҳамчунин насли дури Ҳорун, Элӣ, буд. Бештар аз ин, ба маскан на танҳо осонакак дохил мешуданд, балки дар ҷое, ки Мӯсо даромаданро ба худ раво намедид, гуноҳҳои азим содир карда мешуданд. Мо мехонем: “Ва каломи Худованд дар он айём камёфт буд, ва рӯъё ҳанӯз маъмул набуд” (1 Под. 3:1). Барои чӣ каломи Худованд дар он рӯзҳо камёфт буд? Ва, боз ҳам, рӯъёҳо, ё ваҳйҳои Худовандро, аз ҷумла Каломи Ӯро танҳо дар ҳузури Ӯ пайдо кардан мумкин аст. Дар он ҷое, ки ҳузури Ӯ мавҷуд нест, ваҳйҳо ҳам нестанд, ва дар ҷое, ки ҳузури Ӯ кам аст, ваҳйҳо низ камтар мешаванд. Аммо дар ҷое, ки ҳузури Ӯ

қавӣ ва бо шиддат зоҳир мешавад, дар он ҷо ваҳйҳо низ қавӣ ва пурзӯр мешаванд! Каме баъдтар дар ҳамин боб муаллифи Китоби аввали Подшоҳон нақл мекунад, ки "ва чароғи Худо [ҳузури Ӯ] ҳанӯз хомӯш нашуда буд [пурра набудани Худо]". Ва ба ҳар ҳол ин бадбахтӣ баъдтар, дар охири хидматгузории Элӣ, вақте ки сандуқи Худоро фалиштиён ғасб карданд, рӯй дод. Дар соатҳои охирини ҳаёти худ Элӣ калимаи *ихобӯдро* шунид, ки маъноаш "шараф Исроилро тарк кард" мебошад.

Дар замонҳое, ки Элӣ зиндагӣ мекард, аз боиси ҳукмфармоии гуноҳ дар байни исроилиён ҳузури Худо базӯр намоён буд. Аммо дар таърихи Исроил вазъиятҳое буданд, ки ҳузури Худо ҷалоли Ӯро ба таври дидашаванда намоён намекард, яъне ба тавре ки онро одамон дар маскани навакак бунёд кардашуда медиданд, ки ҳузури Ӯ воқеӣ ва маълум буд, ва ваҳйҳо бошанд, қавӣ ва фаровон. Ва вақте ки дараҷаи ҳузури Худо баланд нест, Ӯ ба одамон базӯр наздик мешавад ва ҷалоли Худро ошкор намекунад.

Инро дар мисоли Яъқуб дидан мумкин аст. Ӯ бо Худо гӯштин гирифт ва Ӯро рӯ ба рӯ дид, аммо, чуноне ки маълум аст, бе намоён шудани ҷалоли Ӯ дид. Бо вуҷуди ин Яъқуб пурра тағйир ёфт ва дар натиҷаи вохӯрӣ бо Худо дар ваҳйи Ӯ камол ёфт (ниг. Ҳас. 32:24-30). Еҳушаъ ибни Нун Худоро дид, аммо нафаҳмид, ки бо пешвои лашкари Худованд гуфтугӯ мекунад. Аз дигар тараф, Мӯсо ба Худо нидо карда, хоҳиши рӯ ба рӯ дидани Ӯро изҳор кард, ва ба он Худо чунин ҷавоб дод: "Ту рӯи Маро наметавонӣ бубинӣ, зеро ки одамизод наметавонад Маро бубинад ва зинда монад" (Хур. 33:20). Мо мебинем, ки Мӯсо мехост Худоро бо тамоми ҷалолаш бубинад, аммо вай ба ин муяссар нашуд. Вале Еҳушаъ ибни Нун ва дигарон рӯи Худоро диданд ва зинда монданд. Барои чӣ? Чунки онҳо Худовандро бо тамоми ҷалоли Ӯ надиданд.

## Дурахши рӯи Ӯ

Аввалан, биёед ба таври кӯтоҳ муҳокима мекунем, ки ҷалоли Худо чӣ аст. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин як туман, абр ё ягон падидаи ба ин монанд аст. Дар натиҷа чунин ақидаро шунидан мумкин аст: "Оҳ, ба ҷамъомади гузаштаи мо ҷалоли Худо нозил шуд". Аммо чунин муносибат ба мафҳумҳои Худо "машварати Худоро бо суханони бемаънӣ торик мекунад" (Айюб 38:2).

Пеш аз ҳама ҷалоли Худо – ин абр не. Шумо пурсида метавонед: "Пас чаро ҳар дафъа, вақте ки дар Навиштаҷот ҷалоли Худо зикр карда мешавад, дар бораи абр низ гуфта мешавад?" Сабаби ин чунин аст: "Худо дар абр пинҳон мешавад". Ӯ беҳад дурахшон аст, то ки Ӯро дида тавонем, аз ин рӯ абр рӯи Ӯро пинҳон мекунад, вагарна ҳар гуна ҷисм дар гирди Ӯ зуд нест у нобуд мешавад. Дар ёд дошта бошед, Худо ба Мӯсо гуфт, ки ҳеҷ кас рӯи Ӯро дида, зинда монда наметавонад. Бинобар ин саволе пайдо мешавад: "Пас чӣ тавр Ишаъё, Ҳизқиёл ва ҳаввори Юҳанно ҷалоли Худоро диданд ва зинда монданд, ва баъд ба мо низ оиди он нақл карданд. Ҷавоб оддӣ аст: онҳо дар рӯҳ ва берун аз ҷисм буданд. Ҷисми фонӣ дар ҳузури поку пурҷалоли Худо истода наметавонад. Ӯ оташи фурӯбаранда аст, Шахсе, ки дар Вай ҳеҷ торикӣ нест (ниг. Ибр. 12:29; 1 Юҳан. 1:5). Павлус дар бораи Исо чунин менависад:

> [Ӯ] Фармонгузори таборак ва ягона, Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон дар вақти худ нишон хоҳад дод, ки танҳо Ӯ Ҳайи лоямут буда, дар нури дастнорас сокин аст, ва Ӯро як нафар ҳам аз одамон надидааст ва дида наметавонад (1 Тим. 6:15,16).

Исо дар нури беҳад дурахшоне сокин аст, ки касе аз одамон надидааст ва дида ҳам наметавонад. Муаллифи Забур мегӯяд, ки Худованд аз нур либос мепӯшад (ниг. Заб. 103:2). Павлус низ дар ин бора бо боварӣ навишта буд, чунки ӯ дар роҳи Димишқ  ба андозае ин нури дастнораси ҳузури Худоро дар ҷалолаш дида буд. Ӯ ба подшоҳ Ағриппус дар ин бора ин тавр нақл карда буд:

> Ва инак, эй подшоҳ, дар нисфи рӯз дар роҳ нуреро аз осмон дидам, ки равшантар аз офтоб буд (Аъм. 26:13).

Павлус рӯи Исоро надид, ӯ танҳо нуреро дид, ки аз Ӯ мебаромад. Ин нур аз офтоби беҳад дурахшони Шарқи Наздик равшантар буд! Павлус дар ҳузури пурҷалоли Худо қарор дошт. Ин на офтоби саҳарӣ ва на офтоби бегоҳирӯзӣ буд, аммо хеле пурнур, офтоби нисфирӯзӣ, буд. Ман дар иёлати “офтобӣ”, дар Флорида, дувоздаҳ сол зиндагӣ кардаам ва ҳеҷ гоҳ айнаки офтобпанаҳ *истифода набурдаам.* Аммо якчанд сол пеш аз ин ман бо Лиза ба Шарқи Наздик рафтам, ва дар он ҷо *маҷбур шудам,* ки айнаки офтобпанаҳ андозам! Офтоб дар он иқлими хушк ва биёбонӣ хеле равшантар буд, ва наздикии он ба экватор ҷилои тоқатнопазири онро пурзӯртар мекард. Нури офтоб субҳи барвақт ва наздики шом тоқатпазир буд, аммо аз соати ёздаҳ то ду офтоб ба таври тоқатнопазир равшан буд. Бо вуҷуди ин Павлус изҳор мекунад, ки нури Исо аз офтоби нисфирӯзии Шарқи Наздик дурахшонтар буд! Як лаҳза андеша карда, ба ёд оред, ки кай шумо бори охирин рост ба офтоб нигоҳ карда будед? Агар он ба пушти абрҳо панаҳ нашуда бошад, ин хеле мушкил аст. Ҷалоли Худо аз рӯи равшанӣ маротибаҳои зиёд аз офтоби нисфирӯзӣ бартар аст.

Акнун фаҳмо мешавад, ки чаро Юил ва Ишаъё якҷоя

изҳор мекарданд, ки дар рӯзҳои охир, вақте ки ҷалоли Худо ошкор мешавад, офтоб хира мегардад. “Инак, рӯзи Худованд меояд... Ситорагони осмон ва сайёраҳои он аз худ рӯшноӣ нахоҳанд дод; офтоб дар вақти тулӯи худ хира хоҳад шуд, ва моҳ бо рӯшноии худ нахоҳад дурахшид” (Иш. 13:9,10).

Иҷозат диҳед, ки боз чизеро ба шумо фаҳмонам. Дар осмони кушоди шабона мо чиро мебинем? Ситораҳоро! Онҳо дар тамоми осмон паҳн шудаанд. Аммо вақте ки саҳарӣ офтоб мебарояд, чӣ рӯй медиҳад? Ситораҳо ба куҷо нопадид мешаванд? Наход ки онҳо то ғуруби офтоб гурехта, ба пушти уфуқ руст мешаванд, ва сипас зуд ба ҷойҳои худ бармегарданд? Мо медонем, ки ин тавр нест. Аммо ба ҳар ҳол чӣ рӯй медиҳад? Ситораҳо дорои ҷалоли як сатҳ мебошанд, вале ҷалоли офтоб аз ҷалоли онҳо чандин маротиба зиёд аст, бинобар ин вақте ки офтоб тулӯъ мекунад, дар муқоиса бо ҷалоли офтоб ҷалоли онҳо хира мешавад. Онҳо дар ҷои худ меистанд, аммо онҳоро дидан ғайриимкон мешавад. Айнан ба ҳамин монанд, вақте ки Исо дар ҷалоли Худ бармегардад, он аз офтоб ба ҳадди муайяннашаванда равшантар хоҳад буд, ва Ӯ онро хира мегардонад. Офтоб дар ҷои худ мемонад, вале мо онро аллакай дида наметавонем. Ана ҳамин тавр! Шумо акнун мефаҳмед, ки чаро Павлус мегӯяд, ки Исоро дар ҷалоли Ӯ “як нафар ҳам аз одамон надидааст ва дида наметавонад”?

Ҷалоли Худо аз ҳар нури дигар равшантар аст. Ӯ рӯшании мутлақ ва оташи фурӯбаранда аст. Ана барои чӣ ҳангоми бозгашти дубораи Ӯ “мардум ба мағораҳои кӯҳпораҳо ва ба сӯрохҳои хок дохил хоҳанд шуд, аз сабаби тарси Худованд ва *аз шавкати кибриёи Ӯ,* вақте ки Ӯ бархезад, то заминро вожгун созад” (Иш. 2:19, курсиви муаллиф). Юҳанно дар ин бора чунин менависад:

> Ва подшоҳони замин, ва олиҷоҳон, ва сарватдорон, ва мириҳазорон, ва зӯроварон, ва ҳар ғулом ва озод дар мағораҳо ва дараҳои кӯҳҳо пинҳон шуданд, ва ба кӯҳҳо ва сангҳо мегӯянд: "Бар мо биафтед ва моро *аз ҳузури* Нишинандаи тахт ва аз ғазаби Барра пинҳон кунед" (Ваҳй 6:15,16, курсиви муаллиф).

## Ҷалоли Худо чӣ маъно дорад?

Биёед ба саволи зайл ҷавоб медиҳем: ҷалоли Худо чӣ маъно дорад? Барои ҷавоб ёфтан мо ба сӯҳбати Мӯсо ва Худо бармегардем. Мӯсо на танҳо ҳузури Худоро талаб кард, ӯ ҳамчунин дидани ҷалоли Худоро хоҳиш кард.

> Мӯсо гуфт: *ҷалоли Худро* ба ман нишон деҳ (Хур. 33:18, курсиви муаллиф).

Калимаи ибронии "ҷалол" – *kabowd*. Дар Луғати библиявии худ Стронг мефаҳмонад, ки маънои ин калима "вазни чизе, аммо танҳо бо маънои маҷозӣ ва мусбӣ" мебошад. Дар таърифи ин калима ҳамчунин "шукӯҳ ва шаҳомат, фаровонӣ ва шараф" аст. Мӯсо аз Худо дархост кард, ки ҷалолашро ба ӯ нишон диҳад. Ба ҷавоби Худо диққат диҳед:

> Ман тамоми ҷалолати Худро аз пеши ту мегузаронам [дар Китоби Муқаддаси англисӣ – Ман тамоми *некии* Худро аз пеши ту мегузаронам], ва исми Худовандро пеши ту мехонам (Хур. 33:19, курсиви муаллиф).

Мӯсо талаб кард, ки ҷалолашро ба вай нишон диҳад, аммо Худо ваъда дод, ки некиашро нишон медиҳад. Калимаи ибронии "некӣ" – ин *tuwb*. Маънои он "некӣ бо маънои васеи

калима" мебошад. Ба ибораи дигар, ҳеҷ чиз пинҳон нест, ҳама чизи нек ва хуб намоён аст.

Сипас Худо гуфт: "Ва исми Худовандро пеши ту мехонам". Пеш аз он ки шоҳи заминӣ ба толор дарояд, ҷорчӣ номи ӯро эълон мекунад. Зоҳиршавии тантанавии подшоҳ дар саломхонаи худ бо тамоми шукӯҳи ӯ ва бо эълон кардани номи шоҳонаи ӯ бо садои шох тақвият дода мешавад. Бо ҳамин тариқ азамати подшоҳ зоҳир карда шуд, ва ба ҳамаи ҳозирин фаҳмо мегардад, ки подшоҳ кӣ аст. Аммо ҳамин султон бо либоси оддӣ, бе ҳамроҳии хизматгорон, дар кӯчаҳои шаҳри худ роҳ равад, чӣ мешавад? Рости гап, ҳар чизе, ки дар дарбор ин қадар равшан ва намоён буд, дар кӯча гум мешавад, ва ягон роҳгузар зоти шоҳонаро намедонад. Аз ҳузури ӯ аллакай нафасгир намешаванд, ҷалоли вай он таассуротеро, ки дар саломхонаи худ ба одамон мегузошт, ҳосил намекунад. Дар асл, маҳз Худо азм кард, ки номи Худро дар назди Мӯсо эълон кунад, ва гуфт: "Ва исми Худовандро пеши ту мехонам ва тамоми ҷалолати Худро аз пеши ту мегузаронам".

Дар Аҳди Ҷадид гуфта мешавад, ки ҷалоли Худованд дар шахсияти Исои Масеҳ ба мо зоҳир карда шудааст (ниг. 2 Қӯр. 4:6). Бисёр одамоне, ки дар ҳузури Худованд истода буданд, дар бораи он шаҳодат медоданд, ки онҳо рӯи Ӯ ва Худи Ӯро дидаанд. Бале, ҷои шубҳа нест, вале бо вуҷуди ин ман ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ кас Ӯро бо тамоми ҷалолаш надидааст.

Касе алоқамандона ба он ки шогирдон рӯи Исоро пас аз Эҳёи Ӯ дидаанд, савол дода метавонад. Бале, дуруст аст, аммо дар он лаҳза низ ин зуҳури пурраи ҷалоли Ӯ набуд. Чуноне ки ман аллакай гуфтам, дар Аҳди Қадим одамоне буданд, ки дар ҳузури Худо меистоданд, аммо на дар зуҳури ҷалоли Ӯ. Худованд дар булутзори Мамре ба Иброҳим зоҳир шуд, аммо на дар ҷалол (ниг. Ҳас. 18:1,2). Худованд бо Яъқуб

гӯштин гирифт, Еҳушаъ ибни Нун бошад (ниг. Еҳуш. 5:13-15), ҳатто Ӯро нашинохт. Ҳолатҳои ба ин монанд низ буданд.

Вақте ки Еҳушаъ ибни Нун пеш аз ҳамла ба Ериҳӯ бо Худованд вохӯрд, Худованд ба вай ҳамчун Сарбоз вохӯрд. Ӯро нашинохта, Еҳушаъ ибни Нун пурсид: “Оё ту аз мо ҳастӣ ё аз душманони мо?” Он гоҳ Худованд ба вай ҳамчун пешвои лашкари Худованд *зоҳир шуд* ва ба Еҳушаъ ибни Нун фармон дод, ки пойафзолашро аз пойҳояш бикашад. Зеро ҷое ки вай меистод, муқаддас буд. Яъқуб тамоми шаб бо Худованд гӯштин гирифта, субҳидам гуфт: “Хоҳишмандам, номатро бигӯй” (Ҳас. 32:29). Биёед ба мисоли подшоҳе бармегардем, ки бо либоси оддӣ дар кӯчаҳои шаҳр роҳ мегардад, ва бисёриҳо ӯро намешиносанд. Маҳз дар ҳамин намуд Яъқуб ва Еҳушаъ ибни Нун Худовандро диданд, аммо онҳо ба ҳар ҳол аз Ӯ кушоиши бузург гирифтанд.

Ин ба давраи пас аз Эҳё низ дахл дорад. Марями Маҷдалия якумин шахсе буд, ки бо Исо сӯҳбат кард, ва вай гумон кард, ки ин боғбон аст (ниг. Юҳан. 20:15,16). Шогирдон дар соҳили баҳр бо Исо моҳӣ хӯрданд (ниг. Юҳан. 21:9,10) ва дар аввал на Ӯро ва на овози Ӯро нашинохтанд. Ва танҳо вақте ки Ӯ кори ба онҳо ошноеро иҷро кард, онҳо Ӯро эътироф карданд. Пас аз Эҳё Ӯ ҳамчунин бо ду шогирде равона буд, ки ҳанӯз то марги Ӯ шунида буданд, ки чӣ бояд рӯй диҳад, аммо Ӯро нашинохтанд, чунки “чашмони онҳо баста буд” (ниг. Луқ. 24:16). Онҳо ҳамчунин Ӯро на аз тарҳи симояш, на аз рӯи қаду қомат, на аз рӯи овоз нашинохтанд. Онҳо ҳама рӯи Ӯро диданд ва дар ҳузури Ӯ истода буданд, аммо ҷалоли Ӯ бо тамоми пуррагӣ зоҳир нагардида буд. Ва ҳамаи онҳо оқибат аз ҳузури Ӯ кушоиш гирифтанд.

Бар хилофи ин ҳавворӣ Юҳанно дар ҷазираи Патмос Худовандро дар рӯҳ дид. Аммо ин комилан вохӯрии дигар

буд, ки бо воқеаи наҳорӣ дар лаби баҳр муқоисанашаванда мебошад, зеро ин дафъа Юҳанно Исоро бо тамоми ҷалолаш дид. Ӯ Исоро чунин тасвир мекунад: “Ва рӯи Ӯ мисли офтобе буд, ки дар қувваташ медурахшад. Ва ҳангоме ки Ӯро дидам, бар пойҳояш мисли мурда афтодам” (Ваҳй 1:16,17). Ҳузури пурҷалоли Худованд чунон қавӣ буд, ки Юҳанно, чун мурда, бияфтод.

Маҳз ҷалоли Худованд Худоро Худо мекунад. Ҳамаи сифатҳои Ӯ – қувват, қудрат, хирад – айнан дорои шукӯҳу шаҳомати беандозаанд. Ӯ ҳеҷ чизро бознамедорад ва ҳеҷ чизро пинҳон намекунад! Ин ҳузури пурҷалолро танҳо он гоҳ эҳсос кардан мумкин аст, ки Худо танҳо қисман дида мешавад, тавре ки дар мисоли Мӯсо, ки танҳо пушти Ӯро дид, чуноне ки ин бо Шоул дар роҳи Димишқ рӯй дод, вақте ки Павлус ҳеҷ чизро ғайр аз нур ва овоз надид ва нашунид.

## Ҷои сукунати Ӯ

Ба насли Иброҳим бармегардем. Вақте ки Худо аввалин бор ҷалоли Худро дар кӯҳи Сино зоҳир кард, одамон аз тарс ба ақиб рафта, фарёд заданд: “Инак, Худованд Худои мо *ҷалол* ва кибриёи Худро ба мо нишон дод, ва овози Ӯро мо аз миёни оташ шунидем. Вале алҳол чаро бимирем? Зеро ки ин оташи бузург моро хоҳад сӯзонид: агар мо боз овози Худованд Худои худро бишнавем, хоҳем мурд” (Так. Шариат 5:24,25, курсиви муаллиф). Онҳо дар ҳузури пурҷалоли Ӯ истода натавонистанд, чунки виҷдони онҳо бо худсарӣ ва саркашӣ олуда шуда буд.

Сипас исроилиён маскан сохтанд, ва Худо дар қисми дарунии он, ки қудси қудсҳо номида мешуд, сокин шуд. Ба ин қисми дарунӣ соле як бор саркоҳин ворид мешуд. Ӯ ба он ҷо аз тариқи саҳни берунӣ дохил мегардид, ки дар он ҷо дар қурбонгоҳи мисин аввал қурбонии хунин оварда мешуд,

то ки бо Худо мусолиҳа карда шавад ва гуноҳи худи саркоҳин ва тамоми қавм шуста шавад. Пас аз қурбонӣ саркоҳин дар лагани мисин, ки дар паҳлӯи қурбонгоҳ меистод, шустушӯ мекард. Танҳо баъд аз ин ӯ ба қудси паси парда мегузашт. Дар он ҷо равшании табиӣ набуд. Қудси қудсҳо бо воситаи чароғи тиллоӣ равшан карда мешуд, ки рамзи Исои Масеҳ, Нури мо, буд (ниг. Юҳан. 9:5). Дар он ҷо ҳамчунин нонҳое буданд, ки тимсоли Исо ҳамчун нони ҳаёт буд (ниг. Юҳан. 6:48). Ашёи сеюм дар ин ҷо қурбонгоҳи бухур буд, ки рамзи ҳаёт бо дуо ва парастиши доимӣ аст.

Вале дар он ҷо низ саркоҳин зуд ба ҳузури бевоситаи Худо дохил намешуд. Дар он ҷо боз як парда буд, ки қудсро аз қудси қудсон ҷудо мекард. Дар он ҷо бар тахти меҳрубонӣ ҳузури воқеӣ ва намоёни Худо сокин буд. Вақте ки Исо рӯҳи Худро ба Худо супурд, ин парда дарид: “Ва инак, пардаи маъбад аз боло то поён дарида, ду пора шуд” (Мат. 27:51). Диққат диҳед, он аз боло ба поён дарида буд, на аз поён ба боло. Маҳз Худо, на инсон, пардаро дарронид, чунки Ӯ аз маъбад баромад! Ӯ барои Худ иқоматгоҳи нав, ҷои сукунати наве омода кард, ки дар борааш ҳамеша орзу мекард – ин қалби бедори фарзандони Ӯ. Аммо кай ин рӯй дод? Пас аз панҷоҳу се рӯз, дар рӯзи Пантикост Худо дар иқоматгоҳе сокин шуд, ки Ӯ кайҳо барои Худ мехост. Мо мехонем:

> Баногоҳ ғулғулае, мисли садои тундбод, аз осмон баромад ва тамоми хонаро пур кард, ва забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуда, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо қарор гирифт. Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд (Аъм. 2:2-4).

То даме ки Мӯсо сохтмони масканро ба охир нарасонид, ҳузури Худо дар он ҷо намоён нашуд, ва айнан ҳамин тавр Худованд ба иқоматгоҳи нави Худ танҳо вақте гузашт, ки Исо гуфт: *"Иҷро шуд!* Ва, сар фурӯ оварда, ҷон дод" (Юҳан. 19:30). Ин иқоматгоҳи нав бо хуни Барраи ҷовидонӣ тайёр карда шуда буд.

> Пас, эй бародарон, модоме ки мо ҷуръат дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ, бо роҳи нав ва зинда дохил шавем, ки онро Ӯ барои мо ба василаи пардае, яъне ҷисми Худ, аз нав кушодааст... пас бо дили соф ва бо имони комил, дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарири мо татҳир намуда ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода, *наздик оем,* ва эътирофи умеди худро собитқадамона нигоҳ дорем, зеро ки Ваъдадиҳанда амин аст (Ибр. 10:19-23, курсиви муаллиф).

Мо ҷуръат дорем, ки ба Он Шахс, ки дар "қудс" сокин аст, наздик оем, яъне наздик шавем. Акнун ин қудс на дар маскан ва на дар маъбад, балки дар ҷисми мо ҷойгир шудааст! Бале, Худо дар қалби инсонҳое сокин аст, ки тавассути қурбонии Исо ба Ӯ бахшида шуда буданд! Аксар вақт, ҳангоме ки мо Ӯро мехонем, ба худ саломхонаеро тасаввур мекунем, ки, эҳтимол, аз мо миллионҳо километр дур аст. Аммо на, Ӯ дар қалбҳои мо зиндагӣ мекунад! Мо то ҳол омӯхта нашудаем, ки ба даруни худ нигоҳ кунем, мо ҳанӯз ҳам ба берун нигоҳ мекунем! Навиштаҳои Аҳди Нав возеҳ мефармояд, ки "дар дили худ нагӯ: кӣ ба осмон сууд мекунад?" (Рум. 10:6).

Бале, албатта, Худо саломхонаи Худро дорад, ки дар осмони сеюм ҷой гирифтааст. Аммо Ӯ чунон бо халқи Худ наздикӣ меҷӯяд, ки дар замонҳои Аҳди Қадим дар Замин маскан сохт, ки дар он ҳузури Ӯ намоён карда шуда буд.

Акнун бошад, Ӯ барои Худ маскани дигар дар қалбҳои одамоне сохт, ки ба Исо ҷони худро таслим кардаанд ва аз Ӯ дархост намуданд, ки онҳоро аз Рӯҳулқудс пур гардонад. Ӯ барои Худ ҷое бунёд кард, ки ба чизи дӯстдошта ва маҳбуби Ӯ аз ҳама наздиктар аст. Вақте мо ба Касе, ки дар қалбамон сокин аст, наздик мешавем, мо ҳамчунин ба саломхонае дохил мешавем, ки миллионҳо километр дуртар аз Замин аст. Ин чӣ тавр имконпазир буда метавонад? Дар Рӯҳи Худо масофа вуҷуд надорад. Дар ҳузури Ӯ сокин будан маънои онро дорад, ки дар саломхонаи Ӯ якҷоя бо Исо ва Падар сокин мешавӣ, чунки Ӯ Рӯҳи Масеҳ ва Худо аст! (ниг. Рум. 8:9).

Диққат диҳед, ки муаллифи Нома ба Ибриён мегӯяд: "Ва эътирофи умеди худро собитқадамона нигоҳ дорем, зеро ки Ваъдадиҳанда амин аст" (Ибр. 10:23). Муаллиф ҳамчунин чизи дигар мегӯяд:

> "Умед барои ҷон мисли лангари боэътимод ва мустаҳкам аст, ва *андаруни* парда [ҷое, ки *ҳузури* Ӯ мавҷуд аст] дохил мешавад (Ибр. 6:19, курсиви муаллиф).

Пардаи дарида акнун ба ҳар як имондор дар ин дунё имкон медиҳад, ки ба ҳузури Худо бо роҳи нав ва зинда ворид шавад. Акнун ҷисми мо парда шуд. Агар мо ҷисмамонро инкор карда ё маслуб карда, ба воситаи саҳни берунии он гузашта тавонем (ниг. Ғал 5:4), мо ба "қудси қудсҳо"-и қалби худ дохил мешавем ва бо Ӯ сӯҳбати тамомнашаванда дошта метавонем. Ҳузури Ӯ воқеияти доимӣ мегардад. Ӯ ба мо қатъӣ ваъда дод, ки агар мо ба Вай бо қалби тоза ва самимӣ наздик шавем, Ӯ ба мо ҳузури Худро ошкор мекунад! Ӯ ҳеҷ гоҳ барои ба амал овардани ин файз

доираи маҳдуд ё хурди одамонро, ё давраи маҳдуди вақтро дар назар надошт. Вақте ки исроилиён ба Ӯ содиқ буданд, ҳузури Ӯ дар маскан доимӣ буд, ва айнан ба ҳамин монанд ҳузури Ӯ дар даруни маскани қалби мо доимӣ хоҳад буд.

Ба суханони Яъқуб диққат диҳед: “Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд”. Чӣ гуна умед, чӣ гуна боварии қатъӣ! Худо ваъда медиҳад ва бо Худаш қасам мехӯрад, зеро “бо ду чизи тағйирнопазир, ки дар онҳо дурӯғ гуфтани Худо мумкин нест, барои мо, ки паноҳ ёфтаем ва ба умеде ки пешниҳод шудааст, часпидаем, тасаллои пурзӯре бошад” (Ибр. 6:18). Аммо ин умед чӣ аст? Агар мо ба Ӯ наздик шавем, Ӯ ба мо наздик мешавад! Ӯ инро қатъиян ваъда додааст!

Пас, барои чӣ бисёр одамон аз ҳузури намоёни Ӯ лаззат намебаранд? Чуноне ки А. У. Тозер гуфтааст:

> Вақте ки ҷисми Исо пардаро дарронд ва аз тарафи Худо ҳеҷ кори иҷронашуда намонд, ки барои дохил шудан ба ҳузури Худо ба мо халал расонида тавонад, барои чӣ мо дер мемонем? Барои чӣ мо аз он қонеъ мешавем, ки тамоми умри худ берун аз қудси қудсҳо мебошем ва ҳеҷ гоҳ ба он дохил намешавем, то ки рӯи Худоро бубинем? Мо суханони Домодро мешунавем: “Чеҳраи худро ба ман нишон деҳ, овози худро ба ман бишнавон, зеро ки овози ту хуш аст, ва чеҳраи ту зебост” (Суруд. 2:14). Мо ҳис мекунем, ки ин даъват ба мо нигаронида шудааст, вале мо наздик намеоем, ва солҳо мегузаранд, мо калонсолтар мешавем ва аз сокин шудан дар саҳни берунии маскан хаста мешавем. Вале ба мо чӣ халал мерасонад? (*The Pursuit of God*, p. 41).

Савол чун пештара боқӣ мемонад: чӣ ба мо халал мерасонад? Барои чӣ мо аз боиси нобинои худ ба аломатҳои зарур дар роҳ эътибор надода, ҳама корро бо қуввати худамон иҷро кардан мехоҳем? Барои чӣ бисёр одамон, дар ҳоле ки дар назди онҳо чунин умеди дурахшон фурӯзон аст, ки ваъдаи Ӯ кафолат медиҳад, ва Ӯ ваъдаи Худро вайрон карда наметавонад, қаноатманд намешаванд ва афсурдагиро ҳис мекунанд? Минбаъд мо бо шумо мебинем, ки барои бунёд кардани ин муносибатҳои аҷоиб, ки Худо ба ҳар як имондор дастрас гардонидааст, чӣ ба мо халал мерасонад.

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Дар саршавии ин боб мо чунин саволҳо додем: "Барои чӣ ин қадар одамон аз муносибатҳое, ки дар сатҳи ақл бо Худо доранд, қонеъ мешаванд? Барои чӣ мо ба чунин масеҳият, ки дар он ҳузури Масеҳ нест, розӣ мешавем? Чӣ тавр мо ба Худо наздик набуда, қаноатманд буданро ёд гирифтем?" Шумо ба ин саволҳо чӣ тавр ҷавоб медодед?

2. Мо дар бораи он гуфтем, ки, аз рӯи ақидаи равоншиносон, муносибат бо одамон дар давоми панҷ сол қодир аст, ки шахсияти моро дигар гардонад. Мо ҳамчунин гуфтем, ки Навиштаҷот ин нуқтаи назарро тасдиқ мекунад: "Ёрони бад ахлоқи некро фосид мекунанд" (1 Қӯр. 15:33), ва ҳамчунин: "Касе ки бо хирадмандон гардад, хирадманд мешавад" (Мас. 13:20). Оё дар ҳаёти шумо давраҳое буданд, ки ҳаққонияти яке ё ҳар ду аз ин изҳоротро, ки дар Навиштаҷот оварда шудаанд, тасдиқ карда тавонанд? Аз рӯи таҷрибаи худ оиди онҳо нақл кунед.

Боби 6

# ДӮСТОНИ ХУДО

Ӯ ба онҳо муносибати наздики дӯстонаро пешниҳод кард, аммо онҳо дар натиҷаи интихоби худ онро қабул карда натавонистанд.

Вақте ки ман ин бобҳоро менависам, дар қалбам ташнагии беинтиҳое барои ҳузури Ӯ ҷӯш мезанад. Гуфтугӯ оиди ин мавзӯъ дар ман оташро аланга мезанонад ва хоҳиши маро барои ҷустани Он Шахсе, ки маро сахт дӯст медорад, қувватнок мекунад. Дар ин муҳаббати романтикии ҳамаи давру замонҳо ва халқҳо Ӯ ҳамеша ҳар як инсони алоҳидаро меҷӯяд. Аммо Худи Ӯ, ки, дарвоқеъ, барои ҷустани мо аз ҳама бештар сазовор аст, “ғанимат”-и ин қадар ҳам осон нест. Ӯ Подшоҳи бузург ва қуддус аст, ва инро ба инобат гирифта, ба Ӯ мебояд бо эҳтироми бузург муносибат кард. Бинобар ин, табиист, ки оиди “тарси муқаддас” сӯҳбат накарда, дар бораи наздикшавӣ ба Ӯ гап задан ғайриимкон аст.

## Ҷудошавии роҳҳо

Дар ин чорроҳа роҳи "ҷӯяндаи дӯстӣ" ва "ҷӯяндаи ростӣ" аксар вақт ҷудо мешавад. "Ҷӯяндагони дӯстӣ"-ро дар равияҳои дилхоҳ ва ҳар гуна ҷамъият пайдо кардан мумкин аст. Онҳо дар бораи Худое гап мезананд, ки бо инсон наздикӣ мехоҳад ва ӯро баракат додан мехоҳад, аммо ин паёми на он қадар ҳақиқӣ аст, чунки одамон аксар вақт қудсияти Ӯро фаромӯш мекунанд. Аксар вақт ин аз ниятҳои нағз бармеояд, зеро баъзе одамон дар соҳаи дин шоҳиди расмиятпарастии аз ҳад зиёд шудаанд ё аз ин осеб дидаанд, дигарон ҳамту мехоҳанд, ки одамонро касе дӯст дорад ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ кунад. Бинобар ин, мутаассифона, онҳо бе ҳеҷ як нияти бад паёмҳои нопурраро мавъиза менамоянд, ки дар натиҷа боз ҳам бештар ба оқибатҳои ҷиддӣ оварда мерасонанд.

Одамоне, ки аз ҷабри расмиятпарастӣ халос шудаанд ва танҳо дар бораи муҳаббат ва меҳрубонии Худое мавъиза мекунанд, ки ҷурму ҳавасҳо ва дилбастагии моро ба чизҳои заминӣ фаромӯш кардааст, аксуламали тамоман баръаксро ба вуҷуд меоранд. Онҳо одамонро барои ворид шудан ба ҳузури Худо давъат намекунанд, то ки онҳо Каломи Худоро шунаванд. Агар онҳо ба ин даъват мекарданд, онҳо медиданд, ки ба сӯи Ӯ дигар роҳ нест, магар ин ки танҳо роҳи муҳаббат ва тарси муқаддас.

Ин гуна мавъизаҳо ба мо "Худованди осоне"-ро пешниҳод мекунанд, ки хоҳишҳои онҳоро барои расидан ба мақсадҳое, ки онҳо саъй доранд, қонеъ мегардонад. Тарси Худоро як сӯ гузошта, онҳо, дар асл, одамонро аз имконияти ворид шудан ба ҳузури Худо пурра маҳрум месозанд.

## Бо эҳтироми бузург

Ин аст ҳақиқати ҷовидон ва бетағйир, ки ба сокин будан дар ҳузури Ӯ дахл дорад. Он дар Навиштаҷот оварда шудааст:

> Худо дар шӯрои бузурги муқаддасон арҷманд аст, ва барои ҳамаи онҳое ки гирдогирди Ӯ ҳастанд, саҳмгин аст (Заб. 88:8).

Биёед қисми дуюми ин оятро бори дигар мехонем: "Барои ҳамаи онҳое ки гирдогирди Ӯ ҳастанд, саҳмгин аст". Ин ҳақиқати ҷовидон аст. Шумо ҳеҷ гоҳ шоҳиди он шуда наметавонед, ки Худо ҳузури Худро дар ҷое ошкор мекунад, ки ба Ӯ эҳтиром намегузоранд. Ӯ ба ҷое намеояд ва сокин намешавад, ки одамон ба Ӯ эҳтироми бузург зоҳир намекунанд ва ҷалол намедиҳанд. Ва муҳим нест, ки одамон нағз суруд хонда метавонанд, парастиш мекунанд, хуб мавъиза мекунанд ва таълим медиҳанд. Муҳим нест, ки дуоҳо пурра мутобиқи ҳақиқатҳои библиявӣ садо медиҳанд, агар дар баробари инҳо тарси Худо набошад, Ӯ ба ҷамъомад намеояд ва Худро зоҳир намекунад. Бо Элӣ ва писарони ӯ маҳз ҳамин ҳолат рӯй дод.

Дар тӯли солҳои зиёди хидматгузорӣ ба ман муяссар шудааст, ки толорҳои бузург ва пуродамро бинам, ва маротибаҳои зиёд дар ҷамъомадҳо ҳузури Худоро пайдо кардан ғайриимкон буд. Сабаби ин чунин аст: дар байни одамон, ва баъзан дар байни шубонҳо тарси Худованд кам буд. Дар баробари ин гурӯҳи парастиш ва ҳамду сано олӣ буда метавонад, навозандагон ва сароянадагони соҳибистеъдод низ олӣ будан метавонанд, дар болои сари ҷамъомадагон парчамҳо парафшонӣ карда метавонанд, дар толор парастишкунандагон ба рақс омада метавонанд.

Ибодат бо истифодаи технологияҳои пешрафта ва бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори умум навоварона шуда метавонад. Ибодат эҷодкорона ва дилхушкунанда буда метавонад, ва шахсонеро, ки ба ҷамъомад ташриф меоранд, мавзӯъҳои гуногунро истифода бурда, бо зарофат пешвоз гирифта метавонанд, вале ба ҳар ҳол дар ҷамъомад чизе намерасад.

Дар ҷамъомад ҳузури Худо намешавад. Хеле дардовар аст, ки қисми зиёди ҷамъомадагон фаҳмида ҳам наметавонанд, ки ин вохӯрӣ чӣ қадар беҳуда буд. Дар ин ҷо иҷозат диҳед, то қайд кунам, ки усулҳои навоварона ва эҷодкоронаи расондани Хушхабар дар асл хел хуб мебошанд ва бе ҳеҷ ваҷҳ ба ҳузури Худо халал намерасонанд. Ман дар ҷамъомадҳои хеле ҳозиразамон иштирок кардаам ва дар он ҷо аз қувват ва тавоноии ҳузури Худо лаззат бурдаам. Ҳузури Худо ба истифодаи технологияҳои пешрафта ё набудани он зид нест, аммо он ҳолати қалбро нишон медиҳад.

Дар ин гуна ҳолатҳо ман аз рӯи ҳидояти Худо ба одамон оиди итоаткорӣ ва тарси Худованд гап мезанам, ва ҳар дафъа, вақте ки ман ба тавба даъват мекунам, мебинам, ки бисёр одамон, аз ҷумла роҳбарон, ба даъват ҷавоби мусбӣ медиҳанд. Ва қариб ҳар дафъа ҳанӯз то дуокунӣ мо шоҳиди зоҳиршавии ҳузури Худо мегардем ва одамон гиря мекунанд. Барои чӣ ин тавр мешавад? Чунки Худоро одамоне ҷалб мекунанд, ки Ӯро дӯст медоранд, эҳтиром мекунанд ва аз Ӯ метарсанд. Маҳз аз ҳамин сабаб Яъқуб гуфтааст:

> Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд. Дастҳои худро бишӯед, эй гуноҳкорон, ва дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон (Яъқ. 4:8).

Дар нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки Яъқуб гӯё ба беимонҳое муроҷиат мекунад, ки онҳоро мо гуноҳкорони тавбанокарда меномем. Бо вуҷуди ин дар ин номаи худ Яъқуб хонандагони худро понздаҳ маротиба "бародарон" меномад. Ӯ ба одамоне муроҷиат мекунад, ки аз олами боло таваллуд шудаанд.

Пас, биёед ба калимаи *гуноҳкор* нигоҳ мекунем. Дар забони юнонӣ ин калима *hamartolos* аст. Вайн ин калимаро таъбир карда мегӯяд, ки маънои он таҳтуллафзӣ "шахсе, ки ба ҳадаф расида наметавонад" мебошад. Комилан дуруст аст, ки одамони беимонро бо ин калима ном мебаранд, аммо онро нисбат ба имондорон низ кор бурдан мумкин аст. Он дар ин контекст имондореро дар назар дорад, ки дар афкори худ ба ҳадаф намерасад, ва ин, дар навбати худ, такроран ба рафтору кирдори нодуруст оварда мерасонад. Яъқуб дар идомаи суханаш мегӯяд: "Дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон". Бо ин даъват ба сабаби асосие ишора мекунад, ки имондор ба ҳадаф намерасад.

Фаҳмидан хеле зарур аст, ки тарси Худо дар қалби имондор тавлид мешавад ва худро дар амалҳо ва рафторҳои берунии ӯ зоҳир мекунад. Боре Худо дар бораи қавми Худ чунин гуфт:

> "Ин қавм бо даҳони худ *ба Ман наздик мешаванд* ва бо лабҳои худ Маро ҷалол медиҳанд, вале дили худро аз Ман дур кардаанд, ва тарси онҳо аз Ман натиҷаи омӯхтани аҳкоми инсонист" (Иш. 29:13, курсиви муаллиф).

Наздикшавӣ ба Худо ҳамеша дар диле тавлид мешавад, ки Худоро аз ҳар чизи дигар ва аз ҳар каси дигар бештар дӯст медорад ва аз Ӯ метарсад. Ин на танҳо рафтори зоҳирӣ,

балки нияти дили инсон аст. Аз ин рӯ, тарси Худоро таъбир карда истода, мо пеш аз ҳама бояд оиди дил гап занем.

Инак, тарси Худо ин иззат, ҳурмат ва бузургдошти Худо аст. Мо дар назди Ӯ бо эҳтироми бузург таъзим мекунем. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳузури Ӯ бо эҳтиром истода, ба амру фармонҳои Ӯ, ва ҳам ба хоҳишҳои Ӯ арҷгузорӣ мекунем. Аммо ин танҳо оғоз аст.

## Наздикшавӣ ба Худо бе эҳтиром

Барои фаҳмидани чизе баъзан донистани он фоидаовар аст, ки ин чиз чӣ маҳсуб намешавад. Мисоли хуби бе тарси лозима наздик шудан ба Худо ҳаёти ду писари Ҳорун аст. Ҳанӯз пеш аз сохтмони маскан Худованд ба Мӯсо фармуд: “Ва ту бародарат Ҳорун ва писаронашро бо вай, аз миёни банӣ-Исроил, ба худ муқарраб бикун, то ки вай ба Ман каҳонат намояд: Ҳорун, Нодоб ва Абиҳу, Элъозор ва Итомор, писарони Ҳорун” (Хур. 28:1).

Ин мардон барои хидмат кардан ба Худованд ва пуштибонӣ кардани халқи Худо ҷудо карда ва омӯзонида шуда буданд. Онҳо ҳуқуқ доштанд, ки ба ҳузури Ӯ наздик шаванд. Вазифаҳо ва ҳудудҳои хизматгузории онҳо бо фармонҳои мушаххас, ки Худо ба воситаи Мӯсо ба онҳо дода буд, аниқ муайян карда шуда буданд. Пас аз таълим онҳо ба хизмати Худо бахшида шуда буданд, ва ҳузури Худо масканро пур кард, ва баъд аз ин хизматгузории онҳо сар шуд.

Аммо ҳаёти ин ду мард, зуд пас аз он ки дар маскан ҷалоли Худо зоҳир шуд, қатъ гардид.

> Ва писарони Ҳорун, Нодоб ва Абиҳу, ҳар яке маҷмари худро гирифта, оташ бар онҳо монданд, ва бухур бар он гузошта, ба ҳузури Худованд оташи *бегонаро*, ки Ӯ

> ба онҳо амр нафармуда буд, наздик оварданд (Ибод. 10:1, курсиви муаллиф).

Диққат диҳед, ки Нодоб ва Абиҳу ба ҳузури Худованд оташи *бегона* (покнашуда) оварданд. Дар луғати Вебстер калимаи *бегона* (покнашуда) чунин фаҳмонида мешавад: "Зоҳир кардани беҳурматӣ ё нописандӣ ба чизҳои муқаддас; набудани эҳтиром". Ин беиззатию беэҳтиромӣ нисбат ба чизҳое аст, ки Худо поку муқаддас меномад. Ин ду марди Худо маҷмарҳоеро, ки барои хизмати Худованд ҷудо карда шуда буданд, гирифта, онҳоро бо ихтиёри худ бо оташ ва бухур пур карданд. Онҳо ҳадяеро, ки Худованд муқаррар карда буд, нагирифтанд. Онҳо нисбат ба чизи муқаддас бепарвоӣ зоҳир карданд, ва ин ба беитоатӣ оварда расонд.

Онҳо ба чизҳои муқаддас ҳамчун ба ягон чизи оддӣ ва беарзиш муносибат карда, бо бухури мамнӯъ ва номатлуб ба ҳузури Худо наздик шуданд. Бубинед, ки оқибати ин кор чӣ шуд:

> Ва оташе аз ҳузури Худованд берун омада, онҳоро сӯзонид; ва онҳо ба ҳузури Худованд мурданд (Ибод. 10:2).

Ин ду мард барои беэҳтиромии худ зуд дар назди доварии Худо истода, ба марги ногузир вохӯрданд. Ин зуҳури беэҳтиромӣ айнан дар ҳузури Худо рӯй дод, ва гарчанде онҳо коҳинон буданд, онҳо низ мебоист ба Худо эҳтироми олии худро зоҳир кунанд. Онҳо тавре ба Худои қуддус наздик омаданд, ки Ӯ гӯё қуддус ва пурҳайбат набошад, ва бо ин рафторашон гуноҳ содир карданд! Онҳо дар ҳузури Ӯ худро беҳад фориғболона ҳис карданд! Суханони Мӯсоро гӯш кунед, ки зуд пас аз ҷазо ёфтани онҳо гуфт, ва ба калимаи *"наздиконам"* диққат диҳед:

> Ва Мусо ба Ҳорун гуфт: «Ин аст он чи Худованд сухан ронда, гуфтааст: “Ба воситаи *наздиконам* қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт, ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт”». Ва Ҳорун хомӯш монд. (Ибод. 10:3, курсиви муаллиф).

Ин суханон ҳамчун фармудаи умумиҷаҳонӣ хислати ҷовидонӣ дорад. Худо мегӯяд, ки ҳеҷ кас бо саҳлангорӣ, бе эҳтироми махсус ва тарс ба Ӯ наздик шуда наметавонад. Яксар ҳама бояд Ӯро ҳамчун Худои қуддус шинохта, ба ҳузури Ӯ эҳтироми амиқ зоҳир кунанд.

Худованд возеҳ фаҳмонидааст, ки Ӯ дар ҳузури Худ беэҳтиромиро қабул надорад, аммо Нодоб ва Абиҳу ба ин огоҳӣ гӯш накарданд. Имрӯз дар ин маврид ҳеҷ чиз дигар нашудааст, Худо мисли пештара Худои қуддус аст. Гумон кардан нашояд, ки Ӯ бе зоҳир кардани иззату эҳтироми махсус нисбат ба Ӯ барои ворид шудан ба ҳузураш имкон медиҳад!

Ҳеҷ гуна истисно буда наметавонад, махсусан барои робитаҳои оилавӣ. Он ду коҳин хешованди Мӯсо ва писарони Ҳорун буданд. Аммо ҳеҷ яке аз онҳо ҳаққонияти доварии Худоро зери шубҳа нагузошт, чунки танҳо Худо одил ва пок аст. Беш аз ин, Мӯсо Ҳорун ва ду писари дигари ӯро огоҳ кард, ки ҳатто барои ҳалокшудагон мотам гирифтан дуруст нест, то ки худашон намиранд. Вагарна ин барои Худованд бешарафии дигар ҳисоб мешуд, бинобар ин ҷасади Нодоб ва Абиҳуро берун аз ӯрдугоҳ бароварда, дар он ҷо дафн карданд.

Ин ду шахс ба фармудаҳои мушаххаси Худо бепарвоёна муносибат карданд. Онҳо ба назди Ӯ бе эҳтироми махсус омаданд, бе тарс дар назди Ӯ ва тибқи ҳолати қалби худ

беитоатӣ зоҳир карданд. Чуноне ки аён аст, решаи гуноҳро дар набудани тарси Худованд ҷустан лозим аст.

## Тарси Худо бар хилофи даҳшат дар назди Ӯ

Вақте ки Худо дар кӯҳи Сино ба исроилиён зоҳир шуд, онҳо дар ҳузури Ӯ истода натавонистанд. Сабаби ин аз он иборат буд, ки дар онҳо тарси Худованд кам буд. Вақте ки онҳо аз ҳузури Ӯ дур шуданд, Мӯсо ба онҳо гуфт:

> Натарсед, зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ накунед (Хур. 20:20).

Мӯсо фармуд, ки "натарсанд", чунки Худо барои санҷидани қавм омад, то ки "тарси Ӯ пеши рӯи онҳо бошад". Дар нигоҳи аввал ҳамаи гуфтаҳо ихтилофнок ба назар мерасад, аммо ин тавр нест. Мӯсо фарқи байни тарси Худованд ва эҳсоси даҳшатро дар назди Ӯ фаҳмонид. Фарқ байни ин ду чиз азим аст. Инсоне, ки дар назди Худо биму даҳшатро ҳис мекунад, чизе дорад, ки аз Худо пинҳон медорад. Ӯ ба Худо наздик шудан намехоҳад, чунки нури равшани ҳузури Ӯ чизеро, ки вай пинҳон кардан мехоҳад, ошкор мекунад. Павлус мегӯяд: "Аммо ҳамаи ин фош гардида, дар рӯшноӣ зоҳир мешавад, зеро ҳар он чи зоҳир мешавад, нур аст" (Эфс. 5:13).

Худо намехоҳад, ки мо ба даҳшат афтем, аммо Ӯ талаб мекунад, ки мо дар назди Ӯ тарс дошта бошем. Павлус менависад: "Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст" (2 Тим. 1:7), ва Юҳанно ба вай ҳамовозӣ мекунад: "Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад, чунки

ҳарос азоб дорад, ва касе ки меҳаросад, дар муҳаббат комил нест” (1 Юҳан. 4:18). Одамоне, ки дар назди Худо меҳаросанд, рӯҳи биму ҳарос доранд, на тарси Худо, зеро муаллифони номаҳои Аҳди Ҷадид ба мо мегӯянд, ки “бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред” (Филип. 2:12). Ҳамчунин Павлус ба мо мефармояд, ки “Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард, чунки Худои мо оташи фурӯбаранда аст” (Ибр. 12:28,29). Петрус боз ҳам қатъитар сухан меронад: «Зеро ки навишта шудааст: “Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам”. Ва агар шумо Ӯро Падар мехонед, ки бе рӯйбинӣ ҳар касро аз рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони ғурбати худро бо худотарсӣ бигзаронед» (1 Пет. 1:16,17). Ин сатрҳоро хонда, нафаҳмидан ғайриимкон аст, ки тарси Худованд қисми ҷудонашавандаи масеҳият аст.

Ба он диққат диҳед, ки Мӯсо ба одамон оиди ҳузури Худо чӣ мегӯяд: “То ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ накунед”. Зеро на муҳаббати Худо, балки тарси Худо моро аз гуноҳ нигоҳ медорад. Павлус мефармояд, ки “бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред”. Ӯ намегӯяд, ки наҷот бо муҳаббат ва некӯкорӣ ба амал оварда мешавад. Дар номаи дигар, дар бораи ваъдаи сукунати доимии Худо дар байни мо хотиррасон карда, ӯ даъват мекунад: “Пас, эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем, худамонро аз ҳар гуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем” (2 Қӯр. 7:1). Диққат диҳед, ӯ намегӯяд, ки инро бо муҳаббати Худо ба амал овардан лозим аст.

Ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорам, ки ба хабаргирии ходиме, ки барои қаллобӣ дар зиндон буд, рафта будам. Ман аз ӯ пурсидам: “Чӣ шуд, ки ту аз муҳаббати Масеҳ дур афтодӣ?”

Ӯ ба ман нигоҳ кард ва дилпурона гуфт: “Ман наафтодам”.

Ман сахт ба тааҷҷуб афтода, гуфтам: “Аммо қаллобӣ ва зинокорӣ чӣ?”

Ӯ гуфт: “Ҷон, ҳамаи ин вақтҳо ман Худоро дӯст медоштам. Ҳама гап дар он буд, ки ман аз Ӯ наметарсидам”. Сипас ӯ чизе гуфт, ки ман барои тамоми умрам дар хотирам ҷо додам: “Ҷон, миллионҳо имондорони амрикоӣ ба ман монанд ҳастанд. Онҳо Исоро Наҷоткори худ медонанд ва Ӯро дӯст медоранд, аммо онҳо аз Ӯ ҳамчун Хоҷа ва Ҳокими худ наметарсанд”.

Ин лаҳза гӯё дар даруни ман чароғе даргирифт. Ман фаҳмидам, ки мо тимсоли Исоро, ки худамон дар тасаввурот ва фаҳмиши худ сохтаем, дӯст дошта метавонем, аммо он Исои ҳақиқӣ нест. Зеро Навиштаҷот мегӯяд, ки тарси Худованд – ибтидо, яъне оғози хирад барои аз наздик шинохтани Худо мебошад (ниг. Мас. 1:7; 2:5). Ман фаҳмидам, ки ин одам тимсоли қалбакии Исоро дӯст медошт.

## То ки онҳо аз Ман тарсанд

Мӯсо возеҳ фаҳмонид: маҳз тарси Худо моро аз гуноҳ нигоҳ медорад, ва гуноҳ моро аз мушоракат бо Худо бозмедорад. Худованд ба одамоне, ки ба аҳди Ӯ дохил шудаанд, гуфт: “Балки гуноҳҳои шумо дар миёни шумо ва Худои шумо ҷудоӣ андохтааст, ва хатоҳои шумо рӯи Ӯро аз шумо пӯшидааст, то ки нашнавад” (Иш. 59:2). Диққат диҳед, Ӯ гуфт, ки гуноҳҳои мо моро аз Ӯ ҷудо карданд, на Ӯро аз мо. Вақте ки Худо инро мегӯяд, Ӯ дар бораи қавми Худ сухан меронад, на дар бораи ғайрияҳудиён. Ин мо худро аз наздикӣ бо Худо ҷудо месозем, ва сабаби ин набудани тарси муқаддас дар назди Ӯ мебошад.

Бар хилофи шахсе, ки дар назди Худо *даҳшат* ҳис мекунад, шахсе, ки аз Ӯ *метарсад,* ҳеҷ чизро пинҳон намекунад. Ӯ медонад, ки ҳаёти ӯ дар назди Худованд ҳамчун китоби кушода аст. Ӯ хоҳишҳои Худоро аз ҳар чизи дигар болотар медонад. Иродаи Худо барои вай аз дӯстон, оила ва ҳатто хоҳиши ҷони худи ӯ муҳимтар аст. Ин гуна одам мефаҳмад, ки аз итоаткорӣ ба Худо дида, ҳеҷ чизи беҳтар ва ҳаловатбахштар нест. Ӯ худро инкор мекунад, салибашро мебардорад ва Исоро пайравӣ мекунад. Ӯ барои Худо зиндагӣ мекунад.

Хислатномаи ҳаёти Мӯсо ҳамин гуна аст. Ӯ аз Худо метарсид. Исроил наметарсид. Исроилиён хоҳишҳо, эҳтиёҷот ва фароғати худро аз хоҳишҳои Худо болотар медонистанд. Онҳо ба Ӯ эътимод намекарданд, гарчанде ҳамеша мегуфтанд, эътимод доранд. Онҳо ҳамеша ба Вай шубҳа мекарданд, гарчанде муносибати баръаксро эътироф мекарданд. Онҳо Каломи Ӯро, хоҳишҳо ва фармудаҳои Ӯро қадр намекарданд ва онҳоро аз ҳар чиз боло намедонистанд, чунки аз Худо наметарсиданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ба таври ҳаққонӣ Худоро дӯст намедоштанд. Барои чӣ? Чунки онҳо ҳеҷ гоҳ ваҳйи ҳақиқии Ӯро таҷриба накардаанд. Ана барои чӣ онҳо аз ҳузури Ӯ дур шуданд. Онҳо чизе доштанд, ки аз равшании ҳузури Ӯ пинҳон медоштанд. Онҳо медонистанд, ки вақте фаро мерасад, ки ин равшанӣ онҳоро маҷбур мекунад, то ҳамаи масъалаҳоро ҳаллу фасл кунанд ва ниҳоят интихоб кунанд, ки ба кӣ хидмат менамоянд.

Вақте ки Исроил аз кӯҳи Сино, ки ҳузури Худо мушоҳида мегардид, дур шуд, Мӯсо, баръакс, ба он наздиктар шуд. Ӯ маҷбур шуд, то ба Худованд гӯяд, ки ҳамон одамон, ки Ӯ онҳоро бо қудрати бузург аз ғуломӣ озод кард ва ба назди Худ овард, ба Ӯ наздик шудан намехоҳанд. Мӯсо аз ин лаҳза

метарсид, аммо Худо ҳама чизро медонист ва Мӯсоро бо ҷавоби Худ ҳайрон кард:

> Суханони ин қавмро, ки ба ту гуфтанд, шунидам; ҳар он чи онҳо гуфтанд, дуруст аст (Так. Шариат 5:28).

Тасаввур мекунам, ки Мӯсо ин суханонро шунида, чӣ қадар ба ҳайрат афтод! Ӯ на танҳо аз он ҳайрон шуд, ки Худо тамоми суханонро, ки қавм ба забон овард, медонад (магар тааҷҷубовар нест, ки аксар вақт мо фаромӯш мекунем, ки Худо ҳама чизро медонад), вале барои ӯ аз ҳама ҳайратовараш ин буд, ки исроилиён, ба фикри Худо, дар суханони худ ҳақ буданд. Он гоҳ Мӯсо пурсид, ки чаро онҳо ба Худо наздик омада наметавонанд.

Дар ҷавоби Худо, вақте Ӯ ба Мӯсо фаҳмонид, ки чаро қавм ба Ӯ наздик шуда наметавонад, ғаму андӯҳро шунидан мумкин буд:

> Кошки дили онҳо чунин мебуд, ки аз Ман тарсида, тамоми аҳкоми Маро тамоми айём риоя мекарданд! (Так. Шариат 5:29).

Бо ин ҷавоби Худ Худо ду лаҳзаро шарҳ дод. Аввалан, агар тарси муқаддас набошад, ба Худо наздик шудан тамоман ғайриимкон аст. Ва, дуввум, шаҳодати мавҷудияти чунин тарс итоаткорӣ ва риоя кардани фармудаҳои Ӯ мебошад. Исроилиён лоф зада ва риёкорӣ карда метавонистанд, аммо дар қалби онҳо тарси Худо набуд. Ҳама чиз ва ҳама вақт аз дил сар мешавад ва дар рафтори одам намудор мегардад!

Сипас Худованд яке аз изҳороти мудҳишро, ки дар Аҳди Қадим оварда шудааст, ба забон овард. Ӯ ин паёмро ба воситаи Мӯсо ба қавм дод:

> Рафта, ба онҳо бигӯ: ба хаймаҳои худ баргардед (Так. Шариат 5:30).

Қалби Худо, шояд, шикаста шуд, ва Мӯсо низ, вақте ки ба назди қавм омад, дар қалби худ вазнинӣ ҳис кард. Ман низ дар қафаси синаи худ ин вазниниро ҳис мекунам. Худо онҳоро бо як сабаб аз Миср баровард – то ки ба Худ наздик созад, – аммо онҳо ҳеҷ чизро нафаҳмиданд (ниг. Хур. 19:4). Ин халосии бузург мақсади илоҳии Ӯ буд. Аммо вақте ки қавм имкони бузург пайдо кард, ки ваҳй гирад, онҳо ақибнишинӣ карданд. Онҳо ба ҳузури Ӯ дохил шудан нахостанд, чунки аз Ӯ натарсиданд. Онҳо ба хаймаҳои худ баргаштанд ва садои Ӯро нашунида, берун аз ҳузури Ӯ монданд. Ӯ наздикиро пешниҳод кард, аммо тибқи қарори худ онҳо нахостанд, ки онро пайдо кунанд.

## Дӯстӣ бо Худо

Аз тарафи дигар, суханони Худоро, ки Ӯ баъди гусел кардани онҳо ба хаймаҳояшон ба Мӯсо гуфт, гӯш кунед:

> Ва ту дар ин ҷо назди Ман бимон, ва Ман тамоми аҳком ва фароиз ва дастуротро, ки бояд ба онҳо таълим диҳӣ, ба ту хоҳам гуфт (Так. Шариат 5:31).

Ана ҳамин тавр! "Дар ин ҷо назди Ман бимон, ва Ман... ба ту хоҳам гуфт" Тасаввур кунед, чӣ қадар хурсандибахш! Чӣ гуна шарафи беҳамто! Мӯсоро даъват карданд, ки бимонад ва дили Худоро гӯш кунад! Чизи беҳтаре дар тамоми Коинот шуда наметавонад! Даъватро қабул кардан барои бимондан дар ҳузури Он Шахс, ки дар муҳаббат, хирад, дониш ва қувват бепоён аст. Дар паҳлӯи Шахсе бимондан, ки тамоми осмон

дӯст медорад ва сӯяш тамоми махлуқот мешитобанд. Мӯсо ин гуна даъват гирифт!

Мӯсо тарси Худоро дошт, аз ин рӯ аз муносибатҳои наздик бо Ӯ хурсанд буд. Мо исботи ин гуфтаҳоро дар суханони муаллифи Забур мехонем: “Тариқҳои Худро ба Мусо маълум кард, корҳои Худро ба банӣ-Исроил” (Заб. 102:7). Мӯсо бисёр вақт пешакӣ, ҳанӯз пеш аз он ки ин воқеаҳо рӯй диҳанд, медонист, ки Худо чӣ кор мекунад, чунки Худо ниятҳои қалби Худро ба Мӯсо ошкор мекард, чунки ӯ дар ҷое меистод, ки ба он ҷо қавми Исроил наздик омада наметавонист.

Исроил аз рӯи ҷавоби Ӯ ба дуоҳояшон Худоро мешинохт. Онҳо ниятҳо, хоҳишҳо, нақшаҳо ва умқҳои дигари қалби Ӯро намедонистанд. Онҳо медиданд, ки Ӯ чӣ кор мекунад, аммо ҳеҷ гоҳ фаҳмида наметавонистанд, ки барои чӣ Ӯ ин корро мекунад. Мӯсо Ӯро тибқи суханоне, ки дар ҷои пинҳон мешунид, медонист. Ана ин аст яке аз оятҳои дӯстдоштаи ман аз Навиштаҷот:

> Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад (Заб. 24:14).

Мазмуни оятро тағйир надода, гуфтан мумкин аст: “Асрори дили Худо бо тарсгорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад”. Ҳамаи мо сирҳои худро дорем (ва на ҳамаи онҳо баданд), вале мо ба ҳамаи одамони шинос онҳоро нақл намекунем, балки ба дӯстони наздик, ки бо онҳо муносибати зич дорем ва бовар мекунем. Ин сабаби қатъӣ дорад: мо медонем, ки онҳо ҳеҷ гоҳ ганҷинаҳои қалби моро барои дард расонидан ба мо ё барои ба манфиати худ истифода бурдани асрори гирифтаашон истифода намебаранд. Мо медонем, ки онҳо сирҳои моро нигоҳ

медоранд. Мо медонем, ки эътимоди моро нодуруст таъбир намекунанд ва сирҳои моро ба манфиати худ истифода намебаранд. Онҳо дили моро медонанд ва ба мо ҳамеша некӣ мехоҳанд.

Худо низ ин гуна аст. Ӯ сирҳои Худро ба касоне намегӯяд, ки оиди ҳаловатҳо ва некӯаҳволии худ сахт ташвиш мекашанд. Ӯ сирҳои Худро ба касоне мекушояд, ки қалби онҳо ба мисли қалби Ӯ аст ва ҳаёти худро барои Ӯ фидо мекунанд – ин гуна шахсонро Ӯ дӯстони Худ меномад. Дар яке аз тарҷумаҳои англисӣ ин ояти Забур чунин садо медиҳад: "Дӯстии Худованд бо тарсгорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад" (Заб. 24:14).

## Иброҳим – дӯсти Худо

Дар Аҳди Қадим шахсе буд, ки дӯсти Худо номида шуда буд. Номи ин шахс Иброҳим аст. Барои чӣ ӯ дӯсти Худо гардид? Ҷавобро дар имтиҳони бузурге, ки ӯ аз сар гузаронд, ёфтан мумкин аст. Ӯ маҷбур буд, ки бисту панҷ сол иҷро шудани ваъдаи Худоро интизор шавад. Баъд аз он зани безурёти ӯ писар таваллуд кард. Худо ин писарро ба онҳо пас аз солҳои зиёде, ки аз синну соли фарзанд таваллуд кардан гузаштанд, дод. Писарашро Исҳоқ номид, ки маъноаш *ханда* аст. Ин кӯдак ба хонаи онҳо шодие овард, ки онҳо ба худ тасаввур карда наметавонистанд.

Худо ин оиларо бодиққат мушоҳида мекард, ва дар байни Иброҳим ва писар муҳаббати қавӣ ва латиф камол меёфт. Вақти имтиҳон фаро расид, ва Худо аз Иброҳим дархост кард: "Писари худро, ки ягонаи туст, *ва ӯро дӯст медорӣ,* яъне Исҳоқро бигир; ва ба замини Мӯриё бирав, ва дар он ҷо ӯро бар яке аз кӯҳҳое ки ба ту хоҳам гуфт, барои қурбонии

сӯхтанӣ барор” (Ҳас. 22:2, курсиви муаллиф).

Оё тасаввур карда метавонед, ки Иброҳим ин амрро шунида, чӣ ҳад ба ҳайрат афтод? Ин писари ваъда буд, ҳамон кӯдак, ки таваллудашро бо сабри бузург бисту панҷ сол интизор буданд. Исмоилро аллакай аз хона бадар ронданд – пас, Иброҳим бе ворис мемонад. Аммо барои чӣ ин корро ҳоло мебояд анҷом дод, дар ҳоле ки занҷирҳои муҳаббат махсусан қавианд? Барои чӣ Худо ин қадар дурудароз интизор шуд? Барои чӣ Ӯ қурбон кардани писарро ҳанӯз ҳангоми тифл буданаш талаб накард? Бисёр олимони Китоби Муқаддас чунин меҳисобанд, ки дар ин вақт Исҳоқ сию сесола буд.

Оё шумо ҳамон шабро тасаввур карда метавонед? Эҳтимол, дар синаи Иброҳим муборизаи пуразоб мегузашт. Чӣ тавр Худо тавонист, ки аз ӯ инро талаб кунад? Ҳама чиз чуноне ки ба нақша гирифта шуда буд, пеш мерафт. Рӯзе Исҳоқ зан мегирад, ва наслҳои ӯ қавмҳои бузург ва подшоҳонро, ки Худо ба Иброҳим ваъда дода буд, ба вуҷуд меоранд. Чӣ тавр Худо аз Иброҳим ҳаёти писарро талаб кард, ба замми он ин қадар барвақт? Оё шумо саволҳоеро, ки он шаб дар қалби Иброҳим садо медоданд, мешунавед? *Пас, чаро Ӯ умуман ба ман Исҳоқро дод? Наход Ӯ ба ман ӯро барои он дод, ки баъдтар боз баргашта гирад? Оё Ӯ Исҳоқро чунон ки ман дӯст медорам, дӯст медорад? Барои чӣ Ӯ ба ҷои ҳаёти писарам ҳаёти маро талаб накард?*

Аммо чизе дар қалби Иброҳим бар ин саволҳо ва андешаҳои дардовар бартарӣ ёфт: тарси Худованд. Худо гуфт, ва ӯ итоат кард. Мо мехонем: “Ва Иброҳим *бомдодон* бархоста, хари худро зин кард, ва ду нафар аз ғуломбачагонаш ва Исҳоқ писарашро ҳамроҳи худ гирифт; ва ҳезум барои қурбонии сӯхтанӣ шикаст, ва бархоста, сӯи

маконе ки Худо ба ӯ гуфт, равона шуд” (Ҳас. 22:3, курсиви муаллиф). Ба калимаи *бомдодон* диққат диҳед. Шумо шояд боре шунидаед, ки баъзе одамон чӣ мегӯянд: “Худо дар давоми чанд моҳи охир бо ман кор мекунад, вале ман тайёр нестам”. Ин гуна одамон норасоии тарси Худовандро нишон медиҳанд.

Тарсидан аз Худо ин дар назди Каломи Ӯ ларзидан аст. Ин чунин маъно дорад, ки мо ба Ӯ итоат мекунем, ҳатто вақте ки сабаб ё маъно ва фоидаи онро намебинем. Ин чунин маъно дорад, ки мо ба Ӯ итоат мекунем, ҳатто вақте ки ҳеҷ чизро намефаҳмем. Ин итоаткорӣ ҳатто вақте рӯй медиҳад, ки он дардовар аст. Мо ҳамчун воизони Инҷил ба Бадани Масеҳ хизмати ношоиста кардаем. Аксар вақт мо дар бораи итоаткорӣ ҳамон вақт гап мезанем, ки суду фоида аз он маълум мебошанд. Мо, мисол, чунин мегӯем: “Агар шумо бидиҳед, он гоҳ Худо...”, ё  “Агар шумо дуо кунед, он гоҳ Худо...”, ё “Агар шумо итоат кунед, он гоҳ...” Ин, воқеан, ба одамон паёме оиди он аст, ки ба назди Масеҳ омадан мумкин аст, то ки чизе ба ивази ин кор аз Ӯ бигирӣ. Оё ман боварӣ дорам, ки Худо баракат медиҳад? Бешубҳа! Вале мо бе ҳеҷ ваҷҳ ба Худо набояд ба он хотир хизмат кунем, ки танҳо баракат гирем! Мо бояд ба Ӯ барои он хизмат кунем, ки Худо ин Худо аст, на барои он ки бар ивази хидматамон аз Ӯ чизе бигирем.

Итоаткории Иброҳим фаврӣ буд, ва ӯ дар давоми се рӯз ба кӯҳе равона шуд, ки Худо ба вай нишон дода буд. Барои чӣ Худо кӯҳи наздиктарро интихоб накард? Барои чӣ се рӯз роҳ рафтан лозим буд? Ба фикрам, Худо ба Иброҳим фурсат фароҳам овард, то дар бораи фармони Ӯ андеша кунад ва ҳатто, шояд, ба ақиб гардад. Вақте ки ту овози Худоро мешунавӣ, як тарафи масъала ин аст, ки зуд ҳаракат мекунӣ,

ва масъалаи тамоман дигар ин аст, ки ҳама чизро ба хубӣ анҷом медиҳӣ. Тасаввур кунед, ки Иброҳим пас аз се рӯз, вақте ки дигар аз Худо ҳеҷ чиз намешунид, ба кӯҳе, ки дар он ҷо шахси аз ҳама азизтаринашро бояд қурбонӣ мекард, наздик омада ва ба он нигоҳ карда, оиди чӣ андеша карда метавонист.

Бо вуҷуди ин Иброҳим то қуллаи кӯҳ баромад, қурбонгоҳ сохт, Исҳоқро баст ва теғро ба болои ӯ бардошт. Ва ногаҳон Фариштаи Худованд ба Иброҳим нидо кард:

> Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун; *зеро акнун* донистам, ки ту аз Худо метарсӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ (Ҳас. 22:12, курсиви муаллиф).

Чӣ тавр Худо донист, ки Иброҳим аз Ӯ метарсад? Ӯ инро аз он фаҳмид, ки ҳатто вақте ки Иброҳим дар амалҳои Худо ҳеҷ чизро намефаҳмид, вай ба итоат кардан тайёр буд. Ҳатто вақте ки ин дардовар буд, ва, зоҳиран, як кори беҳуда ба назар расида метавонист, ӯ итоат кард. Худо мушоҳида мекард, ки чӣ тавр Иброҳим хоҳиши Худовандро аз ҳар чиз афзал донист. Худо он гоҳ фаҳмид, ки “ин шахсе аст, ки Ман Худро ба вай зоҳир карда метавонам ва ниятҳои қалби Худро ифшо мекунам”.

## Чеҳраҳои ошкоршудаи Худо

Зуд баъд аз ин Иброҳим назар андохта, қӯчқореро дид, ки бо шоххояш ба бутта андармон шудааст. Ва он гоҳ аз қалби ӯ нидое баромад: “Адонӯй-йире (маънояш – “Худованд ҳозир мекунад”). Ӯ нахустин инсоне буд, ки Худоро ба ҳайси Адонӯй-йире донист. Дар ҷавоб ба эҳтиром ва итоаткории

Иброҳим Худо он паҳлӯи хислати Худро ошкор кард, ки пештар ҳеҷ кас аз одамон намедонист.

Шумо маро ҳамчун Ҷон Бивер, муаллифи китобҳо, шинохта метавонед. Баъзе аз шумо маро ҳамчун Ҷон Бивери наттоқ мешиносанд. Аммо зане ҳаст, номи Ӯ Лиза аст, ва ӯ маро ба ҳайси шавҳар медонад. Ӯ дӯсти аз ҳама наздик ва ҳамсари ман аст, ва ман ба ӯ сирҳои худро, ки ғайр аз ӯ ҳеҷ кас намедонад, нақл мекунам. Мо писарон дорем, ва онҳо маро ҳамчун падар мешиносанд. Муносибатҳои мо ба худ хос аст, чуноне ки танҳо дар байни падарон ва писарон мешаванд. Дар ҳаёти шумо низ падарон, занон, писарон, дӯстон ва ғайраҳо ҳастанд. Худо низ ҷиҳатҳо ё паҳлӯҳои гуногуни хислати Худро дорад.

Худо ба Иброҳим чизеро ошкор кард, ки то ин дам ҳеҷ кас онро намедонист. Худованд ҳатто ба Иброҳим нақшаҳои Худро мегуфт ва ба вай иҷозат медод, ки андешаҳои худашро иброз кунад. Онҳо якҷоя масъалаҳои муайянро муҳокима мекарданд. Яке аз чунин мусоҳибаҳо ба Садӯм ва Амӯро дахл дошт. Худо гуфт: "Оё он чи Ман карданиам, аз Иброҳим пӯшида дорам?" (Ҳас. 18:17). Худованд ба назди Иброҳим омад, то ки ин вазъиятро бо Иброҳим муҳокима кунад, ва Ӯ андешаи дӯсти Худро қадр кард ва ба вай гӯш андохт. Агар дар Садӯм даҳ марди одил мебуд, он шаҳр аз оқибати ҳалокатбори худ халос шуда метавонист. Вале дар он ҳатто ин миқдор ҳам мавҷуд набуд!

## Беҳис нисбат ба нақшаҳои Худо

Хеле аҷиб аст, ки хешованди Иброҳим, Лут, ки Китоби Муқаддас вайро одил меномад (ниг. 2 Пет. 2:7), ин қадар сахт аз тағои худ фарқ дошт. Лут шахси ҷисмонӣ буд, ва аз Худо наметарсид. Достони ӯ аз достони Иброҳим фарқ дорад.

Ӯ роҳи худро якҷоя бо Иброҳим оғоз кард, аммо ҳар дафъа, вақте ки ҷисм бо рӯҳ зиндагии якҷояро оғоз мекунад, ҳатман зиддият пайдо мешавад. Иброҳим назар ба чизҳои дунявӣ, бештар ба корҳои Худо шавқ дошт, ва аз ин сабаб ба Лут пешниҳод кард, ки аввалин шуда, ба худ қитъаи заминро интихоб кунад. Иброҳим тайёр буд, то ба ҳар чизе, ки аз Лут боқӣ мемонад, розӣ шавад, гарчанде ки маҳз ҳамон замине, ки ӯ барои худ интихоб кард, бо мурури вақт мавзеи ҳосилхез гардид, ки аз он ширу асал ҷорӣ мешуд.

Мо мехонем: "Ва Лут чашм андохта, тамоми водии [ҳосилхези] Ӯрдунро дид" (Ҳас. 13:10).

Дар он замонҳо ҳудуди Ӯрдун замини дилписандтарин ва ҳосилхез буд. Лут, чашм андохта, боз чиро дид? Ӯ медонист, ки шаҳрҳои Садӯм ва Амӯро пур аз шарорат буданд. Эҳтимол, ба ин замин нигоҳ карда, ӯ муайян кардан мехост, ки чӣ тавр дар зери таъсири зарарноки он намонда, аз боигариии ин шаҳрҳо фоида гирифтан мумкин аст. Ӯ қарор кард, ки хаймаҳояшро на дар худи шаҳр, балки дар ҳамвориҳои Садӯм ҷойгир кунад. Бо ин тарз ӯ аз маркази шарорат дуртар истода, дар айни замон аз боигарӣ ва фаровонии ин минтақа лаззат бурда метавонист. Мо мехонем: "Абром дар замини Канъон сокин шуд; ва Лут дар шаҳрҳои водӣ сокин шуд, ва хаймаҳои худро то Садӯм барафрошт" (Ҳас. 13:12). Аммо чӣ қадар кӯшиш ба харҷ диҳӣ ҳам, агар аз Худо натарсӣ, бо мурури вақт гуноҳ туро ҳатман ба худ мекашад. Ва ин бо Лут рӯй дод: ӯ аз ҳамвориҳои Садӯм сар кард, вале шаш боб поёнтар хонда метавонем, ки ӯ дар шаҳри Садӯм аллакай хонаи худро дошт (ниг. Ҳас. 19:2).

Садӯм шаҳри бой ва пешрафта буд. Сокинони он тасаввуроте надоштанд, ки то пурра нобуд шудани шаҳри онҳо соатҳои каме мондааст. Ин набояд моро ҳайрон кунад.

Аммо чизе, ки моро бояд ба ташвиш орад, ин аст, ки Лут низ инро пайхас намекард. Худо фариштаҳо, сафирони шафқатро барои огоҳ кардани ӯ фиристод. Бар хилофи Иброҳим, ки аз Худо метарсид ва афкор ва нақшаҳои пинҳонии Ӯро ҳанӯз пеш аз амалӣ шудани онҳо медонист, Лут ба мисли гуноҳкороне, ки дар паҳлӯи ӯ дар Садӯм зиндагӣ мекарданд, бепарво буд. Иброҳим дӯсти Худо буд, чунки аз Ӯ метарсид!

## Исои ҳақиқӣ

Ҳаёти Иброҳим ва Лутро дар партави тарси Худованд омӯхта, мо таъбири худи ин мафҳумро дида мебароем. Тарси Худованд муҳаббат ба он чизҳое аст, ки Худо дӯст медорад, ва нафрат ба чизҳоест, ки Ӯ бад мебинад. Ҳама чизҳое, ки барои Ӯ муҳим аст, барои мо низ муҳим мешавад, ва чизҳое, ки барои Ӯ муҳим нест, барои мо низ дигар муҳим намемонад. Афзалиятҳо ва хоҳишҳои Ӯ аз они мо мешаванд. Тарси Худованд дар итоаткории қатъӣ ба иродаи Худо ва ба тамоми хоҳишҳои Ӯ зоҳир мешавад.

Мутобиқи Навиштаҷот, агар мо аз Худо тарсем, Ӯ ба мо наздик шуданро шурӯъ мекунад. Ба андозаи наздикшавии мо қуввати муҳаббати мо ба Ӯ афзоиш меёбад. Мо Худои зиндаро, ки ба мо Худро зоҳир мекунад, дӯст медорем, на фақат донишеро, ки дар бораи Ӯст. Бе тарси амиқ ва пайвастаи Худованд мо муҳаббатеро эътироф мекунем, ки бо шинохти ҳақиқии Худо фахр карда наметавонад. Мо дар бораи Ӯ медонем, вале Ӯро намешиносем. Дар ин ҳолат эҳсосоти мо ба тимсоли Исо, ба тимсоле, ки дар тахайюли мо шакл гирифтааст, равона карда мешавад, зеро мо Исои ҳақиқиро, ки дар ямини Худои Падар нишастааст, намедонем.

Ин вазъиятро бо муҳаббате монанд кардан мумкин аст, ки мухлисон нисбат ба ситораҳои Ҳолливуд ё варзишгарони машҳур дар дил мепарваранд. Онҳо симоҳоеро, ки васоити ахбори умум ба воситаи мусоҳибаҳо ва мақолаҳои рӯзномаҳо сохтаанд, дӯст медоранд. Номҳои ин одамони машҳур аксар вақт дар хонаводаҳои амрикоиҳо садо медиҳанд. Ман шунидаам, ки мухлисон дар бораи кумирҳои худ чунон ҳарф мезананд, гӯё онҳо дӯстони наздикашон бошанд. Ман дидаам, ки чӣ тавр одамон ҳодисаҳои ҳаёти шахсони машҳурро чунон ба дилҳо наздик қабул мекунанд, ки гӯё онҳо аъзои оилаашон бошанд. Вале агар воқеан онҳо вомехӯрданд, медиданд, ки ин шахсони маъруф аз тимсоле, ки ба таври сунъӣ сохта шудааст, ба куллӣ фарқ мекунанд. Муносибат дар байни мухлисон ва шахсони машҳур – ин кӯчаест бо роҳи яктарафа. Агар онҳо дар ҳаёт вомехӯрданд, дар гумон аст, ки дар байни онҳо шавқу завқи умумӣ дида шавад, чизе нест, ки бо ҳам дар бораш сӯҳбат кунанд, чунки ин одамон якдигарро намедонанд.

Ин гуна падидаро дар калисоҳо низ дидаам. Бисёриҳо дар бораи Худо чунон ҳарф мезананд, ки гӯё бо Ӯ хеле наздик ҳастанд, вале чун ба афкори онҳо гӯш медиҳӣ, маълум мешавад, ки онҳо дар бораи Шахсе сухан меронанд, ки намешиносанд, чунки онҳо фақат дар бораи Ӯ медонанд. Онҳо дар бораи Ӯ шунидаанд, вале овози Ӯро нашунидаанд. Онҳо амалҳои Ӯро дидаанд, вале роҳҳои Ӯро намедонанд, онҳо медонанд, ки Ӯ чӣ гуфта буд, вале намедонанд, ки Ӯ чӣ мегӯяд.

Ин гуна як воқеаи фавқулодда бо ман соли гузашта рӯй дод. Мо бо оиламон дар Ҳавайӣ истироҳат мекардем. Аз боиси фарқияти вақт ман барвақт аз хоб бедор шудам. Боре саҳарӣ, вақте ки ман дар соҳил дуо мекардам, ба назди ман

як шахс омад ва бо ман сӯҳбат оғоз кард. Ба ӯ дар ҷазира вақт гузаронидан маъқул буд, ва ӯ бо шавқ ин мавзӯъро муҳокима мекард. Қариб фавран ӯ ба ман арз кард, ки “дар ин ҷазира духтарон аҷибанд – хеле меҳрубон ва хушмуомила ҳастанд”. Сипас ӯ дар бораи шабнишинние нақл кард, ки ба наздикӣ ташриф оварда буд, ва оиди мавзӯъҳои дигари ҷисмонӣ ҳарф зад. Ҳамаи нақлҳои ӯ хеле бадахлоқона ва сатҳӣ буданд.

Сипас ӯ аз ман пурсид, ки ман ба чӣ машғул ҳастам. Вақте ӯ фаҳмид, ки ман ходими Худо ҳастам, ба ҳаяҷон омад ва дар бораи Худованд сухан оғоз кард. Ӯ гуфт, ки дар лоиҳаи башоратрасонӣ, ки калисои ӯ барои байкерҳо ташкил карда буд, иштирок кардааст, ва сипас дар бораи шубони худ ҳарф зад. Ӯ гуфт, ки чӣ тавр ӯ ба Исо имон овард, ва ҳатто ба ман варақае дод, ки бо худ дошт. Сипас ӯ гуфт, ки зану фарзандони ӯ дар меҳмонхона хоб ҳастанд (зимнан ҳангоми ин суханон ман зуд ба ёд овардам, ки вақте ӯ дар бораи духтарони хушмуомилаи ҷазира гап мезад, ба ҳаяҷон омада буд). Дили ман хуншор шуд, зеро маълум буд, ки ин шахс мутмаин аст, ки Худовандро мешиносад, аммо ҳаёти ӯ чизи баръаксро нишон медод. Аз ин рӯ Исо мегӯяд, ки имондорон аз меваҳояшон маълум мешаванд, яъне аз рӯи тарзи ҳаёташон, на аз рӯи суханон ё хидматгузории онҳо (ниг. Мат. 7:20-23).

Ин яке аз мисолҳои зиёд аст. Ман мутмаинам, ки шумо низ бо ин гуна мисолҳои равшан рӯ ба рӯ шудаед. Дар ҳамаи ин гуна ҳолатҳо имондорони масеҳӣ шабеҳи мухлисони ситораҳои кино мебошанд. Барои ин одамон дилам дард мекунад. Ин одамон, ки наҷот ёфтан мехоҳанду аммо чизҳои дунявиро дӯст медоранд, аз нақшаҳои Худо дида, ҳаловатҳои дунявӣ, нақшаҳо ва ниятҳои худро афзалтар медонанд.

Вале одамони дигар низ ҳастанд, ки воқеан наҷот ёфтаанд, аммо, ба мисли Лут, бо ҳавасҳои ҷисмонӣ зиндагӣ ме-

кунанд. Онҳо ба корҳои дунявӣ андармон шудаанд. Онҳо ба Худо хидмат кардан мехоҳанд, вале иштиҳо онҳоро ғуломи ин дунё гардонидаанд. Онҳо ба худхоҳӣ иҷозат намедиҳанд, ки дар Салиб бимирад ва ба Исо имкон намедиҳанд, ки ҳаёти онҳоро тоза гардонад. Онҳо ба фаҳмидани иродаи Худо кӯшиш намекунанд ва Малакути Худоро васеъ намегардонанд. Онҳо наҷот ёфтаанд, аммо ба Худо наздик нестанд. Онҳо чун пештара дар саҳни берунӣ, бо ҳавасҳои ҷисмонии худ маҳдуд шуда, зиндагӣ мекунанд, зеро он ба онҳо барои наздикшавӣ ба роҳи нав ва зинда халал мерасонад. Онҳо дар паҳлӯи ҳузури Ӯ меистанд ва дар айни замон аз Ӯ дур ҳастанд.

Одамоне, ки дар саҳни берунӣ зиндагӣ мекунанд, нафаҳмидаанд, ки чаро Худо онҳоро аз зулми ин дунё халос кардааст. Онҳо аз даъвати олии инсонии аз наздик шинохтани Худо маҳрум мондаанд. Ба онҳо мавъизаҳое, ки оиди муҳаббати Худо, оиди баракатҳо, ҳимоят, таъминот ва фаровонӣ гап мезананд, маъқул мебошанд. Ҳамаи ин чизҳо ҳақиқати маҳз мебошанд, аммо онҳо дар бораи масъалаҳое, ки ба ҳолати қалби онҳо дахл дорад, сӯҳбат кардан намехоҳанд. Онҳо чизеро интихоб кардаанд, ки дар асл онҳоро қонеъ гардонида наметавонад, ва аз назди чашмаи оби ҳаёт, ки дар қалби онҳо ҷорист, бехабар гузашта мераванд.

Мо бояд фаҳмем, ки Худо бо мо муносибатҳои наздик мехоҳад, ва Ӯ қуддус аст ва ба ҳеҷ кас иҷозат намедиҳад, ки дар ҳаққи Ӯ писханд занад. Ӯ нархи хеле гарон супоридааст, то ки моро ба Худ ҷалб созад, пас чӣ тавр мо дӯсти ин дунё гардида метавонем? Пеш аз он ки моро барои наздикшавӣ ба Худо даъват кунад, Яъқуб огоҳ кардааст: “Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост?” (Яъқ. 4:4). Ӯ мегӯяд, ки агар мо бо дунё дӯстӣ кунем, душманони Худо мегардем. Дар ёд доред, ки ӯ ба имондорон муроҷиат кардааст. Павлус

низ ибораҳои мушаххас ва возеҳро истифода мебарад: “Зеро файзи Худо, ки барои ҳамаи одамон наҷотбахш аст, зоҳир шудааст, ва моро таълим медиҳад, ки маъсият ва шаҳавоти дунёро рад намуда, дар ин дунё бо исмат, адолат ва парҳезгорӣ зиндагӣ кунем” (Тит. 2:11-12). Маҳз аз ҳамин сабаб Павлус моро даъват мекунад, ки “бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал орем”.

## Дӯстони Исо

Мо аксар вақт мавъизаҳоеро мешунавем, ки дар онҳо гуфта мешаванд, ки агар мо Ӯро қабул кунем, дӯстони Ӯ мешавем. Умедворам, акнун шумо фаҳмидед, ки Худо саҳлангорона ва бепарвоёна ҳар гуна шахсро аз байни одамон дӯст намехонад. Боре, вақте ки ман дуо мекардам, Ӯ ба ман нидо кард: “Аз қавмам пурс, ки оё онҳо мехоҳанд, ки Ман ба онҳо вафодор бошам, чуноне ки онҳо ба Ман вафодор ҳастанд?” Исо ба Замин на барои он омад, ки ҳар кас ба “Маҳфили одамони аз олами боло таваллудшуда” дохил шавад. Ӯ бо одамоне дӯст шудан мехоҳад, ки Ӯро дӯст медоранд, чуноне ки Ӯ онҳоро дӯст медорад, ва маҳз бо ҳамин тарз мо ба дӯстии Ӯ ноил мешавем. Худи Ӯ ин ҳақиқатро тасдиқ кардааст:

> Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред (Юҳан. 15:14).

Шартҳои муайяне вуҷуд доранд, ки Исо барои дӯстӣ пешкаш мекунад. Ӯ намегӯяд: “Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар бовар кунед, ки Ман Масеҳ ҳастам”. Ӯ, чуноне ки мебинем, мегӯяд: “Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред”. Дар ин боб мо аллакай гуфтем, ки қувват

ва қобилияти иҷро кардани ҳар он чизе, ки Ӯ фармудааст, дар тарси Худо ниҳон аст.

Баъд аз он ки Яҳудои Исқарют рафт, то ки ба Ӯ хиёнат кунад, Исо дар ин бора гуфта буд. Агар мо ояти навбатиро хонем, мебинем, ки Исо ба ёздаҳ шогирд муроҷиат кардааст: “Дигар шуморо банда намехонам” (Юҳан. 15:15). Ӯ гуфтааст: “Дигар намехонам”, пас ин чунин маъно дорад, ки пештар Ӯ онҳоро банда меҳисобид, акнун бошад, онҳо ба сатҳи нави муносибатҳо гузаштанд. Баъди ин изҳорот Ӯ мегӯяд:

> Зеро ки банда намедонад оғояш чӣ мекунад; лекин шуморо дӯст хондаам, чунки ҳар чи аз Падар шунидаам, ба шумо баён кардам (Юҳан. 15:15).

Диққат диҳед, дӯстони Хоҷа медонанд, ки Ӯ чӣ кор мекунад. Онҳо роҳҳои Ӯро медонанд! Барои чӣ акнун онҳоро дӯст хонд, на дар аввали муносибатҳои онҳо? Гап дар он аст, ки онҳо бо амалҳояшон садоқат ва итоаткории худро исбот карданд, чунки Ӯро пайравӣ намуданд ва аз санҷишу имтиҳонҳои вазнин гузаштанд, якҷоя шодии мӯъҷизаҳо ва аломот ва ҳар кори некеро, ки иҷро карда шуд, бо ҳам диданд. Садоқати онҳо бо итоаткории онҳо исбот карда шуд.

Изҳороти Исо ба ҳар касе, ки номи Ӯро мехонад, дахл дорад: “Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред”. Диққат диҳед, Ӯ возеҳ гуфтааст, ки касе ба дӯстӣ сазовор мешавад, ки ба Ӯ итоат мекунад. Дар Забур бисёр оятҳо дар бораи марҳаматҳо ва баракатҳои бузурге мегӯянд, ки Худо ба тарсгорони Худ тайёр кардааст.

Чаро Худо на ҳар касро дӯст мехонад? Ба фикрам, барои он ки моро аз хатари густохӣ ҳимоя кунад. Писарони Ҳорун ва огоҳии Худоро ба Ҳорун пас аз марги онҳо ба хотир оред:

*“Ба воситаи наздиконам* қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт, ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт”.

Ба ҳамин монанд дар Аҳди Ҷадид навишта шудааст, ки як шахс бо занаш ба ҳузури муқаддаси Худо бо густохии саҳлангорона ворид шуданд. Онҳо дар ҳузури Ӯ фавран мурданд (ниг. Аъм. 5:1-11). Вақте имондорон фаҳмиданд, ки эҳтиром накардани ҳузури Худо чӣ қадар фоҷиабор буда метавонад, “тамоми калисоро тарси азиме фаро гирифт”. Ва боз: “Ба воситаи наздиконам қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт, ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт”.

Соли гузашта ман як сирри аҷиберо барои худ ошкор кардам. Ҳангоми дуо ман аз ҳарфзанӣ худдорӣ кардам ва ҳамту оиди азамат ва ҷалоли аҷиби Падар андеша намудам. Ман дар бораи ғалабаи бузург ва ҳайратоваре, ки Исо барои ба назди Худ гирифтани ман ноил шудааст, фикру хаёл кардам. Ман дар бораи Рӯҳи ҷалоли Ӯ ва оиди он, ки Ӯ маро барои мушоракат ва бо Худ будан интихоб кардааст, фикр мекардам. Ин чӣ қадар аз идрок берун ва ҳайратовар аст!

Ҳангоми чунин андешаронихо ман мушоҳида кардам, ки барои пур шудан аз ҳузури Худо ҳарф задан шарт набуд. Аз он ки ба ҳузури Худо ин қадар осон ворид шудан мумкин аст, ба ҳайрат афтода, ман дар ин бора аз Рӯҳулқудс пурсидам. Ӯ ба қалби ман гап зад: “Писарам, вақте ки Исо ба шогирдон чӣ тавр дуо карданро ёд медод, чӣ гуфт?” Ман дуои Худовандро ба забон овардам: “Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! Исми Ту муқаддас бод”. Ман ба ҳайрат афтода, фарёд задам: “Ана, ана!” Мо бояд пеш аз ҳама Ӯро қуддус хонем: “Исми Ту муқаддас бод!” Мо бояд тавассути эҳтироми поки Ӯ ба ҳузури Ӯ ворид шавем! Ман чандин солҳо ин дуоро ба забон меовардам, вале намефаҳмидам, ки дар асл Исо чӣ гуфтааст!

## Калид ба ганҷинаҳои ҳаёт

Тарси Худованд – ин калиди наздикшавӣ ба Худо ва пойдевори тамоми ҳаёт. Ишаъё ба мо мегӯяд:

> Худованд олишон аст, зеро ки сокини афроз аст; Ӯ Сионро аз инсоф ва адолат пур хоҳад кард. Ва айёми ту бо ганҷи наҷот, ҳикмат ва дониш устувор хоҳад шуд; тарси Худованд махзани он хоҳад буд (Иш. 33:5,6).

Тарси Худованд ганҷинаи наҷот, хирад ва донишро мекушояд. Барои чӣ? Чунки ин асоси наздикшавӣ ба Худо аст ва дар асоси ҳамин ганҷинаи Ӯ кушода мешавад. Якҷоя бо муҳаббати Худо он дар худ асоси ҳаётро касб мекунад. Агар мо тарси Худоро надошта бошем, ба таври ҳаққонӣ Худоро дӯст дошта ва аз наздикӣ бо Ӯ шодӣ карда наметавонем.

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Бо суханони худ чӣ тавр фаҳмонида метавонед, ки тарси Худо доштан бар хилофи ҳисси даҳшат дар назди Ӯ чӣ маъно дорад?

2. Дар ин боб дӯсти Худо, Иброҳим, бо хешованди ӯ Лут, ки ӯро одил меноманд, муқоиса карда шудааст. Вақте ки Лут ба мавзеъҳои писандидааш, ки дар гирди шаҳрҳои пуршарорат Садӯм ва Амӯро ҷойгир шуда буданд, нигоҳ мекард, бо умеди он ки ба ӯ аз таъсири зарарноки онҳо раҳо шудан муяссар мешавад, оиди имкони истифода бурдани боигариҳои ин шаҳрҳо фикру андеша мекард. Оё боре дар шумо низ ин гуна фикрҳо пайдо шудаанд?

   Чӣ тавр тарси Худо ин гуна андешаҳои ҳалокатборро пешгирӣ карда метавонад?

3. Вохӯрии муаллифро бо шахсе дар Ҳавайӣ ба назар гирифта, гӯед, ки дар ҳаёти шумо низ ин гуна вохӯриҳо буданд? Шумо дар ин маврид чӣ гуна рафтор кардед?

   Магар чунин вохӯриҳо ба монанди эпизоде, ки дар китоб оварда шудааст, чунин истисноӣ буданд, ё не, ё, шояд, худи шумо ба мисли он шахсе будед, ки бо суханҳо ва амалҳои худ ҳолати воқеии қалби худро дар он лаҳза ошкор кард? Шумо аз ин вазъият чӣ гуна сабақ бардоштед ё бардошта истодаед?

4. Дар партави Забур 24:14 ("Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад") муаллиф нишон медиҳад, ки Худо ба масъалаи дӯстӣ бо одам эҳтиёткорона муносибат мекунад, чунки моро аз хатари густохӣ нигоҳ доштан мехоҳад.

   "Хатари густохӣ" аз чӣ иборат аст?

Боби 7

# БА НАЗДИКИИ ҲАҚИҚӢ ЧӢ ХАЛАЛ МЕРАСОНАД?

Одамони фиребхӯрда худро бо дониш оиди Худое, ки дар асл Ӯро намешиносанд, тасаллӣ медиҳанд.

Тарси Худованд – ин асоси наздикии мо бо Худо. Ин ҳақиқат дар Китоби Масалҳо аз худи аввал фаҳмо мегардад. Мо мехонем: "Худотарсӣ ибтидои дониш [асоси дониш] аст" (Мас. 1:7). Кадом дониш? Муаллифи Масалҳо инро чунин шарҳ медиҳад:

> "Эй писарам! Агар гуфтаҳои маро бипазирӣ ва аҳкоми маро дар худ маҳфуз дорӣ, ба тавре ки гӯши худро ба шунидани ҳикмат роғиб ва дили худро ба хирад моил гардонӣ; агар донишро даъват намоӣ ва овози худро сӯи хирад баланд кунӣ; агар онро мисли нуқра орзу кунӣ ва мисли ганҷҳо ҷустуҷӯ намоӣ, — он гоҳ худотарсиро хоҳӣ фаҳмид ва *дониши Худоро* хоҳӣ ёфт" (Мас. 2:1-5, курсиви муаллиф).

Дар Луғати истилоҳҳои библиявӣ калимаи *дониш* ҳамчун "маълумот дар бораи шахсе, ки бо ӯ муносибат дорад" фаҳмонида мешавад. Дар Луғати тафсирии Вайн маънои калимаи *дониш* "мавҷудияти шиносоии воқеӣ ва наздик бо Ӯ (Худо)" мебошад. Боз дар Луғат гуфта шудааст, ки калимаи *дониш* "вобастагии бегумони байни шинохти Худо ва тарси Ӯ"-ро мефаҳмонад.

Аз матни қаблӣ шумо фаҳмидед, ки тарси Худованд дар эҳтироми баланди фармудаҳои Ӯ зоҳир мешавад. Эҳтироми фармудаҳои Ӯ маънои бодиққатона гӯш додан ба Каломи Ӯ ва новобаста ба шароитҳо бо азми қавӣ итоат кардан ба Ӯ мебошад. Одамоне, ки тарси муқаддаси Худоро надоранд, ба муносибатҳои наздик бо Худо умед баста наметавонанд, зеро Яъқуб мегӯяд, ки ин гуна одамон "худро фиреб медиҳанд" (Яъқ. 1:22). Ин гуна одамон иродаи Ӯро медонанд, аммо онро иҷро намекунанд. Фиреб – чизи даҳшатнок, зеро одамони фиребхӯрда фикр мекунанд, ки аҳволи онҳо хуб аст, дар ҳоле ки ин тавр нест. Одамони фиребхӯрда худро бо дониш оиди Худое, ки дар асл Ӯро намешиносанд, тасаллӣ медиҳанд.

## Тимсоли таҳрифшудаи Худованд

Бе тарси Худованд дар асл мо Худоро намешиносем. Дар ин гуна ҳолат дар қалби мо ё дар тахайюли мо тимсоли таҳрифшуда шакл мегирад. Ва ҳатто агар мо дар баробари ин бо Ӯ мушоракат кунем ё Ӯро эҳтиром намоем ва Ӯро танҳо бо даҳон парастиш кунем, қалби мо аз Ӯ дур аст, ва ҳаёти мо ба хоҳишҳои Ӯ мувофиқ нест. Инро дар мисоли Исроил дидан мумкин аст.

Чуноне ки мо аллакай дар бобҳои гузашта гуфтем, Мӯсо

қавми худро ба кӯҳи Сино овард, то ки ба назди Худо биёрад, аммо “қавм аз дур истоданд, ва Мусо сӯи меғ, ки Худо дар он ҷо буд, наздик омад” (Хур. 20:21). Чӣ қадар ғамангез аст, ки онҳо ба чунин вохӯрии аҷиб ва ҳайратбахш бо Худо ҷуръат накарданд. Кӣ медонад, ки дар натиҷаи ин чӣ рӯй дода метавонист? Онҳо имкон доштанд, ки Каломи Ӯро, ки Худи Ӯ мегӯяд, бишнаванд! Аммо, тавре ки мо аллакай гуфтем, онҳо ба ҳузури Худо ворид шудан нахостанд, дар қалбҳои онҳо тарси Худо набуд, бинобар ин онҳо фармудаҳои Ӯро риоя намекарданд (ниг. Так. Шариат 5:29).

Худо ғамгин шуда, дар байни Худ ва қавм миёнарав таъин кард. Ӯ ба Мӯсо гуфт: “Бирав, фурӯд ой, ва баъд баро, ва Ҳорун *ҳамроҳи ту бошад”* (Хур. 19:24, курсиви муаллиф). Худо Мӯсо ва Ҳорунро ба ҳайси миёнаравҳо ба назди Худ хонд. Онҳо мебоист суханони Худоро бишнаванд ва ба қавм расонанд, ва ҷавоби одамонро, дар навбати худ, ба Худо расонанд. Ҳамаи ин аз нақшаи пешакии Худо оиди наздикӣ бо одамон ба куллӣ фарқ мекард.

Мо хондани Китоби Хуруҷро давом медиҳем ва мебинем, ки Мӯсо боз ба кӯҳ ба назди Худо баромад, ва Ҳорун ба ӯрдугоҳ баргашт. Зоҳиран, ӯ ба кӯҳ баромаданӣ буд, аммо аз чӣ бошад, дар ӯрдугоҳ пайдо шуд. Барои чӣ? Чунки ӯ назар ба ҳузури Худо дар ҳузури одамон худро бароҳаттар ҳис мекард. Ба вай тарси Худованд намерасид. Ҳорун бештар аз одамон метарсид, на аз Худо, аз ин рӯ ба одамон хизмат карданро авлотар медонист. Ӯ ба одамон ҳар чиро, ки талаб мекарданд, медод, ва хеле зуд.

Мӯсо қариб чил рӯз дар кӯҳ қарор дошт, ва мо мехонем:

> Ва қавм чун диданд, ки Мусо дар фуромадан аз кӯҳ даранг мекунад, қавм назди Ҳорун ҷамъ шуда, ба

> ӯ гуфтанд: “Бархоста, барои мо худоёне бисоз, ки пешопеши мо равона бошанд, зеро ин шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст” (Хур. 32:1).

Ҳорун атои роҳбарӣ дошт, ва ба ин ато сифатҳои муайян хос аст, масалан, қобилияти ҳамчун оҳанрабо ба худ ҷалб кардани одамон. Ба туфайли ин ато шахс дар ҳамаи ҳолатҳо одамонро ба худ ҷалб мекунад, ва муҳим нест, ки ин роҳбар бо Худо аст ё не. Бо ин ҳақиқате маълум карда мешавад, ки шумо соҳиби калисое ҳастед, ки ҳазор нафар одам дорад, аммо дар ибодатҳо ҳузури Худо нест, ва хоҳишҳои Ӯ дар он ҷо ба таври таҳрифшуда пешкаш карда шудааст. Аксар вақт роҳбаре, ки тарси Худо надорад, атоҳои худододро барои амалӣ намудани хоҳишҳои одамон истифода мебарад, на барои хоҳишҳои Худо.

Одамон аз Ҳорун талаб карданд: “Бархоста, барои мо худоёне бисоз, ки пешопеши мо равона бошанд, зеро ин шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст”. Диққат диҳед, онҳо нагуфтанд, “зеро бо Худо... намедонем чӣ рӯй додааст”. Онҳо Худоро инкор накарданд, онҳо ҳамту Мӯсоро ношоям гуфтанд.

## Худо ё худоён?

Дар вақти омӯзиши матни аслии Китоби Муқаддас ман доимо муайян кардан мехоҳам, ки тарҷума то чӣ андоза ба асл наздик аст. Тарҷумонҳои забони англисӣ аксар вақт калимаи *худоёнро* истифода мебаранд. Аммо дар забони ибронӣ “худоён” – ин *elohiym*. Дар Аҳди Қадим ин калима 2 606 маротиба вомехӯрад, аз ин миқдор 2 350 маротиба

(беш аз 90 фоиз) Худои Қодир, ки мо хидмат мекунем, дар назар дошта шудааст. Танҳо дар боби якуми Китоби Ҳастӣ ин калима сию ду маротиба вомехӯрад, ва дар ҳама ҳолатҳо Худованд дар назар дошта шудааст. Мисол, ояти якуми Китоби Муқаддас ин тавр садо медиҳад: “Дар ибтидо Худо [*elohiym*] осмон ва заминро офарид” (Ҳас. 1:1). Дар ин ҷо *elohiym* ҳамчун “Худо” тарҷума карда шудааст. Тақрибан дусаду панҷоҳ маротиба дар Аҳди Қадим ин калима истифода бурда шудааст, ки худои дурӯғинро муайян кунад. Бинобар ин доимо контекстро пайгирӣ кардан лозим аст, то ки чизи навишташуда дуруст фаҳмида шавад.

Ҳорун ба халқ гуфт: “Ҳалқаҳои тиллоеро, ки дар гӯшҳои занон, писарон ва духтарони шумост, кашида, назди ман биёред” (Хур. 32:2). Одамон ҳамин тавр ҳам карданд. “Ва онҳоро аз дасташон гирифта, бо қалами ҳаккокӣ ба шакле даровард, ва гӯсолаи рехтае аз он сохт” (Хур. 32:4).

Вақте ки ӯ аз тилло гӯсола сохт, тамоми қавм гуфтанд: “Ин аст худои ту, эй Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард!” (Хур. 32:4).

Калимаи ибронии *худо,* ки дар ин ҷо истифода бурда шудааст, низ *elohiym* аст. Одамон гуфтанд: “Ин аст *elohiym*-и ту, эй Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард!” Шумо мебинед, ки чӣ рӯй дод? Биёед давомашро мехонем, то бифаҳмем, ки одамон чӣ гуфтанд.

> Ва Ҳорун инро дида, қурбонгоҳе пеши он бино кард, ва Ҳорун эълон намуда, гуфт: “Фардо ид аст *барои Худованд”* (Хур. 32:5, курсиви муаллиф).

Калимаи ибронии *Худованд* дар ин оят – ин калимаи *Jehovah* ё *Yahweh*. Яҳве – калимаи аз ҳама муқаддастарин

дар Аҳди Қадим. Ин номи шахсии Худои ягона ва ҳақиқӣ аст. Он ҳеҷ гоҳ дар Аҳди Қадим барои ифодаи худои дурӯғин истифода бурда нашудааст. Ин калима он қадар муқаддас буд, ки котибони ибрӣ онро ҳатто пурра наменавиштанд. Онҳо аз калима ҳамаи садонокҳоро ихтисор карданд, ва танҳо ҳамсадоҳоро менавиштанд: YHWY. Котибони ибрӣ онро тетраграмматони муқаддас, ҷӯршавии чор ҳарфи талаффузнашаванда, меҳисобиданд. Ин номи муқаддасро бо овози шунаво талаффуз кардан мамнӯъ буд, ва дар Исроил он аз ҳар гуна куфр муҳофизат карда мешуд.

Ҳамин тариқ, дар асл, Ҳорун ва писарони Исроил ба гӯсолаи рехта ишора карда, хитоб намуданд: "Ин аст, Яҳвеи ту, Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард!". Онҳо нагуфтанд: "Ин аст Баали ту, Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард!" Онҳо ҳамчунин раҳоиро аз ғуломии Миср ба худои дигари дурӯғин мансуб надонистанд. Онҳо ҳамту гӯсоларо бо номи Худованди худ ном гирифтанд.

## Чашмпӯшӣ ба ҳавасҳои худ баъд аз парастиш

Онҳо Худоро ба таври кушоду равшан рад накарданд, аммо ҷалоли Ӯро то дараҷаи гӯсолаи рехта паст заданд. Онҳо дар шинохтани Худои ҳақиқӣ фиреб хӯрданд. Ба мисли пештара Яҳверо ҳамчун наҷоткор ва раҳокунандаи худ эътироф карда, онҳо қуввати шифобахшандаи Ӯро инкор накарданд, вале ҳамту симои ҳақиқии Ӯро бо симои дурӯғин иваз карданд. Мебинем, ки давомаш чӣ шуд:

> Ва фардои он бармаҳал бархоста, қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим намуданд, ва қурбониҳои саломатӣ забҳ карданд; ва қавм барои хӯрдан ва нӯшидан нишастанд, ва барои рақсу бозӣ бархостанд (Хур. 32:6).

Диққат кунед, онҳо ба ин гӯсола қурбонӣ карданд. Аммо чӣ лозим буд, ки қурбонӣ биёранд? Барои он ин тавр карда мешавад, то ба Яҳве, ки ба Ӯ хидмат карданро ваъда доданд, эҳтиром нишон диҳанд. Пас аз қурбонӣ ва парастиш онҳо рақсу бозӣ карда, ҳавасҳои ҷисмонии худро қонеъ гардониданд. Дар яке аз версияҳои Китоби Муқаддаси англисӣ гуфта мешавад, ки онҳо "майгусорӣ барпо карданд".

Оё имрӯз низ ин чизҳо рӯй дода метавонанд? Наход имрӯз низ одамоне ҳастанд, ки файзи наҷоти Ӯ онҳоро аз мушкилоти дунявӣ раҳо кардаасту онҳо номи Исоро мехонанд, вале дар тахайюли худ симои таҳрифшудаи Ӯро доранд ва дар назди Ӯ тарсе надоранд? Онҳо бо эҳсоси фарзанди аз олами боло таваллудшудаи Худо шодӣ мекунанд, онҳо Ӯро чун Худованди худ эътироф менамоянд, ба калисо мераванд, дар бораи раҳоӣ ва озодӣ сурудҳо мехонанд, мавъизаҳо гӯш мекунанд, даҳяк медиҳанд, аммо аз калисо баромада, дар бораи баракатҳои Худо дар соҳаи бизнес шаҳодат дода, дар айни замон ҳангоми шартнома бастан дурӯғ мегӯянд. Эҳтимол, онҳо шубонҳои худ ва одамони дигарро ғайбат мекунанд, ва инро бо он асоснок мекунанд, ки "ин рост аст ва ҳама инро медонанд". Онҳо зино ва рафторҳои ношоиста мекунанд, ва сипас ин корҳоро бо он далел сафед мекунанд, ки новобаста ба наҷот онҳо ҳанӯз дар ҷисм зиндагӣ мекунанд ва барои қонеъ гардонидани талаботҳои муайян эҳтиёҷ доранд. Ин рӯйхатро беохир давом додан мумкин аст.

Оё онҳо Исоро мешиносанд? Аз онҳо пурсед – ва онҳо бо шавқу рағбат ба шумо ҷавоб медиҳанд: бале! Оё онҳо фирефта шудаанд? Оё онҳо ба Шахсе, ки акнун дар ямини Бузургвор дар осмон нишастааст, бовар мекунанд, ё онеро, ки дар тахайюли шахсии худ сохтаанд ва ҳар чизеро, ки талаб мекунанд, медиҳад, ибодат мекунанд? Аммо боз муҳимтар

аз ҳама: дар ин акс оё мо худамонро намебинем?

Мо мушоҳида мекунем, ки вақте ба одамон тарси Худованд намерасад, онҳо Ӯро мехонанд, аммо дар баробари ин ҳама вақт ба ҳавасҳои ҷисмонии худ андармон мешаванд, ва ҷисм, тавре ки медонем, бо Худо ҷанг мекунад, чунки ба иродаи Худо итоат намекунад (ниг. Рум. 8:5-7). Ин гуна одамон ба хоҳишҳои Ӯ итоат намекунанд, гарчанде номи Ӯро даъват ҳам мекунанд, онҳо изҳор мекунанд, ки Ӯро мешиносанд, дар баробари ин самимона бовар мекунанд, ки Ӯ рафтори онҳоро ҷонибдорӣ менамояд. Беитоатии онҳо аз набудани тарси Худованд, решаи ҳама гуна беитоатӣ, сарчашма мегирад. Ҳамаи бадбахтӣ дар он аст, ки онҳо, бо гумони он, ки "Исоро мешиносанд", фирефта мешаванд.

## Ҳеҷ чиз махфӣ нест

Ин фоҷиаро дар бисёр ҷойҳои Китоби Муқаддас пайгирӣ кардан мумкин аст. Он аз писари Одам, Қобил, зуд пас аз гуноҳи Одам, сар шудааст. Вақте ки волидайни Қобил аз боиси нодонии худ дар боғ гуноҳ карданд, онҳо баданҳои урёни худро бо баргҳои анҷир – ҳосили замин пинҳон карданд. Худо ба онҳо нишон дод, ки тибқи хоҳиши Ӯ бояд ба Ӯ ҳайвон қурбонӣ карда шавад. Ӯ ба онҳо аз пӯсти ҳайвонот либос дӯхт, ва ман фикр мекунам, ки ин ҳайвонҳо гӯсфандон буданд.

Бинобар ин Қобилро нодон номидан дуруст нест. Аз волидайн ӯ медонист, ки Худо қурбонии ҳайвонотро металабад, на ҳосили заминро. Бо вуҷуди ин мо дар Китоби Муқаддас мехонем: "Баъд аз мурури айём, Қобил аз маҳсули замин ҳадияе *барои Худованд* овард" (Ҳас. 4:3, курсиви муаллиф). Тавре ки мебинем, ӯ ҳақиқатан ба Худо хизмат

кардан мехост, зеро дар Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки ӯ ба худои дурӯғин ҳадия овард. Ӯ ғайратмандона кор мекард, то ки маҳсули дасти худро ба Худованд тақдим кунад, аммо ба ин нигоҳ накарда ин амали беитоатии ошкоро буд.

Вале сабаби ин беитоатӣ дар чист? Сабаб ҳамон аст – набудани тарси Худованд. Ин аз рӯи саволе, ки Худо ба Қобил дод, маълум аст, зеро Худо аз Қобил пурсид, ки бародари кушташудаи ӯ дар куҷост. Ҷавоби Қобил беадабона буд: “Намедонам; магар ман посбони бародарам ҳастам?” (Ҳас. 4:9). Чуноне ки мебинед, ба мисли воқеае, ки бо исроилиён ва гӯсолаи рехтаи онҳо рӯй дод, набудани тарси Худованд Қобилро ба он овард, ки симои Худо аз тарафи ӯ таҳқир карда ва роҳҳои хидмат ба Ӯ низ тағйир дода шуд. Қобил худро фиреб дода, ҳатто гумон мекунад, ки чизеро аз Худо пинҳон карда метавонад, гӯё Худо – ин одами оддӣ. Симои Худо дар назари Қобил то дараҷаи одамӣ паст зада шуд. Павлус моро дар бораи он хеле ҷиддӣ огоҳ мекунад, ки дар замонҳои охир мо ин тамоюлро хеле зиёд мушоҳида хоҳем кард: “Агарчи онҳо Худоро шинохта бошанд, Ӯро чун Худо ситоиш накарданд... ва ҷалоли Худои бефаноро ба сурати одами фонӣ табдил доданд” (Рум. 1:21-23). Чуноне ки бо Қобил рӯй дод, набудани тарси парҳезгорона ин гуна одамонро ба худфиребӣ оварда мерасонад, ва онҳо ба бовар кардани он шурӯъ мекунанд, ки Худо роҳҳои фосиқонаи онҳоро намебинад.

Аз рӯи ҷавобе, ки Қобил дод, маълум аст, ки ӯ фаромӯш кард, ки чизеро аз Худо пинҳон кардан ғайриимкон аст. Ӯ ҳама чизро мебинад ва медонад. Вақте ки мо тарси Худоро фаромӯш мекунем, фаҳми рӯҳонии мо низ гум мешавад, зеро гуноҳкори ашаддитарин низ медонад, ки Худо исёну

муқобилияти ӯро мебинад. Он одамоне, ки дониши Худо доранд, вале тарси Худованд надоранд, худро бо умедҳои дурӯғин фиреб медиҳанд, ва мегӯянд: "Худованд намебинад" (Ҳиз. 9:9), ё, агар бинад ҳам, эҳтимол, Ӯ ҳамаашро мефаҳмад ва мебахшад. Ҳатто баъзе пешвоёни калисо аз ин истисно нестанд. Худо мегӯяд: «Оё ту, эй писари одам, он чиро, ки пирони хонадони Исроил... мекунанд, дидӣ? Зеро ки мегӯянд: "Худованд моро намебинад, Худованд ин заминро тарк кардааст"» (Ҳиз. 8:12).

Наход ки мо амри қатъии Исоро оиди тарсидан аз Худо фаромӯш кардем? Зеро Ӯ гуфтааст: «Ҳеҷ чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад, ва ҳеҷ чизи махфие нест, ки маълум нашавад» (Луқ. 12:2). Аммо вақте ки мо тарси Худоро гум мекунем, мо Худоро то сатҳи худамон мефарорем ва нафаҳмида, гумон мекунем, ки аз Ӯ чизеро пинҳон карда метавонем. Агар аз ин одамон оиди дар ҳар ҷо ҳозиру нозир будани Қодир пурсед, онҳо ба ин сифатҳои Худо қатъӣ ва дилпурона розӣ мешаванд. Аммо дар умқи дили худ онҳо дарки ҳашамати Ӯро гум кардаанд, зеро, агар онҳо дорои ин гуна фаҳмиш мебуданд, онҳо кӯшиш намекарданд, ки аз Ӯ чизеро пинҳон ё руст кунанд. Онҳо бисёр чизҳоро аз одамони парҳезгор пинҳон мекунанд ва аксар вақт дар ин кор муваффақият меёбанд, аммо фаромӯш мекунанд, ки «чашмони Худованд дар ҳама ҷост: бадон ва неконро мушоҳида менамояд» (Мас. 15:3).

## Боварӣ ба итоати шахсӣ, ки вуҷуд надорад

Бо вуҷуди ин саргузашти мо бо ҳамин тамом намешавад. Сипас худфиребдиҳӣ одамро ба он бовар мекунонад, ки ӯ бо итоаткорӣ умр ба сар мебарад, дар ҳоле ки ин

тавр нест. Барои фаҳмотар шудан аз ҳаёти яке аз наслҳои Довуд – подшоҳе бо номи Узиё мисол меорем. Вақте ки ӯ шонздаҳсола буд, падари ӯ Амасё мурд, ва Узиё ба ҷои вай подшоҳи Яҳудо шуд. Вақте ки шахси ҷавон дар шонздаҳсолагӣ подшоҳ мешавад, агар ба дараҷаи кофӣ оқил бошад, ба ҷустани Худо сар мекунад, ва Узиё ҳамин тавр ҳам кард. Дар натиҷа ӯ ба муваффақият ноил шуд. Дар тӯли солҳои зиёд ӯ дар подшоҳии худ аз фаровонӣ ва комёбӣ хурсандӣ мекард. Сипас мо мехонем: “Ва номи ӯ то ҷойҳои дурдаст шӯҳрат ёфт, зеро ки ӯ барои комёбии худ чизҳои аҷоиб сохта, бағоят қавӣ гардид” (2 Вақ. 26:15).

Аммо вақте ки Узиё қавӣ гардид, ӯ мутакаббир ва мағрур шуд. Ғурур ва тарси Худованд ба якдигар зид мебошанд. Вақте ки дар қалби одам тарси муқаддас нест, дар он ғурур тавлид мешавад. Бодиққат хонед, баъдтар бо ӯ чӣ рӯй дод:

> Ва ҳангоме ки ӯ қавӣ шуд, дилаш то ба дараҷаи бадкирдорӣ мутакаббир гардида, ба Худованд Худои худ хиёнат кард, ва ба маъбади Худованд даромад, то ки бухур бар қурбонгоҳи бухур бисӯзонад. Ва аз паи ӯ Азарёҳуи коҳин даромад, ва коҳинони Худованд, ҳаштод марди далер ҳамроҳи ӯ буданд. Ва онҳо дар гирди подшоҳ Узиё истода, ба ӯ гуфтанд: “Туро, эй Узиё, раво нест, ки барои Худованд бухур бисӯзонӣ, балки ин кори коҳинони банӣ-Ҳорун аст, ки барои сӯзонидани бухур тақдис шудаанд; аз қудс берун рав, зеро ки ту хиёнат кардаӣ, ва ин барои ту сababи шаъну шараф аз ҷониби Худованд Худо нахоҳад буд”. Ва Узиё дарғазаб шуд, дар ҳолате ки маҷмари бухурсӯзонӣ дар дасташ буд, ва ҳамин ки ғазабаш бар коҳинон аланга зад, пеши коҳинон дар хонаи Худованд, назди қурбонгоҳи бухур, махав бар пешонии ӯ пайдо шуд (2 Вақ. 26:16-19).

Дар ин маврид мо бояд савол диҳем: вақте ки қалби Узиёро ғурур пахш кард, ӯ бештар рӯҳонӣ шуд ё камтар? Вақте ки ба шунавандагон чунин савол медиҳӣ, қисми зиёди онҳо ҷавоб медиҳанд, ки ӯ камтар рӯҳонӣ шуд. Аммо ин тавр нест, зеро Узиё ба маъбад рафт, то ки ба Худо *ибодат кунад.* Дар асл дар рафторҳои худ ӯ бештар рӯҳонӣ (ё бештар динпараст) шуд. Аксар вақт дар ин гуна ҳолатҳо шумо мушоҳида мекунед, ки махсусан рафтори ғайратмандонаи рӯҳонӣ ва ғурур бо ҳам дастобадаст мераванд, ва зимнан ҳар ду якдигарро мепӯшонанд. Ғурур ба одамон имкон намедиҳад, то ба далеле иқрор шаванд, ки онҳо динпараст ҳастанд, ва динпарастӣ ғурурро бо чодари рӯҳонияти бардурӯғ мепӯшонад. Ҳар ду нишонаи набудани тарси Худованд ва фурӯтании ҳақиқӣ дар назди Ӯ мебошанд.

Диққат диҳед, вақте ки Узиёро мазаммат карданд, ӯ гапи ростро шунида, ба ғазаб омад. Айнан ҳамин чиз бо Қобил низ рӯй дод, вақте ки ӯро бо ҳақиқат мазаммат карданд. Навиштаҷот мегӯяд: “Ва Қобил хеле ба хашм омад, ва рӯяш турш шуд” (Ҳас. 4:5). Қобил аз Худо хашмгин шуд! Агар шумо бо ростӣ одамонеро, ки аз сабаби набудани тарси Худованд дар беитоатӣ зиндагӣ мекунанд, мазаммат кардан хоҳед, онҳо албатта ба хашм меоянд. Барои чӣ? Чунки онҳо дар асл худро ҳақ мешуморанд. Вале онҳо фирефта мешаванд, ва фирефта будан маънои онро дорад, ки дар ҳоле ки иштибоҳ содир мекунӣ, худро ҳақ мешуморӣ.

Вагарна чаро Узиё ба коҳинон дарғазаб шуд, агар ӯ худро ноҳақ меҳисобид? Ӯ ба маъбад барои ибодат омад, аммо, ҳамчун писарони Ҳорун, ӯ эҳтироми худро ба фармудаҳои Худованд фаромӯш кард ва симои Ӯро дар назари худ паст зад. Дар беитоатии худ ӯ рафторҳои худро ба қонунҳои Худо мувофиқ нагардонид. Зоҳиран, ӯ ба Худо наздик шудан хост,

аммо дар асл ӯ танҳо аз Касе, ки Ӯро ибодат кардан мехост, дур шуд.

Акнун фаҳмо шуда истодааст, ки барои чӣ дар калисоҳои мо он қадар одамоне ҳастанд, ки саъй мекунанд, то ба Худо наздик шаванд, аммо ҳаёти онҳо куллан ба иродаи Худо мувофиқ нест. Бе фаҳмидани принсипҳое, ки мо ҳоло муҳокима мекунем, шаҳодати ин гуна одамонро оиди ваҳйҳои илоҳӣ, ки ба ҳақиқатҳои Каломи Ӯ мухолифанд, шунида, комилан ба тааҷҷуб афтодан мумкин аст. Чӣ тавр онҳо пас аз дуогӯӣ ходимони Худоро, ки Ӯ эҳтиром кардани онҳоро фармудааст, танқид мекунанд? Агар шумо ҷуръат карда, ба онҳо ёдрас кунед, ки дар ин бора Навиштаҷот чӣ мегӯяд, онҳо ба ғазаб меоянд. Онҳо гумон мекунанд, ки шумо хато мекунед, ё ин ки шумо шахси рӯҳонӣ нестед, дар ҳоле ки маҳз худи онҳо аз роҳи ҳақиқат дур шудаанд.

Ман ҳамчун ходими Худо бо одамоне борҳо сӯҳбат кардаам, ки ба ман он чиро, ки ваҳйҳои илоҳӣ меҳисобиданд, нақл кардаанд. Аз ин гуна кушоишҳо рӯҳи ман ноором мешуд. Новобаста ба бовариашон, ки ин кушоишҳоро аз Худо гирифтаанд, онҳо суханонеро, ки ман аз Навиштаҷот ба онҳо гуфтан мехостам, қатъиян шунидан намехостанд. Онҳо на танҳо ба ман, балки ба ҳамаи онҳое, ки ба ин одамон ёрдам кардан мехостанд, ин тавр муносибат мекарданд. Барои тасдиқи ҳақ будани худ онҳо порчаҳои дигарро аз Китоби Муқаддас, ки аз контекст канда гирифта шуда буданд, мисол меоварданд, ва кушоишҳои худро муҳокима кардан намехостанд. Пас аз ин онҳо аз ман канораҷӯӣ мекарданд, ва аз ҳамаи касоне, ки ба онҳо кӯмак кардан мехостанд, ҷудо мешуданд, чунки дар назари онҳо мо акнун шахсони рӯҳонӣ ҳисобида намешудем. Бо гузашти вақт худи онҳо боварӣ ҳосил карда метавонистанд, ки

натиҷаҳои роҳи интихобкардаи онҳо ба иродаи Худо мувофиқ нест ва чизеро, ки интизор буданд, ба даст наоварданд. Онҳо ба пайхас кардан шурӯъ мекунанд, ки овози Исоро нею овози тахайюлоти худашонро шунидаанд. Наход онҳо барои наздикшавӣ ба Худо кӯшиш карда, ба худфиребдиҳӣ, ки натиҷааш танҳо пушаймонӣ аст, дучор шудаанд?

## Наздикшавӣ ба Худо бо қалби бутпараст

Барои раҳо шудан аз ин гуна худфиребдиҳӣ илоҷ ҳаст, ва боз ҳам он аз тарси Худо иборат мебошад. Вақте ки мо аз Худо метарсем, мо бо қалби тиҳӣ ба назди Ӯ меоем, ва каломи тасаллибахш ё ислоҳкунандаи Ӯро мешунавем. Мо ба фаҳмишҳои худ ва хоҳишҳои худписандона такя намекунем, балки бо ғайратмандӣ иродаи Ӯро иҷро кардан мехоҳем.

Дар ҳоле ки Ӯ иродаи Худро ба мо маълум кардааст, наздикшавиро ба Худо бо хоҳишҳои сахти худ, ки мувофиқи иродаи Худо нестанд, кори аз ҳама ахмақона ва хатарнок номидан мумкин аст. Ин одамро ба зинаи дигари худфиребдиҳӣ меорад, ба худфиребдиҳие, ки ҳушёркунанда аст. Ин дараҷаи худфиребдиҳӣ аз он иборат аст, ки Худо воқеан ҳар чизеро, ки аз Ӯ металабем, медиҳад ё имкон фароҳам меорад, ки бигирем:

> Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт: "Эй писари одам! Ин одамон бутҳои худро ба дили худ роҳ додаанд, ва васвасаи гуноҳи худро пеши рӯи худ гузоштаанд; оё месазад, ки Ман ба саволи онҳо ҷавоб гардонам?" (Ҳиз. 14:2,3).

Худованд андӯҳгин шуд, чунки қавм аз Ӯ хоҳиш кард, то роҳеро нишон диҳад, ки ба пеш раванд, аз Ӯ роҳнамоӣ ва

хирад ёбанд, аммо дар қалби онҳо бутҳо ниҳон буданд. Маълум нест, оё одамон мефаҳмиданд, ки дилҳои онҳо дар назди Худо нопоканд, ё ҳақиқат аз чашми онҳо пинҳон аст. Боварӣ ба бутҳо онҳоро маҷбур мекард, ки пешпо хӯрда, ба шарорат афтанд. Калимаи ибронии "шарорат" – ин *awon*, ва маънои он дониста ё надониста вайрон кардани иродаи Худо мебошад.

Диққат диҳед, Худо нагуфт, ки онҳо дар ҳавлӣ ё дар ҳуҷраҳо ва хонаҳои худ бутҳо гузоштаанд. Бутпарастӣ дар худи дилҳои онҳо реша давондааст. Дар ёд дошта бошед, бутпарастӣ бо он маҳдуд намешавад, ки одам номи худои дурӯғинро мехонад. Чуноне ки аллакай гуфта шуд, шакл гирифтани симои таҳрифшудаи Худо дар дил ва паст задани Худои ҳақиқӣ то дараҷаи бути хаёлӣ, ки ҳар чизи дилхоҳамонро ба мо медиҳад, низ бутпарастӣ мебошад. Решаи ҳар гуна бутпарастиро дар ҳавасҳои ҷисм пайдо мекунем. Аҳди Ҷадид мегӯяд:

> Пас, андоми заминии худро: зино, нопокӣ, ҳирс, *ҳаваси бад ва тамаъкориро, ки он бутпарастист,* бикушед (Қӯл. 3:5, курсиви муаллиф).

Дар Нома ба Эфсӯсиён (5:5) Павлус боз тамаъкориро хотирнишон мекунад, ки бутпарастӣ аст. Маълум аст, ки бутпарастӣ ҳавас аст, аз ин рӯ биёед мафҳуми *ҳавасро* дида мебароем. Вебстер мефаҳмонад, ки ин "хоҳиши сахти гирифтан ё соҳиб шудан ба чизҳои муайян" аст. Ман дар дуо аз Худованд дархост кардам, ки ин калимаро таъбир кунад. Ӯ ба ман чунин гуфт: "Ҳавас – ин саъю кӯшиш барои ба даст овардан".

Ин таъбир танҳо бо хоҳиши пул ба даст овардан тамом

намешавад. Ба ин моликият, мавқеъ дар ҷамъият, шароити бофароғати зиндагонӣ, таҳсину офаринҳо аз ҷониби дигар одамон, лаззат, қудрат, бадахлоқии шаҳвонӣ ва ғайра дохил мешавад. Ҳавас – ин ҳолате, ки агар мо аз он чизҳое, ки дорем, қаноатманд набошем, ба доми он меафтем. Мо саъй мекунем, ки бештару бештар дошта бошем, зеро аз он чизҳое, ки Худо ба мо медиҳад, қаноатманд ва ором намешавем. Дониста ё надониста мо ба нақшаҳо ва ниятҳои Ӯ, ки ба ҳаёти мо дахл доранд, муқобилат мекунем. Аз ин сабаб ба мо мегӯянд: «Хулқатон аз зарпарастӣ дур бошад, ва бо он чи доред, қаноат кунед. Зеро ки Худи Ӯ гуфтааст: "Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт"» (Ибр. 13:5). Вақте ки мо воқеан бовар мекунем, ки "камоли шодиҳо ба ҳузури Туст, ва хушиҳо ба ямини Туст то абад" (Заб. 15:11), он гоҳ мо берун аз ҳузури Ӯ ё бе нақшаҳои Ӯ алоқамандона ба ҳаёти мо қаноатмандӣ намеҷӯем.

Ҳавас дар байни норозигӣ ва ташвишҳо сокин мешавад ва аз хоҳишҳои саҳлангорона ғизо мегирад. Маҳз ҳамин чизро дар ҳаққи исроилиён гуфтан мумкин аст, вақте ки онҳо аз Миср баромаданд. Онҳо доимо онро талаб мекарданд, ки ба назари худи онҳо чизи аз ҳама беҳтарин ҳисобида мешуд, гарчанде Худо иродаи Худро ба онҳо зоҳир карда буд. Ба онҳо роҳе, ки Худо бо он бурдан мехост, то ки онҳоро барои ҳаёт дар замини ваъдашуда тайёр кунад, маъқул набуд. Онҳо ба шароитҳои зиндагӣ, аз набудани об, хӯрок ва ғайра шикоят мекарданд. Ба онҳо тарси муқаддас намерасид, ва аз ин сабаб дилҳои онҳо ҷое барои рӯидани хорҳои ҳавас гардид. Вақте ки Худо ба онҳо Худро зоҳир кард, онҳо шитобон аз ҳузури Ӯ пинҳон шуданд, то ки майлу кӯшиши худро ба ҳаловатҳое, ки назар ба хоҳишҳои Худо онҳоро авлотар медонистанд, аз чашми Ӯ пиҳон кунанд.

Вақте ки Худованд бо Мӯсо танҳо монд, қавм Худоро дар симои он чизе сохт, ки хоҳишу ҳавасҳои пургуноҳи онҳоро қонеъ карда метавонист. Ҳақиқатеро қайд кардан аҷиб аст, ки ҳама чиз дар гирди тилло чарх мезад. Иштиёқи онҳо ба пул чунон аён буд, ки онҳо воқеан қаноатмандии парҳезгоронаро дар иродаи Ӯ пайдо намекарданд. Онҳо дар торикии худфиребдиҳӣ роҳ мерафтанд.

Бояд гуфт, ки ҳавас решаи намудҳои дигари бутпарастӣ низ ҳаст. Тамоми одамон бо хоҳиши ирсии ибодат ба Худо офарида шудаанд. Аммо бисёре аз онҳо ба Офаридгори ҳақиқӣ итоат кардан намехоҳанд. Аз ин рӯ онҳо ба назди худоёни дурӯғин мераванд. Аммо худоёни дурӯғ аз куҷо пайдо мешаванд? Онҳоро одам месозад. Инсон ба худои дурӯғе, ки ҳама чизи дилхоҳи ӯро ба вай медиҳад, саҷда мекунад. Ва решаи мушкилӣ дар ҳамин аст – боз ҳавас.

Ба ҳар ҳол, бутҳо чӣ гуна шакле, ки нагиранд, онҳо барои одам сарчашмаи қаноатмандӣ мегарданд. Онҳо ҷоеро, ки дар асл аз они Худост, банд мекунанд. Бут ҳамчун сарчашмаи хушбахтӣ, роҳат, оромӣ, таъминот ва ғайра хидмат мекунад. Худо мегӯяд: “Бутҳо барои худ насозед” (Ибод. 26:1). Мо худамон барои худ бутҳо месозем. Бут ин чизе аст, ки мо онро дар ҳаёти худ аз Худо боло мегузорем. Ин чизе аст, ки мо дӯсташ медорем, ба он эътимод мекунем, бештар аз Худо ба он диққату эътибор медиҳем. Бут – ин чизе, ки аз он қувват мегирем, ё баръакс, – чизе, ки ба он қувват сарф мекунем. Вақте ки дили имондор аз норозигӣ пур мешавад ва барои худ берун аз иродаи Худо қаноатмандӣ меҷӯяд, ба бутпарастӣ кашида мешавад. Ва боз ҳам дар натиҷаи ин ҳавас пайдо мешавад.

## Ҷавоб мувофиқи ҳавас

Ба суханони Худо, ки ба воситаи Ҳизқиёл гуфта шудааст, баргашта, мо мебинем, ки Худо аз он андӯҳгин мешавад, ки одамони Ӯ бо бутҳо дар дил ба назди Ӯ омада, ёрӣ металабанд. Онҳо мехоҳанд, ки Худо хоҳишҳои худпарастонаи онҳоро қонеъ гардонад, аммо онҳо барои донистани иродаи Ӯ саъй намекунанд. Ин вазъият аз ҳолати наврасон, ки ба насиҳатҳои оқилонаи волидон итоат кардан намехоҳанд, кам фарқ мекунад. Онҳо танҳо мехоҳанд, ки волидон ба нақшаву ниятҳои онҳо халал нарасонанд. Онҳо намефаҳманд, ки волидон дорои таҷриба ва хирад мебошанд ва барои онҳо чизҳои аз ҳама беҳтаринро хоҳонанд.

Худо ба Ҳизқиёл ҷавоби ҳушёркунанда ва пуризтироб дод. Ӯ ба таври равшану возеҳ ба набӣ гуфт, ки “ҳар касе ки аз хонадони Исроил бутҳои худро ба дили худ роҳ диҳад, ... Ман, ки Худованд ҳастам, ба касе ки омадааст, бо вуҷуди бисёрии бутҳояш, ҷавоб хоҳам гардонид” (Ҳиз. 14:4). Яъне, ба ибораи дигар, ҷавоби Худо маънои зайлро дорад: “Ман, ки Худованд ҳастам, ба касе ки омадааст, мувофиқи хоҳишҳои нафсониаш ҷавоб хоҳам гардонид”.

## Марди гумроҳи Худо

Ин махсусан дар ҳолат бо Билъом маълум аст. Ӯ набии бузурги худои дурӯғин набуд, балки набии Йеҳӯва, Худованди ҳақиқӣ, ки мо хидмат мекунем. Нубувватҳои ӯ чунон қавӣ буданд, ки тамоми подшоҳон дар бораи ӯ шуниданд. Яке аз онҳо Болоқ, подшоҳи Мӯоб ва Мидён, буд.

Сокинони Мӯоб ва Мидён ба даҳшат афтоданд, чунки Исроил дар муҳориба бо яке аз пурзӯртарин кишварҳои

ҷаҳон, яъне Миср ғолиб омад. Акнун исроилиён дар ҳамвориҳои Мӯоб ӯрдугоҳ заданд. Одамони Мӯоб мегуфтанд, ки агар Исроил Мисрро ин қадар зуд шикаст дода бошад, пас дар Мӯоб ҳеҷ умеде боқӣ намемонад. Тарс дар тамоми ин сарзамин паҳн шуд ва ба қасри подшоҳ расид.

Подшоҳ нақшае фикр карда баромад. Ӯ мефаҳмид, ки агар Билъоми набӣ ҳар чизро баракат диҳад, он баракат меёбад, ва ҳар чизро лаънат кунад, лаънатӣ мешавад. Ӯ одамони обрӯмандро бо тӯҳфаҳои саховатмандона ба назди Билъом фиристод ва аз ӯ илтимос кард, ки якҷоя бо фиристодагон ба назди ӯ биёяд, то ки дар паҳлӯи подшоҳ истода, аз баландиҳои Мӯоб Исроилро лаънат хонад.

Ин пешниҳод ба Билъом маъқул шуд. Ӯ ба онҳо гуфт: “Имшаб дар ин ҷо бимонед, ва чи тавре ки Худованд ба ман бигӯяд, ба шумо ҷавоб хоҳам гардонид” (Адад. 22:8). Ҷавоби ӯро бо суханони бисёр имондорони имрӯза муқоиса кардан мумкин аст: “Иҷозат диҳед, ки оиди ин масъала дуо кунам ва бишнавам, ки Худованд чӣ мегӯяд”.

Худованд ба Билъом зоҳир шуд ва гуфт: “Кистанд ин касоне, ки назди ту мебошанд?” Ба ибораи дигар: “Чаро умуман ту бояд дар ин бобат дуо кунӣ? Ин одамон ба аҳди Ман ворид нашудаанд, онҳо талаб доранд, ки ту қавми Маро, ки Ман бо он аҳд бастаам, лаънат кунӣ! Аслан чаро ту ба Ман ин гуна саволҳо медиҳӣ?”

Ин ҳақиқатро мову шумо имрӯз бояд донем. Чизҳое ҳастанд, ки дар бораи онҳо дуо кардан ҳам лозим нест! Мо аллакай пешакӣ, ҳанӯз пеш аз додани чунин саволҳо, бояд ҷавоби Худоро донем. Ба ман маъқул нест, ки писарони навраси ман ба назди ман омада, он чиро ки ман кайҳо пурра манъ кардаам, талаб мекунанд. “Барои чӣ онҳо талаб мекунанд?” – ғур-ғур мекунам ман худ ба худ, ва ҷавоби

қатъиро, ки шунидани онро дар умқи дили худ онҳо интизор буданд, такрор мекунам. Онҳо мепурсанд, чунки сухани ман барои онҳо қонун ё маҳдудият дар ин соҳаи ҳаёт аст.

Ба Билъом баргашта, пайхас карда метавонам, ки мукофоти ба ӯ пешниҳодшуда ва мансабе, ки ӯ дар байни қавми Мӯоб ва Мидён гирифта метавонист, воқеан дилфиреб буданд. Наход иштиёқ ба пул ва обрӯ Билъомро кӯр мекунад ва имкон намедиҳад, ки ба таври солим фикр кунад?

Худои меҳрубон, эҳтимол, фикр мекард: "Хуб, Билъом, азбаски ту ҳеҷ чиз нафаҳмидӣ ё фаҳмидан намехоҳӣ, Ман ба ту иродаи Худамро равшан нишон медиҳам". Сипас Ӯ гуфт: "Бо онҳо нарав, он қавмро лаънат нанамо, зеро ки онҳо қавми мубораканд" (ояти 12). Акнун ба ту фаҳмо шуд? Ман кайҳо фаҳмида будам, ки вақте Худо сухан меронад, суханони Ӯ доимо возеҳ, фаҳмо ва сареҳ ҳастанд. Ин мо одатан ҳама чизро барои чигил ва мураккаб кардан моил ҳастем.

Билъом итоат кард ва субҳи дигар меҳмононро гусел карда, ба онҳо гуфт: "Ба замини худ биравед, зеро Худованд *намехоҳад* ба ман изн диҳад, ки бо шумо биравам" (ояти 13, курсиви муаллиф). Ва гарчанде ӯ итоат кард, дар овози ӯ каме ғамгиниро ҳис кардан мумкин буд, махсусан дар суханони "Худованд намехоҳад". Манзараи зеринро ба худ тасаввур кунед: ҷавони зебо ва муваффақ, аммо бадном, духтари наврасро ба дискотека даъват кард. Духтарак хурсанд аз он аст, ки ҷавон ба вай таваҷҷӯҳ кардааст, ва аз падараш илтиҷо мекунад, ки ба вай барои рафтан иҷозат диҳад. Аз рӯи муҳаббат ва ӯҳдадорӣ падар боодобона, вале қатъиян дархости ӯро рад мекунад. Духтарак ғамгин шуда, ба ҷавон хабар медиҳад: "Ман рафта наметавонам, волидонам ба ман иҷозат додан намехоҳанд". Дар асл вай мегӯяд:

"Волидони ман "не" мегӯянд, аммо агар ман метавонистам, "ҳа" мегуфтам". Вай танҳо барои он намеравад, ки волидон иҷозат надоданд. Вай рафтан мехоҳад, аммо норозигии волидон иҷозат намедиҳад, ки ҳою ҳаваси худро қонеъ гардонад. Мутаассифона, агар вай ҳолати қалби волидонашро нафаҳмад, дер ё зуд вай имкон меёбад, ки бо ин ҷавон равад, ва ҳамааш, оқибат, бо пушаймонӣ меанҷомад.

Билъом ба пул муносибати носолим дошт. Ӯ аз ҳою ҳавас пур буд. Ӯ мехост, ки мақоми ӯ баланд шавад ва моликияташ бештар. Ӯ итоат кард, вале бо дили нохоҳам. Каломи Худо барои вай қафас буд, на шодӣ, чунки ӯ чизеро, ки дар асл мехост, ба даст наовард.

## Бо ҳаваси худ фирефта шудан

Пирони Мӯоб ва Мидён ба назди подшоҳ баргаштанд ва арз карданд: "Билъом розӣ нашуд, ки бо мо биёяд". Аммо подшоҳ бас накард. Ӯ фавран одамони боз ҳам обрӯманд ва асилзодаро бо ваъдаи мукофотҳо ва тӯҳфаҳои боз ҳам қиматбаҳо фиристонд.

Чаро Болоқ ҳамин тавр кард? Ба фикрам, қувваҳои шайтонӣ ӯро ба ин кор ташвиқ мекарданд. Барои чӣ ман ин тавр мегӯям? Гап дар он аст, ки Китоби Муқаддас мефаҳмонад: "Ҳар кас саргарм ва *фирефтаи ҳаваси худ гардида,* ба озмоиш дучор мешавад" (Яъқ. 1:14, курсиви муаллиф). Ба ду чиз диққат диҳед. Аввалан, ибораи *ҳаваси худ.* Ҳар гуна хоҳиши сахте, ки моро фаро мегирад ва ба иродаи Худо мухолиф аст, – ин ҳавас мебошад, пас, бутпарастӣ аст. Дуввум, ибораи *фирефта гардидан.* Ин имтиёзи душман аст – маҳз ӯ фиреб медиҳад. Диққат

диҳед, чизе, ки ба он дил набастаед, шуморо фиреб дода наметавонад. Агар шумо ба имондорони калисо маводи нашъадори сахттаъсирро пешниҳод кунед, ва ба онҳо хушбахтиро ваъда диҳед, як сония ҳам дудила нашуда, яксар ҳамаашон қатъиян онро рад мекунанд. Барои чӣ? Онҳо тамоман хоҳиши гирифтани онро надоранд. Агар ба чизе шавқ надошта бошӣ, бо он туро фиреб кардан ғайриимкон аст. Аммо бо он хоҳишҳое, ки шумо ба Салиб нафиристодаед, фирефта шудан мумкин аст. Мо бо он фирефта мешавем, ки сахт талош мекунем, ё, ба ибораи дигар, *сахт мехоҳем.*

Душман медонист, ки ин набӣ пулро, обрӯро дӯст медошт, ва барои ҳамин подшоҳи шарирро водор кард, ки одамони дигарро бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо фиристонад. Намояндагони нав ваколат доштанд, ки ба Билъом ҳар чизеро, ки ӯ мехост, пешниҳод кунанд. Онҳо ба Билъом суханони подшоҳро расониданд: “Ҳар чизе, ки мехоҳӣ, ба ту медиҳам”. Ана ин аст пешниҳод! Ба даст овардани чизе, ки ҳаст, ё, шояд, чизе, ки ҳамсояи ту надорад, ин як гап асту оиди ҳар чизе, ки мехоҳӣ, пешниҳод гирифтан аз подшоҳ тамоман гапи дигар аст, махсусан агар сустии ту дар зери таъсири подшоҳ бошад. Аммо гӯш кунед, ки Билъом чӣ ҷавоб дод:

> Агарчи Болоқ хонаи худро пур аз нуқра ва тилло ба ман бидиҳад, фармони Худованд Худои худро *наметавонам* поймол намуда, кори хурде ё бузурге бикунам (Адад. 22:18, курсиви муаллиф).

Ба бисёр касон итоаткории Билъом маъқул шуда метавонист. Вале мо боз суханони бодиққат чидашударо мешунавем, зеро вай мегӯяд “наметавонам”. Ва боз дар роҳи татбиқи хоҳишҳои ҳақиқии ӯ монеае дар намуди иродаи Худо истодааст. Билъом он чизеро медонист, ки бисёр одамоне, ки имрӯз ба калисо

мераванд, медонанд. *Дидаю paniста иродаи Худоро вайрон кардан ва баракат гирифтанро давом додан номумкин аст.* Ӯ ҳамчунин он чиро медонист, ки қариб ними имондорони ҳозира медонанд: онҳоеро, ки дидаю дониста иродаи Худоро вайрон мекунанд, ҷазо интизор аст. Аммо баъзан маҳз ҳамин гуна маълумот кифоя аст, ки одамро ба бадбахтӣ орад, чунки, имкони гирифтани чизи дилхоҳро тибқи иродаи Худо пайдо накарда, шумо барои ба даст овардани он чизҳо гӯё тибқи иродаи Ӯ ба ҷустани роҳҳои дигар шурӯъ мекунед. Ба унвони мисол ҳолатеро, ки бо Билъом рӯй дод, дида мебароем:

> Ва алҳол, лутфан, шумо низ имшаб дар ин ҷо бимонед, то бидонам, ки Худованд ба ман боз чӣ хоҳад гуфт (Адад. 22:19).

Шумо инро мешунавед? "Худованд ба ман боз чӣ хоҳад гуфт?" Эҳтимол, ӯ фикр кард, ки тӯҳфаҳои қиматбаҳотар азми Худоро дигар карда метавонад? Ё ӯ гумон кард, ки манъи аввалини Худованд ба он вобаста буд, ки Ӯ тӯҳфаҳои боз ҳам гаронбаҳотарро барои Билъом интизор буд?

Чаро ба вай лозим буд, ки боз барои ин одамон дуо кунад? Бубинед, ӯ ҳанӯз ҳам кӯшиш мекунад, ки илоҷи ба даст овардани чизи дилхоҳашро пайдо кунад. Иштиёқи сахти ӯ қобилияти солим фикр карданро хира мегардонад. Ҳоло ӯ аз он духтараки наврас, ки аз волидон илтимос мекунад, то бо ҷавони муваффақ сайругашт кунад, ҳеҷ фарқе надорад. Билъом саркаш ва беитоат аст, ӯ иродаи Худоро бо хурсандӣ иҷро кардан намехоҳад, чунки иродаи Худованд ба хоҳишҳои қалби нафсонии ӯ мухолиф аст. Ё, эҳтимол, ба қалби бутпарасти ӯ? Навиштаҷот ислоҳи моро тасдиқ мекунад: "Зеро ки беитоатӣ мисли гуноҳи ҷодугарист" (1 Под. 15:23). Гӯш кунед, ки Худо ба Билъом чӣ ҷавоб медиҳад:

> Ва Худо шабона назди Билъом омада, ба вай гуфт: “Модоме ки ин одамон барои хондани ту омадаанд, бархоста, бо онҳо бирав; вале фақат он чиро, ки Ман ба ту хоҳам гуфт, ба амал овар” (Адад. 22:20).

Фиристодагон барои бурдани Билъом омаданд, чунки онҳо умедвор буданд, ки ӯ бо онҳо меравад. Пас, дар асл, Худо мегӯяд: “Вақте ки ин одамон туро даъват мекунанд, бирав, аммо ту бояд чизеро, ки Ман мегӯям, иҷро кунӣ”. Шояд, мо дар баҳодиҳии худ ба воқеа иштибоҳ кардаем? Диққат диҳед, дар ин ҷо гуфта нашудааст: “Ва шайтон ба назди Билъом омад ва ба вай гуфт: бархез, ва бо онҳо бирав”. Дар он ҷо ҳамчунин гуфта нашудааст: “Ва рӯҳи козиб ба назди Билъом омад ва гуфт...” Ман, албатта, шӯхӣ карда истодаам, аммо, бо назардошти он, ки Худо ба Билъом иҷозат дод, ки биравад, гумон кардан мумкин аст, ки Ӯ барои вай миқдори боз ҳам зиёди пулро муҳайё кардааст.

## Чизи дилхоҳро ба даст овардан

Ҳамин тавр, Билъом аз Худо барои рафтан иҷозат гирифт. Субҳи дигар ӯ барвақт бархост, то он чиро ки Худованд дишаб ба вай фармуда буд, иҷро кунад. Мебинем, ки баъд чӣ шуд:

> Ва бомдодон Билъом бархост, ва модахари худро зин карда, бо сарварони Мӯоб равона шуд. *Ва хашми Худо барои рафтани ӯ аланга зад* (Адад. 22:21,22, курсиви муаллиф).

Чаро ин тавр шуд? Акнун Худо барои иҷро кардани амри Ӯ, ки дишаб ба Билъом дода буд, хашмгин шуд! Мо медонем, ки Худо ҳамеша дар мавриди амру фармонҳои Худ бо ақлу

идрок амал мекунад, аммо пас чӣ тавр ин рӯйдодро шарҳ додан мумкин аст? Мо ба ин савол ҷавобро дар суханони Ӯ, ки ба Ҳизқиёл гуфтааст, пайдо мекунем. Дар ёд доред, Худо гуфтааст, ки бо вуҷуди бутҳои бисёре, ки қавми Ӯ дорад, Ӯ ба вай ҷавоб дода наметавонад?

Бисёр одамон дар калисо инро намефаҳманд ё намедонанд. Агар мо дар ҳақиқат чизеро хоҳем ва ба талош кардани он чизе, ки муносибат ба он тибқи иродаи Худо ба мо маълум аст, идома диҳем, пурра эҳтимол дорад, ки Худованд охири охирон онро ба мо медиҳад. Аммо бояд донем, ки оқибат барои ин кор дар зери доварии Ӯ қарор мегирем!

Шояд шумо аз ин ҳақиқат дар ҳайрат мондед. Аммо Исроилро ба хотир оред, хоҳиши қавмро дар бораи подшоҳ ба ёд оред. Самуил бо ин дархост ба назди Худованд омад, ва Худо барои додани подшоҳ дилнохоҳамии Худро нишон дод. Ӯ ба Самуил фаҳмонд, ки подшоҳ аз қавм писарон ва духтарони беҳтарин, замину токзорҳои беҳтаринашро мегирад, ва ба онҳо андоз муқаррар мекунад.

Самуил иродаи Худоро ба қавм фаҳмонид, ва аксуламали онҳоро бубинед: “Валекин қавм аз шунидани овози *Самуил* сар тофтанд”. Диққат диҳед, дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки онҳо аз шунидани овози Худованд сар тофтанд. Боз ҳам, чуноне ки бо Мӯсо рӯй дод, онҳо, *тибқи тасаввуроти худ ба симои хаёлии Худованд таваккал карда,* салоҳияти Самуилро эътироф кардан нахостанд, чунки хеле иштиёқманд буданд, ки чизи дилхоҳашонро ба даст оранд. Худо баъдтар Самуилро тасаллӣ дод: “Онҳо туро рад накардаанд, балки Маро рад кардаанд” (ниг. 1 Под. 8).

Ниҳоят Худо ба онҳо подшоҳонро дод. Ӯ ҳатто Худаш барои онҳо подшоҳи аввалин, яъне Шоулро интихоб кард. Чу-

ноне ки Худо пешгӯӣ карда буд, подшоҳон аз қавм заминҳои беҳтарин, писарону духтарони беҳтаринро мегирифтанд, ва қавмро маҷбур мекарданд, ки андоз супоранд. Сипас, бо гузашти вақт, подшоҳон исроилиёнро ба асорати Бобил бурданд. Худо ба онҳо чизеро, ки сахт мехостанд, дод!

Исроилро дар биёбон ба хотир оред. Онҳо ғизои аз ҳама беҳтарине, ки боре инсон хӯрда буд, яъне манни осмониро мехӯрданд. Илёс ҳамагӣ ду нони аз ин манн тайёр кардашударо хӯрд, ва ин барои чил рӯз ба вай кифоя буд. Тасаввур кунед, ки ин манн чӣ қадар фоидаовар буд! Аммо Исроил аз ин ғизо хаста шуд ва аз набудани гӯшт шикоят кард. Онҳо аз Худованд гӯшт талаб карданд, ва сипас мо мехонем, ки "Ва дархосташонро ба онҳо дод" (Заб. 105:15). Ва боз онҳо, он чиро ки талош карданд, гирифтанд. Ӯ ба таври мӯъҷизавӣ тамоми эҳтиёҷоти онҳоро қонеъ мегардонид:

> Боди шарқиро дар осмон вазонид, ва бо қуввати Худ боди ҷанубиро бархезонид. Ва бар онҳо гӯштро мисли ғуборе боронид, ва мурғони болдорро мисли реги баҳр. Ва дар миёни бошишгоҳи онҳо, дар қарибии масканҳошон фурӯ ғалтонид (Заб. 77:26-28).

Онҳо талаб карданд, ва Худованд дархосташонро ба таври мӯъҷизавӣ ба онҳо дод. Ӯ бодро бархезонид ва бедонаҳоро он қадар резонид, ки ба се миллион нафар кифоя кард! Мӯъҷизаи ҳайратовар рӯй дод, чунки бедонаҳо дар биёбон зиндагӣ намекунанд! Танҳо ин ҳайратовар набуд, балки он ҳақиқат низ, ки исроилиён на аслиҳа, на сагҳо надоштанд, ки бедонаҳоро шикор кунанд. Мӯъҷизаи ҳайратбахш! Аммо бубинед, ки баъд чӣ шуд:

> Ва хӯрданд ва хеле сер шуданд; ва *мувофиқи ҳирсашон ба онҳо дод.* Аз ҳирсашон даст накашиданд; ҳанӯз хӯрокашон дар даҳонашон буд, ва ғазаби Худо бар онҳо аланга зад, ва фарбеҳони онҳоро бикушт, ва ҷавонони Исроилро нест кард (Заб. 77:29-31, курсиви муаллиф).

Худо ба таври мӯъҷизавӣ хоҳиши онҳоро қонеъ кард, вале пеш аз он, ки хӯрдани бедонаҳоро ба анҷом расониданд, Ӯ ҷазои Худро ба онҳо фурӯ рехт. Ӯ мутобиқи ҳавасҳои пургуноҳи дилашон ба онҳо ҷавоб дод.

Дар бораи ана ин чиз фикр кунед: як ҷавон ба духтаре дил мебандад. Волидони ӯ ба изтироб меафтанд: “Писарам, муносибатҳои шумоён ба мо маъқул нест. Бо вай вохӯрданро бас кун”. Шубони ҷавонон изтироби волидонро тасдиқ мекунад: “Ман бо ақидаи волидонат розӣ ҳастам. Вақте ки ман дар ин бора дуо кардам, дар рӯҳам изтироби сахтро эҳсос намудам. Ту дар ҳақиқат бояд бо он духтар вохӯрданро бас кунӣ”. Аммо ҷавон рад карда, чунин мегӯяд: “Ман бисёр дуо кардам, ва Худо гуфт, ки ман бо ӯ хонадор шуда метавонам”. Онҳо хонадор шуданд, ва баъд ӯ ҳайрон шуданро бас намекард, ки чаро дар оилаи онҳо мушкилиҳо охир надоранд.

Дар бораи боз ана ин чиз фикр кунед: марде ба ҳамсари худ мегӯяд, ки барои вазифаи нав дар ҷои кораш дуо мекунад. Ҳамсараш фикру мулоҳизаи худро изҳор менамояд: “Ба ман ин вазифа маъқул нест. Агар ту ин корро қабул кунӣ, вақти зиёди худро дар сафарҳо сарф мекунӣ. Ту наметавонӣ мунтазам ба калисо равӣ, ба замми он, ки ту дар ибодатҳо иштирок карда наметавонӣ, тамоми кушоишҳоеро, ки Худо ба қалби шубони мо гузоштааст, аз даст медиҳӣ...” Шубон

низ ба вай чунин суханонро мегӯяд, аммо шавҳар бо азми қавӣ дуо карданро давом медиҳад, ва дар охир дар ҷои кор ба мақоми баландтар ноил мешавад. Соле баъд вай ҳайрон мешавад, ки чаро ҳангоми сафари корӣ ӯ дар меҳмонхона бо зани бегонае дар як бистар қарор гирифт.

Ин рӯйхатро давом додан мумкин аст. Мо бояд дарк кунем, ки вақте бар хилофи иродаи Худо ба чизе сахт дил мебандем, Худо онро ба мо дода метавонад. Ӯ мувофиқи он буте, ки дар дили мо нишастааст, ҷавоб хоҳад дод. Оқибат Ӯ ин корро барои он мекунад, ки мо ба ҳуш оем ва Ӯ боз ба тахти дили мо нишинад.

> Ман, ки Худованд ҳастам, ба касе ки омадааст, бо вуҷуди бисёрии бутҳояш, ҷавоб хоҳам гардонид, то хонадони Исроил бо дили худ фаҳм кунанд, ки ҳамаашон ба воситаи бутҳои худ аз Ман дур шудаанд (Ҳиз. 14:4,5).

Дар версияи дигари Китоби Муқаддаси англисӣ ин оят чунин садо медиҳад: “Ман ин корро мекунам, то ки қалби қавми Исроилро барои Худ аз нав мусаххар кунам”. Худованд бо ҷидду ҷаҳд кӯшиш мекунад, ки моро ба қалби Худ наздик созад. Дар ёд дошта бошед, Ӯ моро меҷӯяд, Ӯ мехоҳад, ки моро ба Худ наздик кунад. Ва гарчанде Ӯ намехоҳад, ки касе ҳалок шавад, ҳеҷ гоҳ беэҳтиромиро нисбат ба Худ роҳ намедиҳад. Қалби Ӯ барои онҳое, ки худро ба Худо пурра супоридаанд, кушода мебошад. Аз ин сабаб Ӯ кӯшиш мекунад, то онҳоеро, ки қалбашон дар доми ҳавас аст, ба сӯи Худ баргардонад, зеро он бутпарастӣ аст.

Вақте ки писари ноқобил аз падараш қисми мероси худро талаб кард, ӯ бо вай ҳамчун писар, ҳамчун аъзои оила гуфтугӯ кард, на ҳамчун мусофир ё ғариб. Пурра аён аст, ки ҳавасҳои

худхоҳона ба писар фармонравоӣ мекарданд. Падар хоҳиши ӯро рад накард, гарчанде медонист, ки писар пулро дуруст ба кор бурда наметавонад. Ӯ ба вай пули бисёр дод, ва чуноне ки падар пешакӣ медонист, оқибат писар сахт азоб, кашид. Хуб шуд, ки вақте ӯ ба ҳуш омада, қарор кард, ки ба назди падари худ баргардад. Дар ин пайвандшавӣ ӯ қалби падари худро аз ҳарвақта бештар дарк кард.

Худо умед дорад, ки ҳар як фарзандро, ки аз набудани тарси муқаддаси Худованд гумроҳ шудааст, ба назди Худ биёрад. Мутаассифона, чуноне ки бо Билъом рӯй дод, баъзеҳо дигар ба оштӣ ва шинохтани қалби Худованд шурӯъ намекунанд. Агар шумо қисми боқимондаи саргузашти Билъомро хонед, мебинед, ки ӯ бо исрор чизи дилхоҳашро талош кардан гирифт ва шамшер ҳамчун ҷазо ба сари ӯ фуруд омад.

Ин шабоҳат моро ба Аҳди Ҷадид меорад, ки одамон аз набудани тарси муқаддас бо писарони Исроил, Қобил ва Билъом (мо ин персонажҳоро дар ҳамин боб муҳокима кардем) монанд карда мешаванд. Ин огоҳиро хонед:

> Ман он чиро, ки аллакай медонед, мехоҳам ба шумо хотиррасон намоям, ки агарчи Худованд қавмро аз замини Миср халос кард, баъд беимононро ба ҳалокат расонд (Яҳуд. 5).

Дар идома Яҳудо имондорони Аҳди Ҷадидро, ки файзи Худоро поймол мекунанд ва дар ҳаёти худ ҳавас, шарорат ва беитоатиро нишон дода, аз роҳи имон берун мешаванд, ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

> Вой бар ҳоли онҳо, чунки бо роҳи Қобил рафтаанд, ва мисли Билъом дар ивази музд тамоман ба иштибоҳ

> дода шудаанд, ва мисли Қӯраҳ дар исён ба ҳалокат расидаанд. Инҳо олудагие дар зиёфатҳои муҳаббати шумо мебошанд, ҳангоме ки бо шумо бе ҳаросе айшу ишрат карда, шиками худро мепарваранд (Яҳуд. 11,12).

Диққат диҳед, маълум мешавад, ки дар зиёфатҳои муҳаббати мо васвасаҳо ҳастанд, ва ин огоҳиро пурра ба ибодатҳои калисо кор бурдан мумкин аст. Набояд фаромӯш кард, ки Исо барои арӯси Худ (мояи муҳаббати Ӯ), ки худро ба ҳавасҳои ҷаҳон олуда накардааст, бармегардад. Вале Яҳудо ба имондорон мегӯяд, ки баъзе аз онҳо “бо шумо бе ҳаросе айшу ишрат карда, шиками худро мепарваранд”. Онҳо баракат гирифтан мехоҳанд, онҳо мехоҳанд, ки ба Худо наздик шаванд, аммо ба онҳо тарси Худованд намерасад. Онҳо худро фиреб медиҳанд, ва агар онҳо бо тарси муқаддас ва муҳаббат ба қалби Худо барнагарданд, худфиребдиҳии онҳо зиёдтар шудан мегирад.

## Огоҳ кардан ва таълим додан

Иҷозат диҳед, ки дар ин бора каме дигар хел гап занам. Муаллифи Нома ба Ибриён гуфтааст: “Мо аз онҳо нестем, ки бармегарданд ва ба ҳалокат мерасанд” (Ибр. 10:39). Ман боварӣ дорам, ки ҳоло шумо ин китобро хонда истодаед ва барои тафтиш кардани дили худ омода ҳастед, чунки на танҳо дар назди Худованд роҳ рафтан мехоҳед, балки бо тамоми дил дар корҳо ва ростӣ ба Ӯ писанд омадан мехоҳед, на танҳо дар афкор ва гуфтор. Аз ин рӯ ба мо мегӯянд:

> Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор будед, аз ин рӯ — на танҳо дар ҳузури

> ман, балки боз ҳам зиёдтар алҳол, дар вақти набудани ман, — *бо тарсу ларз* наҷоти худро ба амал оваред, зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад (Филип. 2:12,13, курсиви муаллиф).

Одамоне, ки бо тарси Худованд роҳ мераванд, новобаста ба он ки ҳузури Ӯро ҳис мекунанд ё не, ба Худо ҳамеша итоат мекунанд. Онҳо ҳатто вақте, ба назар чунин мерасад, ки Худо онҳоро тарк кардааст, гарчанде Ӯ ҳеҷ гоҳ ин корро намекунад, собитқадам мемонанд! Худованд ба онҳое, ки бо тарси Худованд роҳ мераванд, наздик мешавад, ва ба онҳо қувват мебахшад, ки на танҳо хоҳиш кунанд, балки иродаи Ӯро иҷро намоянд. Ӯ мефармояд, ки наҷоти худро на танҳо бо муҳаббат ва шодӣ комил гардонем, балки бо тарсу ларз низ. Ва боз ҳам тарси Худованд – махсусан лаҳзаи муҳим, он дар қалбҳои мо итоаткории бечунучаро ба вуҷуд меорад ва моро ба амалҳои мувофиқ водор менамояд.

Ҳамаи чизҳое, ки дар ин боб навишта шудаанд, ҳушёр мекунад ва ба хирадмандӣ даъват менамояд. Аммо Павлус мегӯяд, ки барои дар Исои Масеҳ ба камол расонидани ҳар гуна одам, мо бояд ба ҳар кас фаҳмонем ва ба ҳар кас ҳар ҳикматро ёд диҳем (ниг. Қӯл. 1:28). Дар нигоҳи аввал ҳикмат ёд додан кори номаъқул ва дилнохоҳам ба назар расида метавонад, аммо охири охирон он ҷонро наҷот медиҳад ва меваҳои зиёд меорад. Ба ман шунидани суханони рӯҳбаландкунанда ва хурсандибахш маъқул аст, аммо ҳамчунин тасаввур мекунам, ки дар рӯзи Доварӣ бисёр шахсон ба ходимон рӯ оварда, фарёд мезананд: “Барои чӣ ту маро аз ин огоҳ накардӣ?” Ва агар воизон ба одамон гуфтани суханони тасаллибахш ва оромкунандаро афзал донанд,

онҳо ба дастони худ, ки ба хуни одамон олуда шудаанд, нигоҳ карда, ба ларза меафтанд.

Боре ман дар вақти ибодат роҷеъ ба ин масъала сухан рондам, ва баъд аз он шубон ба назди ман бо хашму ғазаб омад. Ӯ гуфт: "Чӣ тавр ту ҷуръат намуда, мегӯӣ, ки дастони мо бо хуни касе олуда аст? Ин сафсатаи Аҳди Қадим аст, мо бошем, мутобиқи файз зиндагӣ мекунем". Ман Китоби Муқаддасро кушода, суханони Павлусро ба вай нишон додам:

> Бинобар ин имрӯз ба шумо шаҳодат медиҳам, ки ман аз хуни ҳамаатон мубарро ҳастам, зеро ки ҳеҷ як фурсатро аз даст надодаам, ки ба шумо тамоми иродаи Худоро бифаҳмонам. Пас, нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед, ки Рӯҳулқудс шуморо барои назорат кардани он таъин намудааст, то ки Калисои Худоро, ки Ӯ бо Хуни Худ харидааст, бичаронед (Аъм. 20:26-28).

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки чӣ тавр шубон огоҳии Павлусро хонда, ба ҳайрат афтод. Ӯ солҳои бисёр ба кори хидматгузорӣ машғул буд ва маротибаҳои зиёд ин суханонро хонда буд, аммо ҳамон рӯз онҳоро бо чашми дигар дид. Ӯ бо тамкин узр пурсид, ва мо боз якчанд дақиқа дар бораи он сӯҳбат кардем, ки ҳангоми мавъиза кардан зарур аст, то доимо ба таъкид кардани ҷиҳатҳои мусбат, ё, баръакс, танҳо ҷиҳатҳои манфӣ дода нашуда, ба доми тасаввуроти нодуруст наафтем. Мо бояд тавозунро риоя кунем, то ки "огоҳ карда ва таълим дода тавонем".

Мо дар замоне зиндагӣ карда истодаем, ки, тибқи огоҳии Исо, бисёриҳо, ва ҳатто интихобшудагон, фирефта мешаванд. Ӯ гуфтааст, ки дурӯғ ва фиреб дар ҳама ҷо паҳн мешаванд.

Мо бояд хеле ҳушёр бошем, ки дар ҷое, ки рост истодаем, аз пой наафтем. Мо бояд бо қалби пок, пур аз тарси Худо, бе саҳлангорӣ ба Худо наздик шавем, ва он гоҳ фирефта шудан мушкил мешавад. Падари пурмуҳаббати мо пуштибони мо аст, Ӯ ба мо ҳар чизеро, ки барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарур аст, додааст. Ӯ ба воситаи Исои Масеҳ ба мо файз додааст, то ки мо мутобиқи иродаи Ӯ бо итоаткорӣ зиндагӣ кунем, ва мо танҳо ба воситаи тарси муқаддас бо Ӯ муносибати наздик дошта бошем.

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Шумо изҳоротеро хондед, ки тибқи он “бе тарси Худованд... дар қалби мо ё дар тасаввуроти мо тимсоли таҳрифшудае шакл мегирад ё нигорида мешавад”. Ба ақиб ба роҳе, ки дар масеҳият тай кардаед, нигоҳ карда, бигӯед, ки оё дар ҳаёти шумо ҳолатҳое буданд, ки дар шуури шумо тимсоли таҳрифшудаи Худованд пайдо шуда буд? Агар ҳа, дар он маҳз чӣ таҳриф шуда буд?

2. Дар ин боб гуфта шудааст, ки вақте мо чизеро бар хилофи иродаи Худо дархост мекунем, Худо дархости моро иҷро мекунад. Софдилона ба дуоҳои ҳаррӯзаи худ нигоҳ карда, гӯед, ки оё ҳолатҳое рӯй медиҳанд, ки шумо бо хоҳишҳое ба назди Худо меоед, ки худхоҳона ва ҳатто пур аз ҳавасҳо мебошанд? Оё дар ҳаёти шумо ҳолатҳое буданд, ки чизи дилхоҳатонро гирифтед, вале баъд аз он сахт пушаймон шудед?

3. Дар саволи якуми охири боби аввал аз шумо пурсиданд, ки чаро шумо барои хондани ин китоб азм

кардед. Акнун ҳамаи он чиро ки аз ин китоб омӯхтед, андеша карда, оё гуфта метавонед, ки дарсҳои омӯхтаатон хеле фоидаоваранд? Дар тимсоли Худо, ки дар тасаввуроти шумо нигошта шуда буд, чӣ гуна тағйиротҳоро дида истодаед, ва барои шумо писанд омадан ба Худо дар амал ва ростӣ чӣ маъно дорад?

Боби 8

# ПАРАСТИШИ ҲАҚИҚӢ

"Рӯҳи динпарастӣ Каломи Маро истифода мебарад, то ки иродаи худашро иҷро кунад".

Онҳое, ки тарси Худованд надоранд, фирефта мешаванд. Аммо онҳое, ки ба Ӯ бо тарс наздик мешаванд, ба мушоракати наздик ва зич бо Ӯ ноил мешаванд. Нишонаҳои берунии ин гуна муносибат итоати бечунучаро ба ҳамаи хоҳишҳои Ӯ мебошад. Мо инро ҳамеша дар ҳаёти онҳое мебинем, ки бо Ӯ роҳ мерафтанд.

Ҳанӯх тавонист, ки ба Худо писанд ояд. Мо порчаеро аз асари Климент, яке аз падарони Калисои аввалин, ки дорои қобилияти нодири фаҳмидани чизҳо буд, мегирем. Клименти Румӣ, ки дар асри якум зиндагӣ мекард, ҳамкори ҳаввориён Павлус ва Петрус буд. Ӯ навиштааст: "Биёед, Ҳанӯхро мисол мегирем, ки шаҳодат пайдо кард, ки *ба Худо писанд омадааст,* ва аз ин рӯ тавре кӯчонида шуд, ки мамотро

надид”. Ҳамин тавр, чизи асоси дар Ҳанӯх барои Худо итоаткории вай буд, ки бо он тавонист ба Худо писанд ояд.

Шахси навбатӣ, ки дар Китоби Муқаддас ба ҳузури Худо роҳ мерафт, Нӯҳ буд. Ҳаёти ӯ дар Китоби Ҳастӣ чунин тасвир шудааст:

> Ин аст насаби Нӯҳ: Нӯҳ марди одил буд, ва дар насли худ покдоман; Нӯҳ *пеши Худо роҳ мерафт [доимо иродаи Худоро иҷро мекард]* (Ҳас. 6:9, курсиви муаллиф).

Мисли ҳаёти Ҳанӯх, хусусияти асосии ҳаёти Нӯҳ ҳамеша иҷро кардани иродаи Худо буд. Ба ибораи дигар, ӯ ба хоҳишҳои Худо итоат мекард. Ҳардуи ин одамон комилан баръакси Билъом ҳастанд, ки танҳо аз рӯи андешаҳои худхоҳона итоат мекард. Билъом мефаҳмид, ки дар сурати нофармонӣ баракат гирифтан ғайриимкон аст, ва ниҳоят барои нофармонии гӯшношунид ҷазо гирифт.

Билъом каломи Худоро таҳриф кард, чунки ӯ дар итоаткорӣ ба Худо манфиати худро меҷуст. Ӯ танҳо аз рӯи кӯшиши иҷро кардани иродаи Худо нахост итоат кунад. Иродаи Худо – ин на танҳо хоҳиши Ӯ, балки қонуни бебозгашт ва тағйирнопазир.

Довуд тамоман шахси дигар аст. Дар Навиштаҷот оиди ҳаёти ӯ чунин гуфта шудааст:

> Вақте ки ӯро аз миён бардошт, Довудро бар онҳо подшоҳ таъин кард ва дар ҳаққи ӯ шаҳодат дода, гуфт: “Довуд ибни Йисойро мувофиқи табъи дили Худ ёфтам, ки ӯ тамоми хостаи Маро ба ҷо хоҳад овард” (Аъм. 13:22).

Тарси Худо он аст, ки мо на танҳо дар назди Ӯ тарсро ҳис мекунем, балки ҳам иродаи Ӯро иҷро менамоем. Мо ба иҷро кардани ҳамаи хоҳишҳои Ӯ кӯшиш мекунем, гӯё ки онҳо хоҳишҳои шахсии мо бошанд. Мо хоҳишҳои дили Ӯро ҳамчун хоҳишҳои худ қабул мекунем. Ин аст итоаткории ҳақиқӣ.

## Рӯҳи динпарастӣ

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки чӣ тавр Худованд ҳангоми ибодат ба қалби ман бо меҳрубонӣ гуфт: “Ҷон, оё ту медонӣ, ки рӯҳи динпарастӣ чӣ аст?”

Акнун ман медонам, ки вақте Худо ба мо саволҳо медиҳад, мақсади Ӯ аз мо маълумот гирифтан нест, балки далели онро баён мекунад, ки мо чизеро намедонем, ё ваҳйҳоеро, ки мо дорем, васеъ кардан мехоҳад. Ман аллакай навишта ва гуфта будам, ки рафтори шахси динпараст чӣ гуна аст, аммо ба саволи Ӯ чунин ҷавоб додам: “Худованд, инро ман аниқ намедонам. Рӯҳи динпарастӣ чӣ аст?”

Ва он гоҳ Ӯ ба қалби ман гап зад: “Рӯҳи динпарастӣ Каломи Маро истифода мебарад, то ки иродаи худашро иҷро кунад”. Суханони Ӯ дар қалби ман чуқур ва ба муддати тӯлонӣ ҷой гирифтанд, ва дар ман бисёр саволҳое пайдо шуданд, ки ба онҳо ҷавоб ёфтан лозим буд.

Маҳз дар ҳамин таҳрифи фаҳмиш Билъомро айбдор кардан мумкин аст. Ӯ мехост ба Худо итоат кунад, аммо аз сабаби манфиатҳои шахсии худ хоҳиши қалби Худоро иҷро карда натавонист. Аз ин сабаб фариштаи Худованд ба ӯ гуфт, ки “роҳи ту ба *муддаои табъи* ман нест” (Адад. 22:32, курсиви муаллиф). Роҳи Билъом одилона набуд, балки таҳрифкорона. Яъне Билъом бо мақсади он, ки Каломи Худоро барои манфиати худ истифода барад, онро таҳриф ё вайрон кард.

## Парастиши ҳақиқӣ

Агар шумо ҳаёти Иброҳим, Мӯсо, Еҳушаъ ибни Нун, Довуд, Эстер, Дониёл ва қаҳрамонони дигари Навиштаҷотро, ки дар мушоракати наздик бо Худо роҳ мерафтанд, омӯзед, як аломати умумиро мебинед. Нуқтаи марказии робитаи наздики онҳо бо Худо аз таҳти дил итоат кардан ба хоҳишҳои Ӯ буд. Ба ҳар як одаме, ки Худо бо вай дар Аҳди Қадим муносибат дошт, нидо мекард:

> Зеро ки Ман падарони шуморо, аз рӯзе ки онҳоро аз Миср берун овардам, то имрӯз сахт таъкид намудам; ҳар рӯз аз субҳидам онҳоро таъкид намуда, гуфтам: *овози Маро бишнавед* (Ирм. 11:7, курсиви муаллиф).

Худованд таассуф мехӯрад, ки қавмаш ба Ӯ итоат накарда, ҳавасҳои дили худашонро пайравӣ мекунанд. Онҳо дили Ӯро нашинохтанд, ва, аниқтараш, суханони Ӯ барои онҳо як чаҳорчӯбаи танг ва маҳдудият гардид. Аз ин рӯ онҳо бо назардошти сарҳадҳои худ, ки чӣ ҷоиз асту чӣ не, барои амалӣ кардани ниятҳои худ имконият меҷустанд. Ин сарҳадҳоро Худо то ҳол муддате таҳаммул мекард, аммо бо ҳамин сабабҳо онҳо натавонистанд, ки бо Худо робитаҳои наздик барқарор кунанд. Барои робитаи зич ва наздик бо Ӯ итоаткории пурра лозим аст. Дар Аҳди Ҷадид Исо ба мо чунин гуфтааст:

> Лекин соате мерасад, ва аллакай расидааст, ки парастандагони ҳақиқӣ Падарро ба рӯҳ ва ростӣ парастиш хоҳанд кард, зеро ки Падар *толиби* ин гуна парастандагони Худ мебошад: Худо рӯҳ аст, ва онҳое ки Ӯро парастиш мекунанд, бояд ба рӯҳ ва ростӣ парастиш кунанд (Юҳан. 4:23,24, курсиви муаллиф).

Дар ин чанд сатр ин қадар чизи бисёр гуфта шудааст! Аввалан, ба он диққат диҳед, ки Падар *толиби* ин гуна парастандагони Худ мебошад. Ба ёд оред, ки дар боби гузашта мо дар бораи он гуфта будем, ки чӣ тавр Ӯ бо иштиёқ мехоҳад ба мо наздик шавад ва бо мо мушоракат пайдо кунад. Боз ҳам дар ин бора ба мо Худи Исо мегӯяд.

Дуввум, Худо касонеро меҷӯяд, ки Ӯро дар рӯҳ ва ростӣ парастиш мекунанд. Биёед дар бораи он сӯҳбат мекунем, ки парастиш чӣ аст. Ҳеҷ гоҳ он рӯзеро фаромӯш намекунам, ки ҳангоми хондани Китоби Муқаддас ногаҳон Рӯҳулқудс дар дили ман нидо кард: “Парастиш – ин на суруди оҳиста!” Диққати ман фавран ба ин фикр ҷалб шуд.

Бисёриҳо парастишро маҳз суруди оҳиста ва тантанавӣ меҳисобанд. Тартиби муқаррарии ибодати инҷилиро ба ёд оред. Мо ба ҷамъомад меоем, ба ситоиш ва шукргузории Худо шурӯъ мекунем, пас аз ин мо парастиш мекунем, сипас эълонҳо, ушру ионат, мавъиза ва баъд хидмати қурбонгоҳ. Дар калисоҳои анъанавӣ пешакӣ барномачаҳо чоп карда мешаванд, вале мо, масеҳиёни инҷилӣ, хидмати худро ҳамту аз рӯи хотира иҷро мекунем, вале мо аз озодии худ дар Рӯҳ ё роҳнамоии Ӯ фахр мекунем. Дар мавриди парастиш бошад, барои онҳое, ки фарқи байни ситоиш ва парастишро намедонанд, ситоиш – ин сурудҳои шӯх, ва парастиш – сурудҳои оҳиста. Хеле завқовар аст, ки мо китобчаҳои сурудҳоро як сӯ гузошта, онҳоро бо проекторҳои калон – экранҳо иваз кардем. Бинобар ин, вақте ки мо *парастиш* мегӯем, қисми зиёди имондорон дар навбати аввал сурудҳои оҳистаро дар дискҳо, дар клипҳо ё дар худи ибодат тасаввур мекунанд.

Вақте ки Худованд инро ба ман гуфт, ман зуд гуфтам: “Худовандо, ман намедонам, ки парастиш чӣ аст. Лутфан, ба ман бифаҳмон, ки ин чӣ аст”.

Он гоҳ Ӯ бо қатъият гуфт: “Ин ҳаёт аст”.

Ва фавран ба ман мисол овард. Ӯ гуфт: «Писарам, чизи зеринро ба худ тасаввур кун. Ту саҳар аз хоб бедор мешавӣ, ва Лиза аз ту хоҳиш мекунад, ки барои ба мактаб фиристондани бачаҳо ба вай кӯмак кунӣ ва ту мегӯӣ, ки вақт надорӣ. Каме дертар ҳангоми саҳар ба вай боз кӯмак лозим мешавад, ва ту боз вақт надорӣ. Он гоҳ ӯ хоҳиш мекунад, ки барои омода кардани наҳорӣ кӯмак кунӣ, вале ту боз хеле банд ҳастӣ. Пас аз хӯроки нисфирӯзӣ вай мепурсад, ки оё ту кӯдаконро аз мактаб гирифта метавонӣ, ва ҳамон ҷавоберо, ки саҳар гирифта буд, мегирад. Ва боз вай аз ту барои тайёр кардани хӯроки шом ва рӯбучини хона ёрӣ талаб мекунад, ва боз мешунавад, ки ту хеле банд ҳастӣ».

Сипас Ӯ идома дод: «Дар вақти шом, пас аз хоб рафтани кӯдакон, ту ба назди ӯ бо хоҳиши хосе наздик мешавӣ, яъне аз ӯ меҳру муҳаббат мехоҳӣ. Ту ба назди вай бо суханони нарм омада, мегӯӣ: “Азизам, ман туро хеле дӯст медорам”».

Сипас Худованд аз ман пурсид: «Вай ба суханони ту оиди муҳаббат ва муносибатҳои маҳрамона чӣ ҷавоб медиҳад?»

Ман гуфтам: «Ба эҳтимоли зиёд, вай мегӯяд: “Азизам, хоб кун ва шаб ба хайр”».

Сипас Худованд гуфт: «Ту ҳақ ҳастӣ, аммо барои чӣ вай ба ту ин қадар бо беэҳтиромӣ ҷавоб дод?»

Ман ҷавоб додам: «Чунки муносибати маҳрамона аз саҳар сар мешавад, ва бегоҳӣ он ба авҷи худ мерасад».

Дар бораи ин суханони Худованд андеша карда, ман фаҳмидам, ки агар ман нисбат ба занам чунин рафтор кунам, ба ҳамсарам муҳаббат изҳор карданҳои ман танҳо дар сухан боқӣ мемонданд, ва бо амал ва ростӣ тақвият намеёфтанд.

Сипас Худованд ба ман чунин гуфт: «Писарам, Ман

фарзандони зиёде дорам, ки таваҷҷӯҳи онҳоро тамоми ҳафта меҷӯям, аммо онҳо Маро пурра сарфи назар мекунанд. Ман онҳоро водор кардан мехоҳам, то ба ҳамсояе, ки дар паҳлӯи онҳо зиндагӣ мекунад, хизмат кунанд, аммо онҳо Маро намешунаванд ва ба роҳнамоии Ман итоат намекунанд, чунки онҳо чорабиниҳои писандида ва шавқоварро ба нақша гирифтаанд. Вақте ман аз онҳо хоҳиш мекунам, ки хайрот диҳанд ё дар калисо, дар ҷамоат, ба аъзои оилаи худ ва ғайра хидмат кунанд, онҳо Маро гӯш намекунанд. Сипас онҳо ба ҷамъомад меоянд ва мехоҳанд, ки аз Ман ягон чизи мушаххас, яъне *баракат* гиранд. Онҳо ба Ман оиди муҳаббат сурудҳо мехонанд ва инро парастиш меноманд, ин парастиш нест, ин ҳамту сурудҳои оҳиста мебошанд!»

Ман аз ин кушоиш ба ҳайрат афтодам. Ман фаҳмидам, ки нуқтаи назари ман оиди парастиш нодуруст будааст. Баъдтар ман як чизи шавқоварро мушоҳида кардам, ки пештар ба он аҳамият намедодам. Иҷозат диҳед, хонанда, ба шумо савол диҳам: калимаи *парастиш* бори аввал дар Китоби Муқаддас дар куҷо омадааст? Ин саволи хеле муҳим аст, чунки ҳар дафъа, вақте ки муаллиф дар китоби худ мафҳуми нав дохил мекунад, ӯ онро бо яке аз се чиз ҳамроҳӣ мекунад. Ӯ ё ин истилоҳро таъбир мекунад, ё бо мисол мефаҳмонад, ки он чӣ маъно дорад, ё калимаи навро чунон истифода мебарад, ки он маънои худро возеҳ ифода мекунад. Мо калимаи *парастишро* (ё дар ин мисоли мушаххас, калимаи *ибодатро*, ки синоними парастиш аст – тавзеҳи тарҷ.) нахустин бор дар Китоби Ҳастӣ вомехӯрем:

> Ва Иброҳим ба ғуломбачагони худ гуфт: "Шумо дар ин ҷо бо хар бимонед; ва ман бо писар ба он ҷо рафта, *ибодат мекунем,* ва назди шумо бармегардем" (Ҳас. 22:5, курсиви муаллиф).

Иброҳим на барои он ба кӯҳ баромад, ки якҷоя бо Исҳоқ сурудҳои оҳиста хонад. Ӯ барои он ба он ҷо рафт, ки шахси аз ҳама азизтаринашро ба марг супорад, чунки Худо инро талаб кард! Ҳамин тавр, чуноне ки мебинед, парастиш – ин *ҳаёт дар итоаткорӣ.* Ин гуна тавсиф мефаҳмонад, ки барои чӣ Худо ба қавми Худ, ки ба Ӯ сурудҳо мехонд, ин қадар ҷиддӣ сухан ронда буд:

> Ғавғои сурудҳои худро аз Ман дур кун, ва навозиши барбатҳои туро Ман гӯш нахоҳам кард. Бигзор инсоф мисли об, ва адолат мисли наҳри бепоён ҷӯш зада ҷорӣ гардад! (Ом. 5:23,24).

Ман дар бисёр ибодатҳо, ки сурудҳои ҳозиразамон ва олӣ сароида мешуданд, иштирок кардаам, аммо ҳузури Худовандро дар он ҷо ҳис накардаам. Дар ин гуна вазъиятҳо дар навбати аввал дили худро ҳамаҷониба тафтиш карда, аз Рӯҳулқудс мепурсам: “Оё ман касеро наранҷонидам, ё гуноҳе содир накардам?” Аксар вақт дар умқи дили худ оромӣ ва боварӣ ҳис мекунам, ки бо ман ҳама чиз дуруст аст, ва он гоҳ ман мефаҳмам, ки худи одамон барои робитаи наздик бо Худо монеа ҳастанд. Он гоҳ ман бо дилпурӣ оиди тарси Худованд ва итоаткорӣ мавъиза мекунам. Шаҳодат дода метавонам, ки дар ин гуна муҳит қариб ҳар дафъа наздик ба нисфи одамон баъд аз мавъиза ба даъвати тавба ҷавоби мусбат медиҳанд. Сипас ман ба ҳамон калисо ба ҷамъомади навбатӣ бо ҳамон сурудҳои ситоишӣ, бо ҳамон гурӯҳи аҷоиби парастиш меоям, ва қариб ҳар дафъа ҳузури Худо ба таври аҷибтарин зоҳир мешавад. Барои чӣ? Чунки парастиши ҳақиқӣ – ин ҳаёт дар итоаткорӣ, ва аллакай аз ин ҳаёт сурудҳои ситоишӣ ҷорӣ шуда, дили Худоро хурсанд мекунанд ва дар Ӯ аксуламалеро, ки дар порчае аз Китоби Омӯси набӣ

гуфта шудааст, ба вуҷуд намеорад. Дар муносибатҳои мо бо Худо айнан ҳамон принсипҳое амал мекунанд, ки дар муносибатҳои ману ҳамсарам мавҷуд мебошанд, вақте ман пас аз исботи муҳаббат, ки на дар беаҳамиятӣ ба вай тамоми рӯз, балки дар амал зоҳир мешавад, ба назди вай барои навозиш меоям.

## Парастиш дар ростӣ

Исо ба мо мегӯяд, ки Падар онҳоеро меҷӯяд, ки Ӯро дар рӯҳ ва ростӣ парастиш мекунанд. Дар бобҳои минбаъда мо оиди парастиши Худо *дар рӯҳ* сухан хоҳем ронд. Аммо ҳоло биёед дар бораи парастиш *дар ростӣ* ҳарф мезанем. Калимаи юнонии *ростӣ* – *aletheia*. Вайн ин калимаро чунин таъбир мекунад: «Воқеияте, ки дар зери чизҳои дидашаванда ва аён қарор ёфтааст. Моҳияти ошкоршуда ва ҳаққонии масъала».

Ин таъбир ба ман маъқул аст, чунки он ба таври муфассал он чиро, ки Исо ба мо гуфтааст, мефаҳмонад. Исо бо ҳамин изҳор мекунад, ки парастиши ҳақиқӣ дар ҷавҳари инсон, яъне дар дили ӯ ҷойгир шудааст. Барои фаҳмотар ифода кардан, ман дар бораи се дараҷаи муошırати инсон нақл мекунам.

Аввалин ва пасттарин сатҳи муошират – ин муошırати шифоҳӣ. Исо инро дар мисоли падаре шарҳ додааст, ки аз ду фарзанди худ дархост кард, то ба токзор рафта, кор кунанд (ниг. Мат. 21:28-31). Яке аз писарон гуфт: “Меравам, оғо”, вале нарафт. Дигараш гуфт: “Намехоҳам”, аммо баъд, пушаймон шуда, рафт. Исо фаҳмонд, ки шахсе, ки иродаи падарашро ба ҷо овард, сарфи назар аз радкуниии аввалааш, ба кор рафт. Ҳамин тавр, тасдиқ бо амал – ин дар муқоиса бо шакли шифоҳӣ шакли олии муошират.

Яъқуб низ дар порчаи зерин аз мисоли муошırати шифоҳии сатҳи поёнӣ сухан меронад: «Агар бародаре ё хоҳаре бараҳна буда, ризқу рӯзӣ надошта бошанд, ва касе аз шумо ба онҳо гӯяд: “Ба саломатӣ рафта, гарм ва сер шавед”, валекин он чи барои ҷисм лозим аст, ба онҳо надиҳад, — чи фоидае ҳаст?» (Яъқ. 2:15,16). Ҳавворӣ Юҳанно ин ҳақиқатро тасдиқ карда, гуфтааст: «Ва агар касе ки дар ҷаҳон осудаҳол аст, бародари худро дар ҳолати мӯҳтоҷӣ дида, раҳмдилии худро аз вай дареғ медорад, — чӣ гуна муҳаббати Худо дар ӯ сокин аст?» (1 Юҳан. 3:17).

Зоҳиршавии ин ҳақиқатро дар бисёр вазъиятҳо дидан мумкин аст. Масалан, шавҳар ба зани худ мегӯяд, ки ӯро дӯст медорад, аммо бо ӯ ҳеҷ гоҳ вақт намегузаронад. Ё, масалан, зан ба шавҳараш мегӯяд, ки дӯст медорад, аммо ҳеҷ гоҳ ба маслиҳатҳои ӯ гӯш намедиҳад ва истифода бурдани корти қарзиро давом дода, буҷети оиларо хароб мекунад. Ман фикр мекунам, ки шумо аз ин ҳолатҳо огоҳед, ва ин рӯйхатро беохир давом додан мумкин аст.  Юҳанно дар номаи худ мулоҳизарониро оиди ин мавзӯъ идома медиҳад:

> Эй фарзандонам! На бо сухан ва забон, балки бо амал ва ростӣ дӯст бидорем (1 Юҳан. 3:18).

Мо бояд ба одамон ҳатман суханони пурмуҳаббат гӯем, аммо риёкории ошкоро мебуд, агар мо онҳоро барои исботи суханони худ бо амал ва ростӣ дӯст надорем. Диққат диҳед, ҳавворӣ «бо амал ва ростӣ» мегӯяд. Инҳо ду сатҳи баланди муошират мебошанд.

Амалҳо, ё рафтор, — пас аз дараҷаи шифоҳии муошират дуввумин мебошад. Аммо ин на сатҳи олии муошират аст, ва дар ин ҷо иштибоҳ кардан мумкин аст, чунки корҳо ба

ҳақиқат мухолиф буда метавонанд. Масалан, Павлус мегӯяд: “Ва агар тамоми дороии худро тақсим кунам ва ҷисми худро ба сӯхтан диҳам, лекин муҳаббат надошта бошам, — ҳеҷ манфиате намебинам” (1 Қӯр. 13:3). Ӯ амалҳоеро тасвир мекунад, ки ҳамчун ифодаи олии муҳаббат ба назар расида метавонанд, аммо ӯ огоҳ мекунад, ки, зоҳиран, ин гуна корҳои некро бе муҳаббати Худо дар дил иҷро кардан мумкин аст.

Ин ба сатҳи баландтарини муошират оварда мерасонад, ва он дар *дилҳои* мо ба амал оварда мешавад. Ин аст сатҳи асосии инсон. Юҳанно ва Исо дар бораи *ростӣ* ҳарф зада, маҳз ба ҳамин сатҳ ишора мекунанд. Андешаҳо ва ниятҳои дил ҳамчун ангезаи парастиши мо ростиро ошкор мекунанд, аммо онҳоро танҳо бо ёрии Каломи Худо фарқ кардан мумкин аст.

Ба мо амр шудааст, ки диламонро бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб маҳфуз дорем, чунки аз он чашмаҳои ҳаёт ҷорӣ мешаванд. Агар мо ба ин принсипҳо беэътиноӣ кунем, хеле зуд фирефта мешавем. Диле, ки ба худаш ҳавола карда шудааст ва роҳнамоии Каломи Худо ва Рӯҳи Ӯро надорад, – ин гуна дилро фирефтан хеле осон аст.

Худо ба қавми Худ мегӯяд: «Агар *орзуманд бошед* ва бишнавед, неъматҳои заминро хоҳед хӯрд» (Иш. 1:19, курсиви муаллиф). Диққат диҳед, Худо намегӯяд, ки ҳамту итоат кардан лозим аст, балки изҳор мекунад, ки мо бояд аввал орзуманд бошем ва баъд бишнавем. Хоҳиш, ё омодагӣ ба итоаткорӣ, муносибати дили моро тавсиф мекунад. Ман аз писарам талаб карда метавонам, ки кореро иҷро кунад, ва ӯ метавонад фавран итоат кунад ва комилан итоаткор ба назар расида метавонад, аммо дар дили худ шикоят карда, норозигии худро ифода карда метавонад. Юҳанно ба мо

мегӯяд, ки мо бояд Худо ва наздики худро ҳам дар амал ва ҳам аз рӯи ростӣ дӯст дорем, ва ин аст сатҳи дил: “Ва аз ин хоҳем донист, ки мо аз ростӣ ҳастем, ва дили худро ба ҳузури Ӯ ором хоҳем кард” (1 Юҳан. 3:19).

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам он лаҳзаеро, ки Худо ба ман оиди ин мавзӯъ ҳарф зад. Ман то ин лаҳза ҳам кӯшиши зиёдро ба харҷ медодам, то ки ҳеҷ гоҳ шикоят накунам ва нанолам. Ман мефаҳмидам, ки шикоятҳои мо Худоро таҳқир мекунанд, зеро бо шикоят ва норозигии худ мо гӯё ба Худо арз мекунем: “Коре, ки Ту мекунӣ, ба ман маъқул нест, ва агар ман ба ҷои Ту мебудам, дигар хеле рафтор мекардам”. Мо бо ин роҳ набудани тарси Худоро ифода мекунем, ва Худо инро бад мебинад. Дар асл маҳз аз боиси ҳамин гуна рафтор писарони Исроил ба замини ваъдашуда ворид шуда наметавонистанд. Ҳамин тавр, ман чанд муддат бо сухан ҳеҷ гоҳ шикоят намекардам ва аз ин рафтори худ фахр менамудам. Аммо боре саҳарӣ ман шунидам, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс ҳангоми бедор шуданам ба ман ҷиддӣ гуфт: “Ман дар дили ту норозигӣ мешунавам!” Ман дар сари ҷиноят дастгир шудам. Ман аз фаҳмидани он, ки дар ғурури худ то чӣ андоза фиреб хӯрдаам, дар ҳайрат монда будам. Ибодати ман ба Худо ҳаққонӣ набуд, ва нури Каломи ислоҳкунандаи Ӯ лозим шуд, то ки хатоҳои диламро фош кунад. Ман ҳамон лаҳза тавба кардам ва ҳоло шодӣ мекунам, ки аз ҳамон вақт инҷониб Худованд дар ин масъала ба ман эрод нагирифтааст. Барои меҳрубонияш ҷалол ба Ӯ бод!

Бори дигар таъбири калимаи *ростиро* дар луғати Вайн бубинед. Дар он гуфта шудааст, ки ростӣ воқеиятеро ифода мекунад, ки дар заминаи зоҳирӣ ва берунӣ қарор дорад. Ин зуҳуроти моҳияти ҳақиқии масъала аст. Мо ба осонӣ аз ҳақиқат дур мешавем! Мисол меорам. Мо дуо карда ва ба

Худованд ҳамду сано хонда метавонем, аммо дар баробари ин мумкин аст, ки ягон калима аз қалби мо набарояд. Тамоми вақте, ки мо суруд мехонем, мо дар бораи он фикр карда метавонем, ки мо гурусна ҳастем, ба ёд меорем, ки чӣ тавр дирӯз бачаҳо бо якдигар ҷанҷол карданд, кадом корҳои аҷоибро баъди ибодат ба нақша гирифтаем ва ғайра. Мо дуо карда, гуфта метавонем: “Худовандо, ман Туро шукр мегӯям”. Ва дар айни замон дар давоми рӯзҳои зиёд оиди вазъияти мушкиле, ки мо рӯ ба рӯ шудаем, шикоят карда метавонем. Оё мо дар ҳақиқат ба Худо шукргузор ҳастем, ё дар умқи дили худ Ӯро айбдор мекунем, ки Ӯ тамоми корҳоро, чуноне ки мо дуруст ва мувофиқ меҳисобем, ба тартиб наовард? Ин рӯйхатро давом додан мумкин аст.

Худоро дар ростӣ парастиш кардан на танҳо ба Ӯ итоат намудан аст, балки аз он чӣ Ӯ ба ту фармудааст, хурсандӣ кардан аст. Ибодат кардан маънои онро дорад, ки он чӣ дар дил доред, ба Ӯ бигӯед, на он чиро ки дар ин ҳолатҳо бояд гуфта шавад. Бо Худо halb наметавонӣ дурӯя бошӣ. Ба ман тарзи гуфтаҳои Довуд маъқул аст:

> Ҳама вақт ба Ӯ таваккал кунед, эй қавм! *Дилҳои худро ба ҳузури Ӯ холӣ кунед;* Худо паноҳгоҳи мост (Заб. 61:9, курсиви муаллиф).

Ман фаҳмидам, ки вақте ман ба Худо комилан кушода ҳастам, Ӯ ба ман наздиктар мешавад. Агар ман чизеро аз Ӯ пинҳон кунам, ин ба ман халал мерасонад, ва ман дар дуо ба пеш ҳаракат карда наметавонам. Ба ман лозим мешавад, ки бо худ мубориза воқеӣ дошта бошам, чунки бо Ӯ робитаамро гум мекунам. Ӯ онҳоеро меҷӯяд, ки омодаанд бо қалби пок, бе ягон даъво, ба Ӯ наздик шаванд. Вақте ки ман дар ҷамъомад ба одамон менигарам ва мешунавам, ки онҳо

мегӯянд: “Ташаккур ба Ту, Исо... ҳалелуёҳ, ҷалол ба Худо”, ман ба андеша фурӯ меравам. Аҷиб, фикр мекунам ман, онҳо ҳамту ин суханонро такрор мекунанд, гӯё барои аз худ кардани забони касбии масеҳӣ машқ карда истода бошанд, ё ин ҳиссиёт ва андешаҳо аз умқи дили онҳо мебароянд? Ин гуна ҳолатҳоро бо вазъияте муқоиса кардан мумкин аст, ки вақте шавҳар ба зани худ оиди муҳаббат сухан меронад, ҳамту мақсадаш ин аст, ки ӯро ором кунад, вале на аз таҳти дил. Аммо вақте ки ин мард ба ӯ ҳамчун арӯс хостгор шуда, бо ҳиссиёти баланд оиди муҳаббаташ нақл карда буд, ин тамоман гапи дигар аст.

Маҷрои сурудҳои ҳамду сано аз ҳаёти парастиши ҳақиқӣ, ки дар асл итоаткорӣ аст, ҷорӣ мешавад. Дар Бадани Масеҳ одамоне ҳастанд, ки барои хондани сурудҳои ситоишӣ ва парастишӣ лаёқат доранд. Ин шахсон сарояндагони таронаҳои муосир мебошанд. Баъзеи онҳо бо ҳаёти парастиши ҳақиқӣ зиндагӣ мекунанд, баъзеи дигарон ҳаёти нафсонӣ ва дунявӣ доранд. Аммо ҳатто онҳое, ки бо шарорат худро олуда гардонидаанд, ба туфайли лаёқати худ, чун пештара сурудҳои пурэҳсоси аҷиброро месароянд. Аммо дар вақти сароидан ба онҳо ҳузури муқаддаси Худованд намерасад, вале ҳамду сано ва шукргузории сарояндагони пок, вақте ки онҳо ба Ӯ ва қавми Ӯ аз таҳти дил хизмат мекунанд, бо ҳузури пурҷалоли Худо ҳамроҳӣ карда мешавад.

## Ваъдаи Исо оиди зоҳир кардани Худ

Парастиши Худо дар ростӣ Ӯро бо қалби пок парастидан аст. Ин маънои онро дорад, ки бо маънии амиқи калима бояд аз Ӯ тарсем ва Ӯро эҳтиром кунем. Сароядаи Забур гуфтааст:

> Хушо қавме ки бонги шодиро [даъвати шодмонӣ ба парастишро] медонанд! Худовандо, онҳо дар нури рӯи Ту қадамгузор мешаванд (Заб. 88:16).

Худо касонеро меҷӯяд, ки даъвати Ӯро ба ҳаёте, ки бо парастиш пайванд аст, шунидан мехоҳанд. Онҳое, ки итоат мекунанд, дар ҳузури Ӯ роҳ мераванд. Онҳо Ӯро аз наздик мешиносанд, чунки Ӯ ба ин одамон Худро зоҳир мекунад. Исо дар ин бора гуфтааст:

> Пас аз андак муддате ҷаҳон дигар Маро нахоҳад дид; лекин шумо Маро хоҳед дид, ва азбаски Ман зиндаам, шумо низ хоҳед зист. Дар он рӯз шумо хоҳед донист, ки Ман дар Падар ҳастам, ва шумо дар Ман, ва Ман дар шумо. Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки Маро дӯст медорад; ва ҳар кӣ Маро дӯст дорад, Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва Ман вайро дӯст хоҳам дошт ва *Худро ба вай зоҳир хоҳам сохт* (Юҳан. 14:19-21, курсиви муаллиф).

Одамоне, ки фармудаҳои Ӯро доранд ва онҳоро риоя мекунанд, Ӯро дар ростӣ мепарастанд. Ӯ ваъда додааст, ки онҳо Ӯро хоҳанд дид. Дар ёд дошта бошед, ки маънои *зоҳир шудан* – ин берун шудан аз фазои нонамоён ба намоён, аз номаълум ба маълум ва фаҳмо мебошад. Дар Китоби Муқаддаси тафсирӣ ин порча сунин садо медиҳад:

> Пас аз андак муддате ҷаҳон дигар Маро нахоҳад дид; лекин шумо Маро хоҳед дид... Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки Маро [дар ҳақиқат] дӯст медорад; ва ҳар кӣ Маро [дар ҳақиқат] дӯст дорад, Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва

> Ман [низ] вайро дӯст хоҳам дошт ва Худро ба вай зоҳир хоҳам сохт [Худро аён мекунам, намоён мешавам]. *[Ман барои вай пурра Худамро намоён мекунам ва барои вай воқеӣ мегардам]* (Юҳан. 14:19,21, курсиви муаллиф).

Танҳо шахсоне, ки дар ростӣ Ӯро парастиш мекунанд, *воқеан* Ӯро мешиносанд. Ӯ Худро ба онҳо намоён мекунад, ва онҳо барои Ӯ дӯстони азиз мегарданд. Ин ҳаввориёнро ба ҳайрат овард, аз ин рӯ яке аз онҳо чунин навишт:

> Яҳудо, на Яҳудои Исқарют, ба Ӯ гуфт: “Худовандо! Ин чист, ки Ту мехоҳӣ Худро ба мо зоҳир созӣ ва на ба ҷаҳон?” Исо дар ҷавоби вай гуфт: “Ҳар кӣ Маро [дар ҳақиқат] дӯст дорад, *каломи Маро риоя хоҳад кард [ва ба таълими Ман итоат хоҳад кард];* ва Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва Мо назди вай омада, бо вай маскан хоҳем гирифт (иқоматгоҳ, ҷои махсуси истиқомат). Касе ки Маро дӯст надорад, [дар ҳақиқат] суханони Маро риоят намекунад [ва ба таълими Ман итоат намекунад]” (Юҳан. 14:22-24, курсиви муаллиф).

Ҳамин тавр, чуноне ки мебинед, ҳама чиз боз ба итоаткорӣ бармегардад. Ба хотир оред, ки Худо дар қалби ман чӣ гуфт: “Парастиш – ин ҳаёт дар итоаткорӣ ба хоҳишҳои Ӯ”. Вақте ки мо бо маънои аслии калима Ӯро дӯст медорем, он гоҳ Ӯ ба назди мо на ҳамчун меҳмон, балки ҳамчун сокини доимӣ меояд, то ки дар мо то абад зиндагӣ кунад. Ҳамин тавр Ӯ Худро ба мо зоҳир, ё ошкор, мекунад.

Бисёр одамоне ҳастанд, ки Рӯҳулқудс ба онҳо лаёқатҳо бахшидааст, аммо онҳо Каломи Оғои худро аз тахти дил риоя намекунанд. Ин одамон зуд фирефта мешаванд. Маҳз

аз ҳамин сабаб дар зоҳиршавии лаёқатҳои онҳо то андозае ҳузури Худоро дидан мумкин аст, масалан, дар мавъиза, сурудхонӣ, дуо ё намудҳои дигари хидмат. Дар ин масъала онҳо аз Билъом фарқ надоранд. Ӯ набии хеле болаёқат буд ва ҳангоми дар вай амал кардани атои Худо, ӯ ҳар дафъа андозаи муайяни ҳузури Худоро эҳсос мекард, аммо аз қалби Худо хеле дур меистод.

Фиребхӯрии ин одамон аз он иборат аст, ки онҳо ҳузури Худоро дар хидматгузориҳояшон ҳамчун аломати ризоияти Ӯ умуман аз ҳаёти онҳо меҳисобанд ва иштибоҳан ҳузури Ӯро ҳамчун исботи наздикии худ ба Ӯ қабул мекунанд. Барои тавзеҳ додан чунин мисол овардан мумкин аст. Одами нек шахси дигарро ба худ ҳамчун ёрдамчӣ киро карда метавонад. Коргар иштибоҳан гумон карда метавонад, ки, азбаски ӯ ҳар рӯз дар ҳузури кордиҳандаи худ қарор дорад, ӯ вайро нағз мешиносад. Тавре ки шумо мефаҳмед, ин тавр гумон кардан куллан нодуруст аст. Исо гуфтааст, ки бисёр одамоне, ки номи Ӯро мехонанд, оқибат бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд:

> Вақте ки Соҳиби хона бархоста, дарро бандад, шумо дар берун истода, дарро мекӯбеду мегӯед: “Худовандо! Худовандо! Ба мо воз кун”. Вале Ӯ *[Худованд]* дар ҷавоби шумо хоҳад гуфт: “Шуморо *[аз наздик]* намешиносам, ки аз куҷо ҳастед”. Он гоҳ хоҳед гуфт: “Мо *пеши Ту* хӯрдем ва нӯшидем, ва дар кӯчаҳои мо Ту таълим медодӣ”. Лекин Ӯ хоҳад гуфт: “Ба шумо мегӯям: шуморо намешиносам, ки аз куҷо ҳастед; ҳама аз Ман дур шавед, эй бадкорон” (Луқ. 13:25-27, курсиви муаллиф).

Агар ин порчаро якҷоя бо порчаи параллелие, ки дар Инҷили Матто (ниг. Мат. 7:21-23) навишта шудааст, хонем,

мушоҳида карда метавонем, ки ин саволҳоро ба Исо одамоне дода буданд, ки бо номи Ӯ мӯъҷизаҳо ба амал меоварданд. Онҳо болаёқат буданд, аммо ҳузури Худоро, ки бахшоишҳои онҳоро ҳамроҳӣ мекард, аломати ризоият ё наздикии Ӯ меҳисобанд. Бубинед, чӣ қадар ин одамон, ки дилпур буданд, ки Ӯро мешиносанд, аз ин кушоиш ба ҳайрат афтода буданд, бо вуҷуди ин онҳоро ба ҳузури Ӯ роҳ надоданд. Хеле зарур аст, то бифаҳмем, ки дар байни ҳузури доимии Ӯ ва ҳузури Ӯ, ки хидматгузориро ҳамроҳӣ мекунад, фарқи калон ҳаст.

Оё ҷавоби Исоро ба саволи Яҳудо (на Яҳудои Исқарют) дар ояте, ки қаблан овардем,  дар хотир доред? Ин ҷавоб нишон медиҳад, ки Худованд дар одамоне, ки Ӯро дар ростӣ парастиш мекунанд, барои Худ маскан бунёд мекунад. Ин махсусан ояти ҷолиб аст, чунки дар он оиди маскан гуфта шудааст. Ба ман калимаҳои *маскан, иқоматгоҳ, ҷои сукунат* маъқул аст. Ин калимаҳо фарқи бузурги байни муқаддасони Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадидро нишон медиҳанд. Муқаддасони Аҳди Қадим шарафи барои Худо маскан буданро надоштанд. Ҷои сукунати Худо қудси қудсони маскан буд, ва баъдтар маъбад. Аммо инро ҳам муқоиса кардан мумкин аст. Ҳузури Худо дар рӯзҳои Элӣ камёфт буд, ва ҳатто, бештар аз ин, аз сабаби худсарии одамон дар он рӯзҳо ҳузури Худо дар маскан тамоман сокин набуд. Аммо дар замонҳое, ки қавми Ӯ аз таҳти дил ба Ӯ итоат мекард, ҳузури Ӯ қавӣ ва намоён буд.

Имрӯз низ айни ҳамин чиз рӯй медиҳад. Имондороне, ки дар рӯҳ ва ростӣ Ӯро мепарастанд, – ба Ӯ ғайратмандона аз сидқи дил итоат мекунанд, – дар ҳаёти худ ҳузури доимии Ӯро ҳис менамоянд. Ба ин гуна одамон Худо Худашро зоҳир месозад. Оҳ, чӣ қадар муоширати аҷибе он гоҳ моро интизор

мешавад! Чӣ тавр имондорон дар нофармонӣ ва муносибати таҳаммулпазирона ба чизҳои дунявӣ сокин буда метавонанд, дар ҳоле ки ба мо чунин ганҷинаҳои берун аз тасаввурот пешниҳод карда мешаванд!

Ӯ ваъда додааст, ки моро маскани Худ гардонад, ваъда додааст, ки дар мо ҳамчун ҷои махсус сокин шавад, ва ҳамин тавр Худро ба мо зоҳир кунад ё хислати ҳақиқии Худро ба мо нишон диҳад. Андеша кунед, ки ба мо чӣ гуна ваъда дода шудааст, ва он на барои оянда, балки барои ҳаёти ҳозираи мо, дар ин ҷо ва ҳоло, пешбинӣ шудааст! Ман ин оятҳоро хеле дӯст медорам, чунки дар онҳо Подшоҳи пурҷалоли мо "Худро зоҳир кардан" мехоҳад, ё Худро барои ман ва шахсан барои шумо аён кардан мехоҳад. Дар бобҳои оянда мо мебинем, ки маҳз чӣ тавр Ӯ ин корро ба амал меорад. Аммо аввал дар боби навбатӣ мо боз як некӯкории хеле муҳим ва зарурро меомӯзем, ки Ӯ дар онҳое, ки маскан гирифтан мехоҳад, меҷӯяд.

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Ҳаёти қаҳрамонони Китоби Муқаддас, ба мисли Ҳанӯх, Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо Довуд, Эстер, Дониёл ва дигаронро омӯхта, шумо як аломати умумиро мушоҳида мекунед – ин итоаткории самимонае ба хоҳишҳои Худо, ки аз хоҳишҳои шахсӣ афзалтар дониста мешавад. Агар аз ҳамин рӯз сар карда, шумо ин гуна итоаткориро зоҳир мекардед, дар ҳаёти шумо чӣ рӯй медод?

2. Дар бораи изҳороти шӯхиомези дар ин боб овардашуда, ки тибқи он "ситоиш – ин сурудҳои шӯх, ва парастиш – сурудҳои оҳиста" андешаронӣ

карда, оё шумо ба ин нуқтаи назар розӣ мешавед? Худо ба муаллиф таърифи парастишро дода гуфт, ки “ин ҳаёт аст”. Татбиқи ин принсипҳо дар амал чӣ гуна тағйиротҳоро дар ҳаёти шумо ба вуҷуд оварда метавонад?

3. Дар бораи суханони Исо аз Инҷили Луқо (13:25-27) ва аз Инҷили Матто (7:21-23) андешаронӣ карда, шумо фарқи байни сукунати доимии Худо дар мо ва ҳузури Ӯро, ки хидматгузориро ҳамроҳӣ мекунад, чӣ тавр шарҳ медиҳед?

# MessengerX

***Барномаи шумо барои шогирдсозии ҳаррӯза***

## Комилан ройгон!

Ба дастгоҳи мобилии худ зеркашӣ карда, ба истифода бурдан шурӯъ кунед!
Ё аз веб-версия дар сайти зер истифода баред:

**MessengerX.com**




### 120 + забонҳо, ва ҳанӯз бо ин маҳдуд намешавад

- Маводҳоро дар зиёда аз 120 забонҳо тамошо ва зеркашӣ кунед.
- Маводҳоро бо дӯстон мубодила кунед ё гурӯҳи таълимӣ шурӯъ намоед.
- Маводҳои нав пайваста илова карда мешаванд.

## Тамошо кунед. Хонед. Шунавед.

Китобхонаи васеи манбаъҳоро, ки аз китобҳои электронӣ, китобҳои аудиоӣ, филмҳои кӯтоҳметраж иборат мебошад, ба ғайр аз он чизҳое, ки тамошо карда, хонда ва шунида метавонед, омӯзед.



## Рушд дар самтҳои муҳимтарин

Мавзӯъҳоеро аз қабили оила, муносибатҳои солим, ҳадафи шумо дар зиндагӣ, озодӣ аз порнография, мустаҳкам кардани имони шумо, шунидани овози Худо, роҳбарӣ дар соҳибкорӣ ва чизҳои дигарро биомӯзед!

## Роҳ ба сӯи рушди шумо

**MessengerX** мақсад дорад, ки ба шумо барои гузоштани қадами оянда кӯмак кунад. Мо роҳҳои шогирдсозӣ ва асбобҳои тавоноеро таҳия кардаем, ки ба шумо барои равона шудан дар ин роҳ кӯмак мекунанд.




## Функсияҳои аҷоибе, ки ба шумо писанд хоҳанд омад!

- Воситаҳои содда ва осоне, ки барои мубодила ва ҳатто шурӯъ кардани гурӯҳҳои таълимӣ ба шумо ёрӣ медиҳанд.
- Chromecast ва Air Play барои тамошо дар телевизорҳои интеллектуалии шумо.
- Пешрафти худро дар тамоми дастгоҳҳои худ захира кунед. Маводҳои писандидаатонро барои зуд дастрас кардан дар китобхонаатон захира кунед.
- Маводҳоро барои бо тариқи офлайн дидан зеркашӣ кунед.
- Ҷустуҷӯи интеллектуалӣ ва филтр барои ёфтани маҳз он чизе, ки ҷустуҷӯ мекунед.
- Ба таври автоматикӣ бобҳои мураттаби аудиокитобҳо, аудиои Китоби Муқаддас ва ҳатто сурудҳои парастиширо дар забони худатон бишнавед!

# MessengerX - Осон ҳамчун 1-2-3!




**1** Барномаи **MessengerX**-ро аз App Store ва Google Play зеркашӣ кунед.

**2** Аккаунт тартиб диҳед ва барномаеро, ки бо забони шумост, истифода баред.

**3** Манбаъҳои ба шумо писандро тамошо кунед, хонед, бинед, шунавед ва зеркашӣ кунед ва онҳоро бо дигарон мубодила кунед.

## Шогирд шавед, шогирдсозӣ кунед

Шумо, ҳамчун ҳамкори **MessengerX** , ба мо дар расонидани маъхазҳои тарҷумашуда ба одамони тамоми ҷаҳон кӯмак хоҳед кард.

***Зеро ҳама сазовори донистан ҳастанд!***

**MessengerX.com**

Зеркашӣ дар App Store

Инро гиред Google Play

</> Дар ҳама браузерҳо дастрас аст

Боби 9

# ХУДО БО КӢ ИҚОМАТ МЕКУНАД

Дугоникҳое, ки қудрат ва қуввати Подшоҳиро доранд, ин *Тарси Худованд* ва *Фурӯтанӣ*.

Дар ин боб мо боз як ҷиҳати хеле муҳимеро меомӯзем, ки барои наздик шудан ба Шахсе, ки сахт иштиёқманди муоширaт кардан бо мо аст, зарур мебошад. Ояти асосии мо моро даъват мекунад, ки "ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд". Вале биёед бубинем, ки то ин даъвати аҷоиб ва баъд аз он чӣ гуфта шудааст:

> Гуфта шудааст: "Худо ба мағрурон муқобилат мекунад, вале *ба фурӯтанон* файз мебахшад". Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд... Дар ҳузури Худованд *фурӯтан бошед,* ва Ӯ шуморо сарафроз хоҳад кард. (Яъқ. 4:6-10, курсиви муаллиф).

Муроҷиати Худо дар байни ду даъват ба фурӯтанӣ ҷой дода шудааст, ва барои ин асоси кофӣ ҳаст, зеро Худо гуфтааст:

> Зеро Ӯ, ки Олӣ ва Баланд аст, ва дар абадият Сокин мебошад, ва исмаш Қуддус аст, чунин мегӯяд: “Ман дар *макони* олӣ ва муқаддас, вале бо мазлум ва *афтодарӯҳ* сукунат дорам, то ки рӯҳи *афтодагонро* зинда созам, ва дили мазлумонро эҳё намоям” (Иш. 57:15, курсиви муаллиф).

Яъқуб мегӯяд, ки агар мо дар назди Худо фурӯтан шавем, Ӯ моро сарфароз мегардонад. Дар куҷо? Ба воситаи Ишаъёи набӣ Худо ҷавоб медиҳад – *дар макони олӣ ва муқаддас!* Худо одамонеро меҷӯяд, ки Ӯ онҳоро на барои вақти кӯтоҳ тафаққуд кунад, балки иқоматгоҳи Худ гардонад. Яъқуб моро на танҳо ба вохӯрии кӯтоҳ бо Худо даъват мекунад, моро даъват мекунанд, ки дар ҳузури Ӯ сокин шавем ва зиндагӣ кунем, аммо, тавре ки Ишаъё мегӯяд, ин танҳо барои фурӯтанон имконпазир аст.

## Тасаввуроти нодурусти пештара оиди фурӯтанӣ

Бисёриҳо дар Бадани Масеҳ на фурӯтанӣ ва на қуввати онро намефаҳманд. Онҳо фурӯтаниро сустӣ, бемасъулиятӣ, ноустуворӣ меҳисобанд, ва дар зери мафҳуми фурӯтанӣ ҳатто аксар вақт худи динпарастиро мефаҳманд. Аммо дар асл фурӯтании ҳақиқӣ аксар вақт иштибоҳан ҳавобаландӣ фаҳмида мешавад! Довудро ба хотир оред, ки бо дархости падараш ба хабаргирии бародарони худ рафт. Онҳо ба ҷанг рафта буданд. Ӯ пайхас кард, ки онҳо ғалатӣ рафтор мекарданд, зеро аз тарси Ҷолёти бузургҷусса ба пушти

саҳраҳо пинҳон мешуданд. Ӯ фаҳмид, ки ин воқеа чиҳил рӯз инҷониб давом мекунад. Он гоҳ Довуд бо оҳанги қатъӣ пурсид: “Ин фалиштии номахтун кист, ки лашкарҳои Худои Ҳайро таҳқир намояд?” (1 Под. 17:26).

Ин савол бародари калонии Довуд, Элиобро ба хашм овард. Бо эҳтимоли зиёд, ӯ фикр кард: “Бародари хурдии ман на танҳо бачаяки нозпарвард аст, балки худписанд ҳам ҳаст”. Аз ин рӯ Элиоб ба Довуд тунд ҷавоб дод: “Ман *густохӣ* ва шарорати дили туро медонам” (1 Под. 17:28).

Сабр кунед, кадоме аз онҳо ҳавобаланд буд? Фақат ҳамагӣ як боб пештар мо мехонем, ки Самуили набӣ ба хонаи Йисой омад, то шахси навбатиро ба подшоҳӣ тадҳин кунад, аммо ба ӯ лозим шуд, ки нахустзодаи Йисойро рад кунад. Гап дар он буд, ки ҳам Йисой ва ҳам Самуил гумон карданд, ки маҳз Элиоб барои ин вазифа муносиб аст, чунки ӯ дар байни писарони Йисой аз ҳама қоматбаландтарин, пурқувваттарин ва зеботарин буд. Аммо Худо қатъиян гуфт: “Ман ӯро хуш накардаам” (1 Под. 16:7). Танҳо як сабаб вуҷуд дорад, ки Худо одамро хуш намекунад, ва ин сабаб – мағрурӣ. Элиоб аз ҳамон мағрурие пур буд, ки дар он Довудро айбдор кард, дар ҳоле ки Худо, дар бораи Довуд гуфта истода, изҳор мекунад, ки мардеро мувофиқи табъи дили Худ ёфт (ниг. Аъм. 13:22). Довуд тамоман заиф, бемасъулият ё сустирода набуд.

Довуд, дар майдони ҷанг истода, ба суханони кинаомези бародараш ҳеҷ гуна диққате надод ва дилпурона бар зидди азимҷусса баромад, ва вайро огоҳ кард, ки саршро аз танаш ҷудо мекунад. Довуд ба ҷониби ӯрдугоҳи душман ҳамла кард, Ҷолётро кушт ва сари вайро аз танаш ҷудо кард.

Иҷозат диҳед, то бигӯям, ки дар асл мо чӣ будани фурӯтаниро намефаҳмем. Китоби Ададҳо, яке аз панҷ китобҳои Китоби Муқаддас, ба гурӯҳи китобҳое дохил

мешавад, ки Панҷкитоб ном дорад. Мо дар ин китоб мехонем:

> Ва Мусо марди бағоят фурӯтан буд, бештар аз ҳар одаме ки бар рӯи замин аст (Адад. 12:3).

Ана ин аст изҳорот! Агар мо дар назди худ ростқавл бошем, мо эътироф мекунем, ки хеле мехостем, то дар бораи мо ҳамин тавр гӯянд, вале мо ҷуръат пайдо намекунем, ки дар бораи худ чунин гӯем. Барои чӣ? Танҳо одами ҳавобаланд ба худ чунин баҳо дода метавонад. Аммо Китоби Ададҳоро кӣ навиштааст? Ҷавоб – Мӯсо. Ана ҳамин хел!

Мо ҳеҷ гоҳ шахсеро, ки худро фурӯтан ва ҳатто бағоят фурӯтан бар рӯи замин меномад, фурӯтан ҳисоб намекардем. Ходимеро тасаввур карда метавонед, ки дар ҷамъомад аз ҷой бархоста, мегуфт: “Аз ҳамаи шумо ман хоксортарин шахс ҳастам”. Ба ҳоли ӯ механдиданд ва ӯро бидъаткор меномиданд, аммо бубинед, ки Исо чӣ мегӯяд:

> Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон... ва *аз Ман таълим ёбед,* зеро ки Ман *ҳалим* ва *фурӯтан* ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт (Мат. 11:28,29, курсиви муаллиф).

Ҳамин тавр, дар асл, мо маънои ҳақиқии фурӯтаниро намефаҳмидем, зеро мо фикр мекардем, ки шахси фурӯтан ҳеҷ гоҳ дар бораи худ сухани нағз намегӯяд ва ҳамчун кирме, ки ба ҳеҷ чиз намешояд, зиндагӣ мекунад. Аммо ин нуқтаи назар аз ҳақиқат бисёр дур аст.

## Маънои фурӯтанӣ

Фурӯтанӣ се ҷанба дорад. Аввалан, ин итоаткории мо ба Худо аст. Дуввум, ин эътимоди пурраи мо ба Ӯ аст. Ва, сеюм, ин муносибати мо ба худамон мебошад. Биёед ҳар яке аз ин ҷанбаҳоро ба таври мухтасар дида мебароем.

Аввалан, итоаткории мо. Фавран баъд аз он ки Яъқуб дар бораи фурӯтанӣ навишт, ӯ имондоронро даъват кард: “Пас, ба Худо итоат намоед” (Яъқ. 4:7). Ин хислат бо итоаткорӣ ва фурӯтанӣ сахт алоқаманд аст. Худованд доимо ба қавми Худ ваъда медиҳад ва ниятҳои Худро баён мекунад. “Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, — мегӯяд Худованд, — фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то ки ба шумоояндаи нек ва умедворӣ бибахшам” (Ирм. 29:11). Ин ниятҳо барои мо иродаи Ӯро ошкор мекунанд ва роҳиояндаи моро муайян менамоянд. Мо сидқан иҷроиши ин ниятҳоро хоҳонем, зеро маҳз Ӯ ба қалбҳои мо ниятҳои Худро ҷойгир мекунад (ниг. Заб. 36:4). Дар қалби худ мо дарк мекунем, ки Ӯ моро ба куҷо мебарад, тахайюлоти мо нақшаи мантиқии онро, ки ба куҷо бояд равем, тартиб медиҳад. Аммо аксар вақт Худо моро ба самте мебарад, ки хилофи мантиқ аст. Фурӯтании ҳақиқӣ хирад ва фармудаҳои Худовандро, ки болотар аз ақли мост, эътироф мекунад, ва ҳатто вақте ки ҳеҷ чизро намефаҳмем, мо қарор мекунем, ки ба Вай итоат кунем. Дар Масалҳо (3:5) навишта шудааст: “Бо тамоми дили худ ба Худованд таваккал намо, ва ба хиради худ такя накун”.

Иброҳим солҳои зиёд иҷроиши ваъдаи Худоро дар бораи Исҳоқ интизор шуд ва баъд аз таваллуди Исҳоқ барои орзу кардан асосе дошт, ки ӯ падари халқҳои бисёр мешавад. Аммо баъд боре ҳангоми шом ҳама чиз тағйир ёфт, чунки

Худо ба Иброҳим амр фармуд, ки роҳи серӯзаро тай карда, Исҳоқро ба марг супорад! Дар ин фармон ҳеҷ маъние вуҷуд надошт. Оё шумо ба худ тасаввур карда метавонед, ки Иброҳим чӣ гуна муборизаро аз сар гузаронид, то ки бечунучаро ба Худо итоат кунад? Қабул кардани чунин қарор дардовар буд, ва дар партави ваъдае, ки Худо пешакӣ ба вай дода буд, қарор ҳеҷ гуна маъное надошт. Аммо новобаста аз он ки Иброҳим амри Худовандро пурра намефаҳмид, ба сабаби итоаткории худ қарор кард, ки ба Худо итоат кунад.

Дар Китоби Муқаддас бисёр мисолҳои дигар ҳастанд, ки Худо вазъиятҳоеро ба амал меорад ё иҷозат медиҳад, ки, зоҳиран, ба он чизҳое, ки Ӯ пештар нишон додааст, мухолиф ҳастанд, аммо бо итоаткории худ мо иҷроиши ваъдаҳоеро, ки пешакӣ ба мо дода шуда буданд, тавре мегирем, ки берун аз фаҳму идроки мо мебошанд.

## Эътимоди пурраи мо ба Худо

Дуввум, фурӯтаниро ҳамчун вобастагии пурра ва бечунучаро аз Худо таъбир кардан мумкин аст. Довуд ҳавобаланд ба назар мерасид, аммо ӯ лаёқатҳои худро, ки ба ӯ Худо ато карда буд, медонист. Ба қавли ӯ, "Худованд, ки маро аз чанголи шер ва аз чанголи хирс раҳоӣ додааст, аз дасти ин фалиштӣ низ раҳоӣ хоҳад дод" (1 Под. 17:37). Бародарони ӯ танҳо ба лаёқатҳои худ бовар мекарданд, аз ин рӯ, вақте ки онҳо худро бо Довуд муқоиса карданд, онҳо ба назари худ калон ва пурқувваттар менамуданд. Аммо қуввати Довуд дар имони ӯ ба Худованд ва итоаткорӣ ба Ӯ буд.

Мо ҳамон сифатҳоро дар Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун мебинем. Онҳо ду нафар аз дувоздаҳ роҳбароне буданд, ки исроилиён барои ҷосусӣ кардани ҳудудҳои замини

ваъдашуда интихоб карда буданд. Чиҳил рӯз баъд онҳо баргашта, ба Мӯсо ва қавм оиди натиҷаҳои ҷосусӣ хабар доданд. Даҳ роҳбарон чунин гуфтанд: “Ба замине ки моро фиристодӣ, рафтем, ва дар он ҳақиқатан шир ва асал ҷорист, ва ин аст меваи он. Аммо қавме ки сокини он заминанд, пурзӯранд, ва шаҳрҳояш ҳисордори азим аст, ва фарзандони Аноқро низ дар он ҷо дидем” (Адад. 13:28,29).

Чунин суханонро шунида, қавм фиғон бардоштанд. Колеб одамонро ором карда, бо дилпурии қатъӣ гуфт: “Ба яқин мо баромада, онро ба тасарруфи худ хоҳем даровард, зеро ки метавонем бар он ғолиб оем” (ояти 31).

Дигар роҳбарон боз эътироз карда, гуфтанд: “Ба он қавм наметавонем муқобил бароем, зеро ки онҳо аз мо пурзӯртаранд” (ояти 32).

Дар идома Навиштаҷот ба мо мегӯяд: “Ва тамоми ҷамоат гуфтанд: Онҳоро [Колеб ва Еҳушаъ ибни Нунро] сангсор бояд кард!” (Адад. 14:10).

Дар чашми тамоми қавм ва дигар одамон Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун шахсони худписанд ва ҳавобаланд ҳисоб шуданд. Аммо роҳбароне, ки изҳор мекарданд, ки исроилиён он заминро ишғол карда наметавонанд, воқеъбин дониста шуданд. Онҳо вазъиятро санҷида, ба хулосае омаданд, ки ба онҳо, ба собиқ ғуломон, ишғол кардани шаҳрҳо ва ҳудудҳои пурқувват ва истеҳкомдор комилан ғайриимкон аст. Охир, онҳо зану фарзандони худро муҳофизат мекарданд (ниг. Адад. 14:3). Ин роҳбарон фурӯтан, ғамхори тамоми қавм, ки инчунин шахсони солхӯрда ва заифро дар бар мегирифт, намудор мешуданд. Колеб ва Еҳушаъ зимнан шахсони ҳавобаланд ва мутакаббир ба назар мерасиданд, чунки дар бораи некӯаҳволии шахсони оҷиз фикр намекарданд.

Бале, аммо бубинед, онҳо аз куҷо дилпурӣ меёфтанд: “Фақат ин ки ба зидди Худованд балво накунед, ва аз қавми он замин натарсед, зеро ки онҳо тӯъмаи мо хоҳанд шуд: пуштибонашон аз онҳо дур шудааст, ва Худованд бо мост, аз онҳо натарсед” (Адад. 14:9). Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб пурра ба қуввати Худо такя мекарданд, на ба лаёқатҳои худ. Онҳо медонистанд, ки бояд ба ин замин дохил шаванд ва тибқи иродаи Худо онро забт кунанд. Онҳо дар ҳақиқат шахсони худписанд ва мутакаббир ба назар расида метавонистанд, вале роҳбарони дигар зимнан воқеъбин менамуданд. Аммо маҳз Худо фурӯтанҳоро аз мағрурон ҷудо мекунад.

Фурӯтанӣ, ё эътимоди пурра ба файзи Худо, ба ҳаёти Павлус низ хос аст. Вай дар бораи худ чунин мегӯяд:

> На ба он сабаб ки мо лаёқат дорем чизеро аз худ фикр кунем, ки он гӯё аз мо бошад, балки лаёқати мо аз Худост (2 Қӯр. 3:5).

Ва боз:

> Вале ба ман гуфт: “Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад”. Ба ин сабаб ман бо рағбати бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад. Бинобар ин ман аз заъфҳо, озорҳо, мӯҳтоҷиҳо, таъқиботҳо ва ситамҳое ки ба хотири Масеҳ мебинам, дилшодам, зеро ки дар ҳолати заъф боқувватам (2 Қӯр. 12:9,10).

Пешрафти ҳаёти Павлус чунин буд: чи қадаре ки ӯ бештар зиндагӣ мекард, ҳамон қадар вобастагии ӯ ба файзи Худо зиёдтар мешуд ва ҳамон қадар камтар ба қувват, лаёқатҳо ё истеъдодҳои худ такя мекард. Чи қадаре ки ӯ бештар ба

Масеҳ тобеъ мешуд, дар азми худ барои ҷалол додани Масеҳ ҳамон қадар пурқувваттар ва далертар амал мекард.

## Мо худро чӣ гуна мебинем

Ин моро ба ҷанбаи сеюми фурӯтанӣ меорад, ва маҳз ба он, ки мо худро чӣ гуна мебинем. Павлус пас аз тавба кардан, аз дастовардҳо ва мақоме, ки то вохӯрдан бо Исо дар ҷамъият дошт, онҳоро ахлот дониста, даст кашид ва худро фурӯтан сохт. Дар ҳақиқат қисми зиёди ҳаёти пештараи ӯро ахлот донистан душвор нест.

Аммо оиди дастовардҳои мо, ки баъд аз имон овардан ба Масеҳ ба онҳо муваффақ шудаем, чӣ гуфта метавонем? Аксар вақт ин тамоман қиссаи дигар аст. Дар бораи ин корнамоиҳо сухан ронда, Павлус гуфтааст: “Эй бародарон, гумон намекунам, ки ман аллакай расида бошам, балки фақат як чизро мегӯям: он чиро, ки дар қафост, аз хотир бароварда *[он чиро ки Худо ба воситаи ӯ пас аз имон оварданаш кардааст]* ва ба пеш ҳаракат мекунам” (Филип. 3:13, курсиви муаллиф).

Пас аз чанд соли имон овардан Павлус ба сафи ҳаввориён шомил шуд (ниг. Аъм. 13:1-4). Ӯ бисёр кушоишҳо ва хиради рӯҳонӣ гирифт, ки барои ноил шудан ба муваффақият ба ӯ мусоидат карданд. Ӯ дар тамоми Осиё ва Аврупои Шарқӣ калисоҳо барпо кард. Мо исботи фурӯтании ӯро дар нома ба калисои аз нав барпо кардашудаи Қӯринтӯс, ки дар соли 56-ум навиштааст, мебинем. Даҳ соли ҳаёти ӯ боқӣ монда буд, ва ӯ дар хидматгузорӣ ба Исои Масеҳ собиқадори санҷидашуда буд. Аммо бубинед, ки ӯ чӣ мегӯяд:

> Зеро ки ман хурдтарини ҳаввориёнам, ва сазовори он нестам, ки ҳаворӣ номида шавам, чунки калисои Худоро таъқиб мекардам (1 Қӯр. 15:9).

Шумо дар ин суханон фурӯтаниро ҳис мекунед? Қайд кардан мехоҳам, ки ин фурӯтании дурӯғин нест. Фурӯтании зоҳирӣ чӣ тавр истифода бурдани суханонеро, ки дуруст интихоб карда шудаанд, медонад, то ки фурӯтан намудор шавад, аммо он аз сидқи дил нест. Ин гуна мавқеъ фиребо ва риёкорона аст. Аммо шумо ҳангоми навиштани Китоби Муқаддас тибқи Рӯҳулқудс дурӯғ гуфта наметавонед! Павлус агар худро дар ҳақиқат чунин намедид, ин суханонро изҳор намекард. Аз ин рӯ агар Павлус мегуфт, ки ӯ хурдтарин аз ҳаввориён аст, пас аз фурӯтании худ чунин фикр мекард.

Аммо ба ҷумлаи зерин диққат кунед: “Лекин ман аз ҳамаи онҳо зиёдтар меҳнат кардам” (1 Қӯр. 15:10). Аз кӣ зиёдтар? Аз ҳамаи ҳаввориён! Истед! Наход Павлус аз худ фахр карда истода бошад? Чунон тасаввур карда мешавад, ки ҳоло тамоман шахси дигар ҳарф мезанад. Чӣ тавр ӯ худро хурдтарин аз ҳаввориён номида, ҳамоно аз он фахр карда истодааст, ки “ӯ аз ҳамаи онҳо зиёдтар меҳнат кардааст”? Дар аввал суханони ӯ ҳавобаландона менамоянд ва гӯё изҳороти қаблии ӯро бекор мекунанд, аммо ин тавр нест. Сипас Павлус дар бораи вобастагии пурраи худ сухан меронад:

> Аммо на ман, балки файзи Худо, ки бо ман аст. (1 Қӯр. 15:10).

Ӯ изҳор мекунад, ки ҳамаи корҳое, ки ӯ ба сомон расонидааст, натиҷаи файзи Худо мебошанд. Ӯ қодир буд, ки худро аз ҳамаи дастовардҳои худ ҷудо кунад. Ӯ он ҳақиқатро пурра дарк мекард, ки муваффақиятҳои ӯ танҳо ба шарофати қуввати Худо, ки ӯро пур кардааст, имконпазир гардидаанд.

Ба ҳар ҳол суханони Павлусро оиди “хурдтарини ҳаввориён” будани ӯ қабул кардан душвор аст. Дар замони ӯ, ва дар таърихи минбаъдаи калисо ӯ бузургтарин ҳаввορӣ

ҳисобида мешуд. Аммо бубинед, ки Павлус пас аз ҳафт сол, дар соли 63, тақрибан се-чор сол пеш аз реҳлати худ, ба имондорони Эфсӯс чӣ мегӯяд. Дар тӯли ин ҳафт сол аз лаҳзаи навиштани Нома ба Қӯринтиён ӯ, назар ба тамоми ҳаёти пештараи худ, боз ҳам корҳои бештар анҷом дод. Ӯ дар ин ҷо дар бораи худ чунин менависад:

> Агарчи ман *хурдтарини ҳамаи муқаддасонам,* ин файз ба ман ато шудааст, ки сарвати беқиёси Масеҳро ба халқҳо башорат диҳам (Эфс. 3:8, курсиви муаллиф).

Ҳафт сол пеш аз ин ӯ худро “хурдтарини ҳаввориён” номида буд, акнун ӯ худро боз ҳам бештар паст зада, хурдтарини ҳамаи муқаддасон меномад! Ин чӣ аст? Агар касе худро таъриф карда тавонад, пас, албатта, Павлус мебуд. Ва дар ёд дошта бошед, ки ҳангоми навиштани Китоби Муқаддас дурӯғ гуфтан ғайриимкон аст, расман услуби мазҳабии дурустро интихоб кардан ғайриимкон аст. Ӯ дар ҳақиқат худро дар ҳамин партав медид!

Ин афзоиш давом мекард, зеро исботи инро мо пеш аз марги ӯ дар Нома ба Тимотиюс меёбем:

> Ин сухан дуруст аст ва сазовори қабули куллӣ, ки Исои Масеҳ ба дунё омад, то гуноҳкоронро наҷот диҳад, ва ман бадтарини онҳо ҳастам (1 Тим. 1:15).

Акнун ӯ худро хурдтарини ҳаввориён ва ҳатто хурдтарини муқаддасон наменомад. Ӯ худро бадтарини гуноҳкорон меномад. Диққат диҳед, ӯ намегӯяд, ки бадтарини гуноҳкорон *буд*, балки дар ин ҷумла замони ҳозираро ба кор мебарад. Аммо маҳз ба ӯ кушоиш дода шуда буд, ки шахси имондор дар Масеҳ пурра махлуқи нав мегардад ва барои ӯ ҳама чизи пештара гузаштааст, ва акнун – ҳама

чиз нав (ниг. 2 Қӯр. 5:17). Ӯ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекард, ки Наҷотдиҳанда ба ӯ чӣ қадар зиёд марҳамат кардааст.

Чи қадаре ки Павлус бештар хидмат мекард, ба андозаи камоли фурӯтанӣ худро камтар сазовор ҳисоб мекард. Эҳтимол, ин кори файзи Худо буд, ки мутаносибан бо синну соли ӯ афзоиш меёфт? Зеро Яъқуб мегӯяд, ки Худо “ба фурӯтанон файз мебахшад” (Яъқ. 4:6). Шояд, аз ҳамин лиҳоз Худо роҳҳои Худро ба Павлус ошкоро нишон медод, ба тавре ки ҳатто ҳаворӣ Петрус аз ин хусус дар тааҷҷуб мемонд? Худо ба воситаи Ишаъёи набӣ мегӯяд, ки Ӯ ба назди шахсони фурӯтан баъзан ташриф намеорад, балки ҳамеша бо онҳо сокин мешавад. Вақте ки мо пайваста бо Ӯ зиндагӣ мекунем, мо ба якдигар хеле наздик мешавем.

## Дугоникҳои қувват

Акнун ба мавзӯи дугоникҳои қуввати Подшоҳӣ мегузарем. Ин *Тарси Худованд* ва *Фурӯтанӣ* аст. Дар ёд доред, мо дар бобҳои гузашта фаҳмондем, ки тарси Худованд – ин оғози роҳи аз наздик шинохтани Худованд, аммо дар бораи фурӯтанӣ низ айнан ҳамин тавр гуфтан мумкин аст. Сарояндаи Забур изҳор мекунад:

> [Худо] *ҳалимонро* ба роҳи инсоф меандозад (Заб. 24:9, курсиви муаллиф).

Худо ба ҳалимон, яъне ба фурӯтанон роҳҳои Худро нишон медиҳад. Каме поёнтар мехонем:

> Кист он касе ки *аз Худованд метарсад?* Варо Ӯ ба *роҳе* ки интихоб намудааст, ҳидоят хоҳад кард. (Заб. 24:12, курсиви муаллиф).

Дар асл, одамоне, ки аз Худованд метарсанд, ҳақиқатан фурӯтан ҳастанд, ва одамони дар ҳақиқат фурӯтан аз Худо метарсанд. Ба ёд оред, ки Мӯсо роҳҳои Худовандро медонист, аммо исроилиён Худоро танҳо аз рӯи ҷавобҳояш ба дуоҳо, яъне аз рӯи корҳои Ӯ мешинохтанд. Алоқаи байни ин мафҳумҳоро мебинед? Ба Исроил тарси Худованд намерасид (ниг. Так. Шариат 5:29), ва фурӯтанӣ низ (мо инро дар воқеае, ки бо Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб рӯй дод, дидем).

Сарояндаи Забур тарси Худоро ва фурӯтаниро бо бандҳои мустаҳкам пайванд месозад. Мо инро доимо дар Китоби Муқаддас мебинем. Яке аз ин гуна мисолҳо ин аст:

> *Худотарсӣ* интизоми ҳикмат аст, ва моқабли ҷалол *фурӯтанист* (Мас. 15:33, курсиви муаллиф).

Дар салтанати зулмат низ дугоникҳои қувват ҳастанд. Онҳо комилан баръакси *Тарси Худованд* ва *Фурӯтанӣ* мебошанд. Ин *Шикоят* ва *Ғурур* мебошад. Мо мебинем, ки чӣ тавр дар Масалҳо ин ҷуфтҳо ба якдигар муқобил гузошта шудаанд.

> Подоши *фурӯтанӣ* ва *худотарсӣ* сарват ва ҷалол ва ҳаёт аст. Хорҳо ва домҳо дар сари роҳи *талбискор* [ва *саркаш*] аст; касе ки аз онҳо дур шавад, ҷони худро нигаҳбонӣ мекунад (Мас. 22:4,5, курсиви муаллиф).

Шумо мебинед, ки тарси Худованд ва фурӯтанӣ боз бо ҳамдигар алоқаманд гардонида ва ба ғурур ва норозигӣ муқобил гузошта шудаанд. Исо Худро аз ҳар касе аз шумори одамон ва фариштагон бештар фурӯтан сохт. Аз ин рӯ Ӯ аз ҳар номе болотар сарфароз карда шуд (ниг. Филип. 2:8,9). Ба ғайр аз дигар некӯкориҳо, Ӯ дар тарси Худованд шодӣ дошт, аз ин рӯ ҳузури Рӯҳулқудс дар Ӯ ва бар Ӯ беандоза буд (ниг. Иш. 11:2,3; Юҳан. 3:34).

Баръакси ин Иблис, ки фариштаи тадҳиншуда буду баъдтар ба шайтони ба ҳама маълум табдил ёфт, бо воситаи ғурур худро баланд гирифт ва исёнкоре шуд, ки касе то вай ва баъд аз вай чунин накарда буд. Аз ин рӯ вай “ба дӯзах, ба қаъри ҷаҳаннам” андохта шуд (ниг. Ҳиз. 28:14-17; Иш. 14:12-15).

Дар ёд доред, дар Китоби Муқаддас доимо дар бораи он гуфта мешавад, ки маскани Худо дар осмон аст, вале ҷои сукунати қувваҳои шайтонӣ – дар қабати аз ҳама поёнтарин. Дар тамоми Навиштаҷот ҷойҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки ғурур ва шикоятро бо ҷаҳаннам ҳамрадиф месозанд, ва фурӯтанӣ ва тарси Худовандро – бо афроз. Ба афроз баромадан – яъне дар муоширати наздик бо Худо будан!

## Худо киро интихоб мекунад

Худо ба мағрурон ва шиквакунандагон муқобилат мекунад (ниг. Яъқ. 4:6), аммо Ӯро одамоне ҷалб мекунанд, ки аз Ӯ метарсанд, – яъне одамони дар ҳақиқат фурӯтан. Дар Аҳди Қадим одамоне буданд, ки тибқи Навиштаҷот ба Ӯ хидмат мекарданд ва Ӯро парастиш менамуданд. Онҳо ба Ӯ барраю барзаговонро қурбонӣ мекарданд, дар қудс бухур месӯзониданд, ҳадияҳои ордиро низ фаромӯш намекарданд. Аммо Худо гуфт, ки дар назари Ӯ қурбониҳои онҳо ба куштани одам монанданд, ҳадияҳои онҳо монанди ба қурбонӣ овардани хуни хукҳо аст, ва бухури онҳо, ки рамзи дуо ва ситоиш аст, шабеҳи бутпарастӣ мебошад! Ва Ӯ шарҳ дод, ки чаро:

> Зеро ки Ман даъват намудам, касе ҷавоб надод, Ман сухан рондам, онҳо нашниданд, балки он чи дар назари Ман бад буд, ба амал оварданд, ва он чи Ман нахостам, ихтиёр карданд (Иш. 66:4).

Аммо чаро онҳо ба Худо писанд наомаданд? Чунки қурбониҳои онҳо бо итоаткорӣ ҳамроҳ набуданд (ниг. 1 Под. 15:22). Ба ибораи дигар, ба Худо ҳар гуна шаклҳои ибодат, ки дар онҳо тарси Худованд вуҷуд надорад, писанд нест.

Худованд ин гуна "парастишкунандагонро" сахт маҳкум кард. Оё тасаввур мекунед, ки онҳо то чӣ андоза дар ҳайрат монданд? Онҳо фикр карданд, ки бо хидмати худ ба Ӯ писанд омаданд, аммо фаҳмиданд, ки парастиши онҳо фақат эҳсоси кароҳатро ба вуҷуд меорад. Аммо Худо, агар барои аз нав кӯчат кардан азм накарда бошад, ҳеҷ гоҳ касеро аз байни қавми Худ решакан намекунад. Агар Ӯ бунёд кардан нахоҳад, ҳеҷ гоҳ дар қавми Худ чизеро вайрон намекунад. Бинобар ин Ӯ зуд мефаҳмонад, ки дар одам чӣ Ӯро ҷалб мекунад:

> Ва Ман бар инҳо назар хоҳам кард: бар мискин ва шикастарӯҳ, ва бар касе ки пеши каломи Ман ба ларза меояд (Иш. 66:2).

Калимаи ибронии *назар* (бо маънои "баланд қадр кардан") – ин *nabat*. Стронг ин калимаро ҳамчун "бодиққат нигоҳ кардан, ғамхорӣ кардан бо ҳисси қаноатмандӣ ва хайрхоҳона" тасниф кардааст. Яъне, дар асл, Худо мегӯяд: "Ин одаме аст, ки Ман ба ӯ бо диққат ва бо камоли мамнуният нигоҳ мекунам, нисбат ба ӯ аз ҷониби Худ хайрхоҳӣ ҳис менамоям". Ба ибораи дигар, Ӯ мегӯяд: "Ба Ман ин одам маъқул аст, Ман ӯро ба Худ ҷалб менамоям". Томми Тенни, муаллиф ва омӯзгори муосир, ба нигоҳи ман, яке аз китобҳои бузургтарини замони моро навиштааст. Он "The God Chasers" ном дорад. Ӯ қалби онҳоеро, ки Худоро дӯст медоранд, хеле хуб тасвир кардааст. Худоро ҷустан як гап асту вақте ки Худо туро меҷӯяд – тамоман гапи дигар! Аммо Худо дар ин оят дар ҳақиқат оиди он мегӯяд, ки Ӯ бо ин гуна одамон муошират кардан мехоҳад.

Довудро ба хотир оред. Худо ба набии асосии Исроил, Самуил, фармуд, ки новобаста ба он ки ӯ намехост, чунки Самуил аз хашми Шоул метарсид, ба назди Йисой равад. Худо ба ӯ амр кард, ки равад, зеро Ӯ мехост, ки яке аз писарони Йисойро ба Худ ҷалб кунад. Самуил ҳамаи ҳафт писарони Йисойро дид, ва, ниҳоят, Худованд ба ӯ мегӯяд: "Не, Самуил, Ман писарони калониро интихоб накардаам, балки писари хурдӣ ва малламӯйиро, ки ҳоло дар саҳро гӯсфандонро мечарронад, маҳз ӯро Ман аз они Худ кардан мехоҳам" (ибораи муаллиф).

Аммо чаро Худо Довудро хост, на бародарони калонӣ ё ягон марди дигарро аз қавми Исроил? Ҷавобро дар ояти пешина ёфтан мумкин аст. Худо бо фурӯтанҳо ва шикастарӯҳҳо ва бо онҳое, ки дар назди Каломи Ӯ меларзанд, муносибати наздик доштан мехоҳад. Рӯҳи шикаста омодагии фавриро барои тавба кардан ва тобеъ шудан ба қудрату ҳокимияти Худо мефаҳмонад. Боз як тарҷумаи англисии ин ояти библиявӣ чунин садо медиҳад: "Ба Ман одаме писанд аст, ки фурӯтан ва барои тавба кардан омода мебошад, касе, ки аз Ман метарсад ва ба Ман итоат мекунад". Рӯҳи шикаста – ин боз як шакли фурӯтанӣ ва тарси Худованд. Бинобар ин, дар асл, Ӯ ба мо мегӯяд, ки шахсони фурӯтан ва онҳоеро меҷӯяд, ки аз Ӯ метарсанд, касонеро, ки дар ҷодаи некӯкории дугоникҳои қуввати Подшоҳӣ – тарси Худованд ва фурӯтанӣ роҳ мераванд. Бинобар ин дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст:

> Масхарабозонро Ӯ албатта тамасхур мекунад, лекин ба фурӯтанон файз мебахшад (Мас. 3:34).

Ва дар ҷои дигар:

> Чӣ қадар фаровон аст меҳрубонии Ту, ки барои тарсгорони Худ нигоҳ доштаӣ... Онҳоро дар паноҳи рӯи Худ... пинҳон медорӣ (Заб. 30:20,21).

Ана барои чӣ дар Аҳди Ҷадид ба мо мефармоянд, ки “фурӯтаниро дар бар кунед” (1 Пет. 5:5) ва “замони ғурбати худро бо худотарсӣ бигзаронед” (1 Пет. 1:17). Худо Рӯҳулқудс ба воситаи Петрус имондоронро даъват мекунад, ки ба муоширати ширин бо Ӯ ворид шаванд, зеро маҳз ба ҳамин гуна муоширатбо фарзандони азиз қалби Ӯ саъй мекунад.

Интихоб аз мост. Худо барои мо роҳ муҳайё кард, то мо ба назди Ӯ биёем! Ӯ ҳамчунин ба мо файзи басанда дод, то ки мо инро иҷро кунем. Мо ба чӣ гуна Худо ва Падари ҳайратангез хидмат мекунем! Акнун фурсати он расидааст, ки даъвати Ӯро бишнавем ва ба он ҷавоб диҳем, ва ба ҳузури оромбахши Ӯ биёем, ба ҷое, ки Ӯ Худро зоҳир месозад. Дар бобҳои навбатӣ мо муҳокима мекунем, ки чӣ тавр Ӯ дар ҳақиқат инро ба амал меорад.

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Дар ин боб гуфта мешавад, ки одамон аксар вақт фурӯтаниро ҳамчун сустӣ, бемасъулиятӣ, ноустуворӣ ва ҳатто ҳамчун динпарастӣ мепиндоранд. Ҳамчунин одамони фурӯтанро аксар вақт иштибоҳан ба ҳавобаландӣ айбдор мекунанд. Дар ин бора фикр кунед ва гӯед, ки оё дар гирду атрофи шумо одамоне ҳастанд, ки шумо онҳоро ҳавобаланд мегуфтед, аммо дар асл фурӯтан ҳастанд? Агар ин гуна одамон бошанд, шумо аз баҳогузории нодурусти худ чӣ хулоса баровардед?

2. Дар бораи се ҷанбаи фурӯтанӣ – итоаткорӣ ба Худо, вобастагии пурра аз Ӯ ва муносибати шумо ба худатон, ва ҳамчунин оиди мисолҳои библиявӣ дар бораи онҳо андеша кунед. Оё шумо аз ин ҷанбаҳо якеашро номбар карда метавонед, ки аз ҳама мушкилии калонтарин дар ҳаёти шумо мебошад?

3. Дар боби шасту шашуми Китоби Ишаъёи набӣ навишта шудааст, ки чӣ тавр як гурӯҳи одамон, бо риояи сахти қонунҳои шариат, ба Худо хидмат мекарданд ва Ӯро мепарастиданд. Ин одамон қурбониҳои дуруст меоварданд, бухури дуруст месӯзониданд ва ҳадияҳои дуруст тақдим мекарданд. Вале бо вуҷуди ин онҳо аз сабаби беитоатиашон ба Ӯ бо парастиши худ ба Худованд писанд наомаданд. Оё метавонад, ки, агар ин тавр бошад, парастиши мо низ, ҳатто агар онро роҳбарони болаёқат ва соҳибистеъдод роҳнамоӣ кунанд, ба Худо писанд наояд?

Боби 10

# НАЗДИКӢ БО РӮҲУЛҚУДС

Ман боварӣ дорам, ки Рӯҳулқудс яке аз шахсиятҳое мебошад, ки дар калисо нисбат ба Ӯ бештар аз ҳама беэътиноӣ зоҳир карда мешавад.

Акнун мо ба мавзӯе расидем, ки ман дер боз муҳокима кардан мехостам: чӣ тавр Худованд моро ба Худаш наздик месозад. Пеш аз ҳама ба ман иҷозат диҳед, ки бори дигар такрор кунам: Ӯ бо шумо ба андозаи бештар аз он, ки шумо мехоҳед, муоширати наздик доштан мехоҳад. Суханони Мӯсоро ба ёд оред: "Худованд... Худои ғаюр мебошад [Ӯ ба муносибатҳои Худ бо шумо бо рашк рафтор мекунад]" (Хур. 34:14).

Ба наздикӣ ман ҳангоми дуо ба андеша ғарқ шудам ва пеш аз он ки ба худ биёям, хитоб кардам: "Худовандо, агар ман бо Ту дар ин ҷо, дар Замин, муносибати наздик дошта натавонам, пас, илтимос мекунам, ки маро ба назди

Худат ба осмон бигирӣ!" Вақте ки ман ин суханонро ба забон овардам, зонуҳоям каме ба ларза даромаданд. Ман медонистам, ки ин суханонро аз сидқи дил гуфтам, аммо қариб фавран ақли ман ба воҳима афтод: "Ту чиҳо мегӯӣ?" Эҳтиёткории ман пурсидан гирифт, ки оё ман ҳаққи талаб кардани чунин чизҳоро дорам.

Чанд соат пас ман ба ҳавопаймо савор шуда, дар курсии худ бароҳаттар нишастам ва Китоби Муқаддасро аз сумкаам баровардам. Аввалин ояте, ки ба чашм афтод, ин буд:

> Сӯи Ту, эй Худованд, мехонам. Эй кӯҳпораи ман, аз пешам хомӯш нагузар: мабодо аз пешам хомӯш гузарӣ, ва ман мисли фурӯравандагони гӯр гардам (Заб. 27:1).

Ман қариб аз курсии худ ҷаҳида, бархестам. Наход Китоби Муқаддас дар ин саҳифа тасодуфан кушода шуда бошад? Ин оят аниқ дар бораи он мегуфт, ки ман ҳамагӣ чанд соат пештар ба Худованд нидо карда будам. Ман фаҳмидам, ки ин сухан ба ман аз ҷониби Худованд аст.

Довуд мегӯяд, ки агар Худо ба мо сухан нагӯяд, мо аз гуноҳкоре, ки ба ҷаҳаннам меравад, беҳтар нестем. Ман ҳамеша тарҷумаи нави Китоби Муқаддасро бо худ мебарам, аз ин рӯ ман ба он низ назар андохтам, ва он пурра ба дуое, ки саҳарӣ гуфта будам, мувофиқат мекард. Дар он ҷо чунин навишта шуда буд: "Зеро агар Ту хомӯш монӣ, барои ман беҳтар аст, ки таслим шавам ва бимирам". Маҳз дар ҳамин бобат ман саҳарӣ дуо карда будам. Ман чандин маротиба ин оятро хондаам, вале онро ҳеҷ гоҳ дар ин гуна партав надида будам.

Ман фаҳмидам, ки мутобиқи иродаи Худо бо ҳидояти

Рӯҳулқудс дуо кардаам. Ин ҳамчунин тасдиқи он буд, ки Худо бо мо сӯҳбат кардан мехоҳад, аниқтараш, Ӯ бо мо муносибатҳои хеле наздик доштан мехоҳад. Ана ин аст яке аз оятҳои дӯстдоштаи ман аз Китоби Муқаддас, ки Довуд навиштааст:

> Дилам аз ҷониби Ту мегӯяд: "Ҷӯёи рӯи Ман бошед";
> ва ман, эй Худованд, ҷӯёи рӯи Ту хоҳам буд (Заб. 26:8).

Оё шумо иштиёқи дили Худоро мешунавед? Ӯ ҳар яки моро даъват мекунад ва мегӯяд: "Ба Ман наздик шавед, Ман бо шумо сӯҳбат кардан мехоҳам, Ман мехоҳам, ки ба шумо розҳои диламро изҳор кунам ва чизҳои бузург ва ниҳониеро, ки намедонед, баён созам!" Ин дар ҳаёти ҳар як имондор бояд ба амал ояд. Ба Худованд наздик шавед, ва агар наздик шавед, Ӯ ваъда медиҳад, ки Худи Ӯ ба шумо наздик мешавад. На Ӯ, балки мо сатҳи наздикиамонро бо Ӯ муайян мекунем. Ӯ аллакай дареро кушодааст, ки ба хилватгоҳи шахсии Ӯ мебарад. Ӯ интизор аст, Ӯ моро ба назди Худ даъват мекунад. Аз мо вобаста аст, ки ҷавоб медиҳем ё не, ва ҳар қадаре ки ба Ӯ наздик мешавем, ҳамон қадар бештар Ӯ Худашро ва хоҳишҳояшро ба мо ошкор мекунад. Аммо биёед бори дигар ба суханони Яъқуб, ки каме пештар аз ин даъвати бузург навишта буд, нигоҳ мекунем:

> Оё шумо гумон мекунед, ки Навишта бар абас гуфтааст: "Рӯҳеро, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад"? (Яъқ. 4:5).

Ӯ иштиёқманди он аст, ки бо мо наздикӣ дошта бошад, то ба дараҷаи рашк. Дар бобҳои гузашта мо нишон додем, ки Ӯ моро бо ҳавасҳои пургуноҳи ин дунё тақсим намекунад.

Аз ин сабаб Яъқуб мегӯяд: “Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост? Пас, касе ки мехоҳад дӯсти дунё бошад, душмани Худо мегардад” (Яъқ. 4:4). Занеро мисол овардан мумкин аст, ки ба шавҳари худ мегӯяд: “Ту бо ман ва дар айни замон бо маъшуқаи худ зиндагӣ карда наметавонӣ, аз ин рӯ интихоб кун! Агар ту вайро интихоб кунӣ, пас ту аз ман рӯй мегардонӣ, ва он гоҳ ман меравам!” Бо Худованд низ ҳамин тавр аст, Ӯ моро бо дунё тақсим намекунад. Ӯ мехоҳад, ки дар қалби мо муҳаббати ягона бошад, вагарна Ӯ Худро ба мо ошкор намекунад.

## Рӯҳе, ки то ба дараҷаи рашк дӯст медорад

Пештар мо махсусан ҳиссиёти Ӯро нисбат ба мо муҳокима карда будем. Аммо акнун мо бояд ба калимаи *Рӯҳ* диққат кунем. Аҷиб аст, ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Рӯҳе, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад”. Диққат диҳед, дар он ҷо гуфта нашудааст, ки “Исо, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад”. Исо дар ин ҷо, дар Замин, сокин нест, Ӯ дар ямини Худои Падар дар осмон нишастааст, ва дар он ҷо қариб ду ҳазор сол инҷониб қарор дорад. Рӯзе, ки Исо ба осмон суud кард, фариштагон ба шогирдони Ӯ рӯ оварда, гуфтанд: “Эй мардони Ҷалил! Чаро ин ҷо истода, сӯи осмон нигаронед? Ҳамин Исо, ки аз пеши шумо ба осмон боло бурда шуд, чи тавре ки Ӯро сӯи осмон равона дидед, боз ҳамон тавр хоҳад баргашт” (Аъм. 1:11). Ӯ ба таври ҷисмонӣ ба осмон бар фарози абрҳо бардошта шуд, ва ба мо ваъда дода шудааст, ки Ӯ боз ҳамон тавр хоҳад баргашт.

Лутфан, маро дуруст фаҳмед. Наҷоткори мо Исои Масеҳ дар ҳақиқат моро то ба дараҷаи рашк дӯст медорад, аммо бо

мо Касе сокин аст, ки пас аз сууди Исо ба мо нозил шудааст. Ин Рӯҳулқудс аст, ва Ӯ шахсияти мушаххаси илоҳӣ мебошад, ки дар борааш дар ҳамин оят гуфта шудааст. Аммо одамоне, ки номи Исоро даъват мекунанд, аксар вақт ба Ӯ эътибор намедиҳанд. Дар асл, ман фикр мекунам, ки Рӯҳулқудс яке аз шахсиятҳое аст, ки дар калисо ба Ӯ бештар аз ҳама беэътиноӣ зоҳир карда мешавад.

Худатон фикр кунед: оё мумкин аст, ки бо шахсе дар тӯли бист дақиқа дар як мошин савор шуда равед ва дар давоми ҳамин вақт ба ӯ чизе нагӯед? Вале мо аксар вақт бо Рӯҳулқудс ҳамин тавр рафтор мекунем! Мо рӯзи худро ба нақша мегирем, ҳангоми сафар мусиқии масеҳӣ ё радиоро гӯш мекунем ва аксар вақт ҳатто андеша ҳам намекунем, ки Ӯ дар паҳлӯи мо аст. Мо дар хона, дар ҷои кор ва дар ҳар ҷое, ки мо меравем, оиди ҳузури Ӯ фикр намекунем. Аммо агар ба мо дар бораи Ӯ савол диҳанд, албатта далели мавҷудияти Ӯ ва дар қалби мо сокин будани Ӯро эътироф мекунем.

## Тасаввуроти мо оиди Рӯҳулқудс

Яке аз сабабҳои он, ки мо ба ҳузури Ӯ ва муошироти Ӯ бо мо аҳамият намедиҳем, аз он иборат аст, ки чӣ тавр мо Рӯҳулқудсро тасаввур мекунем. Шахсияти Ӯ, аз сабаби он ки дар бораи Ӯ мо хондаем ва дар мавъизаҳо шунидаем, барои мо пурасрор аст. Дар асл, агар ҳар дафъа, вақте ки дар бораи Рӯҳулқудс ҳамчун як шахсияти номаълум ёдоварӣ мекунанд, як долларӣ мегирифтам, ман хеле сарватманд мегардидам. Мутаассифона, бисёриҳо Ӯро ҳамчун як “зоти муқаддас” гумон мекунанд, на чунон ки Ӯ ипостас, яъне шахсияти Худост. Ӯ мехоҳад, ки дӯсти наздики мо бошад. Агар мо Навиштаҷотро омӯзем, мебинем, ки Ӯ дорои ақл (ниг. Рум. 8:27), ирода

(ниг. 1 Қӯр. 12:11), ҳиссиёт аст, аз ҷумла, Ӯ моро дӯст медорад (ниг. Рум. 15:30). Ӯ гап мезанад (ниг. Ибр. 3:7), зимнан, Ӯ инро ошкоро мекунад (ниг. 1 Тим. 4:1). Ӯ таълим медиҳад (ниг. 1 Қӯр. 2:13), Ӯро андӯҳгин (ниг. Эфс. 4:30) ва ҳатто таҳқир кардан мумкин аст (ниг. Ибр. 10:29), ба Ӯ дурӯғ гуфтан мумкин аст, чуноне ки ба одамон мегӯӣ.

Ҳангоме ки дар бораи Ӯ фикр мекунем, дар тахайюлоти мо аксар вақт симои кабӯтар падидор мешавад. Аммо чаро Ӯро дар намуди кабӯтар тасаввур мекунанд? Ӯ ҳеҷ гоҳ Худро дар ин намуд зоҳир накардааст! Дар ҳар чаҳор Инҷил нақл карда мешавад, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда Рӯҳи Худоро, ки ба Исо нозил шуд, "ҳамчун кабӯтар" дида буд (ниг. Мат. 3:16; Марқ. 1:10; Луқ. 3:22; Юҳан. 1:32). Аммо ин шабоҳатдиҳӣ ҳаргиз Ӯро ба кабӯтар табдил намедиҳад. Ман шунидаам, ки баъзе одамонро ба ҳайвонот ва ҳаводис муқоиса мекунанд, ва мегӯянд, ки "ин зан чун бод тез аст", "ин мард чун барзагов боқувват аст". Аммо ин чунин маъно надорад, ки ин зан симои бодро ба худ мегирад, ва он мард ба ҳайвони чорпо табдил меёбад. Онҳо инсон боқӣ мемонанд.

Ба ман эътироз баён карда метавонанд: хуб, аммо ҳаввори Юҳанно, вақте ки ба тахти Худо нигоҳ кард, Рӯҳулқудсро дар намуди чароғҳо дид. Бале, воқеан ҳамин тавр аст, чунки ӯ навиштааст: "Ва ҳафт машъали оташин дар пеши тахт фурӯзон буданд, ки онҳо ҳафт рӯҳи Худо мебошанд" (Ваҳй 4:5). Аммо ҳамон Юҳанно навиштааст: "Ва назар андохтам, ва инак, дар миёнаи он пирон Баррае, мисли забҳшуда, истодааст... он чор ҳайвон ва бисту чор пир пеши Барра... суруди наве хонда, мегӯянд: "Ту сазовори он ҳастӣ, ки китобро воз кунӣ ва мӯҳрҳоро аз он бардорӣ; зеро ки Ту забҳ шудӣ ва бо Хуни Худ моро барои Худо аз ҳар сибт ва забон ва қавм ва қабила харидӣ" (ниг. Ваҳй 5:6-9). Маълум

аст, ки ӯ дар бораи Исо гап мезанад, вале мо Ӯро ҳамчун ҳайвон қабул намекунем. Мо аниқ медонем, ки Исо, ки ба сурат ва шабоҳати Ӯ офарида шудаем – ин шахсият, ва мо ба сурат ва шабоҳати ҳайвон офарида нашудаем!

Рӯҳулқудс – ин шахсият, ва мо ба сурат ва шабоҳати Ӯ офарида шудаем. Бале, бале, маҳз ба сурат ва шабоҳати Ӯ! Дар Китоби Ҳастӣ мо мехонем: “Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем” (Ҳас. 1:26). Дар он ҷо гуфта нашудааст: “Одамро ба сурати Ман, ба шабоҳати Ман меофарам”. Не, одам бо кӯшиши ягонаи Падар, Писар ва Рӯҳулқудс офарида шудааст. Мо нақши Падар, Писар ва Рӯҳулқудсро ҳангоми офариниш хеле хуб медонем, аммо Китоби Муқаддас возеҳ мегӯяд: “Рӯҳи Худо маро ба вуҷуд овардааст” (Айюб 33:4), ва дар ҷои дигар: “Рӯҳи Худро мефиристӣ, ба вуҷуд меоянд” (Заб. 103:30). Бинобар ин вақте ки Худо гуфт: “Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем”, албатта Рӯҳулқудсро ба шумори офарандагон дохил кард. Мо ба сурат ва шабоҳати Падар, Писар ва Рӯҳулқудс офарида шудаем. Рӯҳ шахсият, ипостаси сеюми илоҳӣ, аст, на боди ирфонӣ ва на парранда.

Чӣ тавр Марям аз Рӯҳулқудс ҳомиладор шуда метавонист, агар мо ба сурат ва шабоҳати Ӯ офарида намешудем? Навиштаҷот мегӯяд: “Пеш аз он ки ҳамбистар шаванд, маълум гардид, ки вай [Марям] аз Рӯҳулқудс ҳомиладор аст” (Мат. 1:18). Баъдтар фариштаи Худованд ба Юсуф гуфт: “Он чи дар вай ба вуҷуд омадааст, аз Рӯҳулқудс аст” (Мат. 1:20). Агар Рӯҳулқудс на шахсият, балки ягон сир ё зот мебуд, чӣ тавр дар батни Марям одам ташаккул меёфт? Ӯ аз Рӯҳи Худо таваллуд кард. Барои пайдо шудани насли дуруст ду зоти ҳамон як сурат ва шабоҳат лозим мебошанд.

Умед дорам, ки акнун шумо Рӯҳулқудсро ҳамчун шахсият

мешиносед, ва ҳатто бештар аз он, ҳамчун шахсияти аз ҳама аҷибтарин. Аз ин сабаб Павлус ба имондорон мегӯяд:

> Файзи Исои Масеҳи Худованд, ва муҳаббати Худо, ва *ширкати* Рӯҳулқудс бо ҳамаатон бод. Омин (2 Қӯр. 13:13, курсиви муаллиф).

Диққат диҳед, ӯ мегӯяд, ки "ва *ширкати* Рӯҳулқудс бо ҳамаатон бод". Ман калимаи *ширкатро* дар тӯли якчанд сол омӯхтам, чунки бештар аз ҳама чиз шинохтани Худоро мехоҳам. Ман маънои ин калимаро дар ҳар чаҳор луғати юнонӣ, ки ба дасти ман афтоданд, дида баромадам. Ана ин аст баъзе ибораҳое, ки барои фаҳмидани маънои "ширкат" ба мо ёрӣ медиҳанд:

- муоширати наздик ва дӯстона;
- фаъолияти якҷоя *ё* муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- ҳамкорӣ *ё* иштироки якҷоя;
- муносибатҳои наздики байниҳамдигарӣ;
- наздикӣ, хуб донистани якдигар.

Ибораҳои дигар низ ҳастанд, ки барои шарҳ додани мафҳуми *ширкат* истифода бурда мешаванд, аммо ҳамаи онҳо бо таърифҳое, ки дар боло оварда шуданд, шабеҳанд, аз ин рӯ ман онҳоро интихоб кардам. Биёед ҳар яке аз онҳоро ба таври алоҳида дида мебароем ва дар бораи онҳо мулоҳизаронӣ мекунем:

## Муоширати наздик ва дӯстона

Муносибатҳои дӯстона – ин пеш аз ҳама муносибатҳои рафиқона. Ин боварии одамон ба якдигар мебошад. Шумо ҳеҷ гоҳ дӯстонеро вонамехӯред, ки аз якдигар канораҷӯӣ

кунанд, баръакс, онҳо ба якдигар оиди нақшаҳои ояндаи худ ҳарф мезананд. Онҳо дӯст ҳастанд, аз ин рӯ онҳо бо ҳамдигар ҳамеша сӯҳбат мекунанд. Дар Китоби Аъмол мо бисёр мисолҳои ин гуна муносибатҳоро дар байни Рӯҳулқудс ва ходимони Ӯ мебинем. Ин аст ҳамагӣ як мисол аз шаҳодатҳои ҳавворӣ Павлус:

> Ва инак, ҳоло бо тақозои Рӯҳ ба Ерусалим меравам ва аз он чи дар он ҷо ба сарам хоҳад омад, чизе намедонам, ҷуз ин ки Рӯҳулқудс дар *ҳар шаҳр шаҳодат* дода, мегӯяд, ки занҷирҳои асорат ва уқубатҳо барои ман муҳайёст (Аъм. 20:22,23, курсиви муаллиф).

Суханони Павлус оиди мушоракати доимӣ ва тамомнашавандаи байни ӯ ва Рӯҳулқудс шаҳодат медиҳанд. Онҳо дар ҳаёт, дар сафарҳо ва хидмат рафиқи якдигар буданд.

Дар бораи ҳар як ходими Худованд дар Аҳди Ҷадид ҳаминро гуфтан мумкин аст. Рӯҳулқудс дар ҳар ҷое, ки мерафтанд, бо онҳо буд, ва вақте ки онҳо ба Ӯ муроҷиат мекарданд, бо онҳо муошират мекард. Ӯ бародари онҳо буд. Филиппус, боз як шогирд, шаҳрро тарк карда, ба биёбон рафт, аммо ӯ худро танҳо ҳис накард, ӯ медонист, ки минбаъд чӣ кор бояд кунад, зеро «Рӯҳ ба Филиппус гуфт: “Наздик биё ва ба он ароба ҳамроҳ шав”» (Аъм. 8:29).

Петрус барои фаҳмидани маънои рӯъёи мураккаб набояд ба дониши худ оиди Навиштаҷот такя мекард, зеро ӯ шунид, ки Рӯҳ ба вай гуфт: “Он чи Худо пок кардааст, ту ҳаром нахон”. Баъд Петрус амри дигар гирифт*:* “*Рӯҳ* ба ӯ *гуфт:* Инак, се мард туро суроғ мекунанд; пас, бархоста, фуруд ой ва ҳеҷ шубҳа накарда, ҳамроҳи онҳо бирав, зеро ки Ман онҳоро фиристодаам” (Аъм. 10:19,20, курсиви муаллиф).

Дӯстии доимии Рӯҳулқудс бо тамоми атрофиёни Павлус хеле аён аст. Ана Луқо чӣ менависад: “Вақте ки аз Фриҷия ва кишвари Ғалотия мегузаштанд, Рӯҳулқудс онҳоро нагузошт, ки каломро дар вилояти Осиё мавъиза намоянд. Ба Мисия расида, аз он ҷо ба Битуния рафтанӣ шуданд, лекин *Рӯҳ ба онҳо иҷозат надод”* (Аъм. 16:6,7, курсиви муаллиф).

Ман метавонистам, ки дар ин ҷо мисолҳои дигарро низ биоварам. Аммо қайд кардан мехоҳам, ки ходимони Аҳди Ҷадид кӯмаку роҳнамоии Рӯҳулқудсро пурра дарк мекарданд. Рӯҳ барои онҳо як чизи ирфонӣ ё зуҳуроти фавқуттабиӣ набуд, аз ин рӯ мушоракат бо Ӯ барои онҳо як кори маъмулӣ буд. Онҳо иштироки Ӯро дар ҳаёти худ ҳамчун як ҳодисаи муқаррарӣ қабул карданд. Ба ҳамин монанд, мо иштироки ҳар касеро дар ҳаёти худ интизор шуда метавонем, ки бо мо муддати тӯлонӣ ва доимӣ зиндагӣ кунад.

Одамон аз ман мепурсанд, ки оё аз утоқҳои меҳмонхонаҳо хаста намешавам. Рости гап, ман ҳеҷ гоҳ аз онҳо хаста намешавам. Ҳатто вақте ки ба шаҳрҳои зеботарини ҷаҳон сафар мекунам, ман ба саёҳати шаҳр намеравам, чунки аз мушоракат бо Ӯ лаззат мебарам, аз ин рӯ ман фурсати гаронбаҳоро аз даст додан намехоҳам. Дар гузашта, вақте ки ман ба андозаи кофӣ мушоракати Рӯҳулқудсро намефаҳмидам ва эҳсос намекардам, соатҳои танҳоиро душвор аз сар мегузаронидам. Дар паҳлӯи ман бояд ҳамеша нафаре аз дӯстонам мешуданд. Акнун ман бесаброна он фурсатро интизор мешавам, ки бо Ӯ як ба як бимонам, то ки имкон дошта бошам, ки озодона бо Ӯ сӯҳбат кунам ва суханони Ӯро бишнавам.

Ӯ низ иштиёқманди он аст, ки бо шумо сӯҳбат кунад! Лаҳзае истода, чашмонатонро пӯшед ва дар бораи он андеша кунед, ки Рӯҳулқудс – рафиқи шумо, дӯст ва ҳамкори шумо

дар корҳо. Зеро Каломи Худо мегӯяд: “*ширкати* Рӯҳулқудс бо ҳамаи шумо бод”. Бигзор ин суханон дили шуморо пур кунанд ва дарро барои наздикӣ дар байни шумо ва Офаридгоратон боз намоянд.

## ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯ

Маънои дуввуми мафҳуми “ширкат” – фаъолияти якҷоя *ё* муносибатҳои ҷамъиятӣ – мубодилаи афкор ва ҳиссиётҳоро мефаҳмонад. Қисми аз ҳама писандидатарини вохӯрӣ бо дӯстони наздик ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки мо бо якдигар гуфтугӯ мекунем ва розҳои амиқтарин ва нозуктарини қалби худро ба якдигар нақл менамоем. Дар ин лаҳзаҳо мо осебпазир мешавем, зеро чизҳоеро мубодила мекунем, ки одамони дигар намефаҳмиданд ва писханд мезаданд. Вале мо медонем, ки ин ҳеҷ гоҳ рӯй намедиҳад, чунки мо бо дӯстонамон сӯҳбат мекунем. Онҳо қалби моро медонанд ва ҳар чизеро, ки ба онҳо нақл мекунем, дуруст мефаҳманд. Павлус дар ояти зерин маҳз дар бораи ҳамин гуна мушоракат бо Рӯҳулқудс мегӯяд: “Дар Масеҳ рост мегӯям, дурӯғ намегӯям, виҷдонам *дар Рӯҳулқудс* бо ман шаҳодат медиҳад” (Рум. 9:1). Рӯҳулқудс қалби Павлусро медонист, Павлус бошад, қалби Ӯро. Дар байни онҳо наздикие буд, ки натиҷаи эътимод гардид, ва эътимод дар он ифода меёфт, ки онҳо афкор ва эҳсосоти ботинии худро ба якдигар баён мекарданд.

Маҳз барои ҳамин тарси Худованд хеле муҳим аст. Худованд нақшаҳои махфии Худро ба касоне, ки онҳоро қадр намекунанд, ошкор намекунад, Ӯ марворидҳоро ба пеши одамоне намепартояд, ки онҳоро маҷақ ва поймол мекунанд. Ба тавri оддӣ гӯем, мо ҳеҷ гоҳ фикрҳои ботинии

худро ба онҳое, ки рӯҳан бо мо наздик нестанд, мубодила намекунем, ва Худои мо низ ҳамин гуна аст.

Муқаддасони Аҳди Қадим нидо карда мегуфтанд: “Оё беинтиҳоии Худоро метавонӣ дарёбӣ?” (Айюб 11:7). Аммо акнун, ки Аҳди Ҷадид дарро барои муносибатҳои наздик бо Рӯҳулқудс кушодааст, Павлус бо ҳаяҷон изҳор мекунад: “Вале ба мо Худо онро *ба воситаи Рӯҳи Худ* ошкор сохтааст; зеро ки Рӯҳ ҳама чизро, ҳатто *умқҳои* Худоро пай мебарад” (1 Қӯр. 2:10, курсиви муаллиф). Диққат диҳед, Ӯ инро ба воситаи Рӯҳи Худ мекунад. Рӯҳ – ин шахсияти Илоҳӣ, ва Ӯ андешаҳои амиқу ниҳонии Худоро бо мо мубодила мекунад. Тасаввур мекунед? Оё ин зӯр нест!

Инак, бори дигар дар бораи он фикр кунед, ки Рӯҳулқудс маҳз чунин муносибатҳои хеле наздикро бо шумо барқарор кардан мехоҳад. Ӯ хеле мехоҳад, ки афкор ва эҳсосоти ниҳонии Худро ба шумо ошкор кунад, ва ҳамчунин аз они шуморо шунавад. Зеро Каломи Худо мегӯяд: “Бигзор *мубодилаи афкор ва эҳсосот дар мушоракати* Рӯҳулқудс бо ҳамаи шумо бод”.

## Ҳамкорӣ, ё иштироки якҷоя

Мисоли таърифи сеюми мафҳуми “ширкат”, ҳамкорӣ, ё иштироки Рӯҳулқудс дар корҳои ходимони Худ дар шаҳодатҳои роҳбарони калисои аввалин оварда шудаанд. Онҳо дар номаи худ навиштаанд:

> Зеро ки Рӯҳулқудс ва мо савоб дидем... (Аъм. 15:28).

Бо ин кор онҳо мавқеи Рӯҳулқудс ва инчунин мавқеи худро равшан нишон доданд. Ин дар қабули қарорҳо иштироки якҷоя буд. Онҳо дар идора кардани Подшоҳӣ

шарики якдигар буданд. Чизи ба ҳамин монандро дар Аҳди Қадим низ вохӯрда метавонем, вақте ки Худо ба назди Иброҳим омад, то ки нақшаҳои Худро дар мавриди Садӯм муҳокима кунад. Ба Иброҳим иҷозат дода шуд, ки нуқтаи назари худро баён кунад, ва Худо қарори Худро пас аз шунидани пешниҳоди Иброҳим қабул кард.

Якчанд бор чунин ҳолатҳо бо Мӯсо низ рӯй дода буданд. Худованд дар хашми Худ омода буд, ки қавми Исроилро нобуд кунад, ва ҳамин тавр ҳам мекард, агар Мӯсо мудохила намекард. Ӯ ба Худо ваъдаҳои Ӯро ёдрас кард ва алоқамандона ба он, ки бо ин гуна амалҳо Ӯ ба обрӯи Худ чӣ қадар зарар мерасонад, фикр баён кард. Он чиро ки дар натиҷаи мудохилаи Мӯсо рӯй дод, мо дар Навиштаҷот хонда метавонем: “Ва Худованд он бадиро, ки гуфта буд, ки ба сари қавми Худ хоҳад овард, ботил намуд” (Хур. 32:14). Мӯсо ва Иброҳим бо Худо шарик ва ҳамкор буданд, аммо ҳатто онҳо имкон надоштанд, ки бо Худо доимо сӯҳбат кунанд, вале мо ба шарофати Аҳди Ҷадид чунин имкон дорем. Вақте ки дар ин бора андеша мекунӣ, аз афзалиятҳои худ дар ҳайрат мемонӣ.

Вақте ки мо суханони Павлусро, ки ба пешвоёни калисои Эфсӯс изҳор карда буд, мешунавем, исботи нақшеро, ки Рӯҳулқудс ба сифати ҳамкори калони мо мебозад, равшан мебинем.

> Пас, нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед, ки *Рӯҳулқудс* шуморо барои назорат кардани он таъин намудааст, то ки Калисои Худоро, ки Ӯ бо *Хуни Худ* харидааст, бичаронед (Аъм. 20:28, курсиви муаллиф).

Дар ин оят шахсиятҳои гуногуни Илоҳиро дар ягонагии комили онҳо аниқ ҷудо кардан мумкин аст. Нахуст *Рӯҳулқудс*

зикр карда мешавад, ва маҳз Ӯ ба калисо нозиронро таъин мекунад. Баъд дар ибораи *Калисои Худо* Падар ба ёд оварда мешавад ва, ниҳоят, мо дар ин ҷо ёдоварии нақши *Писарро* (Калисои Худовандро) мебинем, зеро Калисо бо нархи *Хуни Ӯ* наҷот дода шудааст. Се шахсиятҳои гуногун, аммо Худои ягона. Инро дарк кардан душвор аст, вале мо дар табиат мисолҳое дорем, ки ин мафҳумро аниқ мефаҳмонанд. Мо медонем, ки об дар се ҳолат вуҷуд дошта метавонад: ях, моеъ ва буғ, бо вуҷуди ин сохти молекулярии он доимо якхела боқӣ мемонад. Ба ҳамин монанд, зоти Илоҳӣ се ҷиҳат, се шахсият дорад, аммо дар Худ ягонагии комилро зоҳир мекунад, чунки Худо ягона аст.

Қайд кардан аҷиб аст, ки Рӯҳулқудс – ин ҳамон шахсияти Илоҳӣ, ки дар Калисо роҳбарони рӯҳониро таъин мекунад. Ин дар ҳоле низ рӯй дод, ки пирони калисои дигар, калисои Антиохия, ҷӯёи Худованд шуданд. Ҳангоми дуои онҳо «Рӯҳулқудс гуфт: "Барнаббо ва Шоулро аз баҳри коре ки барояш онҳоро даъват намудаам, ба Ман ҷудо кунед"». Он гоҳ онҳо дуо карданд ва ба онҳо даст гузоштанд, ва дар идома мо мехонем: "Онҳо, *ки фиристодагони Рӯҳулқудс буданд..."* (Аъм. 13:2-4, курсиви муаллиф). Рӯҳ якҷоя бо ходимони Худо кор мекард, то ки Исоро ҷалол диҳад.

Дар асоси ин мисолҳо ҳамкориҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар он Рӯҳулқудс нақши роҳбарикунанда ё иштирокчии асосиро мебозад. Инро бори дигар таъкид кардан мехоҳам: Худи Ӯ иштиёқманди он аст, ки шумо ва ман ҳамкори Ӯ, шарики Ӯ шавем! Дар ин бора дар номаи Павлус ба қӯринтиён равшан гуфта шудааст, ки дар он Павлус менависад: "Зеро ки мо ҳамкорони Худо ҳастем; шумо киштзори Худо, иморати Худо ҳастед" (1 Қӯр. 3:9). Калимаи *ҳамкорон* одамонеро мефаҳмонад, ки якҷоя кор

мекунанд ва муносибатҳои рафиқонаю шарикона доранд. Дар тарҷумаи шоҳ Ҷеймс боз ҳам фаҳмотар гуфта шудааст: “Зеро мо якҷоя бо Худо кор мекунем”. Тасаввур мекунед? Дар робита ба ин ман боз саволи пештараи худро медиҳам: шумо дар куҷо дидаед, ки шарикон ҳамкорӣ накарда ва бо ҳам муносибатҳои наздик надошта бошанд?

Як лаҳза дар бораи он андеша кунед, ки Рӯҳулқудс рафиқ ва ҳамкори калони шумо будан мехоҳад. Зеро Каломи Худо мегӯяд: “Бигзор *мушоракат ва ҳамкории* Рӯҳулқудс бо ҳамаи шумо бод”.

## Муносибатҳои наздики байниҳамдигарӣ

Тавсифи дигари мафҳуми “ширкат” – *муносибатҳои наздики байниҳамдигарӣ.* Беҳтар аз ҳама инро шаҳодати мардон ва занони бузурги Худо, ки ман бо онҳо солҳои тӯлонӣ муошират кардаам, нишон медиҳад. Дар хотир дорам, ки чӣ тавр ман нахустин бор бо доктор Давид Чо, шубони яке аз калисоҳои бузургтарини дунё, ки дар Сеул, Корея, ҷойгир шудааст, вохӯрдам. Он вақт ӯ аввалин бор ба калисои мо омада буд. Дар ҳамон вақт ман яке аз ёрдамчиёни шубон будам ва бояд ӯро дар давраи иқомати ӯ дар шаҳрамон ҳамроҳӣ мекардам. Ман ин вазифаҳоро дар давоми солҳои зиёд иҷро мекардам, ва то ташрифи доктор Чо садҳо ходимони гуногунро ҳамроҳӣ карда будам, чунки меҳмонон доимо ба калисои мо меомаданд. Аммо ин дафъа ҳама чиз ба таври дигар буд, зеро ҳамон лаҳза ки ӯ ба мошини ман нишаст, он зуд аз ҳузури Худо пур шуд. Ман қариб дарҳол гиря кардам ва аз чашмонам ашк ба рӯям беист ҷорӣ мешуд. Ман хомӯш меистодам, чунки ӯро пеш аз хидматгузорӣ нороҳат кардан намехостам. Баъд қарор кардам, ки бо ӯ гап занам. Ман бо садои ором ва хеле нарм гуфтам: “Доктор Чо, дар мошини мо Худо ҳаст”. Ӯ хандида, сар ҷунбонд.

Баъдтар ман оиди он фикр кардам, ки ин одам чӣ қадар зиёд дар бораи он шарокате, ки бо Рӯҳулқудс дорад, навиштааст ва мавъиза кардааст. Он гоҳ одамони дигарро, ки дар тӯли солҳои зиёд ҳамроҳӣ кардаам ва онҳоеро, ки дар мушоракат бо Рӯҳулқудс зиндагӣ мекарданд ва зарурияти ин гуна мушоракатро таъкид менамуданд, ба ёд овардам. Ва гарчанде ки ман садҳо ходимонро ҳамроҳӣ кардаам, ҳамагӣ чанд нафаре аз онҳоро дар хотир дорам, чунки дар лаҳзаҳои аввалини вохӯрӣ бо онҳо ман ҳузури Худоро ҳис кардаам. Яке аз чунин ходимаҳо Ҷенни Уилкерсон буд, ки солҳои зиёди худро бо дуои шафоат гузаронидааст ва ҳоло аллакай дар осмон бо Худованд сокин аст. Вақте ки ӯ аввалин бор ба мошин нишаст, ман тамоми роҳро бо ҳайрат тай кардам. Ман фаҳмидам, ки дар паҳлӯи зане равонам, ки на танҳо дар бораи Худо медонист, балки Худи Ӯро аз наздик мешинохт. Ӯ дар бораи Рӯҳулқудс бисёр мегуфт, ва ҳар боре, ки бо вай вомехӯрдам, ҳузури Ӯ аён мешуд.

Ба наздикӣ ман дар назди аъзои калисои калон, ки аз чаҳор ҳазор нафар иборат аст, мавъиза кардам. Он дар Ғарби Миёнаи ИМА ҷойгир шудааст. Ман дар ибодати субҳи якшанбе оиди Рӯҳулқудс мавъиза кардам, ва ҳамон бегоҳӣ бояд дар ибодати шомгоҳӣ чилу панҷ дақиқа мавъиза мекардам. Вале баъд аз оғози ҷамъомад дар давоми ду соат ман мавъиза карда натавонистам, чунки Рӯҳулқудс нақшаи дигар дошт. Ҳамон рӯз Ӯ ба бисёр одамон хидмат кард, ва ин хеле ҳайратовар буд! Ниҳоят, пеш аз он ки ман ба платформа қадам занам, шубони калисоро, ки на ҳалим ва на эҳсосотӣ номидан мумкин буд, бо чашмони пурашк ба назди ман омад ва гуфт: “Ҷон, дар давоми ҳашт соли хидматам дар ин калисо, ман ҳеҷ гоҳ ин қадар ҳузури пурқуввати Худоро ҳис накарда будам!”

Ман зуд ба ӯ ҷавоб додам: “Ин сабаб дорад. Имрӯз саҳарӣ мо дар бораи Рӯҳулқудс ҳарф задем. Ва ҳар боре, ки ту дар бораи Ӯ гап мезанӣ, Ӯ Худро албатта зоҳир мекунад”.

Ин гуна муоширати наздикро дар издивоҷ дидан мумкин аст. Баъзе мардон-ходимон аксар вақт дар бораи ҳамсарони худ ҳарф мезананд. Онҳо ҳатто вақте ки ҳамсаронашон дар паҳлӯяшон нестанд, онҳоро дар мавъизаҳои худ ё дар сӯҳбатҳо ёдоварӣ мекунанд. Онҳо бо ҳамсарони худ як тану як ҷон ҳастанд, ва ин на танҳо ба онҳо, балки ба атрофиён низ маълум аст. Ва ҳангоме ки шумо дар бораи ходиме фикр мекунед, беихтиёр ҳамсари ӯро ба хотир меоред. (Айни ҳамин суханонро дар бораи шавҳар гуфтан мумкин аст, агар зани ӯ ходими калисо бошад.) Вақте ки Лиза ҳамроҳам нест, аз ман бисёр вақт дар бораи ӯ мепурсанд, ва ман доимо дар бораи ӯ нақл мекунам ва дар китобҳоям менависам. Аммо ходимони дигар ҳастанд, ки дар бораи ҳамсарони худ кам ёдоварӣ мекунанд, кам ҳарф мезананд, ва онҳоро кам якҷоя мебинед. Вақте ки сухан дар бораи ин ходимон меравад, шумо ҳатто дар бораи ҳамсарони онҳо ёдоварӣ намекунед.

Дар бораи Рӯҳулқудс низ айни ҳаминро гуфтан мумкин аст. Ӯ фарзандонеро дорад, ки бо Ӯ муоширати хеле наздик доранд. Вақте ки шумо дар бораи онҳо гап мезанед, зуд Рӯҳулқудсро ба хотир меоред, чунки ин одамон бо фаҳму идрок якҷоя бо Ӯ ҳамчун шарикони хурди Ӯ амал мекунанд ва доимо Ӯро қадр менамоянд, аз ин рӯ Ӯ дар хидматгузории онҳо Худро зоҳир месозад. Дар натиҷа Исо бештар ҷалол меёбад, чунки Рӯҳи Худо Исоро ҷалол медиҳад.

Рӯҳулқудс бо шумо муносибатҳои наздик доштан мехоҳад. Агар шумо Ӯро эҳтиром кунед, он гоҳ Ӯ Худро зоҳир мекунад, ва дар акси ҳол шумо аз ҳамон ходиме, ки бо ҳамсари худ наздик нест, гарчанде бо вай солҳои зиёд зиндагӣ кардааст,

фарқе надоред. Ин гуна одамон на танҳо аз якдигар ҷудо ҳастанд, балки дар назари одамон низ якдил нестанд. Аз ин рӯ дар бораи ин суханон андеша кунед: “Бигзор *шарокат ва ва муносибатҳои наздики* Рӯҳулқудс бо ҳамаи шумо бод”.

## Наздикӣ, хуб донистани якдигар

Таърифи охирини рӯйхати мо ба *наздикӣ* ё хуб донистани ҳамдигар, ишора мекунад. Ин калима ширкатро хеле хуб ифода мекунад, зеро он чаҳор таъриферо, ки бо шумо муҳокима кардем, ҷамъбаст менамояд. Дар асл, яке аз таърифҳои *ширкат* дар луғати Вебстер *муносибатҳои наздик ва тавофуқ* аст. Наздикиро танҳо бо ёрии муошират инкишоф додан мумкин аст, ва он, дар навбати худ, ба дӯстии мустаҳкам оварда мерасонад. Яке аз вариантҳои хондани ояти мо чунин садо медиҳад: “Бигзор *дӯстии наздики* Рӯҳулқудс бо ҳамаи шумо бод”.

Ва мо боз ба мавзӯи дӯстӣ баргаштем, зеро он мақсади ниҳоии ширкат ҳам ҳаст. Рӯҳи Худо дӯсти шумо будан мехоҳад. Ӯ иштиёқманди сӯҳбат бо шумост. Ӯ мехоҳад, то он чиро, ки Ӯ Худ медонад, ба шумо ёд диҳад, ва дониши Ӯ беохир аст! Ӯ Худост, ва барои Ӯ ҳеҷ чизи махфӣ ва пурасрор вуҷуд надорад. Ҳеҷ донише нест, ки Ӯ дорои он набошад. Чи тавре ки Ишаъё гуфтааст:

> Кист, ки *рӯҳи Худовандро* андоза намудааст, ва мушовири Ӯ гардидааст, ва Ӯро таълим додааст? Ӯ бо кӣ машварат кардааст, ва кист, ки ба Ӯ хирад бахшидааст, ва тариқи адлу инсофро ба Ӯ таълим додааст, ва ба Ӯ дониш омӯхтааст, ва роҳи дурустиҳоро ба Ӯ ёд додааст? (Иш. 40:13,14, курсиви муаллиф).

## Рӯҳи Худо Худост!

Боз такрор мекунам: Ӯ Худо аст! Хирад, дониш ва фаҳмиши Ӯ беканор аст, ва Ӯ иштиёқманди он аст, ки ба шумо он чиро ки Худаш медонад, ёд диҳад. Фикр кунед: вақте ки шумо ягон маълумоти пурарзиш доред, сахт мехоҳед, то онро ба шахсе, ки наздик аст ва дӯсташ медоред, нақл кунед. Айни ҳаминро дар бораи Рӯҳ гуфтан мумкин аст. Вай дар ҳақиқат он чизеро, ки медонад, ба мо гуфтан мехоҳад! Оё шумо мефаҳмед, ки кадом умқҳо ба шумо дастрас мешаванд? Шояд, шумо ҳанӯз онро надоред, чунки шумо ин шахсияти Худоро, ки ҳамеша бо шумо мемонад, наҷустед? Оё шумо ягон бор Рӯҳулқудсро сарфи назар карда, барои барқарор кардани муносибатҳо бо Исо кӯшиш кардаед?

Одамони хеле зиёд дар калисо муносибатҳои наздикро бо Рӯҳулқудс ба назар нагирифта, ба Исо наздик шудан мехоҳанд. Ман ба наздикӣ дар ин бора андешаронӣ кардам, ва ба майнаи ман фикре омад, ки дар рӯзҳои хидмати заминии Исо, яҳудиён Исои Масеҳро сарфи назар карда, бо Худо муносибатҳои байниҳамдигарӣ мехостанд. Онҳо ин тавр мегуфтанд: “Мо аз зино таваллуд наёфтаем; мо як Падар дорем, ки Худо бошад” (Юҳан. 8:41), ё ин тавр: “Мо шогирдони Мусоем. Мо медонем, ки Худо ба Мусо сухан гуфт” (Юҳан. 9:28,29). Онҳо боварӣ доштанд, ки бо Худо муносибат доранд. Дар асл дар дили онҳо Худо набуд. Боварии онҳо дар он бунёд шуда буд, ки онҳо Каломи Ӯро (Навиштаҷотро), ки ба воситаи Мӯсо ба қавм дода шуда буд, медонистанд. Аммо оё медонистанд? Онҳо худи ҳамин Каломро, ки дар ҷисм зоҳир шуд ва дар байни онҳо сокин гардид, рад карданд.

Имрӯз низ бисёр имондорон Рӯҳулқудсро сарфи назар карда, бо Исо муносибат доштан мехоҳанд. Аммо маҳз Ӯ дар

байни мо сокин аст, ва ҳеҷ кас Ӯро сарфи назар карда, Исоро аз наздик шинохта наметавонад. Хавф бештар дар он аст, ки Рӯҳи Худоро сарфи назар кардан, аз он ки яҳудиён Исоро дар ҷисм инкор мекарданд, осонтар аст, чунки, бар хилофи Исо, Рӯҳ ҷисм ва хун надорад.

Исо гуфтааст: "Агар Маро мешинохтед, Падари Маро низ мешинохтед" (Юҳан. 14:7). Ба ибораи дигар, Исо бо ин гуфтан мехоҳад: "Падар дар ин ҷо нест, Ӯ дар осмон аст, вале агар шумо Маро шиносед, Падарро низ хоҳед шинохт, чунки Ман ва Ӯ як ҳастем". Аммо дар бораи Рӯҳулқудс низ ҳамин тавр гуфтан мумкин аст. Исо дигар дар замин нест, Ӯ дар осмон аст, аммо агар шумо Рӯҳулқудсро шиносед, Исоро низ хоҳед шинохт, чунки онҳо як ҳастанд! Ана барои чӣ Ӯ боз ҳамчун "Рӯҳи Масеҳ" маъруф аст (1 Пет. 1:11; Рум. 8:9).

## Дигаре, ба мисли Ман

Пеш аз сууди Худ Исо ба шогирдон гуфт:

> Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард. Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимонад, яъне Рӯҳи ростӣ, ки ҷаҳон наметавонад Ӯро бипазирад, зеро ки Ӯро намебинад ва намешиносад; лекин шумо Ӯро мешиносед, зеро ки Ӯ бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд. Шуморо ятим намегузорам; назди шумо меоям (Юҳан. 14:15-18).

Ин изҳорот маълумоти зиёдро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама ба он диққат диҳед, ки Исо боз дар бораи итоаткорӣ гап мезанад – "аҳкоми Маро риоя кунед". Баъд аз он гуфта мешавад: "Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард ва Ӯ ба

шумо...” муносибати наздикро бо Рӯҳулқудс ато хоҳад кард. Ӯ бевосита ба шогирдон ато кардани Рӯҳулқудс ва итоаткориро ба Каломи Худо ба ҳамдигар марбут медонад, ва ин тарси Худоро мефаҳмонад. Петрус инро бо суханони зерин тасдиқ мекунад: “Мо шоҳидони Ӯ дар ин бобат ҳастем ва ҳамчунин Рӯҳулқудс аст, ки Онро Худо *ба фармонбардорони Худ бахшидааст”* (Аъм. 5:32, курсиви муаллиф). (Боз ҳам ба муносибатҳои наздики байни шогирдон ва Рӯҳулқудс, ки ба ҳайси ду шоҳид зикр карда шудааст, аҳамият диҳед.) Петрус мегӯяд, ки Худо Рӯҳулқудсро *ба фармонбардорони Худ* медиҳад. Ва дар ин ҷо низ мо мебинем, ки барои ин асос тарси Худованд аст. Барои чӣ мо дар ин бора дар калисоҳо ин қадар кам мавъиза мекунем?

Ба Инҷили Юҳанно, боби чаҳордаҳум, баргашта,  суханони Исоро хонда метавонем, ки мегӯяд, ки Падар ба онҳое, ки итоаткор ҳастанд, “Пуштибони *дигаре”*-ро ато хоҳад кард. Дар забони юнонӣ ду калима ҳаст, ки дар Аҳди Ҷадид ҳамчун “дигаре” тарҷума шудааст. Омӯзиши ин калимаҳо ба мо ёрӣ медиҳанд, ки оиди Рӯҳулқудс бисёр чизҳоро донем. Яке аз ин калимаҳои юнонӣ – ин *allos*, ки маънояш “дигаре аз ҳамон навъ” мебошад. Калимаи навбатӣ *heteros* аст, ва маънои он “дигаре аз навъи дигар” мебошад.

Барои фаҳмонидани фарқияти маъноии ин калимаҳо мисол овардан мумкин аст. Фарз кардем, шумо аз ман мева дархост кардед, ва ман ба шумо нок медиҳам. Онро хӯрда, шумо боз талаб мекунед, ва он гоҳ ман себ медиҳам. Ман воқеан ба шумо мева додам, аммо навъи дигарашро. Агар ман боз як нок медодам, ин меваи дигар мебуд, аммо аз ҳамон навъ, яъне ин айнан ҳамон гуна нок мебуд. Фарқ дар байни “дигаре аз ҳамон навъ” (*allos*), ва “дигаре аз навъи тамоман дигар” (*heteros*) аз ҳамин иборат аст.

Исо дар ояти мо калимаи *allos*, яъне дигаре *аз ҳамон* навъро истифода мебарад. Дар асл, Исо мегӯяд: “Падар ба шумо Пуштибони дигаре, айнан ба мисли Манро ато хоҳад кард”. Аслан, калимаи юнонӣе, ки дар ин ҷо Пуштибон ишора шудааст – ин *parakletos*. Ин калима аз ду калимаи алоҳида иборат аст: *para*, ки маънояш “ба тарафи дигар” аст, ва *kaleoo*, ки маънояш “даъват кардан” мебошад. Аз ин ҷо маънои калимаи *parakletos – ҳамоне, ки ба тарафи шахси дигар даъват кардаанд, то ки ба вай ёрӣ диҳад.* Ин калима сараввал дар муҳокимаҳои судӣ барои муайян кардани ҳуқуқшинос, ҳимоятгари шахси айбдоршаванда ё адвокат истифода бурда мешуд. Ҳамин тавр, ин шахсе аст, ки дар бораи чизе шафоат мекунад, ин шафоатгар ё адвокат аст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин калима як бор дар Номаҳо истифода бурда шудааст, ва ба Исо ишора мекунад (ниг. 1 Юҳан. 2:1). Азбаски Исо доимо ҳамчун шафоатгар ё ҳимоякунандаи мо амал мекунад, айнан ба мисли ҳамин Рӯҳулқудс низ ин адвокати мост. Ӯро ба ин ҷо, ба тарафи мо, даъват кардаанд, то ки ба мо ёрӣ диҳад.

Исо ба шогирдони Худ мегӯяд: “Чуноне ки Ман бо шумо будам, Ӯ низ бо шумо хоҳад буд”. Ман бисёр мешунавам, ки одамон мегӯянд: “Оҳ, агар ман бо Исо вомехӯрдам, ба Ӯ бисёр саволҳо медодам”. Оҳ наход? Ин гуна даъвоҳои онҳо нишон медиҳад, ки онҳо бо Рӯҳулқудс наздикӣ надоранд. Агар онҳо бо Рӯҳулқудс муоширaт накарда бошанд, пас барои чӣ онҳо фикр мекунанд, ки бо Исо дигар хел рафтор мекарданд? Охир Худи Исо чунин изҳороти аҷибро гуфтааст:

> Лекин ба шумо рост мегӯям (Юҳан. 16:7).

Пеш аз он ки суханони Ӯро ба охир расонам, иҷозат диҳед, то қайд кунам, ки ин сарсухан дар ҷумла доимо маро ҳайрон

мекард. Ӯ дар тӯли сеюним сол ҳамроҳи шогирдон буд. Ӯ боре ҳам ба ҳеҷ яке аз онҳо дурӯғ нагуфт ва ҳеҷ яке аз онҳоро фиреб надод. Ҳамаи суханоне, ки дар давоми ин солҳо ба онҳо гуфт, иҷро шуданд. Аммо он чизе, ки ба онҳо ошкор кардан мехост, чунон ҳайратовар буд, ки Ӯ бо огоҳӣ оғоз кардани изҳороти Худро зарур шуморид: “Дӯстонам, Ман ба шумо комилан рост мегӯям, дурӯғ намегӯям!” Пас биёед бубинем, ки ин изҳороти ҳайратовар чӣ гуна аст:

> Рафтани Ман барои шумо беҳтар аст; зеро ки агар Ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад; ва агар биравам, Ӯро назди шумо мефиристам (Юҳан. 16:7).

Шумо фаҳмидед? Лаҳзае таваққуф карда, дар бораи ин суханон андеша кунед. Ӯ мегӯяд, ки агар Ӯ равад, барои онҳо беҳтар мешавад. Акнун мефаҳмед, ки барои чӣ Ӯ суханони Худро бо огоҳӣ оиди аҳамияти махсуси он ҳақиқате, ки Ӯ гуфтан мехост, оғоз кард? Тамоми он вақте, ки Ӯ бо онҳо буд, Ӯ ба онҳо чизҳои муҳим ва амиқеро таълим дод, ки ба Подшоҳӣ дахл доранд. Ӯ беморонро шифо медод, мурдагонро зинда мекард, рӯҳҳои нопокеро, ки одамонро азоб медоданд, ихроҷ менамуд, ба ҷои шогирдон андоз месупорид ва ҳисобҳоро пардохт мекард, ва ин танҳо саршавӣ буд! Аммо чӣ тавр Ӯ гуфта метавонад, ки барои онҳо беҳтар мешавад, агар Ӯ равад? Барои чӣ? Ӯ инро бо он шарҳ медиҳад, ки агар Ӯ равад, ба онҳо Пуштибон мефиристонад.

Андеша кунед, агар Исо дар Замин мемонд, ва мо бо Ӯ сӯҳбат кардан ё ба Ӯ савол додан мехостем, мо бояд ба ҳавопаймое, ки сӯи Тел-Авив парвоз мекунад, савор шуда, дар фурудгоҳ такси гирем, ва ба Ҷалил равем, ва дар он ҷо Ӯро пайдо кунем. Ӯро ёфтан мушкил намебуд, чунки Ӯ ҳамеша дар иҳотаи ҳазорҳо одамон мебуд. Аммо мебоист шумо интизор

шавед, то ки ин ҳазорҳо нафаре, ки пеш аз шумо омадаанд, раванд, танҳо он гоҳ шумо ба Ӯ наздик шуда метавонистед. Аммо баъд шумо бояд интизор мешудед, чунки Петрус бисёр гап мезанад, аз ин рӯ вай дар сӯҳбат бартарӣ меёбад. Ин одамон низ на он қадар ором ҳастанд, дар он ҷо шогирдони дигар ҳузур доранд, ва онҳо низ фурсат мепоянд, то саволҳои худро, ки дар дил доштанд, ба Ӯ диҳанд. Ғайр аз ин, Исо бояд аз шаш то ҳашт соат дар як шабонарӯз хоб кунад, каме бо Худ машғул шавад ва дар вақтҳои муайян хӯрок хӯрад.

Аммо зебоии сукунати Рӯҳулқудс андаруни мо дар он аст, ки ба Ӯ хуфтан лозим нест. Шумо метавонед бо Ӯ дар вақти дилхоҳи рӯз ё шаб сӯҳбат кунед, ва барои шумо интизор шудан лозим нест, ки дигарон сӯҳбати худро бо Ӯ тамом кунанд. Тамоми диққати Ӯ дар вақти дилхоҳ пурра ва яклухт ба шумо тааллуқ дорад. Маҳз ҳамин тавр: даҳҳо ҳазор одамон бо Ӯ дар як вақт аз наздик сӯҳбат карда метавонанд! Ӯ қобилият дорад, ки шахсан бо ҳамаи мо, ки иштиёқманди наздикӣ бо Ӯ ҳастем, сӯҳбат кунад. Аммо бо ҳамин тамом намешавад. Ба мо боз чизе, ки Исо дар борааш дар идома гуфт, тайёр карда шудааст:

> Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо алҳол онҳоро наметавонед бардоред. Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард; зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар чи мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод. Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод, чунки аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод. Ҳар он чи Падар дорад, аз они Ман аст; бинобар ин гуфтам: аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод (Юҳан. 16:12-15).

Вақте ки Рӯҳулқудс бо мо сӯҳбат мекунад, дар асл, бо мо

Исо, ки барои мо Каломи Падар аст, сӯҳбат мекунад. Бале, гарчанде ин се шахсияти гуногун аст, ҳар яке ақл, ирода ва эҳсосоти Худро дорад, аммо онҳо ягонагии мутлақ ва ҷудонашавандаро ифода мекунанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ нуқтаи назари гуногун ё ақидаҳои гуногун дошта наметавонанд ва ҳамеша як мақсади умумӣ, нақшаҳои умумӣ ва амалӣ гардонидани иродаро доранд. Изҳороти равшанеро, ки дар Навиштаҷот оварда шудааст, ба ёд оред: "Бишнав, эй Исроил! Худованд Худои мо Худои ягона аст" (Так. Шариат 6:4).

## Се сатҳи муносибат

Дар порчаҳои Навиштаҷот, ки дар боло оварда шуданд, Исо ба шогирдон гуфт, ки Ӯ бисёр чизҳоро ба онҳо кушодан мехост, аммо ҳанӯз онҳо ғунҷонида наметавонанд. Онҳо қодир набуданд, ки умқҳои Худоро бо ақли табиии худ фаҳманд ва аз худ кунанд.

Ба хотир оред, пас аз он ки Исо аз мурдагон зинда шуд, Ӯ ба даҳ шогирдон зоҳир гардид, аммо Тумо он лаҳза дар байни онҳо набуд. Тумо шаҳодати дигаронро дар бораи зоҳиршавии Исои зинда шунида, гуфт: "То дар дастҳои Ӯ ҷои меххоро набинам, ва ангушти худро дар ҷои меххо нагузорам, ва дасти худро бар қабурғаи Ӯ наниҳам, бовар нахоҳам кард" (Юҳан. 20:25).

Баъд Исо ба ҳамаи онҳо зоҳир шуд. Ӯ зуд аз Тумо дархост кард, ки ангуштони худро ба дастони Ӯ, ва дастонашро ба қабурғаи Ӯ гузорад. Он гоҳ Тумо фарёд зад: "Худованди ман ва Худои ман!" Ва он гоҳ Исо ба Тумо чизе гуфт, ки ман онро муддати дароз фаҳмида наметавонистам.

> Ба хотири он ки Маро дидаӣ, имон овардӣ: хушо касоне ки надида, имон меоваранд (Юҳан. 20:29).

Ман гумон мекардам, ки Исо бо Тумо сахтгирона муносибат кард, зеро ба ӯ ҳеҷ умеде надод, гарчанде ӯ хитоб кард: “Худованди ман ва Худои ман!” Аммо ман аз сабаби нодонӣ ва андешаронињои хато нодуруст фикр мекардам. Баъдтар Рӯҳулқудс, он чиро ки Исо гуфт, возеҳ гардонид. Ӯ бо Тумо сахтгирона муносибат накард, Ӯ фақат баъзе далелҳоро баён кард. Исо ҳамту гуфт, ки одамоне, ки Ӯро ба туфайли дарки ҷисмонии худ мешиносанд, бар хилофи онҳое, ки Ӯро бо рӯҳи худ мешиносанд, ҳеҷ гоҳ Ӯро амиқ шинохта наметавонанд. Маҳз аз ин сабаб Ӯ шахсони дуввумро хушбахт номид.

Ба ҳавворӣ Павлус нигоҳ кунед. Ӯ ба мисли Петрус ва шогирдони дигар ҳеҷ гоҳ ҳамроҳи Исо набуд. Ӯ Исоро аз рӯи ваҳйи Рӯҳулқудс шинохт. Ӯ навиштааст:

> Ба шумо, эй бародарон, эълон мекунам: Инҷиле ки ман башорат додаам, аз они одамизод нест; зеро ки ман онро на аз одамизод қабул кардаам ва таълим гирифтаам, балки ба василаи ваҳйи Исои Масеҳ... Аммо ҳангоме ки Худо, ки маро аз батни модарам баргузида, бо файзи Худ даъват кардааст, таваҷҷӯҳ намуд, ки Писари Худро дар ман ошкор созад, то ки Ӯро дар миёни халқҳо башорат диҳам, — ман он вақт бо ҷисм ва хун машварат накардам, ва ба Ерусалим назди онҳое ки пеш аз ман ҳавворӣ буданд, нарафтам, балки ба Арабистон равона шудам ва боз ба Димишқ баргаштам (Ғал. 1:11-17).

Бо мурури замон Павлус дар муносибатҳои худ бо Худованд он қадар ҳақиқатҳои амиқро дарк кард, ки дигар ҳаввориён дарк накарда буданд. Петрус ҳатто дар номаҳои худ ин далелро ба хотир меорад:

> Ва пурсабрии Худованди моро наҷот ҳисоб кунед, чунон ки бародари маҳбуби мо Павлус низ, аз рӯи ҳикмате ки ба ӯ ато шудааст, ба шумо навиштааст, ва ҳамчунин дар ҳамаи номаҳои худ ӯ дар ин бора сухан меронад, ки дар онҳо *кадом як чизи душворфаҳме* ҳаст [фаҳмиданаш мушкил], ки онро нодонон ва ноустуворон мисли Навиштаҳои дигар ғалат таъбир менамоянд, ва анҷоми ин кор барои онҳо ҳалокат меоварад (2 Пет. 3:15,16, курсиви муаллиф).

Ана ҳамин тавр! Петрус бо Худи Устод дар тӯли сеюним сол ҳамроҳ буд, вале Павлус Ӯро дар давоми хидмати заминиаш намешинохт, аммо бо вуҷуди ин Павлус дар бораи табиати Масеҳ ва роҳҳои Ӯ чунон фаҳмишҳои борикбинро баён мекунад, ки ҳатто барои Петрус ҳамаи ин душворфаҳм метобад. Барои чӣ? Чунки, бо эҳтимоли зиёд,  Петрус бо хотираҳои худ оиди он, ки Исо чӣ кор кард ва чӣ гуфт, маҳдуд мемонд, ва ин ба ӯ барои гузаштан ба сатҳи амиқтари наздикӣ бо Исо халал мерасонд. Ана барои чӣ Исо гуфт: “Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо алҳол онҳоро наметавонед бардоред. Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард”.

Боз як мисоле, ки то андозае барои равшан кардани ин масъала ба мо ёрӣ медиҳад. Лутфан, маро дуруст фаҳмед, ин мисолро ба сифати асос дида баромадан дуруст нест, ва мо онро танҳо барои шарҳу тавзеҳ мегирем. Одамонеро тасаввур кунед, ки боре ҳам якдигарро дар воқеият надида, тавассути интернет шинос шудаанд ва якдигарро дӯст доштаанд. Чунин воқеаҳо аксар вақт рӯй медиҳанд, ва ин иштиёқмандии байниҳамдигарӣ метавонад ба муҳаббати қавитар аз муносибатҳои одамоне, ки бо роҳи анъанавӣ вохӯрдаанд, инкишоф ёбад.

Ин муҳаббат тавассути шабака он қадар пурзӯр буда метавонад, ки ҳатто ба вайрон кардани оила қодир аст. Ёд дорам, ки як бегоҳ, пас аз ибодат ҷавонмардеро дидам, ки ду кӯдаки хурдсол дошт. Ба назарам чунин намуд, ки дар дил ғаму ғусса дорад. Ман ба назди ӯ омада, пурсидам, ки оё ҳолаш хуб аст.

Ӯ гуфт: "Не, занам маро ба хотири як мард тарк кард, ки бо вай тавассути интернет шинос шуда буд".

Вай дар идома гуфт, ки на танҳо ӯро, яъне шавҳарашро, балки шаш фарзандеро, ки онҳо дар издивоҷ таваллуд кардаанд, ба хотири шахсе, ки боре ҳам рӯ ба рӯ надидааст, тарк кардааст. Онҳо тавассути сӯҳбат дар интернет ба якдигар ошиқ шудаанд, ва ҳиссиётҳо чунон пурзӯр шудаанд, ки вай ҳатто фарзандони худро тарк кардааст.

Аммо ба чизҳои мусбӣ бармегардем. Тавре ки ман дар натиҷаи мушоҳидаҳои тӯлонӣ фаҳмидам, одамоне, ки тавассути мукотиба ё дар масофаи дур ошиқ мешаванд, баъзан нисбат ба онҳое, ки шахсан вохӯрдаанд, ба сатҳи хеле амиқтари наздикшавӣ мерасанд. Сабаби ин дар он аст, ки онҳо имкон меёбанд, ки марзҳои ҷисмониро убур карда, қалбҳои ҳамдигарро ламс кунанд. Аксар вақт, гоҳе ки одамон шахсан вомехӯранд, онҳоро омилҳои беруна парешон мекунанд, ва зебоӣ ё зуҳуроти дигари берунӣ онҳоро кӯр карда, имкон намедиҳанд, ки табиати аслии шахси дигарро бубинанд.

Чуноне ки ман дар боби гузашта гуфтам, муошират се сатҳ дорад – муошırати шифоҳӣ, муошират ба воситаи фаъолияти якҷоя ва муошират рӯҳонӣ. Дар муносибатҳо ё шинохтани якдигар низ се сатҳ вуҷуд дорад. Сатҳи поён – ин физикӣ ё табиӣ. Мутаассифона, маҳз ҳамин сатҳ аксар вақт бисёр одамонро ба ақди никоҳ тела мекунад, ва вақте ки ҷиҳати физикӣ ҷолибии худро гум мекунад, одамонро дигар ҳеҷ чиз

пайванд намекунад. Мард бештар ба шуғли худ, аз қабили варзиш, хидматгузорӣ ва ғайра майл дорад, зан бошад, ба харид, муошират бо дӯстон, хидматгузорӣ ва ғайра машғул мешавад. Ҳамаи ин хеле аламовар аст.

Минбаъд сатҳи рӯҳонӣ ё шахсӣ меояд. Ин сатҳе аст, ки Довуд ва Йӯнотонро зич пайваста буд. Мо мехонем: "Ва ҳангоме ки гуфтугӯи ӯ бо Шоул ба анҷом расид, ҷони Йӯнотон бо ҷони Довуд пайваста шуд, ва Йӯнотон ӯро мисли ҷони худ дӯст дошт" (1 Под. 18:1). Довуд, ба дӯсти худ мотам гирифта, навҳа кард: "Ман барои ту андӯҳгинам, эй бародарам Йӯнотон! Ту бо ман бағоят меҳрубон будӣ; муҳаббати ту барои ман пурзӯртар аз муҳаббати занон буд" (2 Под. 1:26). Дар муносибатҳои Довуд бо Йӯнотон ҳеҷ гуна фасодкорие набуд, дар байни онҳо инчунин ҳеҷ гуна майли ҷисмонӣ вуҷуд надошт, вале онҳо ба сатҳи хеле амиқи иртиботи маънавӣ расиданд, ва ин аз ҳамбастагии ҷисмонӣ хеле пурзӯртар аст. Довуд инро тасдиқ карда, изҳор намуд, ки муҳаббати Йӯнотон барои ӯ аз муҳаббати занон пурзӯртар буд. Дониши онҳо дар бораи ҳамдигар ба сатҳи хеле баланд, ба сатҳи рӯҳонӣ расида буд. Фаҳмидани он, ки ин сатҳи муносибатҳои рӯҳонӣ аз ҷисмонӣ баландтар аст, тавзеҳ медиҳад, ки чаро одамон ба хотири онҳое, ки ба тариқи телефон, мукотиба ё интернет шинос шудаанд, оилаи худро тарк мекунанд.

Аммо сатҳи баландтарини шинохтани якдигар сатҳи рӯҳонӣ мебошад. Павлус дар ин бора чунин мегӯяд:

> Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо. Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем,

> ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем (1 Қӯр. 2:11,12).

Павлус Исоро маҳз дар сатҳи рӯҳонӣ шинохт. Ва гарчанде Петрус низ Ӯро дар ҳамин сатҳ медонист, бо эҳтимоли зиёд, ӯ аксар вақт ба ақиб, ба хотираҳои он рӯзҳо, ки бо Исо дар ҷисм ҳамроҳӣ мекард, бармегашт. Аз ин рӯ Павлус хеле равшан баён мекунад:

> Бинобар ин мо минбаъд ҳеҷ касро ба ҳасби ҷисм намешиносем. Ва агар Масеҳро ба ҳасби ҷисм шинохта бошем, алҳол дигар намешиносем (2 Қӯр. 5:16).

Агар мо Худоро аз наздик ва ба таври ҳаққонӣ шинохтан хоҳем, бояд фаҳмем, ки Ӯ ба мо баракати бузургтаринро, ки аз ваҳйи Ӯ иборат аст, барои мо на ба ҳасби ҷисм, балки тибқи Рӯҳ ато кардааст.

Маҳз ҳамин тавр! Умедворам, шумо он гуна ҳаяҷонро эҳсос мекунед, ки ман низ. Чӣ гуна Худованди аҷиберо мо ибодат мекунем! Ӯ бо иштиёқ мехоҳад, ки Худро ба мо ба таври амиқ ошкор кунад. Маҳз Ӯ буд, ки аввалин шуда, ин наздикиро бо мо мехост. Оё акнун дили шумо ташнагии дониши Худовандро эҳсос мекунад?

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Оё шумо боре ба Худованд дуо кардаед, ки шуморо ба осмон бигирад? Кадом вазъиятҳо шуморо ба ин кор водор карданд?
2. Бисёр имондорон дар калисо кӯшиш мекунанд, ки муносибатҳои наздикро бо Рӯҳулқудс сарфи

назар карда, ба Исо наздик шаванд, гарчанде ҳама медонанд, ки ҳеҷ кас бе ёрии Рӯҳулқудс Исоро шинохта наметавонад. Барои чӣ ин рух медиҳад?

Оё шумо ба таҷрибаи худ асос карда, ҳаққонияти ин изҳоротро тасдиқ карда метавонед?

3. Дар бораи муносибатҳои наздики байни мо ва Рӯҳулқудс андеша ронда, гӯед, ки чӣ тавр ҳузури Ӯ ба қобилияти шумо оиди холӣ кардани дилатон ба Худо таъсир мерасонад? Оё дар ҳаёти шумо чизе ҳаст, ки мехостед аз Худо пинҳон кунед?

Боби 11

# ВАЪДАИ ПАДАР

Шумо дар он чизе, ки ба он бовар надоред, баракат гирифта наметавонед.

Ман дар соли 1979 ба воситаи ҳамсабақам аз донишгоҳи масеҳии Purdue Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотбахши худ шинохтам. Вақте ки ман самти ҳаёти худро дигар кардам ва Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул намудам, ман аз олами боло дар Подшоҳии Худо таваллуд шудам. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст, «агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт; чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст. Зеро Навиштаҳо мегӯяд: "Ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, хиҷил нахоҳад шуд"» (Рум. 10:9-11).

Ман ҳеҷ шубҳае надоштам, ки наҷот ёфтаам. Дар ин бора дили ман шаҳодат медод, ва Навиштаҷот ин ҳақиқатро тасдиқ мекард. Вале ба ҳар ҳол дар ҳаёт чизе ба ман намерасид, ва дар давоми чандин моҳ ҳеҷ фаҳмида наметавонистам, ки гап дар чист. Худованд, зоҳиран, аз ман дур буд, гарчанде ман боварӣ доштам, ки фарзанди Ӯ ҳастам. Вақте ки ман Китоби Муқаддасро мехондам, гӯё ба мобайни туман меафтодам. Ба ман фаҳмидани мазмуни матн душвор буд, ва гарчанде ман ғайратмандона мехондам, хеле кам мефаҳмидам. Ман ҳамчунин қобилияти пирӯзӣ ёфтанро бар шароитҳои ногувори зиндагӣ надоштам. Ба назарам чунин менамуд, ки ман ҳеҷ наметавонам ба он фишори пурқуввате, ки ҳамсолонам, ҳамсабақонам дар донишгоҳ ба ман мерасонанд, муқобилат кунам, ва бар зидди маҷро шино карда наметавонистам.

Бо гузашти вақт бо одамоне вохӯрдам, ки назар ба ман ба Худованд бештар наздиктар буданд. Онҳо дар борои Ӯ суханҳои зебо мегуфтанд, гӯё Ӯро хеле аз наздик мешинохтанд. Ман ҳайрон будам. Чаро онҳо он чизеро, ки ман надоштам, дошта метавонанд? Барои чӣ Худо ба онҳо он қадар наздикиеро ато кардааст, ки ман ёфта натавонистам? Зоҳиран, онҳо қудрат ва фаҳмиши фарогир оиди Худованд доранд, ки ман онро ба даст оварда натавонистам. Сипас ба андозаи омӯзиши Китоби Муқаддас ман фаҳмидам, ки маро боз як вохӯрӣ бо Худованд дар пеш аст, ки ҳанӯз таҷриба накардаам.

## Ваъдаи Падар

Биёед мебинем, ки ҳангоми хондани Навиштаҷот ба ман чӣ кушода шуд:

> Ва онҳоро ҷамъ карда, *чунин амр фармуд*: "Ерусалимро тарк накунед, балки мунтазири он ваъдаи Падар

> бошед, ки аз Ман шунидаед, зеро ки Яҳё бо об таъмид медод, лекин шумо, баъд аз чанд рӯз, бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт". Пас, онҳое ки ҷамъ шуда буданд, ба Ӯ савол дода, гуфтанд: "Худовандо, оё дар ҳамин вақт салтанатро бар Исроил аз нав барқарор хоҳӣ кард?" (Аъм. 1:4-6, курсиви муаллиф).

Исо ба онҳое, ки имон оварданд, гуфт, ки ба ҳеҷ ҷо нараванд, мавъиза накунанд, калисоҳо барпо накунанд ва даъвати худро ба амал наоранд, то даме ки "ваъдаи Падарро" нагиранд. Бо ин ваъда онҳо таъмиди Рӯҳулқудсро дар назар доштанд. Калимаи *таъмид,* ки Исо дар ин оят истифода мебарад, аз калимаи юнонии *baptizo*, ки маънояш "ғӯта задан, ғарқ шудан, пур кардан" мебошад, тарҷума карда шудааст. Исо ба ин васила равшан нишон дод, ки бо Рӯҳулқудс таъмид меёбанд, зеро гарчанде онҳо ба эҳёи Исо боварӣ доштанд, ҳокимияти Ӯро эътироф мекарданд ва пайравони содиқи Ӯ буданд, то ҳол бо Рӯҳулқудс таъмид наёфта буданд.

Аввалин чизе, ки ман пайхас кардам, ин буд, ки пур шудан аз Рӯҳулқудс пешниҳод, алтернатива ё тавсия набуд – ин *фармон* буд! Фармонҳо ба манфиати мо, барои муҳофизати мо ва ба манфиати тамоми Подшоҳӣ дода мешаванд. Ба фармонҳои Худованд саҳлангорона муносибат кардан дуруст нест, зеро онҳо ба манфиати мо, ва ҳамчунин ба манфиати Подшоҳӣ пешбинӣ шудаанд.

Он чизе, ки Падар дар сурати иҷро кардани фармони Ӯ ба онҳо додан мехост, номаълум буд. Ин пас аз даҳ рӯзи он, ки Исо ба осмон бурда шуд, рӯй дод. Қайд кардан ҷолиб аст, ки Исо баъди эҳё шудани Худ ба панҷсад нафар имондорон зоҳир шуд (ниг. 1 Қӯр. 15:6), аммо пас аз даҳ рӯзи сууди Ӯ

дар болохона танҳо яксаду бист нафар боқӣ монда буд. Ман боварии қатъӣ дорам, ки ҳамаи панҷсад нафар иҷроиши ваъдаи Падарро интизор буданд, аммо бо мурури вақт одамон бесабрӣ, шубҳа, нобоварӣ зоҳир карданд ва бо сабабҳои гуногун аз издиҳоми калони одамон қисми ками он боқӣ монд. Мутаассифона, қариб аз панҷ чор нафари одамон фармони Исоро иҷро накарданд.

Аммо боқимондагон якдил буданд, онҳо барои нақшаҳои худ мурданд. Онҳо ба худ иҷозат надоданд, ки ба суханони Исо саҳлангорона муносибат кунанд ва фармудаи Ӯро ба тарзи дигар шарҳ диҳанд. Ман боварии қатъӣ дорам, ки онҳо барои он то охир интизор шуданд, ки Устод чунин амр карда буд. Ҳамин тавр, танҳо онҳое, ки амри Исоро ҷиддӣ қабул карданд, бо Худо монданд. Дар идома мехонем:

> Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, ҳамаашон якдилона дар як ҷо ҷамъ омаданд; баногоҳ ғулғулае, мисли садои тундбод, аз осмон баромад ва тамоми хонаро пур кард, ва забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуда, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо қарор гирифт. Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд (Аъм. 2:1-4).

Ин рӯз Пантикост номида шуд, ва ин истилоҳ на дар Аҳди Ҷадид пайдо шуд, чунки яке аз ҷашнвораҳои калон дар Исроил чунин ном дошт. Диққат диҳед, чуноне ки Исо пешгӯӣ карда буд, онҳо воқеан аз Рӯҳулқудс *пур шуданд,* ё *таъмид ёфтанд.* Ин буд ваъдае, ки Падар дода буд, ва ин падида бо сухан гуфтан бо *забонҳои дигар* ҳамроҳ буд.

Барои бархе аз одамон фақат аз сабаби ноогоҳӣ имрӯз истилоҳи забонҳо нофаҳмо ё пурасрор аст. Вақте ки

Навиштаҷот дар бораи забонҳо мегӯяд, тавре ки ман ҳам ҳамин тавр мекунам, сухан гуфтан бо забоне дар назар дошта мешавад, ки барои шумо нофаҳмо аст. Мо ин мафҳумро берун аз контексти Китоби Муқаддас низ истифода мебарем. Вақте ки бо шахси хориҷӣ ба забони англисӣ гап мезанед, шумо аз вай мепурсед, ки кадом забон барои ӯ *забони модарӣ* аст. Яъне шумо мароқ зоҳир мекунед, ки ҳанӯз дар бачагӣ ӯ аввалин бор бо кадом забон ҳарф зада буд.

Ғулғулае мисли садои тундбод аз резиш ва аввалин бор нозил шудани Рӯҳулқудс ба маъбадҳое, ки Ӯ ҳамеша сокин будан мехост, ба вуҷуд омад. Ва боз ҳам дар Навиштаҷот гуфта нашудааст, ки Рӯҳ бод аст, балки ин ғулғула дар натиҷаи нузули Ӯ шунида шуд.

## Роҳҳои мухолиф

Иҷозат диҳед, ки дар ин ҷо мушоҳидаи аҷиброро нақл кунам. Шайтон ва арвоҳи палид доимо зидди Худо амал мекунанд, то ки роҳҳои Ӯро таҳриф кунанд. Вақте ки Рӯҳулқудс ба одам нозил мешавад, Ӯ чунон амал мекунад, ки хато кардан ғайриимкон аст. Вақте ки Ӯ одамро пур мекунад, одамон зуҳуроти Ӯро *мебинанд* ё *мешунаванд*. Мо исботи инро дар ҳикояҳои дигари Китоби Аъмол мебинем. Аммо вақте ки Рӯҳулқудс меравад, Ӯ инро хеле оҳиста ва оромона ба амал меорад. Ба ёд оред, вақте ки Далило ба Шимшӯн гуфт, ки фалиштиён омаданд, ӯ ба по хеста гуфт:

> Мисли пештара берун рафта, ба худ меоям. Вале ӯ *надонист,* ки Худованд аз ӯ дур шудааст (Дов. 16:20, курсиви муаллиф).

Шимшӯн надонист, ки Худованд ӯро тарк кард, чунки Рӯҳи

Худо доимо хеле оромона меравад. Ва баръакс, вақте ки девҳо ба одамон медароянд, онҳо инро хеле сокиту ором ба амал меоранд, вале вақте ки ихроҷ мешаванд, онҳо аксар вақт бо доду фарёд мебароянд (исботи инро дар тамоми Инҷилҳо дидан мумкин аст).

## Ваъда барои ҳама пешбинӣ шудааст

Акнун биёед ба рӯзи Пантикост бармегардем. Он гоҳ яҳудиён аз тамоми рӯи замин барои ид ба Ерусалим омада буданд. Вақте ки садои ғулғулаи бод шунида шуд, ба он ҷое, ки шогирдон ҷамъ омада буданд, издиҳоми калони одамон давиданд. Одамон аз он ба ҳайрат афтода буданд, ки шогирдони нохонда бо забону шеваи модарии онҳо дар бораи корҳои аҷоиби Худованд сухан меронданд. Шунавандагон ба тааҷҷуб афтода, хитоб карданд: “Ин чӣ маъно дорад?”

Петрус аз шавқу кунҷковии онҳо истифода бурда, бархест, то ки ба ҳамаи ҳозирин Исоро мавъиза кунад. Ӯ дар хотимаи нутқи худ гуфт:

> Ҳамин Исоро Худо эҳё кард, ва ҳамаи мо шоҳидони он ҳастем. Акнун, ки Ӯ ба ямини Худо боло бурда шудааст, ваъдаи Рӯҳулқудсро аз Падар ёфта, он чиро, ки шумо *дида ва шунида истодаед,* фурӯ рехтааст (Аъм. 2:32,33, курсиви муаллиф).

Диққат диҳед, ӯ гуфт, ки ваъдаи Рӯҳулқудсро *дидан* ва *шунидан* мумкин аст. Ба худ гӯед: “дидан ва шунидан”. Хеле зарур аст, ки барои фаҳмидани оятҳои зерин, инро дар ёд дошта бошем.

Суханони Петрус ба қалби шунавандагон ворид шуд, ва онҳо пурсиданд, ки чӣ кор бояд кунанд.

> Петрус ба онҳо гуфт: "Тавба кунед, ва ҳар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ барои омурзиши гуноҳҳо таъмид бигиред, ва атои Рӯҳулқудсро хоҳед ёфт. Зеро ки *ин ваъда* барои шумо ва фарзандони шумо ва *барои ҳамаи онҳоест, ки дур ҳастанд, яъне барои ҳар касе ки Худованд Худои мо ӯро бихонад"* (Аъм. 2:38,39, курсиви муаллиф).

Хуб таваҷҷӯҳ кунед, ваъдае, ки онҳо *медиданд* ва *мешуниданд,* барои *ҳамаи онҳоест, ки дур ҳастанд, яъне барои ҳар касе ки Худованд Худои мо ӯро бихонад.* Яъне чизе, ки шогирдон дар болохона пайдо карданд, ба ҳар касе, ки Худованд ӯро бихонад, ваъда карда шудааст, ва ба ин шумора шумо ва ман низ дохил мешавем!

Ва акнун ман фавран тамоми оятҳоеро баррасӣ кардан мехоҳам, ки дар бораи одамоне, ки дар Аҳди Ҷадид Рӯҳулқудсро пайдо кардаанд, ҳикоят мекунад. Мо боз чор ҳолатро дида мебароем. Аммо ба ду чиз диққат диҳед. Аввалан, дар ҳамаи ҳикояҳо, ғайр аз яке, ин аз қабул кардани Исо ҳамчун Масеҳ ва Худованд ҳодисаи ҷудогона аст. Дуввум, дар ҳар як ҳолат шоҳидоне, ки дар паҳлӯ меистоданд, зуҳуроти берунии қабул кардан ва пур шудан аз Рӯҳулқудсро дида ва шунида метавонистанд.

## Сомария

Филиппус ба Сомария рафта, номи Исоро эълон кард. Барои шунидани ӯ бисёр одамон омаданд. Одамон шоҳиди мӯъҷизаҳои ҳайратангез шуданд, "арвоҳи палид аз бисёр

мубталоён наъра кашида берун мешуданд, ва мафлуҷону лангони бисёре шифо мееёфтанд” (Аъм. 8:7). Натиҷаҳои мавъиза пурқувват буданд, ва дар шаҳр хурсандӣ ҳукмфармо шуд, чуноне ки мо инро хонда метавонем:

> Лекин вақте ки ба башорати Филиппус дар бораи Малакути Худо ва исми Исои Масеҳ имон оварданд, мардон ва занон таъмид гирифтанд. Худи Шимъӯн низ имон овард ва таъмид гирифт... (Аъм. 8:12,13).

Одамон ба Хушхабари Исои Масеҳ имон оварданд ва бо об таъмид гирифтанд. Акнун, тибқи Навиштаҷот, онҳо аз олами боло дар Подшоҳии Худо таваллуд шуданд. Вале мо дар идома мехонем:

> Ҳавворие́не ки дар Ерусалим буданд, чун шуниданд, ки аҳли Сомария каломи Худоро қабул кардаанд, Петрус ва Юҳанноро назди онҳо фиристоданд, ва чун омаданд, барои онҳо дуо гуфтанд, то ки Рӯҳулқудсро қабул кунанд. Зеро ки Рӯҳ ҳанӯз бар ҳеҷ кадоме аз онҳо нозил нашуда буд, балки фақат ба исми Исои Худованд таъмид ёфта буданд (Аъм. 8:14-16).

Дар ин ҷо мо боз исботи як далелеро мебинем, ки онҳо дар Подшоҳии Худо таваллуд шуда буданд. Ин бо он тасдиқ карда мешавад, ки онҳо “ба исми Исои Худованд таъмид ёфта буданд”. Ҳеҷ ҷои шубҳа нест, ки онҳо аз салтанати зулмат халос шуда, ва акнун ба оилаи Худо шомил шуда буданд. Аммо қатъи назар аз он, ки онҳо аз олами боло таваллуд шуда буданд, то ҳол бо Рӯҳулқудс таъмид наёфта буданд.

Шумо пурсида метавонед, ки чӣ тавр онҳо наҷот ёфта ме-

тавонистанд, зеро Навиштаҷот возеҳ мегӯяд: “Бинобар ин шуморо огоҳ менамоям, ки ҳеҷ кас, ки бар тибқи Рӯҳи Худо сухан меронад, наметавонад лаънат бар Исо бигӯяд, ва ҳеҷ кас наметавонад Исоро Худованд бихонад, магар бар тибқи Рӯҳулқудс” (1 Қӯр. 12:3). Ин рост аст, мо бе ёрии Рӯҳулқудс Исоро Худованд хонда наметавонем, аммо ин аз пур шудан бо Рӯҳулқудс комилан фарқ мекунад. Дар лаҳзаи имон овардан Рӯҳулқудс моро пок месозад, мӯҳр мезанад ва дар мо сокин мешавад (ниг. 1 Пет. 1:2; Эфс. 1:13; Рум. 8:9-11), лекин мо то даме ки ба номи Исо аз Падар инро хоҳиш накунем, аз ҳузури Ӯ пур намешавем. Зеро Навиштаҷот мегӯяд:

> Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое ки аз ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод (Луқ. 11:13).

Аз рӯи ин оят маълум мешавад, ки ваъдаи мазкур барои онҳое пешбинӣ шудааст, ки фарзандони Худо шудаанд. Исо каме баъдтар чунин гуфт, ки “ҷаҳон наметавонад Рӯҳи ростиро бипазирад” (Юҳан. 14:17). Аз рӯи суханони Исо мебинем, ки ин ҳодиса аз таваллуди нав дар Подшоҳӣ ҷудо карда шудааст.

Биёед ба одамони Сомария бармегардем.

> Пас, дастҳои худро бар сари онҳо гузоштанд, ва онҳо Рӯҳулқудсро қабул карданд. Шимъӯн, *чун дид*, ки бо дастгузории ҳаввориён Рӯҳулқудс ато мешавад, ба онҳо пул овард, ва гуфт: “Ин қудратро ба ман низ бидиҳед, то ки ба ҳар кас даст гузорам, Рӯҳулқудсро қабул кунад” (Аъм. 8:17-19, курсиви муаллиф).

Ин имондорон пас аз наҷот ёфтан Рӯҳулқудсро қабул карданд. Ба мо аниқ мегӯянд, ки одамон бо забонҳо сухан ронданд. Аммо чаро Шимъӯн ба ҳаввориён пул пешниҳод кард? Тавре ки Навиштаҷот мегӯяд, ӯ дид, ки чӣ тавр одамон Рӯҳулқудсро қабул карданд. Ин ҳодиса далелҳои возеҳ ва равшани худро дошт, ва он чизе ҷуз сухан гуфтан бо забонҳо набуд, ва ин маҳз ҳамон чизест, ки дар дигар ҳолатҳо дар Аҳди Ҷадид, вақте ки имондорон аз Рӯҳ пур мешуданд, сабт шудааст.

Ин ҳикояи Китоби Муқаддасро оиди ҳодисаҳое, ки дар Сомария рӯй додаанд, омӯхта истода, мебинем, ки, аввалан, пур шудан аз Рӯҳулқудс ҳодисаи махсус буд, ки аз имон овардан фарқ мекунад, ва, дуввум, одамоне, ки дар канор истода буданд, исботи намоёни ин ҳодисаро диданд.

## Эфсӯс

Ҳавворӣ Павлус ва ҳамроҳонаш ба Эфсӯс рафтанд ва дар он ҷо якчанд шогирд ёфтанд. Аввал ба онҳо чунин савол доданд:

> Оё вақте ки имон овардед, Рӯҳулқудсро қабул кардед? (Аъм. 19:2).

Мо ин саволро бояд албатта ба онҳое низ диҳем, ки навакак имон овардаанд. Ба одамон набояд иҷозат дод, ки ақаллан як соат бе наздикӣ бо Худованд ва он қуввате, ки барои шаҳодат додан дар бораи Исо қобилият мебахшад, зиндагӣ кунанд (ниг. Аъм. 1:8).

Ин шогирдони эфсӯсӣ дар бораи Рӯҳулқудс нашунида буданд, онҳо бо таъмиди Яҳёи таъмиддиҳанда дар об таъмид ёфта буданд. Аз ин рӯ Павлус ва ҳамроҳони ӯ ба онҳо

дар бораи наҷоте, ки ба воситаи Исои Масеҳ меояд, гуфтанд. Дар идома мо мехонем:

> Чун инро шуниданд, ба исми Исои Худованд таъмид гирифтанд (Аъм. 19:5).

Акнун, мутобиқи Навиштаҷот, онҳо пурра аз олами боло дар Подшоҳӣ таваллуд шуданд, зеро онҳо Исоро эътироф мекарданд ва дар об таъмид шуда буданд. Баъдтар мо мушоҳида мекунем:

> Ва ҳангоме ки Павлус дастҳои худро бар сари онҳо ниҳод, Рӯҳулқудс бар онҳо нозил шуд, ва ба забонҳо сухан ронда, нубуввват карданд (Аъм. 19:6).

Ва дар ин ҷо, ҳамон лаҳза ки онҳо аз Рӯҳулқудс пур шуданд, бо забонҳо сухан ронданд ва нубуввват карданд ва боз одамоне, ки дар паҳлӯ истода буданд, зуҳури ваъдаи Падарро дар онҳое, ки таъмид ёфтанд, диданд ва шуниданд.

Нубуввват "аз рӯи илҳоми илоҳӣ сухан рондан" мебошад. Петрус дар рӯзи Пантикост бо паёми зебо сухан ронд, ки дар натиҷаи он ҳазорҳо одамон ба Подшоҳии Худо ворид шуданд. Ӯ Каломи Худоро бе ягон тайёрӣ ё машғулиятҳои пешакӣ мавъиза кард. Ин сокинони Эфсӯс то пур шудан аз Рӯҳ дар бораи роҳҳои Худо кам медонистанд, ва акнун, пас аз пур шудан аз Рӯҳ, онҳо аз рӯи илҳом Каломи Худоро мегуфтанд.

Бо ҳар касе, ки аз Рӯҳи Худо пур мешавад, ин ҳолат рӯй дода метавонад. Худи *Устод* дар мо зиндагӣ карданро оғоз мекунад, ва ҳамаи андешаҳои Худо барои мо равшантар мешаванд. То таъмид бо Рӯҳ Каломи Худо ва роҳҳои Ӯ барои ман норавшан буданд. Вале баъд аз таъмид ҳама чиз тағйир ёфт. Китоби Муқаддас ба ман дар сатҳи шахсӣ кушода шуд.

Ман борҳо шоҳиди он будам, ки чӣ тавр одамон, дар давоми чандин сол имондор буда, лекин таъмид нагирифта буданд, пас аз пур шудан аз Рӯҳ мегуфтанд: “Ман саволҳои зиёд доштам, аммо акнун ба ҳамааш ҷавоб ёфтам”, ва ҳамчунин: “Китоби Муқаддас барои ман фаҳмо гардид”.

Дар баробари ин шаҳодатҳо ман ҳамчунин шунидаам, ки чӣ тавр онҳое, ки аз Рӯҳ пур буданд, ба муҳаққиқони ҷиддии Навиштаҷот, ки аз олами боло таваллуд шуда, вале имондорони аз Рӯҳ пур набуданд, донишҳои библиявиро маънидод мекарданд. Худи онҳо се маротиба бештар хонда метавонанд, аммо бо вуҷуди ин аз фаҳмишҳои имондороне, ки аз Рӯҳулқудс пур ҳастанд, дар ҳайрат мемонанд. Ин гуна изҳоротро шунида, ман мегӯям: “Ин хеле содда аст, имондороне, ки аз Рӯҳ пур нашудаанд, фаҳмишҳои пурраи Рӯҳулқудсро надоранд”. Аммо ҳар як фарзанди Худо бо Рӯҳулқудс таъмид ёфта метавонад, чунки пуршавӣ аз Рӯҳ ба ҳар касе, ки номи Исоро даъват мекунад, аз ҷониби Худо ваъда дода шудааст! Худо ба мо хеле меҳрубон аст!

Ҳамин тавр, Рӯҳи Худоро пайдо кардани имондорони Эфсӯс, чуноне ки бо сомариён рӯй дод, ҳодисаи махсусе буд, ки аз имон овардан фарқ мекунад, ва дар ин ҳолат одамоне, ки дар паҳлӯ истода буданд, низ зуҳуроти берунии ин ҳодисаро *диданд.*

## Ҳавворӣ Павлус

Дар боби нӯҳуми Китоби Аъмол Шоул, ки ӯро ҳамчун Павлус мешиносем, бо мақсади таъқиб кардани имондорон ба роҳи Димишқ равона буд. Ва ногаҳон ӯ аз осмон нури чашмхиракунандаро дид ва овози Худовандро шунид, ки мепурсид:

> Шоул, Шоул! Барои чӣ Маро таъқиб мекунӣ? Гуфт: "Худовандо, Ту кистӣ?" Худованд гуфт: "Ман он Исо ҳастам, ки ту Ӯро таъқиб мекунӣ; лагад заданат ба сихак душвор аст". Ва ӯ ба ларза ва даҳшат афтода, гуфт: "Худовандо! Чӣ амр мефармоӣ, то ба ҷо оварам?" Ва Худованд дар ҷавоб гуфт: "Бархез ва ба шаҳр бирав, ва дар он ҷо ба ту гуфта хоҳад шуд, ки чӣ бояд бикунӣ".

Ман боварӣ дорам, ки дар он лаҳза Шоул аз олами боло таваллуд шуд. Боварии ман ду далел дорад. Аввалан, пас аз он ки Худованд Худро ном гирифта, гуфт, ки Ӯ Исо аст, Шоул ӯро ҳамчун "Худованд" эътироф кард. Дуввум, Шоул се рӯз рӯза гирифта, дуо кард, ва баъд аз он Ҳанониё ба назди ӯ омада, равшан гуфт:

> Эй *бародар* Шоул! Исои Худованд, ки дар роҳе ки меомадӣ, бар ту зоҳир шуд, маро фиристод, то ки боз бино гардӣ ва *аз Рӯҳулқудс пур шавӣ* (Аъм. 9:17, курсиви муаллиф).

Ба калимаи *бародар* диққат диҳед. Шоул ба Исои Масеҳ имон овард ва ӯро ҳамчун Худованд эътироф кард, ва баъд се рӯз дуо гуфт. Бинобар ин пас аз таваллуди ӯ аз олами боло Ҳанониё дуо кард, то ки ӯ аз Рӯҳулқудс пур шавад.

Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки Шоул бо забонҳо сухан ронд. Аммо худи ӯ дар ин бора дар Номаи аввали худ ба Қӯринтиён равшан ва дақиқ ҳарф задааст: "Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам" (1 Қӯр. 14:18). Кай ӯ бо забонҳо сухан ронданро сар кард? Вақте ки Ҳанониё ба вай даст гузошта, дуо кард (ниг. Аъм. 9:17).

## Корнилиус ва хонаводаи ӯ

Дар он замонҳо Корнилиус ном як афсари румӣ зиндагӣ мекард. Ӯ якҷоя бо аъзои хонавода ва дӯстони худ аввалин ғайрияҳудие гардид, ки аз олами боло таваллуд шуд. Корнилиус бисёр дуо мекард ва рӯза мегирифт, ва рӯзе фариштае ба ӯ зоҳир шуд ва фармуд, ки барои овардани Петрус одамони худро фиристонад.

Вақте ки Петрус пас аз чанд рӯз ба хонаи ӯ омад, Корнилиус ҳамаи онҳоеро, ки дӯст медошт, ҷамъ кард, ва онҳо барои шунидани суханони Петрус тайёр шуданд. Петрус ба мавъиза кардани Исо сар кард.

> Ин суханон ҳанӯз бар забони Петрус буд, ки Рӯҳулқудс бар ҳамаи шунавандагони калом нозил шуд, ва имондорони махтун, ки ҳамроҳи Петрус омада буданд, дар ҳайрат афтоданд, ки атои Рӯҳулқудс ба ғайрияҳудиён низ ҷорӣ шудааст, зеро шуниданд, ки онҳо ба забонҳо сухан ронда, Худоро ҳамду сано мехонанд (Аъм. 10:44-46).

Яҳудиён бо ғайрияҳудиён оид ба масъалаҳои динӣ ва ҳатто ҷамъиятӣ муошират намекарданд. Онҳо аз аҳди ваъдаҳо хориҷ буданд, на умед доштанду на Худо (ниг. Эфс. 2:12). Хулоса, ҳама чизе, ки дар хонаи Корнилиус рӯй дод, яҳудиёнеро, ки бо Петрус омада буданд, ба тааҷҷуб овард. Онҳо ба ҳайрат афтоданд, ки ғайрияҳудиён низ наҷот ва Рӯҳулқудсро қабул карданд.

Ин ҳолати ягонаест дар Китоби Муқаддас, ки одамон дар як вақт баробар ҳама наҷот ёфтанд ва ҳам бо Рӯҳулқудс таъмид гирифтанд. Ман шахсан бовар дорам, аммо мефаҳмам, ки шумо бо он розӣ нашуда метавонед, ки Худо

ин корро кард, зеро Ӯ медонист, ки яҳудиён ба Корнилиус ва хешовандону дӯстони ӯ дуо кардан намехоҳанд, то ки онҳо Исои Масеҳ ва Рӯҳулқудсро қабул кунанд, чунки онҳо дар мавриди наҷоти ғайрияҳудиён шубҳа доштанд. Ва агар ин одамон ҳангоми мавъизаи Петрус Каломро қабул мекарданд, Исоро Худованди худ мехонданд, яҳудиён аздусар ба имкони наҷот ёфтани ғайрияҳудиён бовар намекарданд.

Аммо вақте ки Худо онҳоро аз Рӯҳулқудс пур кард ва онҳо айнан ба мисли он, ки яҳудиён бо Рӯҳ таъмид ёфта буданд, бо забонҳо сухан ронданд, яҳудиён аллакай инкор карда наметавонистанд, ки Худо ба ғайрияҳудиён наҷот ато кардааст.

Бешубҳа ин воқеа нишон медиҳад, ки далели зоҳирии пур шудан аз Рӯҳ бо забонҳо сухан рондан мебошад. Дар тарҷумаи дигари ин порча мо мехонем, ки “атои Рӯҳулқудс ба ғайрияҳудиён низ ҷорӣ шудааст, зеро шуниданд, ки онҳо ба забонҳо сухан ронда, Худоро ҳамду сано мехонанд” (Аъм. 10:45,46). Чӣ тавр ҳамаи атрофиён ба ин боварӣ ҳосил карда метавонистанд? “Зеро шуниданд, ки онҳо ба забонҳо сухан ронда...” Онҳо ваъдаи Падарро диданд ва шуниданд!

## Забонҳо хомӯш мешаванд

Шумо гуфта метавонед: “Бале, ҳамаи ин воқеан дар замони шогирдони аввалин рӯй медод, аммо магар дар Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки вақте камол фаро мерасад, забонҳо хомӯш мешаванд?” Бале, ҳамин тавр аст. Аммо магар камол аллакай фаро расид? Бархе эътироз баён карда метавонанд: бале, Китоби Муқаддас комил аст, ва акнун, вақте ки онро дорем, забонҳо ба мо даркор нест. Хайр, майлаш, биёед ба Навиштаҷот нигоҳ мекунем,

то бифаҳмем, ки оё ин гуна тафсир дуруст аст. Павлус менависад:

> Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад, гарчанде ки нубувватҳо хотима хоҳад ёфт, *забонҳо хомӯш хоҳад шуд* ва дониш ботил хоҳад гашт. Зеро ки мо ба таври ҷузъӣ медонем ва ба таври ҷузъӣ нубувват мекунем. Аммо вақте ки камол меояд, он чи ҷузъӣ буд, хотима меёбад (1 Қӯр. 13:8-10, курсиви муаллиф).

Пеш аз ҳама, ба мо мегӯянд, ки вақте ки камол меояд, на танҳо забонҳо хомӯш мешавад, балки дониш (аниқтараш, дониши *аёншуда*) низ ботил мешавад. Аммо чунон ки мо медонем, ин фурсат ҳанӯз фаро нарасидааст. Аз ин рӯ биёед давомашро мехонем, то ки аниқ маълум намоем, ки кай "камол фаро мерасад".

> Зеро ки мо ҳоло дар оина, ба таври муаммо мебинем, лекин *он вақт* рӯ ба рӯ хоҳем дид; ҳоло ман ба таври ҷузъӣ медонам, лекин *он вақт* хоҳам донист ба монанди он ки худам низ doниста шудаам (1 Қӯр. 13:12, курсиви муаллиф).

Диққат диҳед, муаллиф ду маротиба мегӯяд, ки *он вақт* ин ба амал меояд. Ин ба он вақте дахл дорад, ки камол меояд. Ин вақт бо ду параметр муайян карда мешавад. Аввалан, мо Худовандро рӯ ба рӯ мебинем. Шумо ҳоло Ӯро рӯ ба рӯ мебинед? Шумо ҷисми эҳёшудаи Ӯро мебинед, чашмони Ӯро ҳамчун шӯълаи оташ, ва мӯйҳояшро чун барф сафед мебинед? Рӯи Ӯро чун офтоб дурахшон мебинед? Аломати дуюм – "хоҳам донист ба монанди он ки худам низ дониста шудаам". Шумо Ӯро хуб мешиносед, чуноне ки Ӯ

шуморо мешиносад? Ҷавоб ба ин саволҳо, комилан маълум аст, ки манфӣ мебошад. Павлус оиди вақте мегӯяд, ки дар ҷисми ҷалолёфтаи худ мо бо Худованд якҷоя мешавем. Маҳз он гоҳ камол меояд.

Аз ин рӯ то даме ки камол наомадааст, забонҳо хомӯш намешаванд. Дар бобҳои оянда ман ба шумо нишон медиҳам, ки яке аз мақсадҳои асосии мавҷудияти забонҳо дар ин Замин бо Худо бештар наздикӣ пайдо кардан аст!

## Оё ҳама бо забонҳо гап мезананд?

Ба мо чунин савол ҳам дода метавонанд: «Ман ба забонҳо бовар дорам, аммо на ҳар як имондор онро гирифта метавонад, зеро ҳатто дар Навиштаҷот ин гуна савол ҳаст: “Оё ҳама ба забонҳо сухан меронанд?” Ва ҷавоб ба ин савол низ манфӣ аст». Лекин дар ин ҷо низ оиди нофаҳмии ҷиддии ҳамон саволе, ки Павлус медиҳад, ҳарф задан мумкин аст. Барои ҳаллу фасли ин шубҳаҳо, ки бисёр масеҳиёнро аз ваъдаи Худо маҳрум месозад, мо бояд пеш аз ҳама исбот кунем, ки дар Аҳди Ҷадид асосан оиди чор категорияҳои гуногуни забонҳо гуфта шудааст. Ду забон барои хидмати оммавӣ пешбинӣ карда шудааст, ва дутои дигари забонҳо – барои муошрати шахсӣ бо Худо. Мо бояд ҳар яке аз онҳоро кӯтоҳ таҳқиқ кунем, то ки возеҳ ба ин савол ҷавоб диҳем: *Оё иродаи Худо дар он аст, ки фарзандони Ӯ ба забонҳо сухан ронанд?*

## Забонҳо ҳамчун аломат барои беимонҳо

Категорияи аввали забонҳо барои хидмати *оммавӣ* пешбинӣ шудааст. Ман бо назардошти хидмат ба шахси дигар ё гурӯҳи одамон, истилоҳи *оммавиро* истифода мебарам. Павлус дар ин бора чунин менависад:

> Пас забонҳо аломат аст на барои имондорон, балки барои беимонон; аммо нубувват на барои беимонон, балки барои имондорон аст (1 Қӯр. 14:22).

Ин забонҳо он гоҳ истифода бурда мешаванд, ки Рӯҳулқудс аз ҳудудҳои ақлу идроки мо убур мекунад, ва қобилият медиҳад, ки бо дигар забон ҳарф занем, яъне бо забоне, ки дар Замини мо мавҷуд мебошад ва ҳеҷ гоҳ пештар моро наомӯзонидаанд ва намедонистем. Ин забон бо ихтиёри Рӯҳулқудус дода мешавад, сухан рондан бо ин забон аз худи мо вобаста нест. Аксар вақт мо ҳатто дарк намекунем, ки бо ин забон гап мезанем. Мо фақат медонем, ки бо забонҳои ғайр сухан меронем, аммо намефаҳмем, ки ба забони мавҷуд ва воқеӣ гап мезанем.

Иҷозат диҳед, ки чунин мисол биёрам. Ба наздикӣ ман дар як калисои калон дар иёлати Колорадо мавъиза кардам. Яке аз ходимаҳои асосии калисои мо низ дар ин ҷамъомад иштирок дошт ва дар сафи ақиб нишаста буд. Ин зан барои дуо ва тазаррӯъ бисёр вақт сарф мекунад, ва он лаҳза ӯ ногаҳон ҳис кард, ки Худованд ҳангоми мавъиза ӯро барои дуо кардан ба ман водор менамояд. Аз ин рӯ тамоми вақти ибодат вай бо забони ғайр, ё, ба назари ӯ, забони осмонӣ (ки дар бораааш ба зудӣ мегӯям) оромона дуо кард. Пас аз ибодат як ҷавонмард, ки дар назди ӯ нишаста буд, ба ӯ рӯ оварда, мегӯяд: “Шумо бо забони франсавӣ хеле хуб ҳарф мезанед, ва ба замми ин, шумо талаффузи хеле зебо доред”.

Вай ба он мард гуфт, ки забони франсавиро намедонад.

Он гоҳ бо ҳайрат ин шахс мегӯяд: “Ман омӯзгори забони франсавӣ ҳастам, ва тамоми вақти ибодат шумо барои воиз бо забони зебои франсавӣ дуо кардед! Шумо аз Навиштаҷот иқтибос овардед, ва фавран пас аз иқтибосҳои шумо аз

Китоби Муқаддас воиз аз одамон дархост кард, ки Китоби Муқаддасро кушода, ҳамон ҷое, ки шумо ҳангоми дуо зикр кардед, бихонанд!”

Ҳоҷати баён ҳам нест, ки то чӣ андоза ин шахс дар ҳайрат монд, ва ҳамкори мо ба ҳаяҷон афтод. Ин барои ҳамон шахс аломате буд ва ба туфайли он боварӣ ҳосил кард, ки мавъизаи ман дар ҳақиқат Каломи Худо буд.

Маҳз ҳамин гуна забонҳоро сокинон ва меҳмонони Ерусалим дар рӯзи Пантикост шунида буданд. Навиштаҷот мегӯяд:

> Дар Ерусалим яҳудиён, одамони худотарсе ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сукунат доштанд. Ҳангоме ки он ғулғула баланд шуд, мардуми бисёре ҷамъ омада, дар ҳайрат афтоданд, зеро ки ҳар кас ба забони худаш сухани онҳоро мешунид. Ва ҳама моту мабҳут ва мутааҷҷиб шуда, ба якдигар мегуфтанд: “Оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд, ҷалилӣ нестанд? Пас чӣ гуна ҳар яке аз мо сухани онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем? Мо, ки партиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн, Яҳудо ва Қаппадукия, Понтус ва вилояти Осиё, Фриҷия ва Памфилия, Миср ва ноҳияи Либия, ки дар наздикии Қурин аст, ва зиёратчиёни румӣ, ҳам яҳудиён ва ҳам онҳое ки чанде пеш дини яҳудиро қабул кардаанд, ва аҳли Крит ва Арабистон ҳастем, суханони инҳоро аз кибриёи Худо ба забонҳои худамон мешунавем” (Аъм. 2:5-11).

Мо бори дигар боварӣ ҳосил мекунем, ки категорияи мазкури забонҳои ғайр барои беимонҳо аломат аст. Дар мисоле, ки дар боло оварда шуд, суханронӣ бо ин гуна забон

барои омӯзгори забони франсавӣ аломат буд, ва дар порчае, ки аз Навиштаҷот овардем, забонҳо барои издиҳоми бузурги одамон, ки ба Ерусалим аз тамоми ҷаҳон омада буданд, аломат буд. Ин аломат диққати онҳоро ҷалб кард ва дили онҳоро барои қабули Каломи Худо кушод.

Ман ҳикояҳои сершуморро дар бораи имондороне шунидаам, ки ба одамон бо забони модарии онҳо, ки ҳеҷ гоҳ нашунидаанд ва наомӯхтаанд, Каломи Худо гуфтаанд. Ин аломат паёми муҳаббати Худоро тасдиқ мекунад. Ҳар яке аз ин ҳолатҳоро натиҷаи хидмати ҳайратангези ин аломати аҷиб номидан мумкин аст.

## Забонҳое, ки барои тафсир дода шудаанд

Категорияи дуюми забонҳо низ барои хидмати оммавӣ пешбинӣ карда шудааст. Инҳо забонҳои осмонӣ мебошанд, ва ин гуна забонҳо дар Замин мавҷуд нестанд. Чунин хусусият ба ҳамаи категорияҳои боқимондаи забонҳо, ки ман дар бораи онҳо маълумот хоҳам дод, хос мебошад.

Шумо ба он шубҳа карда метавонед, ки дар осмон бештар аз як забон ё шева вуҷуд дорад. Дар бораи чунин эҳтимолият фикр кунед: Китоби Ваҳй ба мо мегӯяд, ки дар осмон Исо ба ғолиб “санги сафеде хоҳад дод, ва бар ин санг исми наве навишта шудааст, ки онро ҳеҷ кас намедонад, ҷуз касе ки онро гирифтааст” (Ваҳй 2:17). Ғайр аз ин дар бораи Худи Исо гуфта шудааст, ки “чашмони Ӯ мисли шӯълаи оташ аст, ва бар сари Ӯ афсарҳои бисёр; Ӯ исми навиштае дорад, ки онро, ғайр аз Худи Ӯ, ҳеҷ кас намедонад” (Ваҳй 19:12). Бинобар ин агар ҳеҷ касе ин номҳоро надонад, пас, дар осмон забонҳои гуногун мавҷуд мебошанд.

Забонҳои категорияи дуюм (забонҳои осмонӣ) ба

яке аз нӯҳ гурӯҳҳои бахшоишҳои Рӯҳулқудс, ки дар боби дувоздаҳуми Номаи якум ба Қӯринтиён номбар карда шудаанд, дохил мешаванд. Дар он ҷо чунин навишта шудааст:

> ...ба дигаре — забонҳои гуногун ва ба сеюмӣ — тафсири забонҳо (1 Қӯр. 12:10).

Диққат диҳед, ин забонҳо барои тафсир ҳастанд, на барои тарҷума. Барои чӣ? Чунки ин забонҳои осмоние ҳастанд, ки дар дунё касе намедонад.

Ман як ҷамъомадро дар Сингапур дар ёд дорам. Аз ман хоҳиш карданд, ки дар як калисои калон дар ин кишвар хидмат кунам, ва ин яке аз ташрифҳои аввалини ман ба Сингапур буд. Пеш аз баромадани ман ба назди минбар дар толори калон пас аз сурудҳои зебои ситоишӣ ва парастишӣ хомӯшии комил ҳукмфармо шуд. Ва ногаҳон кадом-як одам бо забони осмонӣ ба суханронӣ сар кард. Ӯ чунон баланд ва бурро гап мезад, ки ягон баландгӯяк лозим набуд. Ӯ дар ким-куҷо дар балкон дар ин ҷамъомади калон рост меистод ва бо вуҷуди ин ҳар як одам дар овози ӯ қудрат ва бурроии аҷиберо ҳис мекард. Ба назар чунин менамуд, ки осмон дараҷаи шунавоии овози ӯро баланд мекард.

Вақте ки ӯ гап мезад, одами дарунии ман аз хурсандӣ меҷаҳид, дар ҳоле ки одами берунӣ бо эҳтироми бузург аз ҳаракат бозмонда буд. Гӯё, ҳар як тори мӯйи дасту пои ман аз таваҷҷӯҳи пурэҳтиром ях баст, ва дили ман бошад, аз шодию фараҳи муқаддас метапид. Вақте ки ӯ суханрониро тамом кард, тафсир омад, ва Каломи Худованд, ки ба воситаи ин забон дода шуд, ва тафсири он дақиқан маҳз ҳамон чизе буд, ки ман дар борааш гап задан мехостам. Ман сахт дар

ҳайрат монда будам. Худо на танҳо ба ман, балки ба тамоми ҷамъомад шаҳодат дод, ки ҳамон бегоҳ мавъизаи ман пурра ба иродаи Ӯ мувофиқ буд.

Ин забонҳои тафсирӣ хеле ба нубувват монанд ҳастанд. Аз ин рӯ Павлус гуфтааст: "Зеро касе ки нубувват мекунад, бузургтар аст аз касе ки ба забонҳо сухан меронад, магар ки вай дар айни ҳол маънидод ҳам кунад, то калисо обод шавад" (1 Қӯр. 14:5). Дар ин оят шумо мебинед, ки ин забонҳо дар калисо барои хидмати оммавӣ дода шудаанд. Ин ҳамон категорияи забонҳо аст, ки дар бораащ Павлус дар масъалаи зайл ёдовар мешавад: "Оё ҳама бо забонҳо сухан меронанд?" Акнун биёед порчаамонро дар контекст мехонем:

> Ва Худо баъзеро дар Калисо аввалан ҳаввори, сонияи набӣ, солисан муаллим таъин кардааст; баъд қувваҳои мӯъҷизакор, ҳамчунин бахшоишҳои шифо додан, мадад расондан, идора кардан ва забонҳои гуногунро бахшидааст. Оё ҳама ҳаввориянд? Оё ҳама набиянд? Оё ҳама муаллиманд? Оё ҳама мӯъҷизакоранд? Оё ҳама бахшоиши шифодиҳӣ доранд? Оё ҳама ба забонҳо сухан меронанд? Оё ҳама тафсир мекунанд? (1 Қӯр. 12:28-30).

Оё шумо таваҷҷӯҳ кардед, ки Павлус оиди бахшоишҳое, ки Худо ба Калисо додааст, сухан меронад? Табиист, ки *на ҳама* ҳаворӣ, ё набӣ, ё муаллим ҳастанд. *На ҳама* шубон ҳастанд, ва *на ҳама* бахшоиши мӯъҷиза кардан ва шифодиҳӣ доранд. *На ҳама* бахшоиши бо забонҳо сухан рондан ва тафсири забонҳои осмонӣ доранд. Барои чӣ? Ҷавобро дар порчаи зерин пайдо мекунем:

> Пас забонҳо *[забонҳо ҳамчун аломат]* аломат аст на барои имондорон, балки барои беимонон; аммо нубувват на барои беимонон, балки барои имондорон аст. Агар тамоми аҳли калисо дар як ҷо ҷамъ шаванд, ва ҳама ба забонҳо *[ба забонҳо барои тафсир]* сухан ронанд, ва бехабарон ё беимонон дароянд, — оё онҳо намегӯянд, ки шумо девона шудаед? (1 Қӯр. 14:22,23, курсиви муаллиф).

Пеш аз ҷавоб додан ба саволи мо, иҷозат диҳед, то бигӯям, ки ин ду оят фарқи байни ин ду забонҳоро барои хидмати оммавӣ равшан нишон медиҳанд.

Дар аввал Павлус менависад, ки забонҳо барои беимонон аломат мебошанд. Ӯ забонҳоеро дар назар дорад, ки дар Замин мавҷуд мебошанд ва худи мо онҳоро ҳеҷ гоҳ наомӯхтаем ва аз ин рӯ намедонем. Шахси беимон, ки худ дорои ин забон мебошад, мефаҳмад, ки имондори гӯянда танҳо бо воситаи дахолати Худованд бо забоне, ки ба вай бегона аст, гап зада метавонист. Аз ин рӯ ин гуна забон барои беимонҳо аломат мебошад.

Сипас Павлус дар бораи тамоми калисо ҳарф мезанад, ки якҷоя ҷамъ мешаванд ва баробар бо забонҳо сухан меронанд. Шубҳае нест, ки ин дафъа гап дар бораи забонҳои осмонӣ меравад. Ман инро барои он медонам, ки тамоми шогирдон дар рӯзи Пантикост бо забонҳои гуногуни заминӣ оиди корҳои бузурги Худо сухан меронданд. Ин суханҳоро тавсир кардан лозим набуд, чунки беимонҳое, ки ин забонҳоро медонистанд, мефаҳмиданд, ки шогирдон дар бораи чӣ гап мезананд. Дар акси ҳол ҳеҷ кас чизе намефаҳмад. Чуноне ки мебинед, ҳеҷ гуна зарурияте нест, ки ҳама баробар бо забонҳо гап зананд, вагарна беимонҳо ё

одамоне, ки воқеияти ҳолро намефаҳманд, фикр мекунанд, ки мо девона шудаем.

Ҳамин тавр, ҷавоб ба саволи “Оё ҳама бо забонҳо сухан меронанд?”, ки бисёриҳо онро нодуруст мефаҳманд, хеле осон аст. Дар мавриди масъалаи атоҳои хидматӣ, ки Худо ба Калисо медиҳад, Ӯ ба таври интихобӣ амал мекунад, зеро зарур нест, ки ҳама бо ин атоҳо хидмат кунанд. Бо вуҷуди ин Ӯ *бидуни* ғараз амал мекунад ва, ман такрор мекунам, Ӯ ҳар чизеро, ки ба мо барои муоширати шахсӣ бо Ӯ лозим аст, саховатмандона ато мекунад. Ду категорияи дигари забонҳо ба атои забонҳо ишора мекунанд, ки ба мо барои муносибатҳои шахсӣ бо Ӯ лозиманд.

## Забонҳо барои дуои шахсӣ

Ду категорияи дигари забонҳо барои дуоҳои шахсӣ дода шудаанд, ва Падар ҳар як имондори масеҳиро, ки ба ин имконият боварӣ дорад, бо онҳо таъмин мекунад. Мо исботи инро дар оятҳои минбаъда дида метавонем:

> Зеро, вақте ки ман ба забоне дуо мегӯям, рӯҳам дуо мегӯяд, лекин ақлам бе самар мемонад. Пас чӣ бояд кард? Бо рӯҳ дуо хоҳам гуфт, бо ақл низ дуо хоҳам гуфт; бо рӯҳ суруд хоҳам хонд, бо ақл низ суруд хоҳам хонд (1 Қӯр. 14:14,15).

Таваҷҷӯҳ кунед, Павлус мушаххасан оиди дар дуо истифода бурдани ин забонҳо сухан меронад, на барои хидмати калисо. Дар ҳамин боб ба мо фаҳмонида мешавад: “Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад” (1 Қӯр. 14:2). Вақте ки мо бо яке аз ду забонҳое гап мезанем, ки барои хидмати оммавӣ

пешбинӣ карда шудаанд, мо ё барои беимонҳо (забонҳо чун аломат), ё барои калисо (забонҳо барои тафсир) ҳарф мезанем. Аммо вақте ки мо худамон бо забонҳо дуо мекунем, мо ба Худо сухан меронем, на ба одамон. Оё шумо фарқиятро мебинед?

Дар ояти дар боло овардашуда Павлус оиди ду варианти гуногуни дуои шахсӣ сухан меронад. Як вариант – барои фаҳмиши шахсӣ, ва барои ман ин дуо ба забони англисӣ мебошад. Варианти дигар – дуо ба забонҳо, дар ин ҳолат рӯҳи ман бо ҳидояти Рӯҳулқудс дуо мекунад. Оиди сурудҳои парастишӣ низ ҳаминро гуфтан мумкин аст: “Бо рӯҳ суруд хоҳам хонд, бо ақл низ суруд хоҳам хонд”.

Яҳудо низ мавҷудияти дуоҳои шахсиро ба забонҳо тасдиқ мекунад:

> Валекин шумо, эй маҳбубон, худро бо имони бағоят муқаддасатон обод кунед, ва дар Рӯҳулқудс дуо гуфта, худро дар муҳаббати Худо нигоҳ доред ва марҳамати Исои Масеҳи Худованди моро, ки ҳаёти ҷовидонӣ меоварад, мунтазир бошед (Яҳуд. 20,21).

Диққат диҳед, ки вақте мо ба забонҳо дуо мекунем, худро обод мекунем, аммо агар мо дар калисо бо забонҳои тафсиршаванда дуо кунем, калисоро обод мекунем (ниг. 1 Қӯр. 14:5). Худо мехоҳад, ки мо ҳам инро ва ҳам онро ба ҷо орем, чунки ҳар ду варианти дуо хеле заруранд.

Дар боби оянда мо ин категорияи забонҳоро барои дуоҳои шахсӣ муфассал муҳокима мекунем. Шумо мебинед, ки он махсусан барои муоширати наздик бо Худо зарур аст. Ман ин категорияро “забони наздикӣ” меномам.

## Забонҳо барои шафоат

Аз чаҳор категорияи забонҳо охиринаш барои шафоат пешбинӣ карда шудааст, ва бо он мо барои касе дар рахнагоҳ истода, аз Худо кӯмак талаб мекунем.

> Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавониамон тақвият медиҳад; зеро ки мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем, лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст. Таҳқиқкунандаи дилҳо аз андешаи Рӯҳ огоҳ аст, чунки Ӯ барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад (Рум. 8:26,27).

Вақтҳое мешаванд, ки мо комилан ба парешонӣ дучор мешавем ва намедонем, ки дар бораи чӣ дуо кунем.

Ман done наметавонам бо одамоне, ки дӯсташон медорам, ё одамони дигар, ки ба мусибат дучор шудаанд, чӣ рӯй медиҳад, аммо Рӯҳи Худо ҳама чизро медонад. Модари ман дар Флорида зиндагӣ мекунад, ва ман – дар Колорадо. Фарз кардем, вай ба вазъияте дучор мешавад, ки кӯмаки Худо лозим аст, аммо вай инро намедонад, ё, ҳатто дониста истода, бо ман тамос гирифта наметавонад, то ки барои ӯ дуо гӯям. Ман аз куҷо медонам, ки барои ӯ дуо кардан лозим аст, ва агар ҳатто медонистам, аниқ намефаҳмидам, ки дар бораи чӣ дуо кунам, ва ҳатто агар дар бораи вазъияти пуризтироб медонистам, дақиқан намедонистам, ки аз Худо чӣ талаб кунам.

Ин оят барои ман аввалин бор, вақте ки дар донишгоҳ мехондам, ба амри воқеъ табдил ёфт. Ман ҳамагӣ ду сол пеш имон оварда будам ва шавқи башорат додан дар бораи Исо дар дилам ҷӯш мезад. Бинобар ин ман дар шаҳраки

донишҷӯён оид ба омӯзиши Китоби Муқаддас дарс ташкил кардам, ки дар он донишҷӯён аз маҳфили бародарон ва хоҳарони донишгоҳ иштирок мекарданд. Дар он тақрибан шаст нафар ҷамъ мешуданд. Як бегоҳ ман дар бораи Рӯҳулқудс таълим додам. Ман фақат Навиштаҷотро хонда, иродаи Худоро ба ширкаткунандагон фаҳмонидам. Дар ин гурӯҳ духтаре буд. Ба вай касе пештар фаҳмонида будааст, ки ҳангоми таваллуд аз олами боло вай худ аз худ Рӯҳулқудсро пайдо мекунад, ва забонҳо пештар вуҷуд доштанду ҳоло не. Афсӯс ки муаллимони ӯ ба Навиштаҷот бовар̣ӣ надоштаанд, ва ба муаллимони худ, ки низ дар ин масъала кӯр буданд, бовар кардаанд. Аммо ҳамон бегоҳӣ вай дид, ки роҷеъ ба ин дар Навиштаҷот чӣ гуфта шудааст, бовар кард ва ҳамон лаҳза якҷоя бо чанд донишҷӯёни дигар аз Рӯҳулқудс пур шуд.

Рӯзи дигар субҳи барвақт маро занги телефон бедор кард. Яке аз бародароне, ки дар маҳфили омӯзишии Китоби Муқаддас иштирок мекард, занг зад. Ӯ гуфт, ки ба назди ман касе омадааст. Ман зуд либосамро пӯшида, ба даҳлези бино баромадам, то ки меҳмонро пешвоз гирам. Маълум шуд, ки вай духтари дирӯза будааст, ки дар хобгоҳи канори дигари роҳ зиндагӣ мекардааст. Бо чеҳраи хандон вай гуфт: “Ҷон, узр мехоҳам, ки туро барвақт бедор кардам, аммо ман интизор шуда наметавонам, то ба ту бигӯям, ки субҳи имрӯз чӣ воқеа рӯй дод!”

Ӯ гуфт, ки дар соати панҷи субҳ вайро Рӯҳулқудс бедор кард ва ба дили ӯ андохт, ки оҷилан дуо кунад. Вай фаҳмид, ки ягон чизи зарур рух додааст, аз ин рӯ, ҷои хилват ёфта, ба забонҳо дур карданро оғоз кард. Дуо торафт шиддатноктар мешуд, ва ӯ фаҳмид, ки ба ҷанги рӯҳонӣ ворид шудааст. Бинобар ин ҳангоми дуо ӯ аз Худованд дархост кард, ки чӣ тавр шафоатхоҳӣ карданро ба вай нишон диҳад. Дар қалби

худ вай шунид, ки ин мӯйсафед аст ва ҷони ӯ дар хатар мондааст. Духтар барои ӯ як соати пурра дуо кард, ва баъд ба қалбаш оромӣ омад.

Айнан пас аз чанд дақиқа ҳамхонаи вай, ки низ имондор аст, аз хона занги таъҷилӣ гирифт. Ба вай хабар доданд, ки бобои ӯ, ки вай сахт дӯст медошт, дар соати панҷи субҳ сактаи дил шуд, вале ба таври мӯъҷизанок шифо ёфт. Табибон аҳволи ӯро айнан як дақиқа пеш аз занг задан ба набераи ӯ ба ҳадди эътидол оварданд, ва маҳз дар худи ҳамин лаҳза шиноси ман оромӣ ҳис карда, дуогӯиро ба анҷом расонид.

Духтар медурахшид. Дар тамоми ҳаёти масеҳиаш ба вай мегуфтанд, ки дуо ба забонҳо дигар вуҷуд надорад, чунки ба он дигар эҳтиёҷ намондааст. Тасаввур мекунед, вай танҳо аз он сабаб ҳамин қадар вақтро аз даст дод, ки касе ба Навиштаҷот бовар намекунад? Акнун вайро ба он чизе, ки пештар бовар мекард, боварӣ ҳосил кунонидан ғайриимкон аст. Ӯ қатъиян мутмаин аст, ки дуо ба забонҳо барои имондорони муосир хеле зарур аст.

Ман ба ин чиз маротибаҳои зиёд боварӣ ҳосил кардаам. Яке аз мисолҳои равшане, ки забонҳои ғайр барои шафоатхоҳӣ истифода бурда шуда буд, бо Эстер, офис – менеҷери австралиягии мо, рӯй додааст. Ӯ сарбоз ва ходими қавии дуогӯянда аст. Солҳои навадум, вақте ки ӯ дар мактаби Китоби Муқаддас таҳсил мекард, як саҳарӣ вай ҳамту дастонашро бардошта, мегӯяд: “Худовандо, ман намедонам, ки имрӯз дар бораи чӣ дуо гӯям, аз ин рӯ агар ман ба Ту даркор шавам, дар ҳамин ҷо ҳастам”.

Ӯ нақл мекунад, ки ҳамон лаҳза ки ӯ ин суханонро ба забон овард, як бори гарони дуогӯиро ҳис кард. Ӯ дар ҳуҷраи худ зону зад, ва аз даҳони ӯ дуо бо забонҳо ҷорӣ шуд. Дар рӯҳи худ марди чиниро дид, ки дар фарши чиркин бо зону

нишаста буд. Ӯ дастонашро ба шакли доира ҳаракат медод, гӯё ки фаршро шуста истода бошад. Ҳангоми дуо Эстер ҳис кард, ки ба ӯ фарёд занад: “Бархез! Бархез! Бархез!” Чанд лаҳза дуо карда, вай дар дили худ сабукӣ ҳис кард ва ба корҳои рӯзгор баргашт.

Тақрибан пас аз панҷ моҳи ин воқеа ба мактаби библиявии онҳо аз Зеландияи нав як миссионер омад, ки дар Чин хидмат мекард. Ӯ дар бораи як шубони чинӣ, ки ба хотири имонаш ӯро якҷоя бо шубони дигар ба зиндон андохта буданд, қиссаеро ҳикоя кард. Ҳамон шубони дигар ба шубони аввал нигоҳ кард ва гуфт, ки Худо ӯро ба наздикӣ озод мекунад. Бо чунин фикрҳо ҳарду ба кори муқаррарии худ оид ба тоза кардани бино рафтанд.

Чанд лаҳза пас назораткунанда маҳбусонро, ғайр аз як шубон, ба камераҳояшон баргардонд. Шубон дар ҳуҷрааш танҳо монд ва шустани фаршро давом дод, ва ногаҳон ӯ овозеро шунид, ки мегуфт: “Бархез! Бархез! Бархез!” Ӯ ба ин амр итоат карда, бархест ва ба назди дар омад. Мутааҷҷибона, дар кушода буд, ва ӯ бемамониат аз зиндоне, ки сахт посбонӣ карда мешуд, баромада, ба таксие, ки дар назди дарвоза интизор буд, нишаст. Ва бо ҳамон такси бирафт.

Эстер ба ҳаяҷон омад, зеро фикр кард, ки ин ҳамон шубоне аст, ки чанд моҳ пештар дар рӯъё дида ва барояш дуо карда буд. Вай ба назди миссионер (ки ҳеҷ гоҳ пештар намешинохт) баъди баромади ӯ омад ва фаҳмид, ки санаи ҳамон рӯйдод аниқ бо санаи дуо, ки дар рӯзномаи худ сабт карда буд, рост меояд.

Якҷоя бо Эстер ба назди миссионер яке аз роҳбарони мактаби библиявӣ омад. Ӯ низ бори дуогӯиро, ки якчанд моҳ пештар барои як шахси эҳтиёҷманд Рӯҳулқудс ба ӯ

гузошта буд, ба хотир овард. Вақте ки ӯ ба забонҳо дуо кард, ӯ як марди чиниро дар зиндон дид. Миссионер акси калисои чиниро ба даст гирифт, ва роҳбари мактаби библиявӣ ба шахсе ишора кард, ки ҳангоми дуо ба забонҳо дида буд. Ин шахс дар ҳақиқат шубони калоне будааст, ки аз зиндон гурехта буд!

Сипас Эстер ва роҳбари мактаби библиявӣ қайдҳои худро муқоиса карданд ва фаҳмиданд, ки ҳамаи ин чизҳо дар як рӯз рӯй додаанд! Худо нақши азими ҳардуи онҳоро дар ин кор тасдиқ кард, ва нишон дод, ки одаме, ки барояш онҳо дуо карда буданд, дар натиҷаи итоаткорӣ ва дуои шафоатхоҳонаи онҳо аз зиндон озод шуд.

## Чӣ тавр мо бовар кунем?

Агар Эстер низ бовар мекард, ки бо пайдо шудани Китоби Муқаддас забонҳо хомӯш шудаанд, чӣ мешуд? Агар ӯ гумон мекард, ки забонҳо на барои ҳама заруранд, чӣ мешуд? Имрӯзҳо чӣ қадар одамон танҳо аз сабаби он ки ба Китоби Муқаддас нею ба ақидаи хатои муаллимон бовар кардаанд, имкониятҳои аҷибро аз даст медиҳанд.

Фоҷиаи бузурге, ки ман дар тӯли солҳои хидматгузории худ мушоҳида кардам, аз он иборат аст, ки бисёр масеҳиён Каломи Худоро мутобиқи таҷрибаи шахсӣ тафсир мекунанд ва намегузоранд, ки Каломи Худо таҷрибаи шахсии онҳоро ташаккул диҳад. Аммо Худо бо чаҳорчӯбаи таҷрибаи шахсии мо Худро маҳдуд намесозад, Ӯ беҳад бузург ва номаҳдуд аст!

Дар саъю талоши худ барои пур шудан аз Рӯҳулқудс ман бисёр масеҳиёнеро вохӯрдаам, ки нияташон пок буд, лекин онҳо кӯшиш мекарданд, ки ман аз хоҳиши худ оиди дуо гуфтан бо забонҳо даст кашам. Бо гузашти якчанд моҳ пас аз

он, ки Исоро ҳамчун Худованд эътироф кардам, дар шаҳраки донишҷӯён маро ба ҷамъомади роҳбарон оварданд. Ин хидматгузорӣ маводҳеро чоп мекард, ки бо ёрии онҳо маро ба наҷот оварда буданд. Ман барои ин доимо шукргузор хоҳам буд.

Аммо дар он ҷамъомад ман андаке ба ҳайрат афтодам. Раиси ҷамъомад аз ҳар роҳбар дархост кард, ки барои ҳамон шашмоҳа мавзӯъҳои асосии дуоҳоро мубодила кунанд. Як ҷавон гуфт, ки барои баҳои “хуб”-и миёна дуо мекунад, дигаре барои ҳамхонааш. Сипас навбати ман ҳам фаро расид, ва ман танҳо гуфтам: “Ман мехостам Рӯҳулқудсро пайдо кунам, ҳамон тавре ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, вақте ки онҳо ба забонҳо дуо карданд”.

Ҳамон лаҳза ки ман ин суханонро ба забон овардам, роҳбари асосӣ фавран ва бо асабоният гуфт: “Ҷон, мо дар ин бора пас аз ҷамъомад сӯҳбат хоҳем кард”.

Вале мо дар ин бора сӯҳбат накардем. Аммо ҳамсабақи ман, ки маро ба Худованд оварда буд, пас аз ҷамъомад, маро ба каноре бурда, гуфт: “Ҷон, онҳо ба дуо бо забонҳо бовар надоранд”.

Ман, ҳамчун имондори нав, бо ҳайронӣ ба ӯ нигоҳ карда, пурсидам: “Чӣ? Онҳо ба он чизе, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, бовар надоранд?”

Ин воқеа зуд гузаштаро ба ёди ман овард, зеро равияе, ки ман дар он ба воя расида будам, дар асоси таълимоти инсонӣ бунёд шуда буд, на дар асоси он, ки Китоби Муқаддас таълим медод. Воқеан, ба мо маслиҳат медоданд, ки Китоби Муқаддасро нахонем, вале ба он гӯш диҳем, ки чӣ тавр шубони мо онро тафсир мекард. Ман дар давоми нуздаҳ сол ба калисо мерафтам ва гумон мекардам, ки бо роҳи осмон равонаам, дар ҳоле ки аслан рост ба дӯзах

мерафтам. Бинобар ин вақте ман аз бародари худ дар имон оиди нақшаи наҷоти Худо, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, фаҳмидам, фавран қарор кардам, ки ба Китоби Муқаддас бовар кунам, дар баробари ин муҳим нест, ки онро мефаҳмам ё не! Тарси Худованд аз ҳамин иборат аст, ва тарси Худованд ибтидои хирад аст (ниг. Заб. 110:10).

## Дар баракат ё дар нодонӣ

Ман ба шумо хабари хуш дорам! Ин хабар аз он иборат аст, ки тибқи иродаи Худо шумо аз Рӯҳулқудс пур шуда, бо забонҳо дуо карда метавонед! Дар асли кор, агар шумо ба паёме, ки рост аз қалби Худо бармеояд, бовар кардан хоҳед, он чунин аст:

> Мехоҳам, ки ҳамаатон ба забонҳо сухан ронед; лекин беҳтар аст, ки нубувват кунед, зеро касе ки нубувват мекунад, бузургтар аст аз касе ки ба забонҳо сухан меронад, магар ки вай дар айни ҳол маънидод ҳам кунад, то калисо обод шавад (1 Қӯр. 14:5).

Шумо гуфта метавонед: “Ин суханони Павлус аст, ки ба қӯринтиён равона карда шудааст”.

Не, ба мо возеҳ мегӯянд: “Ҳеҷ як нубуввати Навиштаҳо тафсири шахсиро раво намедонад [ҳеҷ як нубувват аз паёмбарон барнаомадааст]” (2 Пет. 1:20), ва дар ҷои дигар: “Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист [Худо илҳом бахшидааст]” (2 Тим. 3:16). Ба ибораи дигар, ин суханони Павлус ба қӯринтиён нест, балки суханони Худованд аст, ки ба мо дахл дорад, зеро Каломи Худо “зинда аст ва то абад боқист” (1 Пет. 1:23). Инро Худо ба фарзандони Худ мегӯяд: “Ман мехоҳам, ки ҳамаатон ба забонҳо сухан ронед”.

Шумо ҳеҷ гоҳ дар он чизе, ки ба он бовар надоред, баракат гирифта наметавонед. Инро боз такрор кардан мехоҳам: Худоро бо хулосаҳо, эҳтиёҷ ё ҳиссиётҳои худ ҳайрон карда наметавонем. Аммо бо имон – мумкин. Такрор ба такрор шунидан мумкин аст, ки Исо ба одамон мегуфт: "Мувофиқи имонатон ба шумо дода мешавад". Имон фақат бовар мекунад, ки чуноне ки Худо гуфтааст, ҳамон тавр мешавад. Имон аз шунидани Каломи Худо пайдо мешавад, на аз ақидаҳои нодуруст.

Хеле зарур аст, ки мо ростиро мавъиза кунем ва ба он бовар намоем, на ба таҷрибаи худамон. Таҷриба бо он зебост, ки он ростиро тасдиқ мекунад, аммо он омӯзгори ростӣ шуда наметавонад. Омӯзгори мо – Рӯҳулқудс, ва Ӯ ҳеҷ гоҳ мухолифи он, ки дар Каломи Худо навишта шудааст, таълим намедиҳад. Вақте ки мо ба Каломи Худо бовар мекунем, он гоҳ мо рӯъё ва таҷриба ҳосил мекунем. Хеле бисёриҳо, мутаассифона, ҳама чизро баръакс ба амал меоранд – онҳо аввалан таҷриба ҳосил карда, баъд бовар кардан мехоҳанд. Ин гуна мавқеъ суханони Туморо, ки ба Исо гуфта буд, ба ёд меорад. Мо ҳама бояд интихоб кунем: имонро дар асоси таҷрибаи дигарон бунёд кунем ё дар асоси Каломи Касе, ки дар бораш он чунин мегӯяд:

> Худо одамизод нест, ки дурӯғ бигӯяд, ва писари одам нест, ки аз ваъдаи худ пушаймон шавад: оё Ӯ сухане мегӯяд — ва ба ҷо намеоварад? Ва оё Ӯ қавле медиҳад — ва иҷро намекунад? (Адад. 23:19).

Ва дар хотима таъкид кардан мехоҳам, ки Рӯҳулқудс ба ҳамаи мо алоқамандона ба дуо бо забонҳо мегӯяд: "Намехоҳам, ки шумо, эй бародарон, бехабар монед" (1 Қӯр. 12:1). Дар идома Ӯ дар бораи он ҳикоя мекунад, ки мо дар ин

боб сӯҳбат кардем, ва илова бар он, дар хотимаи муҳокимаи ҳамаи ин саволҳо Ӯ возеҳ мегӯяд:

> Ва агар касе нафаҳмад, бигзор нафаҳмад (1 Қӯр. 14:38).

Ба ибораи дигар, Рӯҳулқудс ба воситаи Павлус ба мо мегӯяд: “Ман иродаи Худро алоқамандона ба забонҳо возеҳ ва равшан ба шумо баён кардам. Агар шумо дар ғафлат мондан хоҳед, пас дар ғафлат мондан мегиред, ва бо бахшоишҳои Ман баракат намеёбед”. Вақте ки Рӯҳ ба воситаи Павлус ин оятҳоро ба мо равона кард, ман боварӣ дорам, ки Ӯ ғамгин шуда буд, зеро Ӯ пешбинӣ карда буд, ки одамоне пайдо хоҳанд шуд, ки пас аз чандин соли навишта шудани номаҳои Ӯ ин мавзӯъро предмети баҳсу мунозираҳои тезутунд қарор медиҳанд (дар замони калисои аввала дар мавриди забонҳо шакку шубҳае набуд).

Ва боз. Рӯҳ бо таассуф ба мо мегӯяд, ки мо алоқамандона ба ин масъала метавонем бехабар монем (нафаҳмем), аммо дар ин ҳолат хулосаи ниҳоии Ӯ оид ба ин масъала чунин хоҳад буд:

> Хуллас, эй бародарон, иштиёқманди он бошед, ки нубувват кунед, ва ба забонҳо сухан ронданро манъ накунед (1 Қӯр. 14:39).

Ин огоҳӣ аст, ва агар шумо шунавед, ки касе забонҳои ғайрро сахт танқид мекунад, пас бидонед, ки ӯ ба Худованд беитоатӣ кардааст. Худо медонист, ки дар рӯзҳои охир одамоне хоҳанд буд, ки ё аз сабаби нодонӣ, ё гарданшахӣ ба гӯсфандони Ӯ мегӯянд, ки акнун ба забонҳо сухан рондан лозим нест ё он тамоман аз Худо нест.

Ман дар бораи он дуо мекунам, ки ҳангоми гузаштан ба боби дигар шумо таъминоти аҷиби Худоро бубинед, ки Ӯ ба фарзандони Худ ато кардааст, ва дуо мекунам, ки шумо забони аҷиби наздикиро, ки Рӯҳулқудс ба ҳамаи имондорон медиҳад, пайдо кунед.

*(Диққат: Агар шумо то ҳол аз Рӯҳулқудс пур нашуда бошед, ба замимаи Б нигоҳ кунед. Ман дар мавриди ин ато бо мамнуният шуморо ҳамроҳӣ мекунам.)*

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Дар аввали ин боб муаллиф дар бораи солҳои ҷавонии имони худ дар давраҳои донишҷӯӣ андешаронӣ мекунад. Ӯ оғози ҳаёти наверо тасвир мекунад, ки гарчанде ӯ дар омӯзиши Китоби Муқаддас хеле саъй мекард, эҳсос менамуд, ки ба ӯ чизе намерасад. Оё дар шумо чунин эҳсосот вуҷуд дошт, шояд, шумо то ҳол чунин мушкилиҳоро аз сар мегузаронед?
2. Пас аз он ки шумо ба омӯзиши масъалаи суханронӣ бо забонҳо шурӯъ кардед, дар эътиқоди шумо чӣ тағйир ёфт? Худо мехоҳад, ки шумо аз Рӯҳи Ӯ пур шавед ва ба забонҳои осмонӣ сухан ронед. Муносибати шумо ба ин паём чӣ гуна аст?
3. Шумо на аз бекорӣ ба хондани ин китоб сар кардед, кадом воқеа ё саргузашт шуморо водор кард, то бифаҳмед, ки наздикшавӣ ба Худо чӣ маъно дорад. Шояд, ба воситаи мутолиаи ин китоб Худо ба шумо воситаи наве медиҳад, ки барои расидан ба мақсад ба шумо ёрӣ мерасонад? Шояд, атои забонҳо барои дуои шахсӣ ва шафоатхоҳонаи шумо дар роҳравии шумо бо Худо қадами навбатӣ мегардад?

Боби 12

# ЗАБОНИ НАЗДИКӢ

Хиради Худованд – обҳои чуқур, ва барои ақли табиӣ сирри бузург.

Ман инро гаштаю баргашта навиштам, ва боз танҳо барои он такрор кардан мехоҳам, ки суханони ман дар қалби шумо чуқур реша давонанд, – *Худо иштиёқманд аст, ки ба шумо наздик шавад.* Ӯ хеле мехоҳад, ки бо шумо муносибатҳои наздик дошта бошад. Ӯ на танҳо саъй мекунад, ки бо шумо муошират кунад, балки Ӯ мехоҳад, ки ин муошират ва муносибатҳо пурмазмун, сермаҳсул ва доимӣ бошанд.

## Муошират бо Худо дар сатҳи Ӯ

Барои он ки ин гуна муносибатҳои амиқ ва равшан ба амал оянд, Худо барои дар сатҳи Ӯ муошират кардан бо Ӯ ҳама гуна шароитҳоро фароҳам овардааст! Иҷозат диҳед, то

бифаҳмонам, ки ман чиро дар назар дорам. Навиштаҷот ба мо мегӯяд:

> Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад (1 Қӯр. 14:2).

Мо медонем, ки Павлус на дар бораи ду категорияи забонҳои оммавӣ нақл мекунад, зеро ин ду намуди забонҳо аз ҷониби одамон гуфта шудани Каломи Худоро бо забоне, ки худи онҳо намедонанд, ифода мекунанд. Дар ин оят Павлус дар бораи он ҳолатҳое гап мезанад, ки мо дуо мекунем ё бо Худо сӯҳбат мекунем. Вақте ки мо бо забонҳо *дуо мекунем,* на ба одамон, балки рост ба Худо сухан меронем. Павлус ҳамчунин гуфтааст: “Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавониамон тақвият медиҳад; зеро ки мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем” (Рум. 8:26). Дарвоқеъ, маҳз ҳамин ду чиз аксар вақт барои муошират бо Худо монеа мешаванд. Мо ё намедонем, ки барои чи дуо кунем, ё намедонем, ки чӣ гуна дуо кунем.

Дар мисоли навбатӣ ин чиз хеле равшан ифода ёфтааст. Агар ба ман лозим мешуд, ки ба дафтари кории президенти Иёлоти Муттаҳида ҳозир шавам, оё ман бо ӯ дар як сатҳ муносибат карда метавонистам? Албатта не, ба ӯ лозим мешуд, ки ба сатҳи фаҳмиши ман фарояд. Ӯ ба умури давлатӣ ва мушкилоти кишвар, аз ҷумла масъалаҳои бехатарии давлатро, ки ба оммаи васеъ маълум нестанд, аз ман беҳтар сарфаҳм меравад. Ӯ дар бораи нақшаҳо ва лоиҳаҳо медонад, истилоҳот ва ададҳои махфиро медонад, зеро агар онҳо ба дастони одамони бегона афтанд, ба мамлакат хатари ҷиддӣ таҳдид карда метавонад.

Қариб айнан ҳамин тавр, вақте ки ман ба ҳузури Ӯ,

ба саломхонаи Подшоҳи тамоми олам, ворид мешавам, агар ман бо ақли худ дуо кунам, он гоҳ сӯҳбати мо маҳдуд хоҳад буд! Ман бо Худованд дар сатҳи Ӯ гуфтугӯ карда наметавонам, зеро Ӯ аз ман ба таври муқоисанашаванда бештар медонад. Ӯ танҳо ба сатҳи фаҳмиши ман фаромада, бо ман сӯҳбат карда метавонад. Чуноне ки дар мисоли боло қайд кардем, Ӯ дар бораи вазъияти Коинот, аз ҷумла бисёр чизҳое, ки бо сабабҳои гуногун то ҳол аз мо махфӣ нигоҳ дошта мешавад, нисбат ба ман ба таври муқоисанашаванда бештар медонад. Махсусан, сирҳо барои он лозиманд, ки чизҳои муҳим ба дастони бегона наафтанд. Дар огоҳии навбатии Павлус оиди ин равшан гуфта шудааст:

> Балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст, ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро, агар медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд (1 Қӯр. 2:7,8).

Дар ин оят ба таври мушаххас оиди хиради олие гуфта мешавад, ки тавассути марг ва эҳёи Исои Масеҳ ва ҷалоли баъдӣ зоҳир гардидааст. Ин танҳо як мисоли он аст, ки чӣ тавр Худо ин воқеаҳоро махфиёна нигоҳ дошт, то барои амалӣ намудани чизҳое, ки Ӯ пешбинӣ карда буд, ҳеҷ чиз халал нарасонад (ниг. Мат. 7:6). Навиштаҷот мегӯяд, ки мо дар ҳолати ҷанг қарор дорем, ва душманони мо – сарварон, ҳукуматдорон, фармонравоёни ин олами зулмот ва қувваҳои рӯҳии шарорат (ниг. Эфс. 6:12). Дар ҷанги сатҳи ҷисмонӣ дар байни қувваҳое, ки аз як тараф меҷанганд, албатта алоқаҳои махфӣ вуҷуд доранд. Дар бораи Сардори лашкари Худованд ва сарбозони Подшоҳии Ӯ низ ҳаминро гуфтан мумкин аст.

Худованд барои некӯаҳволии Подшоҳии Худ ва муҳофизати мо як алоқаи махфии аҷиберо додааст. Душман ҳатто пайхас намекунад, ки вақте мо бо забонҳо дуо мекунем, аз Падар чӣ мепурсем. Қувваҳои шайтонӣ нақшаҳои ҳамлакуниро ба онҳое, ки мо дӯсташон медорем, таҳия мекунанд, аммо вақте ки мо бо забонҳо дуо мекунем, фавҷи фариштагон ногаҳон дар роҳи душман девореро бунёд мекунанд, ки ин девҳоро ба ҳайрат меорад. Дар натиҷа девҳо ба даҳшат афтода, мегурезанд ва пурра мағлуб мешаванд.

## Ҳадафи аслӣ

Дуоҳои мо бо забонҳо на танҳо барои аз душманон ҳифз кардани маълумоти махфӣ зарур аст. Ҳадафи аслии ин забонҳо – наздикӣ бо Худо. Ман бо ҳамсарам муддати тӯлонӣ бо ҳам зиндагӣ мекунем ва дар ин муддат он қадар ба якдигар наздик шудаем, ки дар байни мо як роҳи хоси интиқоли иттилоот пайдо шудааст. Ӯ дар байни одамони дигар истода, метавонад ба ман маълумоти махсусеро диҳад, ва ҳеҷ кас аз суханони  вай чизе намефаҳмад. Мо забони наздикии худамонро фикр карда баромадаем. Ин гуна забон на танҳо ба занону шавҳарон, балки ба ҳамаи онҳое, ки ба ҳамдигар муошироти наздик доранд, дастрас аст. Дӯстони наздик ҳама чизро бо як калима мефаҳманд, мисли одамоне, ки дер боз ҳамдигарро мешиносанд, солҳо бо ҳам кор кардаанд, онҳое, ки якҷоя ҷанг кардаанд, ва ғайра. Дар натиҷа дар муоширати онҳо забони беназир ва нотакрори дӯстона пайдо мешавад.

Айнан ҳамин тавр Худо ба мо имкон додааст, ки бо Ӯ дар сатҳи амиқ муносибатҳои наздик ва дӯстона дошта бошем. Тафаккури табиӣ ва наҷотнаёфтаи мо ҳеҷ гоҳ ба ин сатҳ

расида наметавонад. Сарояндаи Забур чунин чизро пешгӯӣ карда, навишта буд: “Варта вартаро бо овози шаршараҳои Ту даъват менамояд” (Заб. 41:8). Муоширати мо мисли шаршараҳои зинда аст. Исо гуфта буд, ки аз “батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд. Ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, Онро хоҳад ёфт” (Юҳан. 7:38,39). Муносибати наздики мо бо Худо мисли наҳрҳои оби ҳаёт аст. Тасаввур кунед, ки Рӯҳулқудс ба мо чӣ додааст! Ӯ ба фарзандони Худ чӣ қобилият ато кардааст! Вақте ки дар ин бора фикр мекунӣ, дар ҳайрат мемонӣ!

Моро дар пеш корҳои боз ҳам аҷибтаре интизоранд. Павлус дар бораи имондоре, ки ба забонҳо сухан меронад, гуфтааст, ки ӯро ҳеҷ кас намефаҳмад:

> вай бар тибқи рӯҳ асрорро ба забон меоварад (1 Қӯр. 14:2).

Павлус дар зери мафҳуми “асрор” чиро дар назар дошт? Калимаи юнонӣ, ки ҳамчун асрор тарҷума шудааст, *musterion* мебошад. У. И. Вайн, мутахассиси соҳаи забони юнонӣ, дар бораи ин калима менависад: «Дар Аҳди Ҷадид он на чизи махфӣ ё сирро мефаҳмонад (чунон ки дар фаҳмиши инсонӣ), балки ба чизе ишора мекунад, ки берун аз ақли табиӣ аст ва танҳо бо ёрии ваҳйи Худо дарк карда мешавад. Он ба касе маълум мегардад, ки фаҳмишаш бо Рӯҳулқудс равшан карда шудааст. Бо маънои оддии калима “сир” дониши ниҳониро мефаҳмонад, маънои библиявии ин калима бошад, “ҳақиқати ошкоршуда” аст».

Ҳамин тавр, мо боз як афзалияти дуо бо забонҳоро дарёфт мекунем. Худо Рӯҳулқудс ақли Масеҳ ва хиради Падарро медонад, зеро ҳамаи онҳо – пурра як ҳастанд. Ӯ ҳамчунин медонад, ки ба мо чӣ намерасад, чунки Ӯ ҳамеша бо мост.

Бинобар ин Ӯ вазифаи миёнаравро бо он маъно иҷро мекунад, ки ба мо бо забони осмонӣ калимот медиҳад, то ки мо ба таври комил талаб кунем, биҷӯем ва муошират кунем. Тасаввур кунед, ки ин чӣ қадар зебо аст! Шояд, шумо фикр мекунед: *аммо вақте ки ман бо забонҳо дуо мекунам, намефаҳмам, ки чӣ мегӯям.* Бале, барои ҳамин Павлус гуфтааст:

> Бинобар ин касе ки ба забоне сухан меронад, бигзор дар бораи тафсири он тақозо кунад. Зеро, вақте ки ман ба забоне дуо мегӯям, рӯҳам дуо мегӯяд, лекин ақлам бе самар мемонад (1 Қӯр. 14:13,14).

Ҳамин тавр, хоҳ ин дархост бошад, хоҳ шафоат ё танҳо муошират бо Худо, Рӯҳулқудс ҳатман ба ман фаҳмиш медиҳад, ки бо роҳнамоии Ӯ дар бораи чӣ бо забонҳо дуо мекунам, фақат агар дар ин бора аз Ӯ хоҳиш кунам. Ва он гоҳ аз муошират на танҳо рӯҳи ман, балки қалбам низ лаззат мебарад.

## Ҳифзкунандаи асрори ошкоршуда

Бисёр вақт дар ин гуна сӯҳбатҳо Худованд ба ман ҳақиқатҳои ниҳониеро, ки дар Навиштаҷот маҳфузанд, ошкор мекард, ва онҳо ногаҳон зинда мешуданд, ва дар давоми солҳои зиёди хидматгузориам ман дар бораи ин ҳақиқатҳо навиштаам ва таълим додаам. Аммо чизҳое ҳастанд, ки то ҳол ман сухан нарондаам.

Шумо пурсида метавонед, ки барои чӣ ман онҳоро нагуфтаам. Ҳама гап дар он аст, ки барои ин ҳоло фурсат нарасидааст, ё Худо ба қавми Худ ягон чизи дигарро гуфтан ва таъкид кардан мехост. Вақте ки мо бо нақши фиристодагони Подшоҳӣ баромад мекунем, бояд дар хотир дошта бошем, ки

мо аз номи Худо сухан меронем ва чизҳое ҳастанд, ки Ӯ ба мо гуфтан мехоҳад, аммо чизҳое ҳастанд, ки ҳанӯз дар бораи онҳо гап задан лозим нест.

Ман ҳеҷ гоҳ он дарси сахтеро, ки бо ёрии он ман ин ҳақиқатро омӯхтам, фаромӯш намекунам. Боре ман бояд бо як марди Худо вомехӯрдам, ки ӯро дар кишвари мо ҳама хеле хуб мешиносанд. Ман оиди хидмати ӯ бисёр шунида будам ва аз вай ифтихор мекардам, бинобар ин бо хурсандӣ вохӯриро интизор будам. Моро шубони дигар шинос кард. Ман дар ҳаяҷон будам. Ҳамин тавр, мо як бегоҳирӯзӣ ҳангоми хӯроки шом вохӯрдем – шубон, марди Худо ва ҳамсарони мо. Дар сари дастархон ман ваҳйҳои аз ҳама таассуротбахштарини Худоро нақл кардам, зимнан ман ин корро барои он кардам, ки дар вай таассурот боқӣ гузорам. (Дар ҳамон лаҳза ман дарк намекардам, аммо баъдтар фаҳмидам, ки нияти ман аз нақли ваҳйҳо ҳамин буд.)

Пас аз хӯроки шом шубон моро ба меҳмонхона бурд. Ману ҳамсарам сахт хаста шуда будем, рӯз хеле пурмазмун буд. Аммо новобаста ба он ки хеле хаста будам, дар рӯҳам ҳисси нороҳатӣ зиёд мешуд. Ман медонистам, ки Худо мехоҳад, то ман дуо кунам, аз ин рӯ ман ба ҳамсарам гуфтам, ки бе ман бихобад. Вай барои хобидан рафт, ман бошам, ба балкони ҳуҷраи меҳмонхона баромадам. Ҳамон лаҳза ки ман аз ҳуҷра баромадам, Рӯҳулқудс қатъиёна ба қалби ман гуфт: “Ҳамин тавр, подшоҳ тамоми хазинаи худро нишон дод”.

Дилам таҳ кашид. Ман шикаста ва ҳақир шудам. Ман медонистам, ки Рӯҳулқудс хатои Ҳизқиёро хотиррасон кард. Ба назди подшоҳ Ҳизқиё меҳмонон омаданд, ва ӯ хост, ки дар онҳо таассурот боқӣ гузорад:

> Ва Ҳизқиё аз онҳо хурсанд шуд, ва хазинахонаи

> худро: нуқра ва тилло, ва атриёт ва равғани аъло, ва тамоми қӯрхонаи худ, ва ҳар чиро, ки дар хазоини ӯ ёфт мешуд, ба онҳо нишон дод; чизе набуд, ки Ҳизқиё ба онҳо дар хонаи худ ва дар тамоми қаламрави худ нишон надода бошад (Иш. 39:2).

Ишаъёи набӣ аз номи Худованд подшоҳро маҳкум кард. Ман худро хеле бад ҳис кардам. Ман медонистаам, ки ҳамон бегоҳӣ дар сари дастархон оиди ҳақиқатҳо, ё хазинаҳое, ки Худо ба ман ошкор кардааст, сухан рондам, то ки дар одам таассурот боқӣ гузорам.

Сипас Худо қатъиян ба ман гуфт: "Писарам, Ман ба ту ҳақиқатҳои гаронбаҳоро на барои он ошкор кардам, ки дар ҳар ҷо гашта, чи хеле ки ба ту маъқул аст, онҳоро паҳн кунӣ. Ин ҳақиқатҳо ба ту на барои он дода шудаанд, ки ба дигарон таассурот бахшӣ. Ту бояд дар мавриди ҳар чизе, ки Ман ба ту медиҳам, маъмури оқил бошӣ ва то даме ки Ман ба ту амр накунам, набояд онҳоро ба дигарон гӯӣ".

Ман ҳамон лаҳза тавба кардам, аз Худо бахшиш пурсидам, ва бори гуноҳ фавран маро тарк кард, ва ман бо осоиштагӣ ба хоб рафтам. Худои мо хеле меҳрубон аст!

Агар мо хирадманд бошем, одамонеро ба ҳайси дӯстони наздик интихоб мекунем, ки сирҳо ва маълумотҳоеро, ки ба онҳо бовар карда, мегӯем, бепарвоёна ба дигарон эълон намекунанд. Агар дӯст доимо ин қоидаро вайрон кунад, он гоҳ мо бо ӯ мубодила карданро бас мекунем, зеро медонем, ки ӯ боварии моро қадр намекунад ва қимат намешуморад. Бо асрори Худованди мо низ чунин аст. Агар мо хоҳем, ки Ӯ розҳои қалби Худро ба мо изҳор кунад, мо бояд хеле нозукбин бошем, ки Ӯ кай ва чиро мехоҳад, ки мо ба одамон гӯем.

## Аз Худо маслиҳат пурсидан

Вақте ки ман дуо мегӯям ва бо Худо сӯҳбат мекунам, мебинам, ки чӣ тавр ба майнаи ман ҷараёни фикрҳо, ғояҳо, ваҳйҳо, хирад ва таълимот ҷорӣ мешаванд. Чунин ҳис карда мешавад, ки гӯё дар қаъри баҳр зарферо кушодаанд, ки дар он ҳаворо нигоҳ медоштанд, ва акнун он, ба таври боздоштанашаванда, бо суръати баланд ба сатҳи об мебарояд. Идеяҳо аз даруни одами ботинии ман баромада, ба ақли ман ворид мешаванд. Навиштаҷот дар ин бора чунин мегӯянд:

> Рӯҳи одам чароғи Худованд аст, ки тамоми ботинро месанҷад (Мас. 20:27).

Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Рӯҳулқудс на ба майнаи мо, балки ба рӯҳи мо гап мезанад. Маҳз ҳамин қисми ҷавҳари моро Ӯ равшан мекунад. Вақте ки мо дар Рӯҳ дуо мекунем ва аз Рӯҳ идрок талаб мекунем, хиради Худо бо ҷараёни ваҳйю кушоишҳо аз дил ба қабати фаҳмиш, ё хирад мебарояд. Дар Навиштаҷот оиди ин чунин гуфта шудааст:

> Андешаи дили одам обҳои чуқур аст, вале шахси хирадманд онҳоро мекашад (Мас. 20:5).

Маслиҳати Худо чӣ аст? Ин хираде мебошад, ки дар вазъияти мушаххас ба кор бурда мешавад. Чаро одамон ба назди маслиҳатгарон мераванд? То маслиҳати оқилонае гиранд, ки дар вазъияти махсус ба онҳо ёрӣ дода метавонад.

Диққат диҳед, ки маслиҳати Худоро, ки он дар Навиштаҷот ба обҳои чуқур монанд карда мешавад, танҳо одами оқил, шахсе, ки тамоми роҳҳои Худоро медонад, дарёфт карда

метавонад. Рӯҳулқудс тамоми асрори (ниятҳои махфӣ, тамоми донишҳо ва хирад)  Подшоҳиро медонад. Биёед ба хотир меорем, ки Исо чӣ гуфта буд:

> Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд. Ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, Онро хоҳад ёфт; зеро ки Рӯҳулқудс ҳанӯз ато нашуда буд, чунки Исо ҳанӯз ҷалол наёфта буд (Юҳан. 7:38,39).

Мувофиқи Масалҳо, ниятҳои дили инсон – ин маслиҳатҳо ва хиради Худо, ва Исо равшан гуфт, ки сарчашмаи ин хирад Рӯҳулқудс мебошад. Маҳз Ӯ сарчашмаи оби ҳаёт аст (ниг. Ирм. 2:13). Ва акнун бодиққат хонед, ки Павлус чӣ мегӯяд:

> Балки дар бораи ҳикмати Худо [ё *маслиҳати* Худо] маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст... то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем, ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем (1 Қӯр. 2:7, 12,13, курсиви муаллиф).

Ҳамин тавр, хиради Худо, ё маслиҳати Худо – ин афкори амиқ ва аксар вақт – барои ақли табиии мо сирри бузург. Аммо Исо мегӯяд, ки Рӯҳулқудс дарёи оби ҳаёт мешавад. Чӣ тавр? Павлус дар ин бора возеҳ мегӯяд:

> Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад: вай бар тибқи рӯҳ *асрорро* ба забон меоварад (1 Қӯр. 14:2, курсиви муаллиф).

Ана ҳамин хел! Маҳз бо ҳамин тарз одам, ва одами боақл, маслиҳати Худоро мегирад. Борҳо ман ба ҷойҳои Навиштаҷот дучор шудаам, ки бароям нофаҳмо буданд. Ба майнаи ман саволҳое меомаданд, ки ҷавобашонро пайдо намекардам. Бисёр чиз барои ман *сир* боқӣ мемонд.

Бештар аз ҳар чиз ман мепурсидам: "Рӯҳулқудс, ман инро намефаҳмам, лутфан, ба ман нишон деҳ..." Сипас ман бо забонҳо дуо мекардам ё фавран, ё каме баъдтар, пас аз дуо бо забонҳо, ҳақиқате, ки пештар ниҳон буд, ба ман кушода мешуд. Оҳ, ин чӣ қадар зебо аст!

Аксар вақт ҳангоми навиштани китоб, зоҳиран, гӯё ман ба кӯчаи сарбаста медаромадам. Роҳи минбаъдаи ман бо торикии *номаълум* пӯшонида шуда буд. Он гоҳ ман бархеста, бо забонҳо дуо мекардам, ва одатан пас аз чанд дақиқа, ба ман ҷавоби оқилона меомад, ва гӯё сарбанде, ки ба ин хирад монеагӣ мекард, рахна зада мешуд, ва ман нишаста, кори худро давом медодам.

Вақте ки ман оиладор набудам, барои ман *сир* буд, ки бо кӣ издивоҷ мекунам. Ҳанӯз ки ман муҷаррад будам, се духтари шинос доштам, ки ба ман хеле маъқул буданд. Аммо, вақти зиёдро бо дуо дар рӯҳ гузаронида, ман фаҳмидам, ки Худо алоқамандона ба ҳар сеи онҳо қатъиёна "не" гуфт. Баъд ман Лизаро вохӯрдам, ва дар давоми як моҳ ҳар рӯз якуним соат бо забонҳо дуо кардам, ва ин вақтро ба муносибатҳоямон бо Рӯҳ бахшидам. Дар вақти дуо Худо ба ман дилпурии қатъӣ дод, ки Ӯ ҷонибдори интихоби ман аст, ва баъдтар инро бо чизҳои зиёди дигар тасдиқ кард. Аммо бояд гуфт, ки бе ҳеҷ шакку шубҳа ва ҳанӯз то тасдиқ ман медонистам, ки маҳз Лиза – арӯсшавандаи ман. Ман инро дар ботини худ медонистам, аз рӯи он оромие медонистам, ки ҳангоми дуо кардан бо забонҳо оиди ин масъала ҳис мекардам.

Вақтҳое буданд, ки ман намефаҳмидам, ки дар ҳаёти ман ё дар ҳаёти одамони ба ман наздик чӣ рӯй дода истодааст. Ин барои ман *сир* буд. Ман ҳамту аз Рӯҳулқудс дархост кардам, ки хирад ё нигоҳи Худро оиди вазъият ба ман зоҳир кунад. Ва воқеан, пас аз чанд вақт баъди дуо бо забонҳо ҳама чиз равшан мешуд.

Дар ман ҳолатҳое буданд, ки ягон нафар аз аъзои оилаи ман ба дуо мӯҳтоҷ буд, вале ман худам инро намефаҳмидам, ва он гоҳ Рӯҳулқудс маро водор мекард, ки барои ин одам дуо кунам. Баъдтар ман оиди дахолат ё ҳимояти Худо, ки барои раҳо шудани ин одам аз хатар кӯмак кардаанд, хабар меёфтам.

*Сир* – ин чизе, ки барои ақли табиии мо пӯшида мебошад. Барои ман шояд он сир бошад, ки ба кадом калисо бояд равам, кадом намуди хидматро иҷро кунам, кадом хонаро бихарам, чӣ тавр барои президент ё роҳбарони дигар самаранок дуо кунам ва чӣ тавр самаранок барои шубони худ дуо кунам. Худатон мефаҳмед, ки ин рӯйхатро беохир давом додан мумкин аст.

## Оромӣ дар ҷустуҷӯи роҳнамоии Худо

Аз ҳама бори вазнинтарин барои бисёр имондорон *сирри* самте аст, ки бояд онҳо пеш гиранд. Аз ин сабаб, одатан, одамон ба назди машваратчиён мераванд. Аммо ман ба ҳамаи шумо хабари аҷибе дорам! Акнун шумо набояд ташвиш кашед, ки минбаъд чӣ кор бояд кунед. Худо ваъда додааст: “Ва агар касе аз шумо аз ҳикмат [фаҳмиши он, ки *чӣ кор бояд кунӣ]* камӣ дошта бошад, бигзор талаб кунад аз Худое, ки ба ҳама бо саховат ва бе сарзаниш ато менамояд, — ва ба вай ато хоҳад шуд” (Яъқ. 1:5). Мо танҳо пурсида

метавонем! Чӣ тавр? Дар дуо бо забонҳо оиди вазъияти худ. Вақте ки ман пештар намедонистам, ки чӣ кор бояд кунам, дар ҳолати сарбаста қарор мегирифтам, аммо баъд бо забонҳо дуо мекардам, ва ҳар дафъа аз қалби ман ба ақлам, ҳамчун фаввора хираде ҷорӣ мешуд, ки дар он вазъият барои ман хеле зарур буд.

Мо дар хидматгузории худамон солҳои зиёд маҳз ҳамин тавр амал мекардем. Вақте ман намефаҳмидам, ки минбаъд чӣ кор бояд кунам, чанд лаҳза танҳо бо забонҳо дуо мекардам, ва ногаҳон аз рӯи илҳоми Худо идеяҳо ба сӯи мо бо маҷрои васеъ ҷорӣ мешуданд. Ман ва ҳамсарам хидматгузориамонро бисёр сол пеш аз ин шурӯъ карда будем. Ҳар як қарори муҳиме, ки ман қабул мекардам, пас аз дуо дар Рӯҳ меомад. Ҳоло мо бештар аз сӣ ходим дорем, ки дар се қитъа хидмат мекунанд. Худо имкон ато фармуд, ки бо Калом ва ҳузури Ӯ ба ҳаёти миллионҳо одамон таъсир расонем. Дар давоми чордаҳ соли хидматгузорӣ боре ҳам қарздор нашудем, ва акнун мо сармояи арзанда дорем, ки аз рӯи пул ва меҳнат ҳисоб карда мешавад, ва ба мо барои самаранок хидмат кардан ба Худо ёрӣ медиҳад. Ва ин ҳама барои он имконпазир шуд, ки Худо гуфтааст:

> Ман Худованд Худои ту ҳастам ва туро таълим медиҳам, ки ба худат фоида бирасонӣ, ва туро ба роҳе ҳидоят менамоям, ки бояд бо он биравӣ. Кошки ба аҳкоми Ман гӯш медодӣ! Он гоҳ осоиштагии ту мисли наҳр, ва адолати ту мисли мавҷҳои баҳр мебуд (Иш. 48:17,18).

Рости гап, осоиштагии мо ҳамчун дарё ҷорӣ аст. Мо вақтҳоеро аз сар гузаронидем, ки аз рӯи вазъиятҳое, ки дар атрофи мо рӯй медоданд, ба назар чунин менамуд, ки бояд

моро изтироб фаро мегирифт. Аммо вақте ки бо забонҳо дуо кардем ва тамоми корҳои худро ба дастони Ӯ супоридем, осоиштагии Ӯ моро фаро гирифт. Дар бораи дуо бо забонҳо мехонем:

> Ба яқин, Ӯ бо лабҳои бегона ва бо забони дигар ба ин қавм хоҳад гуфт. Он чиро, ки пештар гуфта буд: “Фароғат ҳамин аст; хастаро ба ҳоли худ вогузоред; оромӣ ҳамин аст” (Иш. 28:11,12).

Онҳое, ки осоиштагӣ надоранд, оромӣ низ надоранд. Оромие, ки Худо дар ин оят мегӯяд, – ин натиҷаи осоиштагие, ки чун дарё ҷорӣ аст. Ман ҳикояҳои бешумореро нақл карда метавонам, ки дар тӯли солҳои зиёд ҷамъ овардаам, то суханонамро тасдиқ кунам, аммо як воқеаи махсус ба хотирам меояд. Он вақт ман ба осонӣ оромиамро гум карда метавонистам, чунки тамоман саросема шуда, намедонистам, ки чӣ кор кунам.

Ин воқеа ҳангоми сафари ман ба Мексика рӯй дод, ки дар он ҷо ман дар як ҷамъомади башоратдиҳӣ бояд мавъиза мекардам. Ман ба Монтеррей танҳо барои як шаб парвоз карда омадам. Ҷамъомад бояд дар маркази шаҳр барпо мешуд. Ман тамоми рӯз бо забонҳо дуо кардам, ва дар рӯҳи худ рӯъёе дидам, ки он толор бо нури дурахшоне, ки аз осмон метобид, равшан шуда буд. Худованд ба қалби ман сухан ронда, гуфт: “Ин ҷалоли Ман аст, ки имрӯз бегоҳӣ зоҳир хоҳад шуд”.

Ҳамон бегоҳӣ ман бо шубоне, ки ин вохӯриро роҳнамоӣ мекард, бо ҳаяҷон ба толор омадем. Калисои ӯ барои тайёр кардани ин чорабинӣ корҳои бисёрро анҷом дода буд. Мо понздаҳ дақиқа пеш аз ҷамъомад омадем, ва ман фаҳмидам, ки ба назди шубон шахси хашмгине бо ду посбони мусаллаҳ омад. Ӯ бо шубон бо забони испанӣ гап зад, ва ман шунидам,

ки оҳанги гуфтори ӯ дағал ва дурушт буд. Шубон ба назди ман омада, гуфт: “Ҷон, ту имрӯз мавъиза карда наметавонӣ”.

Ман аз вай пурсидам, ки чаро.

Ӯ ҷавоб дод: “Ин одам – мансабдори калони ҳукумат, ва дар ин иёлат қонуне амал мекунад, ки тибқи он, агар ту шаҳрванди Мексика набошӣ, барои мавъиза кардан ҳақ надорӣ. Ҳеҷ кас пештар риояи ин қонунро талаб накарда буд, вале ин дафъа ин мансабдор риояи ҳатмии ин қонунро талаб дорад. Дар акси ҳол мушкилоти ҷиддӣ пайдо шуда метавонад. Дар асл, худи ӯ бо ту сӯҳбат кардан мехоҳад”.

Ман фавран Петрус ва Юҳанноро ба хотир овардам, ки пешвоёни яҳудӣ ба онҳо дар бораи Масеҳ башорат доданро манъ карда буданд. Аммо онҳо гӯш накарданд, зеро ин ба Каломи Худо мухолиф буда метавонист. Бинобар ин ман ба шубон гуфтам: “Ин одам бе ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ба иҷро кардани он чизе, ки Худо ба ман дар рӯъё нишон додааст, халал расонад. Оё баромади ман ба калисои ту осеб мерасонад? Агар не, пас ҳамон лаҳза ки ӯ меравад, ман ҳатман мавъиза хоҳам кард. Ман тамоми ин роҳро на барои он тай кардаам, ки нишаста, ҳеҷ кор накунам! Аммо агар баромади ман ба ту зарар расонад, он гоҳ ман мавъиза намекунам”.

Ӯ гуфт: “Ҷон, ин одам ба калисои мо зарари калон расонида метавонад, аз ин рӯ ба вай гӯш кардан лозим аст”. Ман ба маслиҳати шубон гӯш дода, ҳарду ба назди мансабдор омадем.

Аввал мансабдор ба ман нигоҳ кард, ва баъд бо дуруштӣ гуфт: “Шумо бо забони испанӣ гап мезанед?”

“Не, ҷаноб”, – гуфтам ман.

Сипас ӯ гуфт: “Бояд ба шумо инро бигӯям. Шумо имрӯз танҳо дар бораи корҳое, ки ба сайёҳӣ дахл доранд, сухан

ронда метавонед". Сипас ӯ ба шубон рӯ оварда, бо забони испанӣ ҷиддӣ сухан ронд. Ва тамоми ин вақт посбонон бо чашмони бадқавоқ ба мо нигоҳ мекарданд. Ҳамон лаҳза ки мансабдор суханони огоҳкунандаи худро тамом кард, онҳо рафтанд.

Шубон, зоҳиран, дар ҳайрат монд, ва барои он ки ман ба онҳо хидмат карда наметавонам, ӯ аз ман бахшиш пурсид, ва сипас ба толор рафт, то ки омодагиҳои охиринро ба анҷом расонад.

Дар он лаҳза ман худро ошуфта ҳис кардам. Ман медонистам, ки ба ман хиради Худованд лозим аст, зеро намедонистам, ки чӣ тавр рафтор кунам. Аз ин рӯ ба берун баромада, ҷои нисбатан хилват пайдо кардам, ва дар он ҷо ба дуо гуфтан шурӯъ намудам. Ман медонистам, ки танҳо бо воситаи дуо бо забонҳо хиради Худоро дарёфт карда метавонам. Ҳамин тавр ман бо ҷидду ҷаҳд бо забонҳо дуо кардам. Аз паҳлӯи ман одамон гузашта мерафтанд, ва ба фикрам, онҳо маро марди хориҷие пиндоштанд, ки роҳ гашта, худ ба худ гап мезанад.

Дар давоми чанд лаҳзаи дуо бо забонҳо қалби маро оромии Худо пур кард. Ман дар тӯли понздаҳ дақиқа ё атрофи он дуо карданро идома додам, ва ногаҳон аз қалби ман, ҳамчун фаввораи тоза, дар майнаам фикре пайдо шуд. Ман шунидам: "Китоби Муқаддасро як сӯ гузор, ва ба одамон дар бораи Сайёҳи аз ҳама бузургтарин нақл кун, ки ким-кай ба Мексика омадааст!"

Ман аз шодӣ қариб ҷаҳидам ва бо овози баланд дод задам: "Ана, ҳаминаш. Ӯ ба ман иҷозат дод-ку, ки оиди сайёҳӣ гап занам! Ман ба онҳо дар бораи Исо нақл мекунам, аз ҳама Сайёҳи бузургтарин, ки боре ба Мексика ташриф оварда буд!"

Ман зуд ба толор шитоб кардам. Аммо хидматгузорӣ аллакай сар шуда буд, ва шубон ҷамъомадагонро пазироӣ карда, дар пеш меистод. Ҳамсари ӯ, ки дар ақиб истода буд, гуфт: “Ҷон, шубон мехоҳад, ки ту ба пеш бароӣ”.

Ман баромадам, ӯ ба ман нигоҳ кард ва пичиррос зада гуфт: “Худо ба ман гуфт, ки ту бояд он кореро, ки Ӯ фармуд, иҷро кунӣ”.

Он гоҳ ман ба толор муроҷиат кардам: “Дӯстон, мансабдори ҳукумат ба ман иҷозат дод, ки дар бораи масъалаҳои марбут ба фаъолияти сайёҳӣ гап занам. Бинобар ин ман дар бораи Сайёҳи аз ҳама бузургтарин, ки ким-кай ба Мексика ташриф овардааст, нақл мекунам. Ман ба шумо дар бораи Исои Масеҳ гап мезанам”.

Издиҳоми имондорон дар толор нидоҳои шодмонӣ бароварданд. Сипас дар давоми як соати пурра ман Каломи Худоро мавъиза кардам. Вақте ки ман тамом кардам, онҳоеро ба пеш даъват кардам, ки ҳаёти худро ба Исои Масеҳ тақдим карда, худро ба ҳокимияти Ӯ тобеъ намудан мехостанд.

Одамони зиёд ба пеш баромаданд, ва танҳо ҳамон лаҳза ман ногаҳон афсари полисро пайхас кардам, ки аз қатори ақиб рост ба пеш ҳаракат мекард. Ман дар дили худ гуфтам: *Пеш аз он ки маро дастгир кунанд, дар бораи наҷоти ин одамон дуо кардан лозим аст.* Ман Петрус ва Юҳанноро ба хотир овардам, ки дар назди дарвозаи Сурх мавъиза карда буданд ва пеш аз он ки ба одамон чӣ тавр қабул кардани Исоро фаҳмонанд, онҳоро ба ҳабс гирифтанд. Бинобар ин ман зуд бо одамоне, ки барои наҷот ёфтан ба пеш баромада буданд, дуо кардам. Баъд аз ин ман пайхас кардам, ки афсари полис аз паҳлӯи ман гузашта, ба паси пардаи саҳна гузашт. Ва ман фавран сабукӣ ҳис кардам, чунки акнун

озодона ба одамон хидмат карда метавонистам.

Сипас ман ба одамон фаҳмонидам, ки онҳо бояд ба назди машваратчиён раванд, то ки ба онҳо кӯмаки минбаъда расонанд. Вақте ки онҳо аз саҳна дур шуданд, ман як одами лангро дидам. Сипас ман шунидам, ки Рӯҳулқудс ба қалби ман гуфт: “Ман аввал ин одамро шифо медиҳам. Ӯро боздошта, зуд барояш дуо кун”.

Он чиро ки Рӯҳ ба ман гуфт, дақиқан иҷро кардам. Пас аз дуо ба вай гуфтам: “Акнун, ҷаноб, лутфан, асои худро партоед”.

Ӯ ба ман нигоҳ кард, гӯё ба ман гуфтан мехост, ки ин ғайриимкон аст, аммо ман бо исрор талаб кардам, ва ӯ ҳамин тавр кард. Сипас ман дасти ӯро гирифтам, ва мо якҷоя роҳ рафтем. Ӯ аввал оҳиста роҳ рафт, баъд зудтару зудтар, ва ниҳоят мо якҷоя давидем.

Ҷамъомадагон аз хурсандӣ фарёд мезаданд. Аз ҳар ҷо одамон ҷамъ шудан гирифтанд, ва дар саҳна тақрибан сад нафар гирд омаданд. Бисёриҳо бо қуввати Рӯҳ шифо ёфтанд. Ман танҳо чанде аз онҳоро зикр мекунам. Мо ба зане, ки гӯшаш кар буд, дуо кардем, Худованд гӯши ӯро кушод. Ӯ чунон ба Худо шукргузор буд, ки аз ашки фаровони чашмонаш куртаи кабудранги ӯ нилобии торик шуд. Худо чашми зани дигарро шифо дод ва зани сеюм аз саратон халос шуд.

Сипас мо ба бачаи панҷсола дуо кардем, ва ӯ шифо ёфт. Мо ба одамон беш аз як соат хидмат кардем. Ин хеле аҷиб буд, ва бисёриҳо аз хурсандӣ ашк мерехтанд. Дар кадом як лаҳза одамонеро дидам, ки дар назди саҳна бо асбоби аксбардорӣ меистоданд, аммо ба онҳо таваҷҷӯҳи махсус зоҳир накардам.

Субҳи дигар ман ба Иёлоти Муттаҳида баргаштам. Пас аз як ҳафта аз Мексика ба назди ман шубон парвоз карда омад.

Ӯ гуфт: “Ҷон, ман омадам, то ки рӯ ба рӯ бо ту мубодилаи афкор кунам”. Ӯ нақл кард, ки ҳамон мансабдори ҳукумат ба ҷамъомад ду агенти махфии худро фиристод ва ба онҳо фармон дод, ки агар ман мавъиза кунам, маро ба ҳабс гиранд.

Онҳо айнан дар ҳамон вақт омаданд, ки ман ба одами ланг дуо мекардам. Вақте онҳо диданд, ки ӯ шифо ёфт, яке аз дигаре пурсид: “Ба фикри ту ин рост аст?”

Рафиқи ӯ ҷавоб дод: “Намедонам, аммо биё наздиктар рафта, тафтиш мекунем”. Шубон гуфтугӯи онҳоро шунид, чунки яке аз ходимон дар паҳлӯи онҳо истода буд ва ҳама чизро шунида, ба шубон нақл мекард.

Ду афсар ба пеш баромаданд ва шоҳиди мӯъҷизаҳои дигар шуданд. Вақте зане, ки гӯшаш кар буд, ба шунидан сар кард, яке аз онҳо гуфт: “Ба фикрам, ҳамаи ин рост аст”. Сипас, вақте ки онҳо писарбачаи панҷсоларо диданд, ки бо қуввати Худо шифо ёфт, онҳо ба якдигар нигоҳ карда, гуфтанд: “Ҳамаи ин рост аст!”

Сипас шубон ба ман гуфт: “Ҷон, ин ду шахс, ки барои дастгир кардани ту омада буданд, ба пеш баромада, аз ту дархост карданд, ки барои онҳо дуо кунӣ, ва ҳарду он шаб наҷот ёфтанд!”

Ҳоҷати баён нест, ки ману шубон ҳамон рӯз дар ҳуҷраи кориам чӣ қадар хурсандӣ кардем. Сипас ӯ рӯзномаи шаҳриро кушода, мақолаеро ба ман нишон дод, ки пас аз як рӯзи ҷамъомад нашр шуда буд. Дар мақола гуфта мешуд, ки ман қаллобе ҳастам, ки дар саросари кишвар аз одамони зудбовар пул ҷамъ мекунад. Аммо рӯзноманигороне, ки дар ҷамъомад иштирок карда буданд, хабар доданд, ки онҳо шоҳиди ба таври ҳаққонӣ шифо ёфтани бисёр одамон гардиданд ва надиданд, ки касе пул ҷамъ карда

бошад. Аҷибаш ин аст, ки ҳамон рӯз дар дили худ ҳис кардам, ки хайрот ҷамъ кардан лозим нест, ва, зиёда аз ин, хидматгузории мо ҳамон дафъа чиптаи ҳавопаймои маро пардохт кард. Мо аз ин кишвар як сент ҳам набурдем.

Рӯҳулқудс чӣ қадар аҷиб аст! Агар роҳнамоии Ӯ набошад, дар ин вазъиятҳо чӣ гуна дуруст рафтор кардан мумкин аст? Агар ҳамон рӯз ман бо забонҳо дуо карда наметавонистам ва агар ҳамон бегоҳӣ боз як бори дигар дуо намекардам, аз Мексика бо кайфияти нохуш, иродаи Худоро иҷро накарда, мерафтам. Шубон аз сабаби таҳдиди мансабдор ба ман иҷозат намедод, ки мавъиза кунам. Аммо бо шарофати дуо бо забонҳо, бо шарофати ақлу иродаи Худо, он чизе, ки барои мо *сир* буд, дар воқеият падидор шуд. Ман барои шубон аз рӯи иродаи Худо шафоатхоҳӣ карда тавонистам, ва дар натиҷа ӯ садои Худовандро шунид, ва Худованд алоқамандона ба он, ки чӣ тавр муқобилати ҳокимонро паси сар кардан мумкин аст, ба ман хирад бахшид. Бигзор тамоми ҷалол ба Худованд бод!

Оҳ, душман чӣ қадар сахт кӯшиш мекунад, ки ин аторо аз Калисо бидуздад. Ӯ аз он метарсад, чунки ин алоқаи бевоситаи Худо бо муқаддасони Ӯ мебошад, ва шаётин тасаввур ҳам карда наметавонанд, ки мо бо ин роҳ дар вақти дуо бо забонҳо маҳз чӣ чизҳоро мубодила мекунем. Вазъиятҳо ё дар дил хоҳишҳое пайдо шуда метавонанд, ки бо суханони худ дар дуо изҳор карда метавонем, аммо аксар вақт мо ба ҳолатҳое дучор мешавем, ки сухан оҷиз мемонад, ва он гоҳ ба мо кӯмаки Рӯҳулқудс лозим мешавад. Бинобар ин Павлус гуфтааст: “Пас чӣ бояд кард? Бо рӯҳ дуо хоҳам гуфт, бо ақл низ дуо хоҳам гуфт; бо рӯҳ суруд хоҳам хонд, бо ақл низ суруд хоҳам хонд” (1 Қӯр. 14:15).

## Ташаккули одами ботинӣ

Дар вақтҳои охир қалби ман ба қавми Худо фарёд мезанад, ва онҳоро даъват мекунад, ки барои татбиқи он чизҳое, ки дар боло навиштам, ба муносибатҳои наздиктарин бо Худо ворид шаванд. Ҷавоби мо ба даъвати Ӯ оиди наздикшавӣ боз ҳам бештар аҳамиятнок мегардад. Бо гузашти вақт танҳо фаҳмиши Навиштаҷот барои мо куллан нокифоя мегардад, зеро ҳатто фарисиён дорои ин фаҳмиш буданд. Мо бояд на танҳо ба он чизе, ки Рӯҳулқудс *гуфтааст*, ҳассос бошем, балки ба он чизе низ, ки Рӯҳулқудс *мегӯяд*. Исо айнан ҳамин тавр зиндагӣ мекард. Ӯ гуфтааст: “Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам. Ончунон ки мешунавам, доварӣ мекунам *[қарор қабул мекунам]”* (Юҳан. 5:30, курсиви муаллиф). Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас ин порчаро чунин маънидод мекунад:

> Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам [яъне новобаста, аз рӯи иродаи Худ, аммо тавре ки Падар Маро таълим додааст ва тавре ки Ман фармудаҳои Ӯро мегирам]... [Ман тавре ба ҷо меорам, ки бояд оварда шавад. Вақте ки овозро мешунавам, он гоҳ қарор қабул мекунам]” (Юҳан. 5:30).

Исо ба роҳнамоии Рӯҳулқудс он қадар ҳассос буд, ки доимо вобастагии Худро аз Падар эътироф мекард. “Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад” (Юҳан. 5:19). Ва боз: “Суханоне ки Ман ба шумо мегӯям, аз Худ намегӯям” (Юҳан. 14:10). Мо ҳамчун пайравони Ӯ бечунучаро “бояд тавре рафтор кунем, ки Ӯ рафтор мекард” (1 Юҳан. 2:6).

Мо низ, ба мисли Ӯ, бояд ба Рӯҳулқудс ҳассос бошем.

Хусусан, шахсан ман бовар мекунам, ки мутобиқи иродаи Худо, мо назар ба он ҷаҳони табиӣ, ки моро иҳота кардааст, бояд бештар ба амалҳои Худо бо ҳассосият эътино кунем. Дуо бо забонҳо одами дарунии моро бо он мақсад ташаккул медиҳад, ки мо ба Рӯҳулқудс бештар ҳассос бошем. Ва боз ҳам ба мо мегӯянд:

> Касе ки ба забоне сухан меронад, вай худашро *обод мекунад* (1 Қӯр. 14:4, курсиви муаллиф).

Калимаи юнонии обод кардан – *oikodomeo*. Маънои асосии он – "сохтани хона". Қайд кардан аҷиб аст, ки баданҳои мо – ин маъбади Рӯҳулқудс ҳастанд. Павлус ба мо хотиррасон мекунад, ки "мо иморати Худо ҳастем" (1 Қӯр. 3:9). Мо хонаи Ӯ мебошем. Бинобар ин вақте ки мо бо забонҳо дуо мекунем, мо масканро барои Рӯҳулқудс васеъ мегардонем. Мо ба Ӯ барои сокин шудан дар мо ҷои бештаре фароҳам меорем. Албатта, ман ҷанбаи физикии ин мафҳумро дар назар надорам, балки ба таври маҷозӣ ҳарф мезанам, зеро У. И. Вайн изҳор мекунад, ки ин калима «хоҳ бо маънои аслӣ ва хоҳ маҷозӣ "сохтмон"-ро мефаҳмонад».

Ҳамин тавр, вақте ки мо бо забонҳо дуо мекунем, қобилияти худро барои дар дохили худ доштани ҳузур ва қуввати Ӯ васеъ мегардонем. Мо шахсияти ботинии худро ташаккул медиҳем, аз ин рӯ бо Рӯҳулқудс ҳидоят шудани мо осонтар мешавад, на бо ақли табиии худ.

Вайн ҳамчунин мегӯяд, ки ибораи "обод шудан" бо маънои маҷозӣ "инкишофи рӯҳонӣ ва ташаккули хислати имондорон"-ро мефаҳмонад. Ин гуна маъно ба ақидаи ҳаворӣ Яҳудо, ки дар номаи марбут ба инкишофи рӯҳонии шахси имондор ифода ёфтааст, мувофиқ меояд:

> Валекин шумо, эй маҳбубон, худро бо имони бағоят муқаддасатон обод кунед, ва дар Рӯҳулқудс дуо гуфта... (Яҳуд. 20).

Калимаи юнонparam, ки дар ин ҷумла бо маънои обод шудан (бунёд кардан), ё бинокорӣ истифода бурда шудааст, *epoikodomeo* мебошад. Маънои аслии он – “дорои асос будан ё ба чизе такя кардан”. Барои ҳамин дар ин ҷо низ бунёди доимии рӯҳи мо дар назар дошта мешавад. Павлус ба имондорон гуфта буд, ки онҳо иморати Худо ҳастанд ва Худо аз рӯи меҳрубонии Худ ба он асос гузошт, ки онҳоро ба назди Масеҳ овард. Пас аз ин ӯ изҳор мекунад: “Ҳар кас бохабар бошад, ки чӣ гуна месозад” (1 Қӯр. 3:10).

Ҳоло рӯҳи бисёр имондорон суст аст, зеро онҳо одами ботинии худро ташаккул намедиҳанд. Онҳо, аниқтараш, ба гирду атроф бо чашмони ҷисмонӣ менигаранд, на бо чашмони рӯҳонӣ. Онҳо бештар ба гӯшҳои ҷисмонии худ бовар мекунанд, на ба он ки Рӯҳулқудс ба дилҳои онҳо мегӯяд. Дар ҳаёти онҳо одами беруна ҳукмронӣ мекунад. Одами ботинии ин гуна шахсонро ба касе монанд кардан мумкин аст, ки рӯзи дароз дар диван нишаста, телевизор тамошо мекунад ва картошкабирён мехӯрад. Оҳ, эҳтимоли зиёд дорад, ки онҳо дар хидматгузории худ ғайратмандона меҳнат мекунанд, аммо одами ботинии онҳо дар фаромӯшӣ аст. Ин гуна имондорон бисёр вақт ба ман мегӯянд: “Барои чӣ ман ҳеҷ гоҳ Худоро намешунавам?” Сабаби ин маълум аст. Зеро Худо на ба ақли мо, балки ба рӯҳи мо гап мезанад. “Рӯҳи одам чароғи Худованд аст” (Мас. 20:27). Агар мо одами ботинии худро ташаккул надиҳем, овози Худоро возеҳ шунида наметавонем.

Павлус ба имондорони яҳудӣ мегӯяд, ки ба онҳо ҳарфи

гуфтанӣ дорад, аммо "гӯшҳои онҳо вазнин шудааст" (Ибр. 5:11). Ба ин одамон асбобҳои шунавоӣ лозим нестанд, фақат одами ботинии онҳо он қадар аз самти дуруст бероҳа шудааст, ки онҳо ба чизҳои рӯҳонӣ бепарво шудаанд. Аз ин сабаб, дар асл, ин гуна одамон амалҳоеро ба ҷо меоранд, ки ба сохтмон ё бунёдкорӣ зид мебошанд. Онҳо қобилияти шунидани овози Худоро гум кардаанд. Ҳамаи ин принсипҳо ба ҳамаи онҳое, ки ба ташаккули одами ботинии худ аҳамият намедиҳанд, дахл дорад. Бе одами қавии ботинӣ мо ба Худо наздик шуда наметавонем! Аз ҳамин сабаб Павлус боҷуръатона изҳор кард: "Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам" (1 Қӯр. 14:18). Дар идома ӯ ба ибриён муроҷиат мекунад:

> Вале ғизои сахт барои касонест, ки ба камол расидаанд *[рӯҳан баркамол]*, ки ҳиссиёташон ба василаи малака *[машқи доимӣ]* ба фарқ кардани неку бад омӯхта шудааст (Ибр. 5:14, курсиви муаллиф).

Диққат диҳед, Павлус ҳиссиётро дар назар дорад, вале на ҳиссиёти берунаро, балки даруниро. Ҳамчунин аҳамият диҳед, ки тибқи суханони ӯ мо бо воситаи малака, яъне бо машқҳои пайвастаи амалӣ ҳиссиётҳои дарунии худро инкишоф медиҳем, то ташхис кардани онро ёд бигирем, ки чӣ аз Худо асту чӣ аз иблис аст.

Мо панҷ узви ҳисси ҷисмонӣ дорем, ва айнан ҳамин қадар аъзои ҳисси рӯҳонӣ дорем. Навиштаҷот ба мо чунин мисолҳо меорад. Матни зеринро хонед, ва ба худ савол диҳед, ки оё амалҳои номбаршударо бо узвҳои ҷисмонии ҳиссиёт иҷро карда метавонем. Ин ба шумо кӯмак мекунад, то бифаҳмед, ки муаллифони матнҳо маҳз ҳиссиётҳои рӯҳониро дар назар доранд, на табииро:

## Таъм

*Бичашед* ва хоҳед дид, ки Худованд некӯст! (Заб. 33:9, курсиви муаллиф).

Чӣ *ширин* аст сухани Ту ба коми ман! Ва ба даҳонам аз асал ширинтар аст (Заб. 118:103, курсиви муаллиф).

Суханони Ту пайдо шуд, ва ман онҳоро *фурӯ бурдам,* ва каломи Ту шодии ман ва хурсандии дили ман гардид (Ирм. 15:16, курсиви муаллиф).

## Ламс

Бинобар ин аз миёни онҳо берун оед ва ҷудо шавед, мегӯяд Худованд, ва ба чизи нопок *нарасед,* ва Ман шуморо қабул хоҳам кард (2 Қӯр. 6:17, курсиви муаллиф).

Дур шавед, дур шавед, аз он ҷо берун оед! Ба чизи нопок *нарасед!* Аз миёни он берун равед, худро тоза кунед, эй онҳое ки зарфҳои Худовандро мебардоред! (Иш. 52:11, курсиви муаллиф).

## Бӯйҳо

Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар мебахшад ва *накҳати* дониши Худро ба воситаи мо дар ҳар ҷо паҳн мекунад. Зеро ки мо барои Худо *накҳати* Масеҳ ҳастем, ҳам дар миёни наҷотёбандагон ва ҳам дар миёни нобудшавандагон: он барои баъзе касон *накҳати* мамот аст, ки мамот меоварад, ва барои касони дигар *накҳати* ҳаёт аст, ки ҳаёт меоварад. Ва кист, ки ба ин лоиқ бошад? (2 Қӯр. 2:14-16, курсиви муаллиф).

Ва дар муҳаббат рафтор кунед, чунон ки Масеҳ низ ба мо муҳаббат дошт ва Худро барои мо, ҳамчун ҳадия ва қурбонӣ ба Худо, ҳамчун *бӯи муаттар* таслим намуд (Эфс. 5:2, курсиви муаллиф).

Ман ҳамаашро гирифтам ва ба қадри барзиёд дорам; ва ман аз ҳар чиз пур гаштам, вақте ки ҳадияи фиристодаи шуморо, ҳамчун *бӯи муаттар,* ҳамчун қурбонии хуши писандидаи Худо, аз дасти Эпафрӯдитус гирифтам (Филип. 4:18, курсиви муаллиф).

## Биниш

Зеро ки чашмаи ҳаёт бо Туст; дар нури Ту нурро *мебинем* (Заб. 35:10, курсиви муаллиф).

Ва *чашмони* дили шуморо равшан созад, то шумо бидонед, ки умеди даъвати Ӯ аз чӣ иборат аст, ва сарвати ҷалоли мероси Ӯ барои муқаддасон чӣ гуна аст, ва бузургии қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст. Он қудрат аз рӯи амали қуввати азими Ӯст (Эфс. 1:18,19, курсиви муаллиф).

Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад; балки *мебинем*, ки Исо, ки аз фариштагон андак кам карда шуда буд, ба сабаби азоби мамот алҳол тоҷи ҷалол ва шавкат бар сар дорад (Ибр. 2:8-9, курсиви муаллиф).

Ва агар *чашмат* солим бошад, тамоми баданат равшан хоҳад буд; лекин агар *чашми* ту хира бошад, тамоми баданат торик хоҳад буд (Мат. 6:22,23, курсиви муаллиф).

## Шунавоӣ

> Ва Илёс ба Аҳъоб гуфт: “Баромада, бихӯр ва бинӯш, зеро ки *садои* борони зиёде меояд” (3 Под. 18:41, курсиви муаллиф).

> Ҳар кӣ *гӯши шунаво дорад, бишнавад!* (Луқ. 14:35, курсиви муаллиф).

> Ҳар кӣ *гӯш* дорад, *бишнавад*, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд (Ваҳй 2:7, курсиви муаллиф).

Алоқамандона ба одами ботинӣ, ки ба Рӯҳи Худо беҳис ва беаҳамият мегардад, Исо комилан возеҳ чунин гуфтааст:

> Аз он сабаб ба онҳо бо масалҳо сухан мегӯям, ки онҳо нигоҳ мекунанд *[одами зоҳирӣ]*, вале намебинанд *[одами ботинӣ]*, ва гӯш медиҳанд *[одами зоҳирӣ],* вале намешунаванд *[одами ботинӣ]*, ва намефаҳманд; ва дар ҳаққи онҳо нубуввати Ишаъё ба амал меояд, ки гуфтааст: “Бо гӯшҳои худ хоҳед шунид *[одами зоҳирӣ],* вале нахоҳед фаҳмид *[одами ботинӣ];* бо чашмҳои худ нигоҳ хоҳед кард *[одами зоҳирӣ],* вале нахоҳед дид *[одами ботинӣ];* зеро ки дили ин мардум сангин *[одами ботинӣ]* ва гӯшҳошон вазнин шудааст *[одами ботинӣ],* ва чашмони худро бастаанд *[одами ботинӣ],* мабодо бо чашмон бубинанд *[одами ботинӣ]* ва бо гӯшҳо бишнаванд *[одами ботинӣ]* ва бо дилҳо бифаҳманд ва руҷӯъ кунанд *[одами ботинӣ]* (Мат. 13:13-15, курсиви муаллиф).

Табиати рӯҳонӣ ҳисси ботинии худро инкишоф медиҳад, то дар олами рӯҳонӣ фарқ кардани он, ки чӣ аз Худост ва чӣ аз Ӯ

нест, омӯзад. Чунин инкишофро истифода ё машқи ҳиссиётҳои имондор муайян мекунад. Ҳамаи мо ҳиссиётҳои табиӣ дорем ва танҳо бо туфайли машқ онҳо дар баъзеҳо назар ба дигарон беҳтар инкишоф ёфтаанд. Масалан, одамоне ҳастанд, ки ҳисси зоиқаи худро чунон инкишоф додаанд, ки сифати навъҳои гуногуни шаробро муайян мекунанд. Ба туфайли таҷрибаи худ онҳо таъм ва соли истеҳсоли шаробро муайян карда метавонанд, яъне ин ҳосили нав ё кӯҳнаи ангур аст, имсол оё боришот бисёр буд ё кам ва ғайра.

Одамони дигар биниши худро чунон такмил додаанд, ки сифати сангҳои қиматбаҳоро муайян карда метавонанд. Барои чашми нотайёр тамоми сангҳо бенуқсон менамоянд, аммо чашми борикбин зуд сифати коркард ва ранг, миқдори камбудиҳои ҷиддӣ ё ночиз ва тозагии сангро муайян мекунад.

Коргардонҳои овоз, навозандагон, бастакорон ва ғайраҳо ҳастанд, ки барои шунидани овоз ва оҳанг гӯшҳои худро машқ додаанд. Онҳо дар байни тамоми оркестр як асбоби мусиқиро, ки нодуруст навохта мешавад, пай мебаранд. Онҳо ҳисси шунавоии худро чунон машқ додаанд, ки гӯшҳои онҳо будан ё набудани ҳамоҳангиро дар савти навозандагон муайян мекунанд.

Одамоне ҳастанд, ки ҳисси шамимаи худро такмил додаанд. Онҳо дараҷаҳои гуногуни атрҳоро фаҳмида метавонанд, ва ҳамчунин маҷмӯи шириниҳо, гулҳо ва растаниҳои ситрусиро дар ҳар гуна накҳат муайян мекунанд.

Ин гуна одамон бо ихтиёри худ ҳиссиётҳои табиии худро такмил додаанд. Гап дар он нест, ки онҳо ба андозаи бештар қобилиятнок мебошанд. Фақат онҳо азм кардаанд, то ҳиссиётҳоеро, ки аллакай доранд, такмил диҳанд. Ин худ аз худ фавран ба амал намеояд, одамон дар ин самт кӯшиши худро ба харҷ додаанд.

То ин дам, шояд, шумо дар бораи мисолҳои зиёди дигар, ки барои машқ додани ҳиссиётҳои берунӣ ҳамчун намуна хидмат мекунанд, андеша кардед. Аммо ҳамон принсипҳо ба соҳаи рӯҳонӣ низ дахл доранд. Шумо дар давоми солҳои зиёд имондор буда, вале рӯҳи худро такмил надода метавонед. Навиштаҷот ба мо мегӯяд, Яҳёи Таъмиддиҳанда “калон шуда, рӯҳаш қавӣ мегашт” (Луқ. 1:80). Павлус ба Тимотиюс мефармояд, ки худро пурра ба такомули рӯҳонӣ бубахшад, “то ки муваффақияти ту ба ҳама намоён шавад” (1 Тим. 4:15). Аммо чӣ тавр одами ботинии худро такмил дода метавонем? Навиштаҷот дар ин бора хеле равшан мегӯяд: ба воситаи Каломи навишташудаи Худо (ниг. 1 Пет. 2:2; Аъм. 20:32), ба воситаи итоат ба Каломи Ӯ (ниг. Ибр. 5:9) ва дуо бо забонҳо (ниг. 1 Қӯр. 14:4; Яҳуд. 20).

## Аҳамияти такомули рӯҳ

Барои чӣ ҳиссиётҳои даруниро инкишоф додан ин қадар зарур аст? Агар ҳиссиётҳои рӯҳонии мо ба андозаи кофӣ инкишоф дода шаванд, мо бо Рӯҳулқудс хеле озодона сӯҳбат карда метавонем. Рӯҳ бо мо дар сатҳи хеле наздик сӯҳбат мекунад. Барои фаҳмотар шудани ин, биёед боз ба падидаҳои табиӣ рӯ меорем. Агар тамоми панҷ узви ҳисси шумо кор намекарданд, ман бо шумо ҳеҷ сӯҳбат карда наметавонистам. Ба ман лозим мешуд, ки фарёд занам, аммо шумо намешунидед. Ман ба китфатон сила мезадам, вале шумо ҳис намекардед. Ман ба шумо ишораҳо мекардам, аммо шумо намедидед ва ғайра.

Ба наздикӣ ба падари ман, ки ҳаштодсола аст, асбоби шунавоӣ лозим шуд, аммо вай онро истифода бурдан нахост. Мо дар сари миз нишаста, сӯҳбат мекардем, ва ногаҳон ман пай бурдам, ки падарам гӯё бо ман нест. Ман садоямро

баланд карда мепурсидам: “Ту фаҳмидӣ, падар?” Дар ҷавоб ӯ саросема менамуд, ва он гоҳ ман фаҳмидам, ки аз сабаби шунавоии паст бисёр чизҳоро аз сӯҳбати мо нашунид. (Бо хурсандӣ шитобон хабар мерасонам, ки акнун ӯ асбоби шунавоиро истифода мебарад!) Айни ҳамин чизро дар бораи рӯҳи мо низ гуфтан мумкин аст. Агар ҳиссиётҳои шумо кунд шуда бошанд, бисёр чизҳоро дар сӯҳбати Рӯҳулқудс дарк намекунед, ва аҳвол аз ин ҳам бадтар шуда метавонад! Ман аксар вақт мешунавам, ки одамон мегӯянд: “Худо бо ман ҳамчун дӯсти наздик сӯҳбат намекунад”. Чӣ ҳам метавон гуфт, бо эҳтимоли зиёд, ҳиссиётҳои дарунии ин одамон такмил наёфтаанд. Мо бояд як чизи муҳимро дарк кунем: Худо бештар аз он, ки мо шунидан мехоҳем, сухан рондан мехоҳад. Фақат мо, одамон, бисёр вақт ба имондорони яҳудӣ монанд ҳастем, чунки “гӯшҳои мо вазнин шудааст” (Ибр. 5:11).

Одатан шумо он чиро ки истифода мебаред, такмил медиҳед, ва он чиро ки истифода намебаред, суст мегардонед. Ҳангоми дуо бо забонҳо одами ботинии шумо дуо мегӯяд, одами табиӣ ё ҷисм бошад, рад мешавад. Ин барои қобилиятҳои табиӣ як навъ рӯзадорӣ мебошад, то ки бемамониат ба муоширати Худо ворид шавӣ. Ман шуморо на танҳо ба он даъват мекунам, ки бо забонҳо дуо кунед, балки ба он бовар ҳам кунед, ки Худо дар машқ ва тафсири дуо бо забонҳо ёрӣ медиҳад.

Аксар вақт ман дар субҳ як соат бо забонҳо дуо мекунам. Ҳамон лаҳза ки ақли ман парешон шуданро бас мекунад, ки ин зуд рӯй медиҳад, агар ман аввал сурудҳои ҳамду сано хонам ё розҳои диламро ба Ӯ арз кунам, ба чизҳои рӯҳонӣ равона кардани таваҷҷӯҳ барои ман осонтар мешавад. Одатан эҳсоси наздикии Худо водор мекунад, ки ҳама корҳо ё нақшаҳои рӯзмарраро ба ақиб андозӣ. Ва он гоҳ ман ба

гирифтани идеяҳо, ваҳйҳо ва хирад, ки ба ақли ман ҷорӣ мешаванд, шурӯъ мекунам. Ман фаҳмидам, ки ҳама чизеро, ки ҳангоми дуо бо забонҳо мегирам, навиштан лозим аст, ва сипас Рӯҳулқудс маро ба чизҳои дигар роҳнамоӣ мекунад.

Солҳои пеш ҳангоми дуо бо Рӯҳ ман сахт рӯҳафтода мешудам, ки дар бораи чизҳои дунявӣ андеша мекунам. Мисол, дар ҳоле ки ман дуо мекардам, ба майнаи ман оиди муқаддимаҳои китобҳои нав, хоҳиши тамос гирифтан бо одамоне, ки чанд вақт надидаам, дар бораи тақдим кардани тӯҳфаҳо ба касе, оиди чӣ тавр сарф кардани маблағе, ки барои хидматгузорӣ ҷудо шудааст ва ғайра фикрҳо меомаданд. Аммо тадриҷан ман фаҳмидам, ки қисми зиёди ин фикрҳо аз ҷониби Рӯҳулқудс ба ақли ман дамида ва равона карда мешуд. Он гоҳ ман ба навиштани ин идеяҳо сар кардам, ва фаҳмидам, ки зуд пас аз он ин идеяҳо ақли маро тарк мекарданд, ва ба майнаи ман идеяҳои нав ба нав меомаданд. Сипас ман ин идеяҳоро дар ҳаёт татбиқ мекардам ва дар онҳо баракатҳои Худоро медидам. Ман фаҳмидам, ки ҳангоми дуо кардан бо забонҳо, Рӯҳулқудс на танҳо одамон ва халқҳоро ёдрас мекунад, балки дар чизҳое, ки бояд тибқи иродаи Ӯ ба амал меовардам, роҳнамоӣ мебахшад. Ва боз таъкид мекунам, ки муоширати бо Худо дар сатҳи баланд маҳз ҳамин гуна аст.

## ҲАЁТ ДАР ФАЗОИ РӮҲОНӢ

Ман шахсан фикр мекунам, ки Павлус қисми зиёди номаҳои худро маҳз ҳамин тавр навиштааст. Ӯ чунин қайд мекунад: “Зеро, агарчи ҷисман ғоибам, рӯҳан бо шумо мебошам, ва саранҷоми хуби шумо ва матонати имони шуморо дар Масеҳ *дида*, шодӣ мекунам” (Қӯлас. 2:5, курсиви

муаллиф). Ӯ қӯлассиёнро бо чашмони ҷисмонии худ надида буд, зеро, тавре ки ӯ возеҳ мегӯяд, бо онҳо ӯ дар фазои ҷисмонӣ якҷоя набуд. Ва боз дар Нома ба Қӯринтиён ӯ изҳор мекунад, ки «агарчи ҷисман ғоибам, лекин рӯҳан ҳозирам, аллакай, гӯё ки назди шумо бошам” (1 Қӯр. 5:3). Аммо чӣ тавр Павлус бо қӯлассиён ва қӯринтиён дар як ҷо буда ва дида метавонист, ки онҳо чӣ кор мекунанд ва чӣ мегӯянд, дар ҳоле ки ҷисман ӯ дар он ҷо набуд? Бояд дар ёд дошта бошем, ки мо – мавҷудоти рӯҳонӣ, ва дар Подшоҳии Рӯҳи Худо на монеа ва на фосила ҳаст. Онҳое, ки рӯҳашон дар Худованд такмил меёбад, ҳодисаҳоеро, ки дар фазои рӯҳонӣ рӯй медиҳанд, бештару бештару дарк мекунанд, ва барои ҳамин онҳо ба одамоне, ки дар мӯҳтоҷӣ ҳастанд, самаранок дуо карда ё хидмат карда метавонанд. Ба ёд оред, ки чӣ тавр дар боби қаблӣ баён карда шуда буд, ки ходими мо аз коргоҳи австралиягӣ зуд шубони чиниро дар байни шахсони дигар дар акс шинохт, гарчанде вай ӯро пештар намедонист!

Павлус дар олами рӯҳонӣ чизҳоро медид ва дар вақти дуо бо забонҳо медонист, ки дар калисоҳои гуногун чӣ шуда истодааст. Пас аз ин рӯъёҳо ӯ дар бораи ҳамаи ин чизҳо дар номаҳои худ менавишт ва ба калисоҳо мефиристод. Ҳангоми сафарҳо ва дуо бо забонҳо ман дидам, ки дар оилаи ман ва дар ҳаёти коргарони асосии мо чӣ шуда истодааст. Сипас ман телефонро бардошта, аксар вақт, пеш аз он ки навигариҳоро ба ман хабар медоданд, медонистам, ки чӣ мегӯянд. Пас аз дуо бо забонҳо ман аллакай тайёр будам ва медонистам, ки чӣ гӯям ва чӣ тавр вазъияти воқеъшударо паси сар кунам.

Вақте ки ман дар Африқо будам, бо шахсе вохӯрдам, ки пештар ҷанговари қабилае дар Кения буд. Ӯ чандин сол пештар аз вохӯрии мо ба Исо имон оварда буд, аммо то ҳол бо қавми худ зиндагӣ мекунад, то ки ба он хидмат кунад.

Номи масеҳии ӯ Юҳанно мебошад, ва баъзан вақт ӯ аз Африқо ба дигар кишварҳо бо корҳои хидматгузорӣ сафар мекунад. Ба наздикӣ ӯ ба Амрико омад ва дар хонаи як ҷуфти оилавӣ, ки ман хуб мешиносам, истиқомат кард. Дар тӯли истиқомати сеҳафтаинааш дар Амрико, вай дар бораи воқеаҳое, ки дар айни замон дар оилаи ӯ, ки дар Африқо монда буд, рӯй медод, нақлҳо мекард. Дӯстони ман ҳайрон шуда, пурсиданд, ки ӯ ин маълумотҳоро аз куҷо мегирад, зеро дар хонаи ӯ дар Африқо телефон набуд. Зиёда аз ин, дар тамоми деҳа, ки ӯ мезист, телефон набуд. Он гоҳ ӯ чунин гуфт: “Ин ҳамон чизе аст, ки Павлус бо калисоҳои Осиё мекард. Онҳо дар Худованд оилаи ӯ буданд, зеро ӯ онҳоро дар рӯҳ таваллуд карда буд. Вақте ки ӯ аз онҳо ҷудо мешуд ва дуо мекард, ӯ бо онҳо дар рӯҳ як мешуд ва тамоми ҳаёти онҳоро медид. Он гоҳ ӯ дар бораи корҳои онҳо навишта метавонист. Ман ҳам танҳо он имкониятеро, ки Худо ба ҳар як имондор ба воситаи қудрати Рӯҳулқудс додааст, истифода мебарам. Бо ин тарз ман бо ҳаёти оилаам алоқа барқарор мекунам, ва ҳар боре ки ба сафар мебароям, ман ҳамин тавр мекунам”.

Ман ба шумо шаҳодати Юҳанноро нақл кардам, чунки он ба таври пуршукӯҳ ба Каломи Худо мувофиқ меояд. Барои чӣ мо бояд аз ин чизҳо ба тааҷҷуб оем? Павлус дар ин бора хеле бисёр ёдоварӣ мекунад. Ба ин бародари африқоӣ ҳеҷ кас нагуфтааст, ки Навиштаҷот хато аст ё он акнун амал намекунад, чуноне ки бисёриҳо дар Амрико мегӯянд. Барои чӣ мо аз он чизе, ки Исо барояш чунин нархи гарон супурдааст, ақибнишинӣ кардем? Барои чӣ мо одами ботиниро такомул намедиҳем, то боз ҳам бештар ходимон ва фарзандони самараноки Худованд ва Наҷотбахши азизамон Исои Масеҳ гардем?

Аммо ҳанӯз дер нашудааст! Муҳим нест, ки шумо даҳсола

ҳастед ё ҳаштоду панҷсола. Муҳим нест, ки шумо ба наздикӣ аз олами боло таваллуд шудаед ё даҳсолаҳо пеш, шумо метавонед одами ботинии худро дар дуо ба забонҳо такмил диҳед, тафсири забонҳоро талаб кунед, то ки фаҳмиш пайдо кунед ва муоширати аҷоибро бо Рӯҳулқудс инкишоф диҳед. Ӯ бисёр чизҳоро ба шумо ошкор кардан мехоҳад! Ба шумо танҳо лозим аст, ки одами зоҳириро хомӯш кунед ва қалби худро ба Шахсе, ки ҳама чизро медонад, наздик созед. Чӣ қадар даъвати бузург! Ин имконияотро аз даст надиҳед!

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Оё шумо ба вазъиятҳое дучор шудаед, ки атои сухан рондан ба забонҳо ба шумо кӯмак кард, то бифаҳмед, ки Худо он лаҳза дар кадом соҳаи ҳаёти шумо кор мебурд? Шумо бо ин восита чӣ гуна фаҳмиш, оромӣ ё дастгирӣ ёфтед?

2. Дар ин боб гуфта мешавад, ки чӣ тавр сирҳоеро, ки Худо ба мо ошкор мекунад, ҳифз мебояд кард, ва аз ҳаёти Ҳизқиё (ниг. Иш. 39:2) ва шубоне мисолҳо оварда шуданд. Оё вақти муайяни Худоро интизор шудан барои шумо муҳим аст, то он чизҳоеро, ки Худо ба шумо ошкор кардааст, ба дигарон ифшо кунед? Оё шумо эҳтиёҷ доред, ки хоҳиши худро барои таассурот боқӣ гузоштан дар дигарон назорат кунед?

Боби 13

# ДИЛПУРИИ ҚАТЪӢ ДАР ИМОН

Худо ба мӯҳтоҷиҳои мо ҷавоб намедиҳад. Ӯ ба имони мо ҷавоб медиҳад!

Солҳои зиёд ман бисёр имондорони самимиро вохӯрдаам, ки аз Рӯҳулқудс пур ҳастанд, Худоро дӯст медоранд ва аз Ӯ метарсанд, аз гуноҳ парҳез мекунанд, аммо бо вуҷуди ин аксар вақт онҳо мепурсанд: “Барои чӣ ман овози Худоро намешунавам ва ҳузури Ӯро ҳис намекунам?” Ман ғаму ғуссаи ин муқаддасонро эҳсос мекунам, зеро онҳо ҳар чизеро, ки, ба андешаи онҳо, иҷро кардан лозим аст, иҷро мекунанд, аммо дар дуо бо Худованд пайванд шуда наметавонанд. Чанд лаҳза бо онҳо сӯҳбат карда, мо одатан сабаби ин проблемаро мефаҳмем. Аксар вақт ба ин савол як ҷавоб ҳаст, ва онро дар ояти зерин ёфтан мумкин аст:

> Пас, эй бародарон, модоме ки мо *ҷуръат* дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ, бо роҳи нав ва зинда дохил шавем... пас бо дили соф ва *бо имони комил,* дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарири мо татҳир намуда ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода, *наздик оем,* ва эътирофи умеди худро собитқадамона нигоҳ дорем, зеро ки Ваъдадиҳанда амин аст (Ибр. 10:19-23, курсиви муаллиф).

Аввалан, муаллиф мегӯяд, ки мо ба қудси қудсҳо, ки Худованд сокин аст, ворид шуда метавонем. Он лаҳзаеро ба хотир оред, ки Худованд дар Салиб ҷон дод, он гоҳ дар маъбад парда аз боло то поён дарид. Худо аз маъбад баромад ва барои дохил шудан ба маъбади нави Худ, ба одаме, ки аз олами боло таваллуд шудааст, омода шуд. Бинобар ин акнун, вақте ки мо ба Ӯ наздик мешавем, мо Ӯро дар даруни худ меҷӯем, на ин ки саъй мекунем, то ба ҳузури Ӯ, ки миллионҳо километр аз мо дур аст, ворид шуданро тасаввур намоем, зеро пайвандшавӣ бо Рӯҳи Худо дар даруни мо маънои онро дорад, ки дар ҳузури тахти Ӯ якҷоя бо Исо ва Падар ҳозир мешавем.

Диққат диҳед, муаллиф мегӯяд, ки мо бояд ба назди Худо бо *ҷуръат* наздик шавем. Аммо чӣ тавр ба Ӯ бо чунин боварӣ наздик шуда метавонем? Танҳо барои он, ки Ӯ аллакай ба мо роҳро муҳайё кардааст, то ки мо ба ҳузури Ӯ ба воситаи хуни Ӯ, ки дар Ҷолҷолто рехтааст, наздик шавем. Мо виҷдони худро аз ҳукми сарзаниш, ки ба сабаби гуноҳ моро азоб медод, раҳо кардаем, ва акнун мо метавонем ба ҳузури Ӯ бо дилпурии қатъӣ ворид шавем.

Ғайр аз ин роҳ дигар роҳи боэътимодтарине нест. Ин далели раднашаванда аст. Худо мегӯяд, ки агар мо ба Ӯ

наздик шавем, Ӯ низ ба мо наздик мешавад! Аммо барои аксари одамон *имони комил* мушкилии асосӣ мебошад. Мо дар назди Ӯ бояд бо имон ҳозир шавем! Зеро Навиштаҷот ба мо возеҳ мегӯяд:

> Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест; зеро *ҳар кӣ сӯи Худо меояд,* бояд [ҳатман] имон дошта бошад, ки Ӯ ҳаст, ва ба толибони Худ мукофот хоҳад дод (Ибр. 11:6, курсиви муаллиф).

Ба ин суханон гӯш андозед: "Бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест". Дар бораи ин суханон андеша кунед, ва бигзор онҳо дар қалби шумо чуқур реша давонанд.

## "Ман танҳо касеро меҷӯям, ки бовар мекунад!"

Ҳеҷ гоҳ давраеро, ки ҳамагӣ чанд сол дар Худованд будам, фаромӯш намекунам, ман шахси танҳо будам ва дар Каролинаи Шимолӣ хонаеро ба иҷора мегирифтам. Боре саҳарӣ ман дар хоби сахт будам, ва ногаҳон барои худам якбора аз ҷойгаҳ ҷаҳида бедор шуда, нишастам, ва аз даҳонам чунин суханон баромаданд: "Ман танҳо касеро меҷӯям, ки бовар мекунад!"

Ман ба соат нигоҳ кардам, соат фақат чори субҳ буд. Ҳоло ман пурра аз хоб бедор нашуда будам, аз ин рӯ ба ман каме вақт лозим шуд, то ки ба худ оям ва бифаҳмам, ки дар куҷо ҳастам ва чӣ рӯй додааст. Ман ба тугмачаи назди ҷогаҳ даст дароз карда, чароғро даргирондам ва дидам, ки кӯрпаам аз арақи бадан тар шудааст, гарчанде ҳарорати баданам баланд набуд. Ман ҳайрон будам ва дар айни замон худро хушбахт ҳис мекардам, зеро фаҳмидам, ки Худо худи ҳозир бо даҳони ман сухан ронд. Он гоҳ ман фикр кардам: *Дар ин суханон*

*чӣ хусусияте ҳаст? Ман медонам, ки Ӯ онҳоеро меҷӯяд, ки бовар мекунанд.* Ман худро хаста ҳис кардам, аз ин рӯ боз хобам бурд.

Вақте ки субҳи дигар ман бедор шудам, тамоми рӯз, ба назарам, дар майнаи ман ҳамон як фикр чарх мезад: *Ман танҳо касеро меҷӯям, ки бовар мекунад... Ман танҳо касеро меҷӯям, ки бовар мекунад... Ман танҳо касеро меҷӯям, ки бовар мекунад...* Нисфирӯзӣ ман ногаҳон фаҳмидам. Ман ба худ гуфтам: “Ин аҷиб аст!”

Аз ҳамон лаҳза ман дар бораи ду саволи зерин андеша намудам*: Исоро чӣ бештар аз ҳама ғамгин мекард?* (На дар бораи он мегӯям, ки дар Ӯ хашмро ба вуҷуд меовард, зеро Ӯ бештар аз ҳама, албатта, ба фарисиён хашмгин мешуд). Ва *чӣ бештар аз ҳама Ӯро шод мегардонид?* Аввалан, бештар аз ҳама Ӯ аз беимонии одамон ба он, ки Ӯ ваъдаҳои Худро иҷро мекунад, ғамгин мешуд! Ба таври оддӣ гӯем, Ӯ аз камбудии имон ё аз сустимонӣ ғамгин мешуд. Дар асл, имон ин аст: вақте ки мо бовар мекунем, шубҳа намекунем, ки Худо ваъдаашро ба амал меорад. Худо одам нест, ки дурӯғ гуфтанро ба Худ раво бинад, Ӯ Каломи Худро бо шарафи номи Худ кафолат медиҳад ва тасдиқ мекунад. Ӯ ба исми Худ қасам ёд мекунад, чунки аз номи Ӯ болотар чизе нест. Бинобар ин вақте ки мо ба Ӯ шубҳа мекунем, шаъну шарафи Ӯро паст мезанем.

Биёед ба ин масъала бо тариқи зайл нигоҳ мекунем. Он воқеаҳоеро, ки дар он Исо аз сабаби беимонии одамон ғамгин мешуд, хонед. Чанде аз ин ҳолатҳо аз Инҷили Матто гирифта шудаанд:

Сустимонҳо!.. (Мат. 6:30).

> Шогирдонаш пеш омада, Ӯро бедор карданд ва гуфтанд: “Худовандо! Моро наҷот деҳ, ки ҳалок мешавем”. Ба онҳо гуфт: “Эй сустимонҳо, чаро ҳаросонед?” (Мат. 8:25,26).

> Исо фавран досташро дароз карда, вайро нигоҳ дошт ва гуфт: “Эй сустимон! Чаро шубҳа кардӣ?” (Мат. 14:31).

> Исо инро дарёфта, ба онҳо гуфт: “Эй сустимонҳо, чаро дар дили худ андеша мекунед, ки нон нагирифтаед?” (Мат. 16:8).

Оё шумо дар овози Ӯ ғаму ғуссаро мешунавед? Аммо моро беш аз ҳама воқеае, ки бо шогирдонаш рӯй дод, мутаҳаййир месозад, вақте ки онҳо аз бачае, ки гирифтори касалии саръ буд, девро ихроҷ карда наметавонистанд. Ана Исо ба шогирдони Худ чӣ гуфт:

> “Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо шумо бошам? То ба кай шуморо тоқат кунам? Вайро ин ҷо назди Ман биёред”. Ва Исо ба вай амр фармуд; ва дев аз вай берун рафт; ва он писар дарҳол шифо ёфт (Мат. 17:17,18).

Чуноне ки мебинед, Ӯ ҳиссиёти Худро пинҳон накард. Дар овози Ӯ на танҳо рӯҳафтодагӣ, балки ҳатто ғаму андӯҳ, ки бо хашми муқаддас ҳамрадиф мебошад, ҳис карда мешавад!

Пас аз ин шогирдон аз Ӯ пурсиданд, ки барои чӣ онҳо девро берун карда натавонистанд. Исо ба таври оддӣ ҷавоб дод:

> Ба сабаби беимонии шумо (Мат. 17:20).

## Худо ба имони мо ҷавоб медиҳад

Мо ҳама чизро аз Худованд ба воситаи имон мегирем. Ман ҳақиқатеро фаҳмидам, ки тибқи он бисёриҳо дар Бадани Масеҳ намедонанд, ки Худо на ба эҳтиёҷи одам, балки ба имони ӯ ҷавоб медиҳад! Таваққуф карда, андаке дар бораи ин чизҳо андеша кунед! Ман аз Навиштаҷот барои тасдиқи ин ҳақиқат мисолҳои бешумор оварда метавонам, вале иҷозат диҳед, ки танҳо дар бораи дутои онҳо сухан ронам. Аввалан, дар рӯзи муайян Исо бисёриҳоро дар ҳузури фарисиён ва муаллимони шариат дар хона таълим медод ва, чуноне ки мо мехонем:

> Қуввати Худованд дар шифо доданаш зоҳир мешуд (Луқ. 5:17).

Ба ман маъқул аст, ки чӣ тавр Навиштаҷот ба мо мегӯяд, ки қуввати Худо дар шифо додани беморон зоҳир мешуд. Эҳтимол, ақаллан як муаллими шариат, ҳатто, бо эҳтимоли зиёд, чанд нафаре аз онҳо ба шифо мӯҳтоҷ буданд, аммо ҳеҷ яке аз онҳо шифо наёфт! Барои чӣ? Ҳеҷ яке аз онҳо барои шифо имон надошт.

Аммо дар он ҷо гурӯҳи одамоне буданд, ки шахси мафлуҷеро бо бистараш бардошта оварданд, вале аз сабаби издиҳоми калони одамон ба хона даромада натавонистанд. Бинобар ин онҳо мафлуҷро бо бистараш ба болои бом бароварда, ва аз миёни сафолҳои он вайро ба миёни хона пеши Исо поён фуроварданд. Сипас мо мехонем:

> Ва Ӯ *имони онҳоро дида,* гуфт: “Эй одамизод, гуноҳҳои ту омурзида шуд”... Ба мафлуҷ гуфт: “Ба ту мегӯям: бархез, бистари худро бардор ва ба хонаи худ равона

> шав". Вай дарҳол дар пеши назари онҳо бархост, бистари худро бардошт ва, Худоро сипоскунон, ба хонаи худ равона шуд. Ва ҳама дар ҳайрат монданд, ва Худоро ҳамду сано мехонданд, ва дар ҳолате ки пур аз тарсу ҳарос буданд, мегуфтанд: "Имрӯз чизҳои аҷоибе дидем" (Луқ. 5:20-26, курсиви муаллиф).

Исо имони ин одамонро дид. Шахси мафлуҷ якҷоя бо шахсоне, ки ӯро бо бистараш бардошта оварданд, медонист, ки Худованд дар каломи Худ қоим аст. Бо эҳтимоли зиёд, онҳо аллакай суханонеро, ки Худованд ба қавми Худ гуфта буд, дар ёд доштанд: "Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон, ва ҳамаи некиҳои Ӯро фаромӯш накун. Ӯ ҳамаи гуноҳҳоятро меомурзад; ҳамаи касалиҳоятро шифо мебахшад" (Заб. 102:2,3). Муаллимони шариат, аз дигар тараф, шифо ёфтани мафлуҷро дида, дар ҳайрат монданд, ва онҳо Худоро ҳамду сано хонданд. Аммо ҳеҷ яке аз онҳо шифо наёфтанд. Барои чӣ? Барои он ки ҳатто агар Худо инро сахт хоҳад ҳам, агар мо бо имон нагирем, ҳеҷ чиз гирифта наметавонем! Худо мехост, ки фарисиҳо низ шифо ёбанд, вале онҳо шифо ёфта наметавонистанд! Вақте ки мо имон меорем, Худо ба мо ҷавоб медиҳад, ва вақте ки мо дар асоси он, ки Ӯ мегӯяд, ба Ӯ наздик шавем, ин чизҳо рӯй медиҳанд.

Дар ҳолати дуюм ба назди Исо як юнонизан омад. Вай илтиҷо мекунад, ки Исо духтари девонаашро шифо диҳад. Исо ба вай гуфт:

> Бигзор аввал бачагон сер шаванд; зеро нони бачагонро гирифта, пеши сагон партофтан хуб нест (Марқ. 7:27).

Дар асл, ӯ он занро саг номид. Вай ранҷида метавонист,

ва кина гирифта мерафт. Аммо вай бо кадом-як тарзе хислати Ӯро медонист. Бинобар ин вай зуд ҷавоб дод:

> Оре, Худовандо; лекин сагон низ пасмондаҳои бачагонро зери суфра мехӯранд (Марқ. 7:28).

Вай медонист, ки дар ҳузури Писари Худо истодааст, ва имон дошт, ки Ӯ нек ва қуввати Ӯ беҳудуд аст. Ӯ азми қавӣ дошт, зеро медонист, ки бояд боисрор талаб карданро идома диҳад, он гоҳ хоҳиши вайро рад намекунанд. Ӯ дар имони худ қоим монд, аз ин рӯ Исо ба вай гуфт:

> Аз барои ин сухан бирав, ки дев аз духтарат берун шуд (Марқ. 7:29).

Вақте ки он зан ба хона баргашт, духтари худро сиҳат ёфт. Ва дар ин ҳолат Исо ба имони вай ҷавоб дод, на ба мӯҳтоҷӣ, зеро дархости ӯ дар асоси эҳтиёҷи ӯ буд, аммо аксуламали вай ба ҷавоби Исо бо имон фурӯзон буд.

## Имон – ин калид барои гирифтани ҳама чиз

Ин принсип ба ҳама чиз дар Подшоҳӣ дахл дорад. Яъқуб хеле ҷуръатмандона изҳор мекунад, ки вақте мо ба ҳузури Худо бо дуо меоем, ҳар кас бояд

> бо имон талаб кунад ва ҳеҷ шакку шубҳа надошта бошад, чунки шаккок ба мавҷи баҳр монанд аст, ки аз шамол баланд шуда, ҷавлон мекунад. Бигзор чунин кас гумон накунад, ки аз Худованд чизе ба даст хоҳад овард (Яъқ. 1:6,7).

Маҳз ҳамин тавр. Боз ба ин суханон гӯш диҳед: “Бигзор чунин кас гумон накунад, ки аз Худованд *чизе* ба даст хоҳад

овард”. Дар бораи ин ақаллан як дақиқа андеша кунед! Оиди ибораи “чизе ба даст овардан” фикр кунед. Ин изҳороти қатъӣ аст, ки ҳеҷ ҷиҳати истисноӣ надорад! Худо дар ин бора возеҳ ва қатъӣ сухан меронад. Ӯ ба имон ҷавоб медиҳад, на ба чизи дигар!

Ана барои чӣ бисёриҳо Рӯҳулқудсро қабул намекунанд. Онҳо бо имон талаб намекунанд. Навиштаҷот аз мо мепурсад:

> Фақат инро аз шумо фаҳмидан мехоҳам: оё шумо Рӯҳро аз аъмоли шариат қабул кардаед, ё ки аз мавъизаи *имон*? (Ғал. 3:2, курсиви муаллиф).

Ин пурра мутобиқи он аст, ки Яъқуб дар борааш мегӯяд. Агар шумо бо имон талаб накунед, аз Худованд чизе намегиред, ва дар ин ҷо ҳамчунин имони шумо ба Рӯҳулқудс лозим аст. Чандин бор ман имондорони ташнаро вохӯрдаам, ки бо забонҳо дуо намекунанд. Онҳо медонанд, ки дар имон, назар ба чизе, ки онҳо мегиранд, чизи бештаре ҳаст, ва онҳо меҷӯянд, аммо Каломи Худоро дар бораи пур шудан аз Рӯҳулқудс шунида, ба ман мегӯянд: “Боре ман дуо гуфтам, аммо чизе рӯй надод”. Ё онҳо Рӯҳулқудсро гирифтан мехоҳанд, аммо муносибати онҳо ба ин ато боварибахш нест. Онҳо он азми қавиеро, ки юнонизан дошт, надоранд. Ин гуна одамон ба назди Худо бо имони комил намеоянд! Онҳо ба назди Ӯ бо ҷуръат намеоянд! Худо мехоҳад, ки мо иродаи Ӯро донем, зеро ба мо мегӯянд: “Бинобар ин нодон набошед, балки дарк кунед, ки иродаи Худо чист” (Эфс. 5:17). Ва вақте ки мо ин донишро дарёфт мекунем, он гоҳ мо бо имон ва эътимоди пурра талаб мекунем.

Дар мавриди наздикшавӣ ба Худо бошад, дар ин ҷо

низ ҳамон принсип ба кор бурда мешавад. Аксар вақт имондорон бо умеди пайванд шудан бо Худованд ба Ӯ наздик мешаванд. Ман на он *умедеро* дар назар дорам, ки дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад, зеро *умеди* библиявӣ – ин дилпурии қатъӣ. Ман он умедеро дар назар дорам, ки бо шубҳа "шояд" мегӯяд. Имондорон бисёр вақт сухани худро ба бод меафкананд, ва умед мекунанд, ки онҳо шунида мешаванд. Ин гуна муносибат – имон нест, ва он моро ба ҳузури Худо намеорад. Ва боз ҳам, дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад: "Бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест; зеро ҳар кӣ сӯи Худо меояд, бояд имон дошта бошад, ки *Ӯ ҳаст"* (Ибр. 11:6, курсиви муаллиф). Вақте ки шумо ба Худо наздик мешавед, шумо бояд ба он имон дошта бошед, ки Ӯ ҳаст. Ба ибораи дигар, ин имон ба он аст, ки Ӯ ба мо зоҳир мешавад, Ӯ мешунавад, ва ҷавоб медиҳад!

Яъқуб мегӯяд: "Бигзор чунин кас гумон накунад, ки аз Худованд чизе ба даст хоҳад овард. Шахси дудила дар ҳамаи роҳҳои худ ноустувор аст" (Яъқ. 1:7,8). Шахси дудила ба назди Худо меояд, аммо шубҳа мекунад, ки дар ҳузури Ӯ истодааст. Ӯ ҳатто ба он шубҳа карда метавонад, ки Худо наздик шудани вайро пай мебарад.

Яке аз нишонаҳои дудилагӣ – афкори парешон. Иҷозат диҳед, то бифаҳмонам, ки ман чиро дар назар дорам. Аксар вақт дар ибодатхо, вақте ки одамон пас аз мавъиза барои дуо ба пеш мебароянд, ман аз навозандагон хоҳиш мекунам, ки навохтанро бас кунанд. Гап дар он аст, ки гарчанде мусиқӣ – танҳо садои асбобҳо, бисёриҳо сурудҳои шиносро хонда, аз ин рӯ таваҷҷӯҳи худро ба Худованд равона карда наметавонанд. Яъқуб мегӯяд: "Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд... дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон" (Яъқ. 4:8). Агар афкори мо парешон бошанд ва

мо ба Худо таваҷҷӯҳи худро равона накунем, чӣ тавр Ӯро ёфта метавонем? Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки шумо дар ин рӯҳия ба дӯстатон наздик мешавед?

Одамон ба чизҳои гирду атроф хеле осон ҷалб мешаванд, зеро умед мекунанд, ки вақте наздиктар меоянд, бо Ӯ пайванд мешаванд. Не, аввал мебояд имон овард, ки Ӯ ҳаст, шумо бояд имон оваред, ки *Ӯ* дар ин ҷо *ҳаст*. Шумо бояд бовар кунед, ки *Ӯ* шуморо *мешунавад* ва ба шумо ҷавоб медиҳад. Ӯ сазовори таваҷҷӯҳи пурраи мо аст. Имон ба шумо дилпурӣ медиҳад, ки *Ӯ* шуморо *хеле бодиққатона* мешунавад, зеро Ӯ, тавре ки медонед, инро ваъда кардааст, ва Ӯ дурӯғ гуфта наметавонад. Агар шумо ба Ӯ наздик шавед, Ӯ низ, дар навбати Худ, ба шумо наздик мешавад. Оҳ, дар ин лаҳза комилан ғайриимкон аст, ки ҳаяҷони худро пинҳон кунӣ! Чӣ қадар аҷиб аст Худое, ки ба Ӯ хидмат мекунем! Агар мо бо имон ба Ӯ наздик шавем, Ӯ ҷавоб медиҳад!

## ЧӢ ТАВР ИМОНРО ПАЙДО КАРДАН МУМКИН АСТ?

Акнун мо бояд дар бораи он сӯҳбат кунем, ки бисёр имондорон шавқ доранд. Чӣ тавр имонро такмил додан мумкин аст? Бисёр вақт имондорон ин гуна саволҳо медиҳанд ва, дар асл, дар замони ҳавворией низ ин гуна саволҳо дода мешуданд:

> Ва ҳавворией ба Худованд гуфтанд: «Имони моро зиёд кун». Худованд гуфт: «Агар шумо ба андозаи донаи хардал имон медоштед ва ба ин дарахти тут мегуфтед: “Решакан гардида, дар миёни баҳр ҷойгир шав, — он ба шумо итоат мекард”» (Луқ. 17:5,6).

Пеш аз ҳама, ба ин суханони Исо аҳамият диҳед: “Агар

шумо ба андозаи донаи хардал имон медоштед”. Дона – ин чизи бисёр майда, аммо дар даруни он барои дарахти бузург шудан имконияти потенсиалӣ мавҷуд мебошад. Бинобар ин пеш аз гузаштан ба мавзӯи табдили тухми имон ба дарахти бузурги мевадор, бояд пурсид, ки чӣ тавр ақаллан донаи хурдакаки имонро ба даст орем? Ҷавобро ба ин савол аз ояти навбатӣ пайдо мекунем:

> Пас, имон аз *шунидани* ваъз аст ва *шунидани* ваъз ба воситаи каломи Худост (Рум. 10:17, курсиви муаллиф).

Ин хеле содда аст. Донаи имон аз хондани Каломи Худо ҳосил мешавад. Ба суханони Исо – “аз шунидан” аҳамият диҳед. Баъзан дона он вақт пайдо мешавад, ки шумо танҳо як бор Калом мешунавед, аммо аксар вақт дар натиҷаи такрор ба такрор шунидан дона ба хоки қалби мо меафтад. Ана барои чӣ бисёр имондорон, ки ташнаи Худо ҳастанд, доимо Каломи Худо ва номаҳоеро, ки аз он таркиб ёфтаанд, мехонанд ё гӯш мекунанд. Бисёр вақт ба назди ман одамон омада мегӯянд, ки китобҳои маро маротибаи зиёд такроран мехонанд ё видеокассетаҳоро чандин бор тамошо мекунанд, ва фақат он гоҳ чизе барои онҳо возеҳ мегардад. Маҳз дар ҳамин вақтҳо дона ба хоки қалби онҳо меафтад ва решаҳои мустаҳкам ба вуҷуд меорад!

Ин он қадар оддӣ аст, ки агар ба мураккаб гардонидани он шурӯъ кунӣ, ҳамаашро вайрон карда метавонӣ. Донаи имон махсусан аз шунидани Каломи навишташуда ё гуфташудаи Худо, ки бо илҳоми Рӯҳулқудс омадааст, бармеояд. Мутаассифона, имрӯз хеле бисёр мавъиза мекунанд, хеле бисёр менависанд, аммо Каломи Худоро кам ба забон меоранд.Ноширон ба чоп кардани китоби аввалини ман розӣ нашуданд, зеро, тавре ки онҳо гуфтанд,

дар он “материалҳои мавъиза” хеле зиёд аст. Навиштаҷот аз ҳад зиёд аст, он чизе, ки Худо гуфтааст, аз ҳад зиёд аст! Ба фикрам, онҳо мехостанд, то чизе ба даст оранд, ки талаботҳои инсониро, ё, шояд, ҳавасҳои ҷисмро қонеъ кунад.

Ин хеле ғамангез аст, аммо бисёр ходимон ба ин гуна талаботҳо гузашт мекунанд. Акнун мо калисоҳое дорем, ки дар онҳо раванди пайдо кардани Худо осон карда шудааст. Одамон дар ин гуна калисоҳо бо худ Китоби Муқаддас намегиранд, чунки ин ба онҳо лозим нест. Онҳо “баромадҳои” камталаб ва дилхушкунандаро, ки ҷустуҷӯи пурмашаққати лаззату ҳаловатҳоро осон мегардонад, гӯш мекунанд. Вақте ки ман дар бораи вазъи калисоҳои ғарб андеша мекунам, ҳама чизе, ки дар онҳо рӯй медиҳад, дар муқоиса бо он чизе, ки, масалан, дар Чин рӯй медиҳад, ғалатӣ менамояд. Хидматгузории мо ба роҳбарони калисоҳои пинҳонии Чин дар давоми ду соли охир панҷоҳ ҳазор Китоби Муқаддас фиристод, чунки онҳо ба Каломи Худо сахт ташна мебошанд. Дар Чин Китоби Муқаддас чунон кам аст, ки сардорони калисоҳо саҳифаҳои алоҳидаи Аҳди Ҷадидро ба пирон тақсим мекунанд ва аз онҳо талаб мекунанд, ки матни худро аз ёд кунанд, то ки дар ҳар фурсат, агар Китоби Муқаддаси онҳо аз тарафи мақомот мусодира карда шавад, ба гуфтани Каломи Худо имкон дошта бошанд. Ин одамон арзиши Каломи навишташудаи Худоро медонанд.

Аммо дар калисоҳои ғарб мо кӯшиш мекунем, то одамонро бо мавъизаҳое, ки ба дил форам ва барои ҷисм қулай аст, дилхуш кунем, ба ҷои он ки Каломи Худоро бигӯем, ки боиси таҳаввули рӯҳонӣ ва ҷилавгирии нафс мегардад. Суханони ба дил форамро шунида, мо хандида ё ҳатто аз боиси ҳикояҳои риққатовар ашк фишонда метавонем, аммо вақте ки дари ин гуна ҷӯяндагони Худоро гуноҳ тақ-тақ кунад,

оқибати онҳо чӣ мешавад? Оё онҳо барои муқобилат кардан ба он дар худ қувват мееёбанд? Чӣ мешавад, вақте ки ба ин гуна одамон лозим мешавад, ки дар ин ё он вазъияти ҳаётӣ иродаи Худоро фаҳманд, – оё онҳо медонанд, ки чӣ тавр дуо гӯянд ва чиро талаб кунанд? Оё онҳо дар худ имони он шахсонеро, ки дар Инҷил чизи хостаашонро мегирифтанд, пайдо мекунанд? Ин гуна саволҳо бисёранд.

Ман хурсандам, ки ҳамон ношир китоби аввали маро нагирифт. Дар акси ҳол ӯ аз муҳаррирон хоҳиш мекард, ки паёми маро сабук кунанд, ва бисёр одамон, ки ба воситаи он қувват ёфта метавонистанд, аз ин маҳрум мемонданд. (Дарвоқеъ, китоб бо гузашти вақт чоп карда шуд.) Аҷиб аст, ки соҳиби ин нашриёт ҳамон роҳбари ширкати худро, ки китоби маро нагирифт, аз кор озод кард, ва шахсеро роҳбар таъин кард, ки қалбаш пурра ба Худо супорида шуда буд. Роҳбари нав коргаронеро ба кор қабул кард, ки ба паёмҳои Худо, ки ба қавми Ӯ равона карда мешаванд, бо ҳисси масъулиятнокӣ муносибат мекарданд. Ин роҳбари нави нашриёт бо ман тамос гирифт ва хоҳиш кард, ки ба чопи китоби навбатиам иҷозат диҳам. Ниҳоят ман барои ин нашриёт панҷ китоб навиштам, ки чортои онҳо шоҳасар шуданд. Аммо аз ҳама асосиаш он аст, ки мо дар бораи тағйиротҳое, ки дар ҳаёти одамон, дар оилаи онҳо ва калисоҳои зиёд рӯй медиҳанд, шаҳодатҳои бешумор мегирем. Тамоми ҷалол ба Худо бод!

Ман ба шумо ҳамаи ин чизҳоро барои он нақл мекунам, ки “айёме меояд, ки гуруснагӣ дар замин рӯй медиҳад, — аммо на гуруснагӣ аз нон ва на ташнагӣ аз об, балки аз шунидани суханони Худованд” (Ом. 8:11). Дар калисои амрикоӣ, одатан, Каломи Худо хеле кам мавъиза карда мешавад. Ман намегӯям, ки он тамоман вуҷуд надорад, фақат дар пасманзари паёмҳои сершумор, китобҳо, видео

ва аудиокассетаҳо, маҳз Каломи Худо камчин аст. Барои чӣ ин тавр аст, ки дар Африқо ва Осиё назар ба Амрико одамон имконияти хеле кам доранд, аммо аз Худо хеле ба осонӣ мегиранд, имони бузургтар ва дар ҳаёт меваҳои зиёдтар доранд? Дар асл ин хеле содда аст. Онҳо худи Каломи Худоро мешунаванд, на паёмҳои дилхушкунанда ва ба ҷисм форамро ва на қоидаҳои ҳаёти имондорро, ки мувофиқи қонунҳои Аҳди Қадим тартиб дода шудаанд!

Ман ба Худо ваъда додаам, ки ҳеҷ гоҳ ба фишори дигарон мутеъ намешавам ва ба одамон суханони дилхушкунанда намегӯям. Ман он чиро мегӯям, ки Ӯ мефармояд. Павлус гуфта буд: “Оё ман алҳол назди одамон ҳусни таваҷҷӯҳ меҷӯям, ё назди Худо? Оё саъю кӯшиш менамоям дили одамонро ёбам? Агар ман ҳанӯз дили одамонро меёфтам, бандаи Масеҳ намебудам” (Ғал. 1:10). Чандин одамон аз мавқеи бандагони Масеҳ сар карда, бо мавқеи бандагони ташрифоварандагон ё шунавандагони худ тамом кардаанд. Акнун онҳо худро вазифадор ҳис мекунанд, то хоҳишҳои онҳоеро, ки бояд аз паси худ мебурданд, қонеъ гардонанд.

Имон аз шунидани вазъ ҳосил мешавад ва шунидани вазъ аз Каломи Худо. Маҳз Каломи Худо ба полизи қалби шумо дона ё тухмӣ мепошад. Мо ҳамчун роҳбарони рӯҳонӣ ба қавми Худованд бояд он чиро диҳем, ки онҳо ба он дар ҳақиқат эҳтиёҷ доранд, на он чиро ки, онҳо фикр мекунанд, ба онҳо зарур аст. Мо бояд одамонро бо ҳақиқатҳои абадии Каломи Худо ғизо диҳем, ки онҳоро такмил диҳад ва дар миёни ҳамаи муқаддасон мерос бибахшад (ниг. Аъм. 20:32).

Ҳоло бисёр пешвоён пайдо шудаанд, ки Каломи поку бетағйири Худоро мавъиза мекунанд. Баъзе аз онҳо замоне ба шасти писанди одамон гаштан афтода буданд ва акнун аз ин гумроҳӣ раҳо мешаванд, дигарон ҳоло акнун хидмати

худро сар карда истодаанд. Онҳо қавми Худоро даъват мекунанд, ки ба назди Ӯ баргардад! Барои чӣ Худо ин қадар бо исрор зарурияти наздикшавиро бо Худаш таъкид мекунад? Ҷавоб оддӣ аст. Ӯ мехоҳад, ки шумо барои зиндагӣ кардан дар ягонагӣ ва муошират бо Ӯ имон дошта бошед. Ӯ бо Каломи Худ ба одамони Худ тухми имон кишт мекунад, то ки онҳоро ба Худ ҷалб кунад. Оҳ, ин чӣ қадар зебост!

## Чӣ тавр имонро зиёд кардан мумкин аст?

Акнун мо ба саволе наздик омадем, ки чӣ тавр имонро зиёд кардан мумкин аст. Исо ба шогирдони Худ гуфтааст:

> Худованд гуфт: «Агар шумо ба андозаи донаи хардал имон медоштед ва ба ин дарахти тут мегуфтед: “Решакан гардида, дар миёни баҳр ҷойгир шав”, — он ба шумо итоат мекард. Кист аз шумо, ки ғуломаш ба шудгор ё ба чӯпонӣ машғул бошад ва ҳангоми аз саҳро баргаштанаш ба вай гӯяд: “Зуд омада, назди суфра бинишин”? Баръакс, оё ӯ ба вай намегӯяд: “Барои ман хӯроки бегоҳӣ тайёр кун ва камари худро баста, ба ман хизмат кун, то даме ки бихӯрам ва бинӯшам, ва баъд аз он худат бихӯр ва бинӯш”? Оё ӯ ба он ғулом барои он ки фармонҳои ӯро ба ҷо овард, миннатдорӣ баён мекунад? Гумон намекунам. Ҳамчунин шумо низ, вақте ки ҳамаи фармонҳои ба шумо додашударо ба ҷо овардед, бигӯед: “Мо ғуломони ношоям ҳастем; чунки он чи карданамон лозим буд, кардем”» (Луқ. 17:6-10).

Ман ҳеҷ гоҳ фаҳмида наметавонистам, ки барои чӣ Исо аз сӯҳбат оиди он, ки имон мисли тухмӣ аст, зуд ба вазифаи ғулом гузашт, ки дар муносибатҳои ӯ бо хӯҷаин

мавҷуд мебошад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки Исо бемантиқ сухан меронад, аммо ман медонистам, ки ин ғайриимкон аст. Сипас боре Рӯҳулқудс чашмони маро ба ин порча кушод.

Аввалан, Ӯ мегӯяд, ки имон ба мо дар намуди тухмии кӯчак меояд. Ҳаҷми тухмиҳо одатан хурд мешавад, аммо дар даруни онҳо потенсиале ҳаст, ки ба онҳо имкон медиҳад, то ба дарахти бузург табдил ёбанд. Бинобар ин, барои он ки тухмӣ таъиноти пешакии худро иҷро кунад, танҳо кишт кардани он кифоя нест, онро парвариш кардан лозим аст. Дар қисми дуюми ин ҷавоб барои аз тухмӣ сабзидани дарахти калони мевадори имон калиде ҳаст. Ба ибораи дигар, дар ин ҷо оиди имоне сухан меравад, ки дарахтро аз решааш канда, ба баҳр меафканад, агар лозим бошад, кӯҳро чаппа мекунад ва моро ба ҳузури Худо мебарад.

Барои чӣ хизматгор шудгор мекунад ё рамаи хӯҷаини худро мечаронад? Мақсади хидматгузории ӯ аз он иборат аст, ки хӯҷаинро бо ғизо таъмин кунад. Исо ана дар бораи чӣ мегӯяд: оё ғулом, ки шудгор ё чӯпонӣ мекунад, ба назди хӯҷаин баргашта, ба дастархони ӯ таъом намегузорад ва кори худро анҷом намедиҳад? Барои он ки дар кори худ ба муваффақият ноил шавад, ӯ бояд *ҳама* корро анҷом диҳад. Корҳоеро, ки анҷом наёфтаанд, ба киштукори дона, обёрӣ кардан ва заминро бо нуриҳо бой гардонидан, ва дар арафаи пухта расидани ҳосил аз сабаби беаҳамиятӣ ё фориғболӣ нобуд шудани он монанд кардан мумкин аст.

Исо оиди итоаткории мо ба Ӯ сухан меронад. Ӯ Хӯҷаини мо аст, ва мо хизматгорони Ӯ мебошем, ки дар саҳроҳо кор мекунем. Агар мо дидан хоҳем, ки чӣ тавр тухмии имон мева медиҳад, пас мо бояд дар ҳар коре, ки ба мо мефармоянд, ғуломони итоаткор бошем. Ба суханони Ӯ диққат диҳед:

“Ҳамчунин шумо низ, вақте ки ҳамаи фармонҳои ба шумо додашударо ба ҷо овардед”. Ин суханон тасдиқ мекунанд, ки ӯ дар бораи итоаткории мо сухан меронад, ва калиди зиёд шудани имон маҳз аз ҳамин иборат аст.

## Итоати нопурра = беитоатӣ

Қисман итоат кардан ё каме итоат намуда, баъд аз он беитоатӣ кардан кофӣ нест. Бисёр қаҳрамонони Китоби Муқаддас ба ин хатогӣ роҳ дода буданд. Як мисоли мушаххаси ин – подшоҳ Шоул. Худо ба ӯ ба таври возеҳ фармуд, ки рафта, амолеқиёнро пурра нобуд кунад. Ӯ мебоист ҳамаи мардон, занон ва кӯдаконро бикушад, ва ҳамчунин тамоми ҳайвонотро нобуд кунад. Ягон зоте, ки нафас мегирад, намебоист зинда монад.

Шоул иҷро кардани он чиро, ки ба ӯ фармуда буданд, рад накард. Аксар вақт мо гумон мекунем, ки танҳо исёни ба чашм намоён, аён ва ошкоро беитоатӣ аст. Аммо тамоман ин тавр нест. Шоул чунин рафтор накард, ки ӯ чизеро ваъда медод, баъд фикрашро дигар карда, ваъдаашро мешикаст. Бисёре аз моён фикр мекунанд, ки маҳз ҳамин гуна рафтор беитоатӣ мебошад. Ин тавр ҳам набуд, ки Шоул аҳамияти ин гуна амрро эътироф кунад, аммо баъд фаромӯш намояд ё онро сарфи назар кунад. Бисёриҳо ин гуна рафторро беитоатӣ номида метавонанд, вале онро бо ниятҳои неки шахси нофармон сафед мекарданд. Бо эҳтимоли зиёд, бисёриҳо ва ҳатто ҳама бо он розӣ мешаванд, ки намудҳои рафторро, ки мо мисол гирифтем, беитоатӣ номидан мумкин аст, аммо биёед ба ҳикояи Шоул бармегардем.

Ӯ зуд сарбозони худро ҷамъ кард ва ба амолеқиён ҳамла намуд. Ӯ ҳамаи мардон, занон ва кӯдаконро кушт. Шоул ва

сарбозони ӯ бо шамшерҳои худ ҳазорҳо одамонро куштанд. Аммо Шоул подшоҳи амолеқиёнро накушт. Барои чӣ? Ба фикрам, вай ба талаботҳои замони худ итоат кард. Агар шумо қавмеро шикаст додед ва подшоҳи онро зинда дастгир кардед, шумо ӯро дар қасри худ ҳамчун ғулом нигоҳ дошта метавонед ва бо ин тарз ғанимати зинда ба даст меоред.

Шоул ҳамчунин ҳазорҳо ҳайвонотро нобуд кард. Аммо гӯсфандон, барзаговҳои беҳтарин ва дигар ҷонваронро ӯ нигоҳ дошт ва ба қавми худ дод, то ки онҳо ба Худо қурбониҳо биёранд ва шариатро иҷро кунанд. Тасаввур кунед, ки ҳамаи ин чизҳо ба нигоҳи одамон чӣ тавр намоён мешуд. Вақте ки ҳамон ҳайвонотро ба Худои Йеҳӯва қурбонӣ мекарданд, онҳо андеша менамуданд: “Подшоҳи мо чӣ қадар парҳезгор аст, ӯ ҳамеша Худовандро дар ҷои аввал мегузорад”.

Аммо Худо ба ин дигар хел муносибат кард. Ӯ ба Самуил гуфт: “Пушаймонам, ки Шоулро подшоҳ кардам, зеро ки ӯ аз пайравии Ман рӯй тофта, суханони Маро ба ҷо наоварда” (1 Под. 15:11). Шоул даҳҳо ҳазор нафарро кушт, аммо якеро зинда нигоҳ дошт. Ӯ 99,9 фоизи он чиро, ки ба ӯ фармуда шуда буд, иҷро кард. Бисёре аз моён дар рафтори ӯ итоатро мебинанд, вале Худо беитоатиро. Зиёд аз ин, каме поёнтар дар матни Китоби Муқаддас Худо бо даҳони набӣ рафтори ӯро нофармонӣ меномад. Ҳамин тавр, мо мебинем, ки итоаткории нопурра дар нигоҳи Худо – ин беитоатӣ. Дар асл қариб итоаткории пурра, ҳатто 99,9 фоиз, итоаткорӣ ҳисобида намешавад, балки, аниқтараш, беитоатӣ. Аксар вақт мо чунин эътирозҳоро мешунавем: “Барои чӣ Ту ба корҳое, ки ман иҷро кардаам, нигоҳ намекунӣ? Ту танҳо ба он диққат мекунӣ, ки ман иҷро накардаам!” Шоул низ чунин гуфта метавонист. Ва гарчанде ҳамаи ин чизҳо аз рӯи хулосаҳои

инсонӣ дуруст аст, аз нуқтаи назари Худо ҳеҷ дуруст нест!

## Наздикӣ бо Худо мустақиман ба имони мо мутаносиб аст

Агар ҳаёти Шоулро мушоҳида карданро давом диҳем, мунтазам бад шудани сифати имони ӯро дидан мумкин аст. Шумо мебинед, ки ӯ ба зудӣ аз Худованд дур мешавад. Сатҳи наздикии ӯ бо Худо кам мешавад, чунки қобилияти наздикшавии мо ба Худо мустақиман ба имони мо мутаносиб аст. Ҳавворӣ Юҳанно дар ин бора чунин мегӯяд:

> Ва аз ин хоҳем донист, ки мо аз ростӣ ҳастем, ва дили худро ба ҳузури Ӯ ором хоҳем кард, дар ҳар чизе ки дил моро маҳкум менамояд, чунки Худо аз дили мо бузургтар аст ва ҳар чизро медонад. Эй маҳбубон! Агар дили мо моро маҳкум накунад, мо ба ҳузури Худо ҷуръат дорем (1 Юҳан. 3:19-22).

Қобилияти наздикшавии мо ба Худо мустақиман ба имони мо мутаносиб аст, ва имон мустақиман ба итоаткории мо ба Худованд мутаносиб аст. Акнун ба ман иҷозат диҳед, ки ин нуқтаи назарро ба шумо фаҳмонам. Ман дар бораи ҳолатҳои нофармонӣ намегӯям, ки сипас шумо фавран ба гуноҳи худ иқрор шуда, тавба кунед. Гуноҳи Довуд назар ба гуноҳи Шоул хеле ҷиддитар буд, аммо ӯ зуд тавба кард. Имони ӯ кам нашуд, чуноне ки қобилияти ӯ ба муносибатҳои наздик бо Худованд коҳиш наёфт. Шоул, аз дигар тараф, ба ҷустуҷӯи манфиати худ идома дод, он чиро ки вай аз они худ медонист, бо исрор ҳимоят ва васеъ карданро давом дод. Бар хилофи дили Довуд, дили ӯ ба ҷониби Худо майл намекард.

Муносибатҳои ҳаррӯзаи ҳамсарон ба ин мисол намунаи

хуб шуда метавонад. Агар яке аз онҳо дар қарори худ истодагарӣ карда, манфиати каси дигарро сарфи назар кунад ва ба ҳисоб нагирад, боварӣ ва наздикӣ дар байни онҳо зуд гум мешавад. Шавҳар гуфта метавонад: "Гӯш кун, ман ҳисобҳоро пардохт мекунам, туро мехӯронам, туро бо ҷои истиқомат таъмин мекунам, туро мепӯшонам, чӣ бадие дорад, агар бо зани бегонае ишқварзӣ кунам?" Ӯ фикр мекунад, ки ҳамсарашро дӯст медорад ва дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ мекунад, аммо ман ба шумо кафолат медиҳам, аз сабаби беитоатии ӯ ҳамагӣ дар як соҳаи ҳаёти онҳо сатҳи наздикии байни онҳо зуд коҳиш меёбад.

Мо гуфта метавонем: "Худовандо, ман ҳамеша ба калисо меравам, даҳяк месупорам, Китоби Муқаддасро мехонам ва дуо мекунам, аммо барои чӣ имони ман ин қадар суст аст?" Иҷозат диҳед, то ба шумо як савол диҳам: шумо ба зани худ чӣ гуна муносибат мекунед? Худо мегӯяд: "Ҳамчунин шумо, эй шавҳарон, бо занон, ки зарфи заифтар ҳастанд, бомулоҳиза рафтор кунед, ва онҳоро ҳамчун ҳамирсони файзи ҳаёт мӯҳтарам доред, *то ки ба дуоҳои шумо мамониате нарасад"* (1 Пет. 3:7, курсиви муаллиф). Агар мо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти худ итоаткорӣ зоҳир накунем, муошрати мо бо Худованд бо монеаҳо рӯ ба рӯ мешавад. Суханони Исоро ба хотир оред: "Ҳамчунин шумо низ, вақте ки ҳамаи фармонҳои ба шумо додашударо ба ҷо овардед". Итоати нопурра ҳеҷ гоҳ имони моро афзун намекунад! Ҳамон принсип дар муносибатҳои шавҳарону занон, фарзандон ва волидон ва ҳатто дар муносибатҳои волидон ба фарзандон ба кор бурда мешавад.

Боз як савол додан мумкин аст: шумо дар қавли худ меистед? Навиштаҷот изҳор мекунад, ки наздикиро бо Худованд шахсе дарёфт мекунад, ки "қасамаш ба зарари

худаш бошад ҳам, онро тағйир надиҳад" (Заб. 14:4). Оё шумо ин каломро иҷро мекунед? Оё бо даҳонатон пайваста гуноҳ намекунед, ва баъд ҳайрон мешавед, ки имони шумо суст аст? Ман ин гуна саволҳоро боз ҳам бештар дода метавонам.

Ҳама гап дар он аст, ки оё мо барои пурра итоаткор будан ба Каломи Худо саъй мекунем? Зеро ба мо қатъиян гуфта шудааст:

> Эй фарзандонам! Инро ба шумо менависам, то ки шумо *гуноҳ накунед* (1 Юҳан. 2:1, курсиви муаллиф).

Бисёриҳо ба гуноҳ ё саҳлангорона, ё аз мавқеи расмиятпарастона нигоҳ мекунанд. Одамоне, ки ба гуноҳ саҳлангорона нигоҳ мекунад, чунин меҳисобанд, ки онҳо Каломи Худоро вайрон карда метавонанд, чунки мо дар файз зиндагӣ мекунем ва Худои меҳрубон дорем. Ва ҳамаи гуноҳҳои мо бо қурбонии Исо дар Салиб пӯшонида шудааст. Бале, дар Салиб Худованд нархи гуноҳҳои моро пардохт кард, вале мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Павлус ба имондорон чӣ гуфтааст: "Оё намедонед, ки ба ҳар кӣ шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида, ба вай мутеъ мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат?" (Рум. 6:16). Худи Исо ба онҳое, ки Ӯро Худованд мехонданд, вале дар баробари ин гуноҳ карданро давом медоданд, чунин гуфта буд: "Аз Ман дур шавед, эй бадкорон" (Мат. 7:23).

Шариатдонон дар содир кардани гуноҳ далели онро мебинанд, ки одамро аз "маҳфили муқаддасон"-и онҳо ҷудо мекунад. Аммо на ин ҳадаф асоси аз ҳар гуна нофармонӣ парҳез кардани мо бояд бошад. Дар асл, чунин ангеза моро тамоман аз гуноҳ боздошта наметавонад. Аммо агар мо

дарк кунем, ки нофармонӣ имони моро вайрон мекунад, ва ин, дар навбати худ, ба наздикии мо бо Худованд монеа мешавад, мо бояд аз гуноҳ бигрезем!

Барои чӣ? Барои он ки бештар аз ҳама дар дунё мо маҳз ҳамин наздикиро бо Ӯ хоҳонем!

Акнун мо мефаҳмем, ки Яъқуб бевосита пеш аз даъвати наздикшавӣ ба Худо ва баъд аз он, маҳз чӣ мегӯяд:

> Пас, *ба Худо итоат намоед,* ба иблис муқобилат кунед, ва ӯ аз шумо хоҳад гурехт. Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд. *Дастҳои худро бишӯед, эй гуноҳкорон* (Яъқ. 4:7,8, курсиви муаллиф).

Чуноне ки мебинед, ҳама чиз дар гирди итоаткорӣ чарх мезанад! Барои чӣ? То ки мо бо имони пурра ба Худо наздик шавем. Биёед боз ба порчае, ки дар аввали ин боб дида баромадем, нигоҳ мекунем:

> Пас, эй бародарон, модоме ки мо *ҷуръат* дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ, бо роҳи нав ва зинда дохил шавем... пас бо дили соф ва *бо имони комил,* дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарири мо татҳир намуда ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода, *наздик оем,* ва *эътирофи умеди худро* собитқадамона *нигоҳ дорем,* зеро ки Ваъдадиҳанда амин аст (Ибр. 10:19-23, курсиви муаллиф).

Боварии мо, ё имони комили мо, аз имоне сарчашма мегирад, ки тавассути шунидани Каломи Худо пайдо мешавад, ва ин имон, дар навбати худ, ба воситаи итоати мунтазами мо афзун мегардад. Агар мо гуноҳ кунем, мо шафоаткунанда, ё адвокат дорем, Оне ки дар назди Падар

ба мо шафоат мекунад, ва агар мо зуд тавба кунем, он гоҳ имони мо тоза мешавад, чунки хуни Исои Масеҳ моро аз ҳар гуноҳ пок мекунад ва моро аз барф сафедтар мегардонад.

Аммо агар мо дидаю дониста гуноҳ кардан гирем, он гоҳ виҷдонамон моро маҳкум мекунад, ва Худо бештар аз виҷдонамон моро маҳкум мекунад, зеро ҳама чизро медонад. Мо худамон ба худамон монеаҳое эҷод мекунем, ки барои бо имони комил наздик шудан ба Худо халал мерасонанд.

## Умед

Ва акнун мо ба изҳороти дуюм, ки дар порчаи қаблӣ оварда шудааст, рӯ меорем: *"Эътирофи умеди худро* собитқадамона *нигоҳ дорем".* Аксар вақт умед, ё умедвориро имондорон нодуруст мефаҳманд. Ин калима бо шубҳа, ба мисли "шояд", ҳеҷ умумияте надорад. Аниқтараш, ин мафҳум "интизории дилпурона"-ро мефаҳмонад.

Вақте ки Худо аввалин бор ба Иброҳим зоҳир шуд, Ӯ ваъда дод: "Ман сипари ту ҳастам; музди ту бағоят бузург аст" (Ҳас. 15:1). *Дар вазъиятҳои воқеӣ* Иброҳим ҳеҷ умед надошт, ки зани безурёти ӯ кӯдак таваллуд мекунад, бинобар ин ҷавоби ӯ хеле маҳзунона садо дод:

> Худоё Худовандо! Ба ман чӣ медиҳӣ? Ва ман бефарзанд меравам; ва Алиазари димишқӣ хонаи маро идора мекунад. Инак, ба ман насл надодӣ, ва инак, хоназодам вориси ман аст (Ҳас. 15:2,3).

Фаҳмо буд, ки ин одам камтар умед дошт ё тамоман надошт, аммо Худо медонист, ки Иброҳим, то даме ки имон наорад, ба ваъдаи Ӯ расида наметавонад. Аз ин рӯ Худо

айни ҳамон шаб ӯро аз хайма берун бароварда, дар осмон ситораҳоро нишон дод ва фармуд, ки онҳоро бишуморад. Ба фикрам, чунин воқеъ шуд: Иброҳим, эҳтимол, ба шумурдани ситораҳои бешумор кӯшиш карда, ба хоб рафт. Субҳи дигар Худованд ӯро бедор карда, пурсид: "Ситораҳоро шумориди?"

Иброҳим ҷавоб дод: "Не, онҳо беҳад зиёданд".

Худо ҷавоберо, ки чашмдошт буд, гирифта, ба вай гуфт: "Насли ту ҳамин қадар хоҳад шуд" (Ҳас. 15:5). Худо дар вай имони илоҳиро ҷой дод – манзараи возеҳи ваъдаи Худро ба Иброҳим – насли бешуморро. Ҳар дафъа, вақте ки Иброҳим ба осмон нигоҳ мекард ва ситораҳоро медид, ӯ ваъдаи Худоро ба ёд меовард ва насли бешумори худро мешунид, ки нидо мекарданд: "Падар Иброҳим! Падар Иброҳим!" Ба ин мавзӯъ дахл карда, Аҳди Ҷадид дар бораи Иброҳим мегӯяд:

> Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чи гуфта шудааст: "Насли ту чунин хоҳад буд" (Рум. 4:18).

Ба Иброҳим чӣ ваъда карда шуда буд? "Насли ту ҳамин қадар хоҳад шуд". Дар олами воқеӣ бидуни умед, Иброҳим ба ҳудудҳои илоҳӣ ворид шуд, ва онҳо аз чизҳои намоён бо ваъдаи худ бартарӣ ёфтанд. Умеди илоҳӣ ба соҳаҳои Худо, ки болотар аз чизҳои намоён аст, бо боварии дилпурона назар мекунад. Иброҳим афзал донист, ки ба чизҳои болотар аз намоён, ба воқеияти илоҳӣ, нигоҳ кунад. Дар асл Навиштаҷот изҳор мекунад, ки Иброҳим "боварии комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст" (Рум. 4:21). Ӯ ваъдаро мувофиқи имоне ба даст овард, ки бо умед қавӣ буд. Ба мо мегӯянд:

> Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд (Ибр. 11:1).

Имони мо умед ё ваъдаҳои Худоро амалӣ месозад. Чуноне ки мо дар мисоли Иброҳим дидем, умеди илоҳӣ – ин биниш, ё лоиҳаи иродаи Худо, ки ҳоло бо чашмони ҷисмонӣ дидан ғайриимкон аст. Умеди илоҳӣ ниҳоят муҳим аст, зеро бе умед имон ҳеҷ чизро амалӣ карда наметавонад. Каломи Худо на танҳо ба қалби мо имонро ҷо мекунад, он умед низ медиҳад, ва ба имон биниш медиҳад.

Ҳамаи инро ба як тӯда масолеҳи сохтмонӣ ба мисли сафолак, чорчӯбаи тиреза, тунукаи бом, семент, чӯб, хиштҳо ва ғайра монанд кардан мумкин аст. Мо метавонем ҳамаи инро ҷамъ оварем, аммо бе лоиҳа ва нақшаҳо раванди сохтмон ба даҳшат табдил меёбад! Шояд шумо фикр кунед: *Ман бе лоиҳа сохта метавонам.* Шояд, лоиҳа дар майнаи шумо вуҷуд дошта бошад, аммо ба ҳар ҳол ба шумо ягон нақша лозим мешавад.

## Ворид шудан ба ҳузури Ӯ дар паси парда

Дар мавриди наздик шудан ба Худо, биёед бори дигар ба матни асосиамон нигоҳ мекунем:

> Пас, эй бародарон, модоме ки мо *ҷуръат* дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ, бо роҳи нав ва зинда дохил шавем... пас бо дили соф ва *бо имони комил,* дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарири мо татҳир намуда ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода, *наздик оем,* ва *эътирофи умеди худро* собитқадамона *нигоҳ дорем,* зеро ки Ваъдадиҳанда амин аст (Ибр. 10:19-23, курсиви муаллиф).

Павлус оиди наздикшавӣ ба Худо возеҳ сухан меронад. Бори дигар ба ин суханон нигоҳ кунед: "Эътирофи умеди худро собитқадамона нигоҳ дорем". Дар ёд дошта бошед, умед – ин лоиҳаи шумо, диди шумо, тасвири илоҳии он чизе, ки бо чашмони ҷисмонӣ дидан ғайриимкон аст. Инро ба назар гирифта, бодиққат хонед:

> Зеро ки одамон бо он чи бузургтар аст, қасам ёд мекунанд, ва қасам исботест, ки ба ҳар мунозираи онҳо хотима медиҳад. Бинобар ин Худо, ки мехост тағйирнопазирии иродаи Худро ба ворисони ваъда пурратар нишон диҳад, қасамро ба кор бурд, то бо ду чизи тағйирнопазир, ки дар онҳо дурӯғ гуфтани Худо мумкин нест, барои мо, ки паноҳ ёфтаем ва ба умеде ки пешниҳод шудааст, часпидаем, тасаллои пурзӯре бошад. Он умед барои ҷон мисли лангари боэътимод ва мустаҳкам аст, ва *андаруни парда дохил мешавад* (Ибр. 6:16-19, курсиви муаллиф).

Шумо мебинед? Ҳарду порчаро якҷоя карда, суханони зайлро ҳосил мекунед:

> Пас бо дили соф ва *бо имони комил наздик оем*... ва *эътирофи умеди худро* собитқадамона *нигоҳ дорем,* зеро ки Ваъдадиҳанда амин аст... Он умед барои ҷон мисли лангари боэътимод ва мустаҳкам аст, ва *андаруни парда дохил мешавад* (Ибр. 10:22,23; 6:19, курсиви муаллиф).

Дар Тарҷумаи нави Китоби Муқаддаси англисӣ ин ҷои Навиштаҷот чунин тарҷума шудааст: "Он [умед] моро ба воситаи пардаи осмонӣ ба даруни қудси Худо мебарад". Маҳз

Худо ба Иброҳим биниши равшани умеди илоҳиро додааст. Вақте ки сухан дар бораи наздикӣ меравад, Рӯҳулқудс биниши илоҳии онро медиҳад, ки чашмони ҷисмонии мо дида наметавонанд, ва маҳз, он Худи Худовандро нишон медиҳад, ки дар тахти осмон нишастааст.

Вақте ки мо ба Худованд наздик мешавем, ба рӯҳи Худо, ки дар даруни мост, рӯ меорем ва аз пардаи ҷисм ва мафкураи маҳдуди инсонии худ мегузарем, ва сипас ба ҳузури Ӯ дохил мешавем. Ба он дохил шуда, мо аз қудси дарунии осмон мегузарем, ва дар он ҷо бо Исо ва Падар вомехӯрем. Дар ин қудси дарунӣ мо бо Худованди ҷалол наздикии бевоситаро ҳис мекунем!

Имондорон аксар вақт ҳангоми дуо кӯшиш мекунанд, ки худро дар назди тахти Худо ҳис кунанд. Аммо бе умеди Рӯҳулқудс инро ба он монанд кардан мумкин аст, ки Иброҳим, то даме ки дар бораи ваъдаи Худо рӯъёи дидашаванда надошт, ин ваъдаро  дарк карда натавонист. Ва танҳо баъд аз он ки Худи Худо тасвири равшанеро, ки чӣ рӯй хоҳад дод, нишон дод, Иброҳим ҳар он чиро, ки Худо ба ӯ ваъда дода буд, фаҳмид.

Мо бе Рӯҳулқудс дар қудси дарунӣ бо Худо муоширати наздик ва ҳақиқиро эҳсос карда наметавонем. Ӯ ба мо умед, ё биниши равшани онро медиҳад, ки чашмони ҷисмонӣ дида наметавонанд. Бо ин биниш мо бо имони комил ва ҷуръат ба он чиз наздик мешавем, ки Исо барояш ин қадар нархи гарон супоридааст ва дар он зиндагӣ карда метавонем. Ташаккур ба Ту, Исо, барои хуни шоҳонаат, ки дар салиб барои мо рехтӣ, ва мо бо имони комил ҳоло ва дар абадият ба худи ҳузури Худо ворид шуда метавонем!

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. Калимаи библиявии умед – интизории дилпурона – аз рӯи маъно ба умеди шубҳанок ба мисли “шояд” муқобил аст. Оё дар ҳаёти шумо ҳолатҳое буданд, ки муносибати худро бо калимаи “шояд” ифода карда, дар қавли худ наистодед? Агар бошанд, алоқамандона ба ин дар бораи ҳолати имони худ чӣ гуфта метавонед?

2. Аз давраи ҳаввориён то имрӯз имондорон ду савол медиҳанд. Ин саволҳо ба якдигар хеле монананд, вале аз рӯи маъно сахт фарқ мекунанд:

   - Чӣ тавр имон пайдо кардан мумкин аст?
   - Чӣ тавр имонро зиёд кардан мумкин аст?

   Донишҳоеро, ки аз ин боб андӯхтед, истифода бурда, чӣ тавр ба ин саволҳо ҷавоб дода метавонед?

3. Хислати итоаткоронаи Шоул ва Довудро муқоиса карда, шумо дар муносибатҳои онҳо алоқамандона ба ин масъалаи муҳим чӣ гуна фарқро мебинед? Чӣ тавр итоаткории онҳо ба наздикии ҳар яки онҳо бо Худо таъсир расонид?

4. Чӣ тавр итоат ба Худо ба қобилияти инсон оид ба наздикшавии боҷуръатона ба Ӯ таъсир мерасонад?

Боби 14

# БОЗ ҲАМ БЕШТАР НАЗДИК ШУДАН

Шумо метавонед ҷуръат карда, ба Ӯ наздик шавед, чунки
Ӯ барои вақти дилхоҳ шуморо даъват кардааст.

Дар боби охирин мо ҷиҳати амалии наздикшавиро ба Он Шахсе, ки моро хеле сахт дӯст медорад, муҳокима мекунем. Аммо ин муҳокима аз бисёр ҷиҳат ба панду насиҳатҳои марбут ба ҳаёти маҳрамона барои ҷавононе, ки издивоҷ карданӣ мешаванд, монанд аст. Ба ҷавонон зимнан дастур додан мумкин аст, аммо ҳама чизҳои боқимонда аз қалби онҳо ҷорӣ мешавад. Зебоии қаробат аз ҳамин иборат аст: он дар қалбҳои мо мешукуфад, онро бо ақл дарк кардан ғайриимкон мебошад.

Дар наздикшавӣ бо Худованд бояд дар ёд дошта бошем, ки мо ба сурат ва шабоҳати Ӯ офарида шудаем. Ҳиссиётҳои Ӯ, ба мисли мо, гуногун буда метавонанд. Мо бояд на танҳо ба кайфияти шахси наздик, балки ба кайфияти Худованд ҳассос

бошем. Масалан, вазъиятҳое рӯй медиҳанд, ки ба ҳузури Ӯ бо сурудхонӣ ворид шавем, ва ҳам баъзан – бо рӯҳи шикаста. Баъзан бо ҷуръат ва баъзан бо тарсу ларз рафтан лозим аст. Мо баъзан хоҳиши ханда карданро ҳис мекунем, ва баъзан хоҳиши гиря карданро. Ҳолатҳое мешаванд, ки бо кӯмаки Ӯ бар зидди қувваҳои зулмат ба муҳорибаи рӯҳонӣ ворид мешавем, ва дар дигар ҳолатҳо дар ҳузури Ӯ сулҳу оромиш ҳис мекунем.

Барои ду муқоисаи охир хонаеро мисол овардан мумкин аст, ки таҳти хатари ҳамлаи роҳзанон қарор дорад. Фарз мекунем, ки ҷинояткорон аз дари қафо ба хонаи шумо ворид шудан мехоҳанд. Тасаввур кунед, ки дар ин лаҳза писар назди падар меояд, ки илоҷ меҷӯяд, то худаш ва оилаашро ҳимоя кунад, ва мегӯяд: "Падар, ман фикр мекунам, ки ту дар ҷаҳон беҳтарин падар ҳастӣ. Ту дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунӣ, ту ҳамеша хушрафтор ва бофаросат ҳастӣ..."

Падар сухани писарашро бурида, мегӯяд: "Ҳоло вақти он нест, ки дар бораи ҳиссиётҳо гап занӣ, таёқи бейсболатро ба даст гир ва ба дари қафо меравем".

Бояд дар ёд дошта бошем, ки Калисои Исои Масеҳ – ин хонаи Худо. Ва мо дар ин дунё душманони воқеӣ дорем. Аз ин рӯ, вақтҳое мешаванд, ки ман ба дуо шурӯъ мекунам, ва Рӯҳулқудс маро водор мекунад, ки ба ҷанги рӯҳонӣ ворид шавам, ва Ӯ ин корро ҳар дафъа ба таври гуногун ба ҷо меорад. Ин метавонад ба воситаи мавъизаи Калом, ба воситаи дуо дар Рӯҳ ва ҳатто ба воситаи мадҳияҳо (чуноне ки бо Еҳӯшофот ва сарбозони ӯ рӯй дод, ниг. 2 Вақ. 20:20-24) бошад. Мо бояд на танҳо ба муҳит, балки ҳамчунин ба он, ки маҳз чӣ тавр хоҳиши Ӯро ба ҷо биёрем, ҳассос бошем.

Ба мисоли худ баргашта, биёед ба варианти дигари мавқеъгирии шахсони амалкунанда нигоҳ мекунем. Ҳамон

хонаро тасаввур кунед: ҳама чиз хуб аст, падар дар назди оташдон фароғат мекунад. Дар ин вақт писар ба назди ӯ омада, мегӯяд: “Падар, биё ба онҳо нишон диҳем!”

Падар ба вай нигоҳ мекунад ва мегӯяд: “Писарам, ҳама чиз хуб аст ва ҳеҷ хатаре нест. Бишин, ва биё дар бораи ягон чизи хуб сӯҳбат мекунем”.

Боварӣ дорам, ки акнун шумо худатон дар мисоли муносибатҳо бо шахсони наздик бисёр саҳначаҳои ба ин монандро фикр карда баровარда метавонед. Айнан ҳамин тавр дар дуо вақтҳои гуногун ва кайфиятҳои гуногун буда метавонанд. Дар Навиштаҷот тамоми ҳолатҳое, ки ман дар бораашон худи ҳозир сухан рондам, ва бисёр чизҳои дигар оварда шудаанд. Аз ҳама асоситаринаш – донистани он, ки дар айни ҳол дар қалби Худо чӣ рӯй медиҳад.

## Манфиатҳои Худо

Агар дӯсти шумо танҳо бо назардошти манфиатҳои худ ба наздатон меомад, шумо чиро ҳис мекардед? Падар чиро ҳис мекард, агар писараш ба назди ӯ танҳо ҳамон вақт меомад, ки ба ӯ чизе лозим аст? Оё шумо дар назди одамони худхоҳ ё дар назди онҳое, ки раҳму шафқат надоранд, қалби худро мекушоед?

Агар мо хоҳем, ки дили Худоро хурсанд кунем, бояд хоҳишҳо ва эҳтиёҷҳои Ӯро донем. Бале, эҳтиёҷҳо! Гарчанде Ӯ Қодир мебошад ва аз ҳар чиз огоҳ аст ва дорои ҳама чиз мебошад, Ӯ ба одам дар рӯи Замин иродаи озод ва озодиҳои муайян додааст. Ба одам чунин имконияттро фароҳам оварда, Ӯ Худро дар ҳолати осебпазир гузоштааст. Аз сабаби гуноҳи одам ва пайдо шудани қувваҳои бадӣ дар ҷаҳон, ки дурӯғ мегӯянд, ба дом меафкананд ва одамонро азоб медиҳанд,

бисёре аз моён дарду ранҷ мекашанд. Худо сахт иштиёқманд аст, ки ба ин гуна одамон кӯмак расонад, то ки ягон касе барои онҳо овоз баланд кунад. Бинобар ин дилпур буда метавонед, ки Худованд аз шумори фарзандони Худ ҳамеша ба онҳое наздик аст, ки аз рӯи файзи Худо барои одамони ранҷдида дуо мекунанд ва ба кӯмакашон мешитобанд. Исо дар рӯзи Доварӣ мегӯяд:

> Зеро ки гурусна будам, ба Ман хӯрок додед; ташна будам, ба Ман об додед; ғариб будам, Маро пазируфтед; бараҳна будам, Маро пӯшондед; бемор будам, Маро иёдат кардед; дар зиндон будам, ба дидани Ман омадед (Мат. 25:35,36).

Шумо дар ин ҷо Худованди ҷалолро, яъне Шахсеро мебинед, ки дар ҷаҳони эҳтиёҷманд тамоми қудрат ва қувватро соҳиб аст. Эҳтиёҷи Ӯ – ин эҳтиёҷи мо, яъне эҳтиёҷи онҳое, ки Ӯ дӯст медорад. Зеро Ӯ гуфтааст: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чи ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед” (ояти 40). Онҳое, ки ба дигарон шафоатхоҳӣ мекунанд, ёрии амалӣ мерасонанд, Каломи озодбахши Худоро мавъиза мекунанд, ба воситаи қуввати Худо захмҳоро шифо медиҳанд ва ғайра, бештар аз дигарон қалби Худоро хурсанд мегардонанд.

Халқи Худо дар як замоне Ӯро хеле бо ҷидду ҷаҳд ҷустуҷӯ кард, ва Ӯ ҳатто дар бораи онҳо гуфт: “Онҳо Маро ҳар рӯз меҷӯянд, ва роҳҳои Маро донистан мехоҳанд” (Иш. 58:2). Аммо Худо ба онҳо ҷавоб намедод. Одамон пурсиданд, ки чаро Худо ба онҳо наздик намешавад. Онҳо фаҳмида наметавонистанд, ки чаро Ӯ ба дуоҳои онҳо ҷавоб намедиҳад. Он гоҳ Ӯ гуфт:

> Шумо, охир, дар рӯзи рӯзаи худ низ корубори худро меёбед, ва ҳамаи коргарони худро ба танг меоваред. Шумо, охир, барои низоъ ва нифоқ рӯза медоред, ва барои он ки бо мушти шарорат бизанед (Иш. 58:3,4).

Диққат диҳед, онҳо бо якдигар баҳсу талош ва ҷанҷол мекарданд. Биёед ба порчаи асосии худ дар ин мавзӯъ бармегардем: “Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд”. Агар ба оғози боб нигоҳ кунед, мефаҳмед, ки Яъқуб чунин суханонро изҳор мекунад:

> Адоват ва ҷидолҳо дар миёни шумо аз куҷост? Оё на аз ҳавасҳои шумост, ки дар андоматон меҷанганд? Ҳавас мекунед — ва надоред; мекушед ва ҳасад мебаред — ва наметавонед ба даст оваред; муноқиша ва адоват мекунед — ва надоред, чунки илтимос намекунед. Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз баҳри қасди нек илтимос мекунед, балки аз баҳри он ки барои ҳавасҳои худ истифода намоед. Эй зинокорон!.. Пас, ба Худо итоат намоед, ба иблис муқобилат кунед, ва ӯ аз шумо хоҳад гурехт. Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд (Яъқ. 4:1-8).

Хулоса, гап дар ҳамин аст. Ана қадами амалии рақами як аз чӣ иборат аст: мо бояд ба хотири Ӯ ва Инҷил ҷони худро фидо кунем. Мо бояд барои хоҳишҳои Ӯ зиндагӣ кунем. Мо бояд чизеро дӯст дорем, ки Ӯ дӯст медорад, ва чизеро бад бинем, ки Ӯ бад мебинад. Он чизе, ки барои Ӯ муҳим аст, бояд барои мо муҳим бошад, ва он чизе, ки барои Ӯ муҳим нест, барои мо муҳим буда наметавонад. Мо бояд дили Ӯро дошта бошем!

Оё ин маънои онро дошта метавонад, ки мо ҳеҷ

гуна ҳаёти шахсӣ нахоҳем дошт? Наход Худо ба қавми Худ фароғату оромӣ додан нахоҳад? Албатта мехоҳад. Навиштаҷот равшан ба мо мегӯяд, ки “Худо ҳама чизро барои маишати мо ба фаровонӣ ато мекунад” (1 Тим. 6:17). Аммо вақте ки мо танҳо қонеъ гардонидани хоҳишҳои худамонро меҷӯем, ва Ӯро ба назар намегирем, мо алоқамандиеро, ки бо қалби Ӯ дорем, гум мекунем.

Одамоне ҳастанд, ки чунин меҳисобанд, ки танҳо ба воситаи ёрӣ додан ба камбағалон, мо ба Худо писанд омада метавонем. Аммо агар чунин бошад, пас барои чӣ Петрус дар ҳаққи бевазанон ғамхорӣ карданро бас кард, ва гуфт: “Шоиста нест, ки мо каломи Худоро тарк карда, ба хизмати таъмини ризқу рӯзӣ машғул шавем. Пас, эй бародарон, ҳафт одами некном ва пур аз Рӯҳулқудс ва пурҳикматро аз миёни худ интихоб намоед, то ки онҳоро ба ин хизмат таъин кунем. Лекин мо бо дуо ва бо таълими каломи Худо машғул хоҳем шуд” (Аъм. 6:2-4). Петрус фаҳмид, ки одамоне бояд бошанд, ки гушнагии одамони бадбахтро бо воситаи Каломи Худо қонеъ кунанд, ва дигарон бо воситаи ғизои ҷисмонӣ гушнагии ҷисмонии онҳоро қонеъ гардонанд. Ва ҳар ду гурӯҳ як кори умумиро ба амал меоранд. Онҳо эҳтиёҷоти Исоро қонеъ мегардонанд: “Гурусна будам, ва шумо ба Ман нон додед...”

Одамоне, ки дар бораи эҳтиёҷоти Худованд андеша мекунанд, хеле осонтар аз дигарон ба Ӯ наздик шуда метавонанд. Ин гуна шахс Мӯсо буд, чунки ӯ бо назардошти манфиатҳои Худо қавми Ӯро чӯпонӣ мекард. Ӯ ба қалби Худо ҳассос буд ва бо Худованд муносибатҳои амиқу наздик дошт.

Худо дар бораи подшоҳ Йӯшиё, ки ходими хуб буд, чунин гуфтааст: “Ӯ ба мискин ва бенаво додрасӣ мекард, бинобар ин аҳволаш хуб буд. Маҳз ҳамин аст *шинохтани Ман,* — мегӯяд Худованд” (Ирм. 22:16, курсиви муаллиф).

Одамоне, ки хидмати худро хуб иҷро мекунанд, хоҳ ёрирасонӣ, хоҳ идоракунӣ, хоҳ таълимдиҳӣ, хоҳ тақсимоти ягон чиз ва ғайра, назар ба он касоне, ки дар ҳаёти худ ё ҳатто дар хидмат ба андозаи бештар бо назардошти манфиатҳои худ амал мекунанд, хеле осонтар ба Худованд наздик шуда метавонанд. Зеро Худи Худованд гуфтааст: “Маҳз ҳамин аст шинохтани Ман”.

## Наздик шавед, то ки бишнавед

Маслиҳати амалӣ ба он касоне, ки ба Худо наздик шудан мехоҳанд, дар ояти зайл гуфта шудааст:

> Вақте ки ба хонаи Худо меравӣ [ба Худо наздик мешавӣ], аз пои худ бохабар бош, ва ба шунидан бештар рағбат намо назар ба қурбониҳое ки аблаҳон меоваранд, зеро ки онҳо фарқи байни бадӣ ва некиро намедонанд. Бо даҳони худ шитоб накун, ва бигзор дили ту ба гуфтани сухане ба ҳузури Худо телба нашавад; зеро ки Худо дар осмон аст, вале ту бар замин ҳастӣ; бинобар ин бигзор суханони ту кам бошад. Зеро ки хоб дидан аз шуғли бисёр пайдо мешавад, ва овози аблаҳ аз сухани бисёр (Воиз 4:17; 5:1,2).

Биёед қисми аввали ин порчаро ҷудо мекунем. Дар яке аз версияҳои Китоби Муқаддаси англисӣ мехонем: “Вақте ки ба Худо наздик мешавӣ, назар ба қурбонӣ, бештар ба шунидан омода бош”. Ман пайхас кардам, ки бисёр одамон ҳар дафъа ҳангоми наздик шудан ба Худо ё беист сухан меронанд, ё беист суруд мехонанд. Ин ҳам, албатта, лозим аст. Аммо ҳамчунин ман пайхас кардам, ки пеш аз ягон чӣ гуфтан ё мадҳия хондан, бодиққат гӯш карда, хомӯшона ба Ӯ наздик шудан хеле фоидаовар аст.

Ба наздикӣ ман бо як шубони калисои калон ва бонуфуз вохӯрдам. Ҳангоми наҳорӣ ӯ ба ман гуфт: «Ҷон, ман ниҳоят то ба ҷое расидам, ки ба Худованд гуфтам: “Ман аз он хаста шудам, ки ҳар субҳ назди Ту омада, беист гап занам ва ҷавобе нагирам. То даме ки ба ман сухан наронӣ, ман ҳар субҳ ҳамту ба назди Ту омада, хомӯш меистам ва гӯш мекунам”».

Дар давоми чандин рӯз Худованд самимияти қалби ӯро имтиҳон кард, вале як саҳарӣ ин шубон барои дуо бархест, ва ногаҳон Рӯҳулқудс ба ӯ ҳарф зад. Маҳз дар ҳамин вақт Худованд ба ӯ кушоишҳои пурқувваттарин дод, ва ҳамин тавр дар давоми якчанд ҳафта шубон онҳоро ба одамони худ дар калисо нақл кард. Дуоҳои ӯ ба таври куллӣ дигар шуданд.

Ман фаҳмидам, ки усули аз ҳама беҳтарини воридшавӣ ба ҳузури Худо аз хондани Навиштаҷот иборат аст (махсусан Забур ё Аҳди Ҷадид). Зимнан, на ҳамаашро пайиҳам, балки шояд, ҳамагӣ як оят ё ҳатто нисфи онро. Дар бораи чизе, ки мехонед, андешаронӣ карда, мулоҳизакорона хонед, ва сипас ба ояти дигар гузаред. Охири охирон ҳузури Худо албатта зоҳир мешавад. Дар ин ҳолатҳо ман хонданро бас карда, ба Ӯ диққати худро равона мекунам ва ба он чизе, ки Ӯ маро таълим медиҳад ё ишора мекунад, гӯш медиҳам.

Дар ҳама ҳолат ба ҳузури Ӯ омада, пеш аз ҳама шунидан ва баъд сухан рондан лозим аст. Ман аввал барои ором кардани ақлам ва шунидани Рӯҳулқудс парастиш мекунам, то ки хоҳиш ва кайфияти Ӯро ҳис кунам. Сипас якҷоя бо хидмати парастиш ба хондани суруд шурӯъ мекунам. Аммо ҳар дафъа ин тавр намешавад, чунки баъзан ман ба шукргузорӣ кардани Ӯ сар мекунам, аз таҳти дил ҷалол медиҳам ва шодӣ мекунам. Гӯё Рӯҳи Худо мегӯяд: “Ба назди Ман биёед!” Зеро Навиштаҷот низ моро даъват мекунад:

> Пеши Ӯ бо шукрона ҳозир шавем, дар шаъни Ӯ бо сурудҳо бонги шодӣ занем (Заб. 94:2).

Ва дар ҷои дигар:

> Худовандро бо шодӣ ибодат намоед; пеши Ӯ бо таронасароӣ биёед (Заб. 99:2).

Ин оят даъват мекунад, ки ба ҳузури Худованд бо шодӣ ва нидоҳо ворид шавем, дар ҳоле ки ояти пештараи Навиштаҷот моро даъват мекард, ки ҳамту ба назди Ӯ биёем. Дар ҳама ҳолат мо бояд ба Худо ҳассос бошем! Ғайриимкон аст, ки ба шавҳаршаванда раванди инкишофи муносибатҳои маҳрамонаро бо ҳамсари ӯ навишта диҳӣ, ва айни ҳамин чизро дар бораи инкишофи муносибатҳои наздик бо Худованд низ гуфтан мумкин аст.

Шумо шавҳари ҷавонеро ба худ тасаввур карда метавонед, ки ба назди арӯсаш бо китобчае дар даст меравад, ва дар он ҳар як сухан ва рафтори ӯ, ки бояд ба амал орад, навишта шудааст? Қадами аввал: ба вай гӯ, ки чӣ қадар зебо аст. Қадами дуюм: бо дастонат мӯйҳои ӯро навозиш кун. Қадами сеюм: чароғро хомӯш кун. Қадами чорум: бубахшед, ман хонда наметавонам, чароғро бояд аз нав даргиронам! Чӣ аблаҳист, ҳамин тавр не! Аммо баъзе одамон дуоҳои худро ба чунин бемаънигӣ табдил додаанд. Онҳо имконияти худро дар бобати ҳис кардани қалби Худо ва гӯш додан ба кайфияти Ӯ истифода намебаранд. Лутфан, маро дуруст фаҳмед, албатта, дар Навиштаҷот маслиҳатҳои муайян ва принсипҳои дастурдиҳанда низ мавҷуд мебошанд, ки мо бояд пайравӣ кунем, вале мо бояд ба назди Худо бо ёрии Рӯҳулқудс равем, зеро Китоби Муқаддас возеҳ ба мо мегӯяд, ки “ҳарф мекушад, вале Рӯҳ зинда мекунад”

(2 Қӯр. 3:6). Аз ин рӯ танҳо Рӯҳулқудс метавонад моро ба шафоатхоҳӣ, парастиш, нидоҳои шодмонӣ, ашк ва ғайра водор созад.

Китоби Муқаддас ҳамчунин моро даъват мекунад, ки бо дархостҳо ва суханони худ шитобкорӣ накунем. Инро ҳатто дар муносибатҳои оддии байни одамон дидан мумкин аст. Вақте ки одам аз ҳад зиёд гап мезанад, одатан, ӯро қариб намешунавем. Аммо вақте ки одам бо мулоҳиза сухан меронад, ҳатто агар ӯ маротибаи зиёд ҳарф занад ҳам, ӯро бодиққат гӯш мекунем. Аз ҳамин сабаб дар вақти дуо ман аксаран хомӯш меистам, бо забонҳо дуо мекунам ё Каломи Худоро зикр месозам.

Ман медонам, ки вақте бо забонҳо дуо мекунам, мутобиқи иродаи комили Худо дуо мекунам. Рӯҳулқудс ба ман суханонеро медиҳад, ки онҳоро ман ба номи Исои Масеҳ ба Падар равона мекунам. Вақте ки ман дар Рӯҳ ҳастам, нодуруст дуо карда ё суханони беҳударо ба забон оварда наметавонам! Вақте ки ман Каломи Ӯро эълон мекунам, тамоми вуҷуди ман, албатта, якҷоя бо ақлам, обод мешавад. Ана барои чӣ бо ақл дуо кардан низ зарур аст.

Аммо вақте ки ман дар ҳузури Ӯ ҳастам ва Ӯро гӯш мекунам, он гоҳ ба ман ваҳй, фаҳмиш ва хирад меояд. Хеле зарур аст, то мо ба Худо имкон диҳем ва вақт ҷудо кунем, ки Ӯ бо мо сӯҳбат кунад. Оё шумо шахсеро тасаввур карда метавонед, ки ҳар дафъа, вақте ки ба назди ӯ меравед, ба шумо имконияти ақаллан як калима гуфтан надода, беист гап мезанад? Фикр мекунам, ки вақте мо ба Худо дуо мекунем, аксар вақт Рӯҳулқудс дар ҳамин ҳолат мемонад. Мо бояд шуниданро ёд гирем ва баъд ҳарф занем. Дар ёд дошта бошед, ки дуо ин монолог нест, балки диалог аст.

## Усулҳои гуногуни гирифтани ваҳй

Вақте ки Худо ба мо наздик мешавад, Ӯ Худашро ва роҳҳояшро ба мо ошкор мекунад. Ӯ ба мо чизҳои ниҳон ва махфиро нишон медиҳад, чизҳоеро, ки мо ҳанӯз намедонистем (ниг. Ирм. 33:3). Барои фаҳмидани ин, бояд дар хотир дошт, ки усулҳои зиёде мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо Ӯ ба мо ваҳй медиҳад. Баъзан Ӯ ба мо сухан меронад. Ин метавонад овози баланди Ӯ дар дилҳои мо бошад, ва мо ҳатто иштибоҳан ба хулоса омада метавонем, ки Худовандро бо гӯшҳои ҷисмонӣ мешунавем. Овози Ӯ хеле ором буда, аз умқи дили мо баромада метавонад, ва он доимо бо Худо мешавад, ва бо эҳсоси амиқи оромӣ тақвият меёбад ва пурра ба он чизе, ки дар Навиштаҷот гуфта мешавад, мувофиқ меояд. Баъзан Ӯ ба воситаи имондор ё ходими дигар гап зада метавонад. Вақте ки онҳо сухан меронанд ё мо китобҳои онҳоро мехонем, дар қалби мо гӯё чизе фурӯзон мешавад. Худо бо мо ба воситаи хоб ва рӯъё сухан ронда метавонад. Дар дигар ҳолатҳо, ва аксар вақт ҳамин тавр мешавад, ки мо ҳамту он чиро ки пештар намедонистем, мефаҳмем. Бисёр вақт Ӯ Каломи Худро ба мо ҷо мекунад, аммо он, то даме ки ҳарф назанем, кушода намешавад. Вақте ки мо даҳони худро воз мекунем ва ба сухангӯӣ оғоз менамоем, ин ваҳй фаҳмо мегардад.

Маҳз ҳамин чиз бо Петрус дар рӯзи Пантикост рӯй дод. То даме ки ҳузури Худо ба ӯ нозил нашуд, ӯ Каломи Худоро, ғайр аз ваҳй оиди он, ки Исо Масеҳ аст, танҳо бо ақли худ мешинохт (ниг. Мат. 16). Дар дигар ҳолатҳо ӯ, одатан, вақте ки сухан дар бораи чизҳои рӯҳонӣ мерафт, хомӯш мемонд. Вақте ки шогирдони Исо дар болохона нишаста буданд, ӯ кӯшиш кард, ки дар мавриди таъин намудани ҳавворӣ ба ҷои

Яҳудо роҳбариро ба дасти худ гирад. Аз рӯи натиҷаҳо маълум мешавад, ки ӯ шитоб кардааст, чунки мо дигар дар бораи он шахс чизе намешунавем. Баъдтар Павлус дар бораи худ гуфт, ки Исо "пас аз ҳама ба ман... зоҳир шуд" (1 Қӯр. 15:8). Эҳтимол, Худо қарор кард, ки ба ҷои Яҳудо маҳз Павлусро интихоб кунад, ва аз ҷониби Петрус тавассути қуръапартоӣ интихоб шудани ҳаввории дувоздаҳум шитобкорӣ буд.

Дар асл, Петрус аз ҷиҳати рӯҳонӣ ҳама вақт каме ақиб мемонд. Аммо Худо боре ба ӯ наздик шуд, ва дар як лаҳза Петрус дигар шуд ва аз Юил ва Забур мисолҳо оварда, мавъизаи дилчасп ва амиқро ба забон овард, ва шарҳ дод, ки бо яксаду бист шогирд чӣ рӯй дод. Чунин паёми аз ҷиҳати қувват ҳайратоварро дар як лаҳза пеш аз ҷамъ шудани издиҳом аз ёд кардан мушкил буд. Ӯ фавран донише гирифт, ки пештар намедонист. На танҳо Петрус, балки ҳамаи шахсони дигар "оиди корҳои бузурги Худо" сухан меронданд (Аъм. 2:11).

Аз ин рӯ, дар асл, Худо усулҳои гуногунро истифода мебарад, то ба мо наздик шуда, он чиро ки барои мо муҳайё кардааст, тақдим кунад. Як чиз равшан аст: ҳар дафъа пас аз наздик шудани Ӯ мо дигар ҳеҷ вақт ҳамчун шахсони пештара боқӣ намемонем.

## Сухани охирин

Дар боби аввали ин китоб ман пешакӣ огоҳ карда будам, ки дар он оиди ин масъала дастуроти дақиқ вуҷуд нахоҳад дошт, зеро наздикиро қадам ба қадам баён кардан ғайриимкон аст. Ман ният доштам, ки ба шумо харитаи ганҷҳоро нақш кунам, ки роҳро ба сӯи Худо нишон диҳад. Ман боварӣ дорам, ки ин китоб – паёми нубувватӣ аст, ин

даъвате аст, ки аз қалби Ӯ ба ҳамаи мо, ба онҳое, ки Ӯ ин қадар бо иштиёқ ва рашк наздик мешавад, нигаронида шудааст. Агар мо вақт ва неруи худро барои он сарф кунем, ки дастурҳои Каломи Худоро пайравӣ намоем, мо ҳатман ҳузури Худо ва дили Ӯро дарёфт мекунем. Аммо дар хотир доред, ки даъвати Ӯ барои наздикшавӣ ба Ӯ барои ҳар яки мо ба таври индивидуалӣ дахл дорад. Ин сенарияе нест, ки шитобкорона тартиб дода шуда бошад. Балки ин ваъдаи Ӯст, ки Ӯ ба таври амиқ қадр мекунад ва аз он ҳеҷ гоҳ рӯй намегардонад.

Ба ман иҷозат диҳед, ки ин китобро бо чанде аз оятҳои Навиштаҷот, ки хоҳиши шуморо барои наздиктар шудан ба Худо тақвият медиҳад, ба итмом расонам:

> Зеро ки каҷкор назди Худованд зишт аст, аммо бо росткорон Ӯ маҳрами асрор аст (Мас. 3:32).
>
> Валекин барои ман ба Худо наздик шуданам некӯст! (Заб. 72:28).
>
> Худованд наздик аст ба ҳамаи онҳое ки Ӯро мехонанд, ба ҳамаи онҳое ки Ӯро ба ростӣ мехонанд. Хоҳиши тарсгорони Худро ба ҷо меоварад, ва истиғосаи онҳоро мешунавад, ва онҳоро наҷот медиҳад. Худованд ҳамаи дӯстдорони Худро нигаҳбонӣ мекунад (Заб. 144:18-20).
>
> Ман варо муқарраби Худ хоҳам гардонид, то ки вай ба Ман наздик ояд, зеро кист, ки ҷуръат намуда, ба Ман наздик ояд? — мегӯяд Худованд (Ирм. 30:21).

Шумо барои ворид шудан ба ҳузури Худо ҷуръат карда метавонед, зеро Ӯ ба шумо даъвати ҷовидонии Худро

додааст. Бинобар ин худро тақдим кунед ва яке аз онҳое бошед, ки дар ҳузури Ӯ сокин хоҳанд буд. Ӯ шуморо интизор аст – ва шумо чиро интизор ҳастед? Ба Ӯ наздик шавед!

> Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад, яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин (Яҳуд. 24,25).

## Саволҳо оид ба мавзӯъ

1. То хондани ин боб шумо оё боре фикр карда будед, ки Худо "эҳтиёҷ" дошта метавонад? Чӣ тавр мо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Худо хидмат карда метавонем?
2. То чӣ андоза шунидани Рӯҳулқудс Худо зарур аст? Шояд, шумо бо сурудҳои зебои ҳамду сано ва парастиш ва/ё бо китобҳое, ки бо илҳоми Рӯҳулқудс навишта шудаанд, фахр карда метавонед, аммо оё боре кӯшиш кардаед, ки ба назди Худо хомӯшона биёед? Дар бораи ин гуна имконияти хилватгузинӣ андеша кунед ва натиҷаи онро нависед ё бо дигарон мубодила кунед.
3. Дар боби якум муаллиф китоби худро харитаи ганҷҳое меномад, ки моро ба дили Худо оварда метавонад. Ӯ огоҳ мекунад, ки ин дастурамале нест, ки ба шумо "чӣ тавр" иҷро кардани онро нишон диҳад. Ҳангоми хондани ин китоб дар ин харитаи ганҷҳо чӣ гуна бойигариҳоро мушоҳида кардед? Чӣ гуна ганҷҳоро шумо мебояд, ки мушоҳида кунед?

Замимаи А

# ЭҲТИЁҶИ МО БА НАҶОТБАХШ

Ду стандарти рафтор ва ҳаёт мавҷуд аст. Яке аз ҷониби ҷаҳон ва дигаре аз ҷониби Худо муқаррар карда шудааст. Шумо дар фарҳанги худ мувофиқи меъёрҳои дар он қабулшуда метавонед одами хуб ҳисобида шавед, аммо Худо дар ин маврид чӣ фикр дорад? Дар Навиштаҷот гуфта шудааст, ки тамоми одамон гуноҳкоранд, ва ҳамаи онҳо қобил нестанд, ки мувофиқи фаҳмиши Худо оиди он, ки чӣ нек асту чӣ бад аст, рафтор кунанд: «Чунон ки навишта шудааст: “Касе одил нест, як нафар ҳам нест”» (Рум. 3:10). Ва дар ҷои дигар: «Ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд» (Рум. 3:23).

Гуноҳ содир кардан ин вайрон намудани принсипҳои стандартҳои Худо аст. Худо одамро гуноҳкор наофаридааст,

баръакс, Одам бо ихтиёри худ ин роҳро интихоб кардааст. Худо инсони аввалин, яъне Одамро ба ҷаҳони зебо, ки дар он касалӣ, фоҷиа, қашшоқӣ ва офатҳои табиӣ набуд, ҷойгир кард. Дар он ҷо тарс, нафрат, ҷанҷол, рашк ва ғайра вуҷуд надошт. Худо он ҷоро боғи Адан номид, зеро ин боғи Худи Худо буд.

Одам дидаю дониста ба Худо беитоатӣ кард ва ба марги рӯҳонӣ дучор шуд, аммо ӯ мавҷудияти ҷисмонии худро идома медод ва ҳаёти ҷисмонии ӯ танҳо пас аз садҳо сол қатъ гардид. Марги рӯҳониро дурусттараш ҷудо шудан аз Худо, яъне аз сарчашмаи ҳаёт ва ҳар чизи зарурӣ ном бурда метавонем.

Гуноҳ ба ҷавҳари Одам ворид шуд, ва фарзандоне, ки аз ӯ таваллуд шуданд, табиати ӯро мерос гирифтанд: “Ва Одам саду сӣ сол [130] бизист, ва писаре ба шабоҳати худ, ба сурати худ ба дунё овард” (Ҳас. 5:3).

Писари ӯ ба сурат ва шабоҳати ӯ таваллуд шуд, ва ҳар як одам баъд аз ӯ ба сурат ва шабоҳати гуноҳе, ки аз волидайн мерос гирифт, таваллуд мешуд. Одам худро ва насли худро ба хӯҷаини нав, яъне ба шайтон супорид, ва ҷаҳони табиӣ мавҷудияти худро дар ин асорат давом дод. Акнун хӯҷаини бераҳм пурра ҳақ дошт, ки бар офаридаи маҳбуби Худо ҳукмронӣ кунад. Ин аз оятҳои навбатӣ маълум аст: «Ва Ӯро [Исоро] ба кӯҳи баланде бардошта бароварда, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод, ва иблис ба Ӯ гуфт: “Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, *зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст,* ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам”» (Луқ. 4:5,6, курсиви муаллиф).

Диққат диҳед, тамоми қудрат бар замин ба ӯ дода шуда буд. Кай? Дар боғ, зеро Худо саравввал ба одам қудрат дода буд, ки бар тамоми замин ҳукмронӣ кунад (ниг. Ҳас. 1:26-28).

Аммо Одам ҳама чизро аз даст дод... Ӯ ҳам худашро ва ҳам авлоди худро барои тамоми наслҳои оянда гум кард. Ва мо боз мехонем: “Мо медонем, ки мо аз Худо ҳастем, вале тамоми ҷаҳон дар зери ҳукумати иблис аст” (1 Юҳан. 5:19).

Пеш аз он ки Худо Одамро аз боғ ронд, Ӯ ба вай ваъда дод. Бо мурури замон бояд раҳокунанда зоҳир мешуд ва ӯ бояд ғуломӣ ва занҷири асоратро, ки одамизод ба он мубтало буд, нобуд мекард.

Раҳокунанда пас аз чаҳор ҳазор сол аз Бокирае бо номи Марям таваллуд шуд. Ӯ бояд Бокира мебуд, чунки падари Исо Рӯҳулқудс буд, ки дар батни вай ҳамл пайдо карда буд. Агар Исо аз инсон таваллуд мешуд, ғуломии Одамро мерос мегирифт.

Вале Падари Исо Худо буд, ва модараш – Марями Бокира. Бинобар ин Исо пурра Худо ва пурра Инсон аст. Писари Худо мебоист озодии моро бихарад. Бинобар ин Исо доимо Худро Писари Одамизод меномид. Ва гарчанде Ӯ аз азал бо Падар буд, бо ихтиёри Худ аз афзалиятҳои илоҳӣ даст кашид ва одам шуд, то ки Худро барои гуноҳ қурбон кунад.

Вақте ки Ӯ ба Салиб рафт, Ӯ ба хотири гуноҳҳои мо ҷазо гирифт, то ки моро аз ғуломӣ халос кунад. Навиштаҷот мегӯяд: “Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт, то ки мо аз гуноҳҳо фориғ шуда, барои адолат зиндагӣ кунем: шумо аз ҷароҳатҳои Ӯ шифо ёфтед” (1 Пет. 2:24).

Ин аҷиб аст: инсон бар зидди Худо гуноҳ кард, аммо Худо (дар ҷисм зоҳир шуда) нархи иштибоҳи инсонро пардохт кард. Мо боз мехонем: “Пас, мо элчиёни Масеҳ ҳастем, гӯё ки Худо ба воситаи мо хоҳишманд аст. Мо аз тарафи Масеҳ илтимос мекунем: бо Худо мусолиҳа намоед. Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем” (2 Қӯр. 5:20,21).

Диққат диҳед, дар ин ҷо гуфта шудааст, ки мо одил шуда метавонем. Аммо агар дар дили худ бовар накунем, ки Ӯ барои мо қурбон шуд ва аз мурдагон эҳё шуд, ва агар Ӯро ҳамчун Худованди худ қабул накунем, озодиеро, ки Ӯ барояш ин қадар нархи гарон супорид, ба даст намеорем. Маҳз дар он ҳолат Ӯ Наҷотбахши шахсии мо мегардад. Чуноне ки дар Навиштаҷот гуфта шудааст: “Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ки на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтаанд” (Юҳан. 1:12,13).

Вақте ки мо Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ қабул мекунем, мо мемирем ва рӯҳан тавлид мешавем. Мо ҳамчун ғуломони салтанати зулмат мемирем, ва ҳамчун фарзанди навзод дар Подшоҳии Ӯ таваллуд мешавем. Ин чӣ тавр рӯй медиҳад? Хеле оддӣ, вақте ки мо ба ин дар дилҳои худ бовар мекунем, мо бояд танҳо Исои Масеҳро Худованди худ эътироф кунем, ва он гоҳ мо аз олами боло таваллуд мешавем. Навиштаҷот инро тасдиқ мекунад: “Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт, чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст” (Рум. 10:9,10).

Магар ин оддӣ нест? Мо бо корҳои неки худ наҷот ёфта наметавонем. Бо корҳои нек мо ҳеҷ гоҳ сазовори Подшоҳии Ӯ намешавем. Агар ин имконпазир мебуд, пас Масеҳ беҳуда мурдааст. Мо танҳо бо файзи Ӯ наҷот меёбем. Ин атои озод аст, яъне тӯҳфае мебошад, ки кор карда гирифтан номумкин аст. Барои гирифтани ин тӯҳфа, мо бояд худро инкор кунем ва ҳаёти худро ба Ӯ ҳамчун ба Худованд супорем, чунки

Ӯ Парвардигори бузург аст. “Ва Ӯ барои ҳама мурд, то ки зиндаҳо акнун на аз барои худашон зиндагӣ кунанд, балки барои Ӯ, ки аз барои онҳо мурд ва эҳё шуд” (2 Қӯр. 5:15).

Ҳамин тавр, агар шумо бовар кунед, ки Масеҳ барои шумо мурд, ва агар шумо омодаед, ки ҳаёти худро ба Ӯ тақдим кунед ва дигар барои худ зиндагӣ накунед, он гоҳ мо метавонем якҷоя дуо кунем ва шумо фарзанди Худо мегардед:

*Худои осмонӣ, ман эътироф мекунам, ки гунаҳкор ҳастам ва бо меъёрҳои одилонаи Ту зиндагӣ намекунам. Барои гуноҳҳои худ ман сазовори ҷазои абадӣ ҳастам. Ба Ту раҳмат мегӯям, ки маро дар ин ҳолат нагузоштӣ, зеро ман бовар мекунам, ки Ту Исои Масеҳро, яъне писари ягонаи Худро, фиристодӣ, ки аз Марями Бокира таваллуд шудааст ва барои ман қурбон шуд, ва дар Салиб ба ҷои ман ҷазо гирифт. Ман бовар дорам, ки Ӯ дар рӯзи сеюм эҳё шуд ва акнун дар ямини Ту ҳамчун Худованд ва Наҷоткор нишастааст. Бинобар ин имрӯз _______________ соли 20___, ман пурра ҳаёти худро ба ҳокимияти Исои Масеҳ тобеъ мекунам.*

*Исо, ман Туро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ эътироф мекунам. Ба воситаи Рӯҳулқудс ба ҳаёти ман ворид шав, маро дигар кун ва фарзанди Худо гардон. Ман аз ҳар чизе, ки ба салтанати зулмат тааллуқ дорад ва пештар ҳаёти ман аз он иборат буд, даст мекашам, ва аз имрӯз сар карда, минбаъд барои худ зиндагӣ намекунам, балки барои Ту зиндагӣ мекунам, зеро Ту Худро барои ман фидо кардӣ, то ки ман абадан зиндагӣ кунам.*

*Ташаккур ба Ту, Худованд. Акнун ҳаёти ман пурра дар дастони Ту ва дар қалби Ту аст ва, мутобиқи суханони Ту, ман ҳеҷ гоҳ пушаймон намешавам.*

Акнун шумо наҷот ёфтед. Шумо фарзанди Худо ҳастед. Дар худи ҳамин лаҳза тамоми осмон якҷоя бо шумо шодӣ мекунад. Ба оилаи мо хуш омадед!

Замимаи Б

# ЧӢ ТАВР АЗ РӮҲУЛҚУДС ПУР ШУДАН МУМКИН АСТ

Пуррагии Рӯҳулқудсро пайдо кардан ба мисли Исоро ҳамчун Худованд ва Наҷоткори худ қабул кардан хеле осон аст. Баъзе одамон кӯшиши худро ба харҷ медиҳанд, пушаймон мешаванд ва аз сабаби надонистани принсипҳои асосии библиявӣ Рӯҳулқудсро пайдо карда наметавонанд. Ман фаҳмидам, ки пеш аз дуо кардан, беҳтар он аст, ки ба толибони Рӯҳулқудс гуфта шавад, ки дар ин бора Худо чӣ мегӯяд, ва он гоҳ дар онҳо имоне, ки ба онҳо дар ҷустуҷӯяшон ёрӣ медиҳад, ба камол мерасад. Аз ин рӯ, пеш аз он ки ман шуморо дар дуо роҳнамоӣ мекунам, иҷозат бифармоед, ки чизеро ба шумо бифаҳмонам. Диққат: қабл аз он ки ба пеш ҳаракат кунем, ҳатман зарур аст, ки шумо боби 11-ро хонед.

Якум, хеле зарур аст, ки дар аввал шумо Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ қабул кунед (ниг. Юҳан. 14:17).

Дар ҳаёти шумо набояд ҳолатҳои беитоатӣ ҷой дошта бошад.

Ба мо мегӯянд, ки Худо Рӯҳулқудсро ба “итоаткорон” медиҳад (Аъм. 5:32). Ман аз рӯи таҷриба медонам, ки ин махсусан ба қобилияти бахшидан алоқаманд аст. Дар ҷамъомадҳои мо ман маротибаҳои зиёд дидаам, ки садҳо одамон зуд Рӯҳулқудсро қабул карда, фавран бо забонҳо дуо кардаанд, аммо ҳамеша аз сад нафар даҳ ё бист нафар одамоне буданд, ки саросемавор меистоданд ва намефаҳмиданд, ки чаро онҳо чизи дилхоҳи худро қабул намекунанд. Қариб ҳар дафъа ман бо ин одамон сӯҳбат карда, медидам, ки тибқи ҳидояти Худованд ман бояд бо кинаю адовати амиқу ниҳонии онҳо кор барам. Ва он лаҳза ки одамон мебахшиданд, онҳо ҳамон замон Рӯҳро мегирифтанд ва бо забонҳо сухан меронданд. Бинобар ин пеш аз он ки мо ба пеш ҳаракат кунем, биёед якҷоя дуо мекунем.

> Падар, Туро илтиҷо мекунам, маро бисанҷ ва нишон деҳ, ки оё дар дили ман ягон беитоатӣ ҳаст ё не. Илтимос, нишон деҳ, ки оё ягон касе ҳаст, ки ман набахшидаам. Ман ба Ту итоат кардан мехоҳам ва ҳар касеро, ки Ту мефармоӣ, мебахшам. Ба номи Исо аз Ту хоҳиш мекунам, ва ба Ту раҳмати калон мегӯям.

Барои гирифтани Рӯҳулқудс, шумо бояд танҳо дар ин бора хоҳиш кунед! Исо дар бораи ин ба таври оддӣ гуфтааст: “Ва кист аз шумо, ки падар бошад, ва писараш аз ӯ нон биталабад, ва санге ба вай бидиҳад? Ё моҳӣ биталабад, ва ӯ, ба ҷои моҳӣ, море ба вай бидиҳад? Ё, агар тухме биталабад, каждуме ба вай бидиҳад? Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое ки аз Ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод” (Луқ. 11:11-13).

Ӯ мегӯяд, ки агар фарзандонамон аз мо чизе талаб кунанд, ки мо додан мехоҳем ва дода метавонем, мо ба ҷои он ягон чизи бад ё чизи дигарро намедиҳем. Ба мисли ҳамин,

агар шумо аз Падари Осмонӣ Рӯҳи Ӯро талаб кунед, Ӯ ба шумо рӯҳи палид намедиҳад. Шумо танҳо бояд аз Падар ба номи Исо хоҳиш кунед, ва Рӯҳулқудсро хоҳед ёфт.

Бо имон талаб кардан лозим аст. Аҳди Ҷадид ба мо мегӯяд, ки бе имон ба Худо писанд омадан мумкин нест. Дар Номаи Яъқуб (1:6,7) гуфта шудааст: "Валекин бигзор бо имон талаб кунад ва ҳеҷ шакку шубҳа надошта бошад, чунки шаккок ба мавҷи баҳр монанд аст, ки аз шамол баланд шуда, ҷавлон мекунад. Бигзор чунин кас гумон накунад, ки аз Худованд чизе ба даст хоҳад овард". Бинобар ин аз худатон пурсед: "Кай ман ин atоро ба даст меорам? Он гоҳ ки ба забонҳо сухан меронам ё вақте айни ҳамон лаҳза, ки талаб мекунам?" Ҷавоб – фавран, ҳамон лаҳза ки талаб мекунед. Зеро дар Подшоҳӣ тартиб чунин аст – мо имон меорем, баъд мегирем. Одамоне, ки имон надоранд, мегӯянд: "Нишон деҳ, ва имон меорам", аммо Исо гуфтааст: "Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд" (Марқ. 11:24). Диққат диҳед, шумо аввалан имон меоред, ва баъд он чиро, ки талабидед, мегиред.

Дар Китоби Аъмол (2:4) навишта шудааст: "Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд". Таваҷҷӯҳ кунед, онҳо ба забонҳо гап заданд, на Рӯҳулқудс ба забонҳои ғайр гап зад. Барои ҳамин хомӯш наистед. Ман ба дарёи зудрав даромада метавонам, вале агар худро ба ихтиёри маҷро насупорам, ман бо он шино намекунам. Ҳамин тавр, се узв ҳаст, ки мо бояд ба ҳаракат кардан водор кунем. Аввалан, ин лабҳои мо аст. Агар ман лабҳоямро наҷунбонам, даҳони ман на бо забони англисӣ, на бо забони хориҷӣ, на бо забони осмонӣ садо намедиҳад. Дуюмаш, забони мо. Агар ман забонамро наҷунбонам, сухан ронда наметавонам.

Сеюминаш, садопардаҳои мо. Агар ман овозамро ба ихтиёри худ тобеъ накунам, боз ҳам гап зада наметавонам.

Шумо фикр карда метавонед, ки ман тамасхур мекунам, аммо ин тавр нест. Солҳои дароз ман мушоҳида кардам, ки баъзе одамон дар ин соҳа мушкилиҳо доранд, ва ман фаҳмидам, ки бисёриҳо  интизор мешаванд, ки Рӯҳулқудс узвҳои нутқи онҳоро ба ҳукми Худ медарорад ва ба гап задан маҷбур месозад. Не, мо худамон гап мезанем, ё, ба ибораи дигар, мо тобеъ мешавем ва он калимаҳоеро, ки Ӯ барои талаффуз ба мо медиҳад, қабул мекунем.

Исо гуфтааст: "Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд. Ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, Онро хоҳад ёфт; зеро ки Рӯҳулқудс ҳанӯз ато нашуда буд, чунки Исо ҳанӯз ҷалол наёфта буд" (Юҳан. 7:38,39). Вақте ки шумо Рӯҳулқудсро талаб мекунед, дар ақли шумо, эҳтимол, ягон овоз ё ҳиҷо чарх мезанад. Агар шумо онро бо имон талаффуз кунед, шумо ҳис мекунед, ки гӯё сарбанде кушода шудааст, ки пас аз он нутқ бо ҷараёни васеъ ҷорӣ мешавад.

Ба ман маъқул аст, ки ин равандро бо ғалтаке дар даруни шумо шабоҳат диҳам, ки нӯги он ресмон ба забони шумо пайванд шудааст. Вақте ки шумо ба талаффуз кардани ягон садо оғоз мекунед, шумо ресмонро мекашед, ва он гоҳ тамоми ғалтак кушода мешавад. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки пеш аз гап задан дар майнаи онҳо бояд дониши тамоми забон пайдо шавад. Не, шумо бояд бо имон сухан ронед.

Дар ёд дорам, ки вақте ҳамсарам дуо карда буд, то ки Рӯҳулқудсро дарёфт кунад, ӯ чанд вақт бо забонҳо гап назад. Сипас чанд ҳафта баъдтар ӯ бо дӯстонаш вохӯрд, ва онҳо дуо карданд, ва он гоҳ ӯ ба забонҳо сухан ронд. Он гоҳ вай гуфт: "Тамоми ин вақт дар майнаи ман ин ҳиҷо чарх мезад, вале то имрӯз ман онро талаффуз накарда будам". Ман фикр мекунам,

ки бо бисёриҳо чунин ҳолат рӯй медиҳад – онҳо металабанд, мегиранд, аммо ин аторо истифода бурда наметавонанд.

Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Ва арвоҳи анбиё ба фармони анбиё мебошанд" (1 Қӯр. 14:32). Яъне худи мо бояд сухан ронем ва Рӯҳулқудс шуморо маҷбур намекунад. Дар ёд дорам, пас аз он ки ман аз Рӯҳулқудс пур шудам, намедонистам, ки чӣ тавр аз нав ба забонҳо сухан ронам. Ман ба назди як бародар ба толори варзишӣ рафта, пурсидам: "Чӣ тавр ман аз нав ба забонҳо сухан ронам?" Ӯ ҷавоб дод: "Ҳамту гап зан, тамом!" Ман ба давидан баромадам, ва ҳангоми давидан боз ба гап задан шурӯъ кардам. Маро хурсандӣ фаро гирифт. Худи мо бояд калимаро талаффуз кунем. Инро ба ҷуммак монанд кардан мумкин аст. Дар ҷуммак об ҳаст. Шумо танҳо бояд ҷуммакро тоб диҳед, ва об аз он худаш ҷорӣ мешавад. Бинобар ин ба забонҳо бисёртар гап занед!

Акнун, вақте ки шумо аз Навиштаҷот принсипҳои асосиро дарёфт кардед, агар шумо бовар кунед, ки ин аторо мегиред, мо якҷоя дуо карда метавонем. Ва чизи охирин: дар як вақт бо франсавӣ ва испанӣ сухан рондан ғайриимкон аст. Бо забони модарии худ ва ягон забони дигар, ки Худо додааст, сухан рондан номумкин аст. Бинобар ин дар ёд дошта бошед, бовар кунед ва амал намоед! Биёед дуо мекунем:

*Падар, ман ба назди Ту ба номи Исои Масеҳ ҳамчун фарзанди Ту меоям. Ту гуфтӣ, ки агар ман аз Ту Рӯҳулқудсро талаб кунам, Ту ба ман ин аторо медиҳӣ. Акнун ман бо хурсандӣ дар имон талаб мекунам, илтимос, маро тадҳин кун ва худи ҳозир маро аз Рӯҳулқудс пур намо! Ман ҳар чизеро, ки Ту барои ман тайёр кардаӣ, қабул мекунам, аз ҷумла ба забонҳо сухан ронданро. Аз ин рӯ акнун дар имон ман ба забонҳои нав сухан хоҳам ронд. Омин!*

# МУКОФОТ БАРОИ ЭҲТИРОМ






Оё шумо боре худро дар Подшоҳии Худо ҳамчун тамошобин ҳис кардаед? Ягон масеҳӣ намехоҳад, ки Худоро маҳдуд созад, аммо бисёре аз мо нафаҳмида,  бо инкор кардани принсипи бисёр муҳими рӯҳонӣ - шараф, амалҳои Ӯро дар ҳаётамон маҳдуд мекунем.

Шараф – ин мафҳуме, ки дар маданияти мо умуман гум шудааст; аммо, чи хеле ки шумо дар саҳифаҳои ин китоб хоҳед дид, он барои озодкунии подшоҳии Худо дар тамоми соҳаҳои ҳаётамон асосӣ мебошад.

Дар китоби “Мукофот барои эҳтиром” муаллифи шоҳасарҳо Ҷон Бивер ошкор месозад, ки даъват ба шарафро қабул намуда, шумо ба системаи арзишҳои Худо мутобиқ омаданро сар мекунед ва ҳамаи он чизеро, ки Ӯ барои шумо муайян кардааст, ба даст меоред.

Принсипҳои амиқи библиявиро бо ҳодисаҳои таъсирбахш, ки онҳоро дар амал нишон медиҳанд, якҷоя карда, ин китоб ба шумо назари тару тоза ба ин накӯкори фаромӯшшуда медиҳад, ва, муҳимтар аз он, кӯшиши ба ҳамаи соҳаҳои ҳаётатон овардани онро медиҳад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# MessengerX

*Роҳ ба шогирдӣ барои ҳар кас, дар ҳар ҷо*




- **Ройгон бо бештар аз 120 забонҳо**
- Ҳамчун барнома ва онлайн дастрас аст
- Маводҳое, ки барои такомули рӯҳонии шумо нигаронида шудаанд
- Саргузашти ҳаёт ва роҳи шогирдии худро тадқиқ кунед



Китобхонаи пурраи маводҳоро барои шогирдсозии Messenger дастрас мекунед – китобҳои электронӣ, дарсҳои видео ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас... Дар тамоми дастгоҳҳои худ тамошо кунед, хонед ва шунавед.




**MessengerX.com**

Зеркашӣ дар App Store

Инро гиред Google Play

Дар тамоми ҷаҳон дар App Store ва Google Play дастрас аст.

Дар китоби "Наздикшавӣ ба Худо" Ҷон Бивер шуморо даъват мекунад, то бо инъикоси хираи масеҳият, ки дар он одамон дар бораи Худо медонанд, аммо Худи Ӯро намешиносанд, қонеъ нашавед.
Даъвати аҷибе аз Худи Офаридгори Коинот шуморо даъват мекунад, ки на танҳо аз дур бо суханон ва иҷрои маросимҳо Ӯро ибодат кунед, балки ба муносибатҳое ворид гардед, ки он қадар наздик ва пурмазмун шуда метавонанд, ки шумо дили Ӯро мешиносед, ва Ӯ дили шуморо хоҳад шинохт.

**Шояд ин аҷоибтарин ваъдаи Худо дар Китоби Муқаддас бошад... Худо мехоҳад, ки бо шумо муоширати наздик ва меҳрубонона дошта бошад.**



ҶОН БИВЕР – воизи байналхалқӣ ва муаллифи шоҳасарҳо, бо муносибати оштинопазири худ ба Каломи Худо машҳур аст. Ҷон ва ҳамсари ӯ Лиза асосгузорони хидматгузории "Мессенҷер Интернэшнл"мебошанд, ки  ҳадафи он тарбия кардани пайравони амини Исои Масеҳ аст, ки ҷаҳонро дигар мекунанд. Вақте ки Ҷон дар хона аст, ӯ бо чор писарони худ бо қартаҳои рӯимизӣ бозӣ мекунад ё Лизаро барои бозӣ кардан ба голф розӣ кунонидан мехоҳад.

MessengerX

Барои сабткуниҳои ройгон ва сабти видеоии пайдарҳам ба **MessengerX.com** ташриф оред.

Messenger INTERNATIONAL

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст.
На барои фурӯш.

Бисёртар донистан мехоҳед?
Аз ин ҷо скан кунед: